*Муҳаммадрасули*
*Раҷаби Иброҳимзода*

# ОФТОБИ ПАСИ АБРҲО Ё МАВЛАВӢ ДОМУЛЛОИ СУРХИЁН

**(нашри сеюм бо тағйироту иловаҳо)**

ДУШАНБЕ
«СУРУШАН»
2005

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 86.38
И-14

И-14 Муҳаммадрасули Раҷаби Иброҳимзода
«Офтоби паси абрҳо». Душанбе: «Сурушан», 2005, 305 саҳ.

### *«СЕ ДАФТАРИ МАВЛАВӢ»*

*Ин китобе, ки ба дастат ҳаст аз аҳли кибор,*
*Бо муҳаббат хону аз рӯи садоқат пос дор.*
*Иншаолоҳ, рӯҳи поки Мавлавии Сурхиён*
*Доимо бошад мададгори ту андар рӯзгор.*
*Шод гардид, то ки аз ту рӯҳи поки он азиз,*
*Исми «Ал-Ҳақ»-ро бикун такрор аз як то ҳазор.*
*Баста созӣ роҳи ранҷу во кунӣ дарҳои ганҷ,*
*Рӯ агар орӣ ба он фарзонаи Парвардигор.*
*Бар мазораш гар равӣ бо азми «Ихлосу халос»,*
*Ранҷи рӯҳу дарди ҷисмонӣ кунад аз ту фирор.*
*Манзилашро гар зиёрат мекунӣ аз сидқи дил,*
*Бар муроду мақсади покат расӣ беихтиёр.*
*Авлиёи Сурхиён, ки бе каромоте набуд,*
*Монда бар ояндагон «Се дафтар»-ашро ёдгор.*
*Ҳамчу ганҷи бебаҳо ҳар сатри он «Се дафтар» аст,*
*Шарҳи ҳолу илми тиббу панду ҳикмат бешумор .*
*Ин шунидам, ки яке авлоди ӯ Маҳмадрасул*
*Азм дорад, ки кунад «Се дафтар»-ашро интишор.*
*Офаринаш, ки зи рӯи сидқ ҳиммат кардааст,*
*Аз худо хоҳем ин азму талошашро барор.*
*То ба ин ҷо хатм бинмудам к-аз сувайдои дилам*
*Ин нидо омад ба гӯш, эй дӯст, онро гӯш дор:*
*Гарчи Мирзо заррае бошад ба пеши Мавлавӣ,*
*Дар ду олам ҳаст з-ӯ дасти шафоат интизор.*

**Мирзо Файзалӣ**

**И $\frac{4702540201}{504\ (12)\text{-}2005}$ -2005**

© М.Р. Иброҳимзода, 2005

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЗ МУАЛЛИФ ВА ГИРДОВАРАНДА

Шукри истиқлолияту ваҳдати миллии пойдор, шукри вориситочутахтидавлатиовозадориСомониён, Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов мекунем, ки бо иқдому сиёсати пешгирифтаи хирадмандонаи ӯ номи ниёгони бузурги бомаърифатамон аз нав зиндаю рӯҳашон шод гардид.

Хонандаи азизу гиромӣ! Китобе, ки дар даст доред, қиссаест аз рӯзгори он ғаввоси бахри маърифат, дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (Қадда Саллоҳу_Сираҳу-Таъоло) бо тахаллуси Домуллои Сурхиён. Ӯ офтоби тобонеро мемонд, ки аз солҳои 1920 сар карда, то ба охири ҳаёташ абрҳои сиёҳу тираи зулмоти давру замон пеши нурҳои маърифатбахшашро гирифта, намегузоштанд, ки хазинаи илму дониши андӯхтаашро ба олам паҳн намояд.

Чор манбаи илҳом маро дар муддати 25 сол водор намуд, ки оид ба ҳаёту фаъолияти бобоям Ҳазрати Мавлавӣ маводи илмӣ, адабӣ ва таърихиро гирд оварам.

Манбаи аввал, ҷозибаи оромгоҳи Мавлавию ихлосу эътиқоди мардум нисбат ба ӯ, ки аз дуру наздик гурӯҳ-гурӯҳ ихлосмандон омада, зиёрат намуда, ба мақсад мерасиданд.

Манбаи дуюм, китобҳои Мавлавӣ буд, ки ҳазорон-ҳазор дар чоҳу хонаҳо, ғорҳову деҳаҳои атрофи Сурхиён пӯсида меистоданд. Он китобҳо, китобҳои илмие буданд, ки бо забонҳоиарабиюҳинду,урдуютуркӣвабоалифбоҳоигуногун навишта шуда, мардум онҳоро хонда натавонистанд.

Манбаи сеюм, эҳтиром ва ихлоси мардум нисбати фарзандони Ҳазрати Мавлавӣ - Эшони Махсуми Аслам, Эшони Махсуми Абдулҳақ ва Эшони Махсуми Даҳмарда буд, ки беморону ихлосмандон аз онҳо манфиат мегирифтанд.

Охирин манбаъ, ёддошту ривоятҳои мардум, ки бо чашми худ дида буданд ва дар бораи кароmоту дараҷаи илму маърифати Мавлавӣ медонистанд.

Аз ҳуҷҷатҳои бо мӯҳр тасдиқшудаю китобу дастхатҳои мавҷудаи Мавлавию ҳамзамононаш маълум шуд, ки Мавлавӣ ба замми олими бузурги соҳаи фанҳои риёзиёт, нуҷум ва фалсафаю тиб (ҳамадон) буданаш, ба дараҷаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баланди мақоми сӯфигӣ, яъне «Қутб» ва «Авлиё» расида будааст.

Дарвоқеъ, Ибни Сино аз хусуси кароматва хориқулодот дар осори фалсафию тарбиявияш овардааст, ки «аз орифон ахборе ба гӯши ту бирасад, хилофи одат бошад ва ту онҳоро рад кунӣ, мисли ин ки гӯянд: Орифе барои мардум борон хост ва борон омад, ё бемореро шифо хост, шифо ёфтанд... ё ҷонварони ваҳшӣ эшонро фармон бурданд, ё мурғон аз он нарамиданд... албатта, инҳо комилан мумкин аст, зеро ҳаммонанди ин хел корҳо дар розҳои ғайбӣ асбобест ва бошад, ки ман бархе аз онҳоро барои ту ёд кунам». Он гоҳ бигӯянд: «Ҳам таҷриба, ҳам қиёсу истеъдоди ақлӣ собит кардааст, ки мумкин аст нафси нотиқаи инсон дар вақти бедорӣ аз муғайибот огоҳ шавад, чунон ки одам дар олами хоб мумкин аст».

Ҳамин тариқ, «Валӣ» мақомест, ки дар ӯ бо вуҷуди мутлақ иртиботи наздике пайдо мекунад ва амалан байни ӯ ва олам ҳеҷ пардае боқӣ намемонад, яъне авлиё дар ҳолати «халаса», «ҷазаба» ва «бехудӣ» ба мақоми набуват мерасад, ки «фано»-ро аломати хориҷии он меноманд. Баъди «бақо» ёфтани ӯ тамоми низоми дунёро мушоҳида ва дарк мекунад ва ба дараҷаи «Қутб» мерасад. Пас инсони комил дар бартарии марҳилаю мартаба анбиё ва авлиё аст».[1]

Умед аст, ки дар оянда шахсоне ёфт мешаванд, ки аз осори адабию илмӣ ва тиббии Ҳазрати Мавлавӣ истифода намуда, онро бо хати кириллӣ гардонда, ба чоп тайёр намоянд, то ки дастраси мардум гардад.

Дар гирд овардани ҳуҷҷату маводи лозима оиди ҳаёту фаъолияти Мавлавӣ писари ҳазрат - Эшони Махсуми Ҳоҷӣ Даҳмарда, домоди Мавлавӣ Раҷаби Иброҳим, наберагони Мавлавӣ Ҳоҷӣ Саидакбар Махсуми Абдулҳафиз, Махсуми Абдумалик, Махсуми Абдулҳамид, Махсуми Сироҷиддин ва аберагони Мавлавӣ ҳуруфчинию саҳифаҳоро тарроҳӣ намуданд. Ташрифзода Зафари Сангинмурод ва Саидакбари Мирзоумари Сиддиқзод кӯмаку ёрии бебаҳои худро расонданд, ки ҳазорон изҳори миннатдорию сипосгузорӣ менамоям.

Муҳаммадрасули Раҷаби Иброҳимзода

[1] *М. Ҳазратқулов. «Тасаввуф», Душанбе, «Маориф» 1988, саҳ. 83*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАРДИ ҲАМАДОН

Дар атрофи китоби нависандаи ҷавон М. Иброҳимзода «Офтоби паси абрҳо» баҳсу мунозираҳои зиёде мавҷуд аст.

Муаллиф тавассути дарёфти таърихи ҳаёти шахси воқеӣ, марди донишманду ҷаҳондида, олими шинохта, уламои дин Домулло Муҳаммадсолеҳи Сурхиёнӣ ба тарзи навишти ба худ хос тавонист, ки китоби нахустини худро китоби дӯстдошта ва рӯйимизии аҳли илму адаб ва диндорони Тоҷикистон гардонад.

Муҳаммадрасул Иброҳимзода марди эҷодкор ва ҷӯянда аст. Ӯ тавассути омӯзиш ва ҷустуҷӯи пайраҳаи олим ҳаёти ӯро пурра омӯхта ҳуҷҷатҳои нодире ба даст овард. Тамоми дастхат ва китобҳои олимро варақгардон намуда, мутолиа кард, бо шоҳидон - донандагони ҳаёти олим, хешу ақрабо ва шогирдони ӯ вохӯрда, чеҳраи олимро, ки чун офтоби паси абрҳо монда, гоҳе маълум ва гоҳе номаълум буд, парда аз он бардошт ва ба оламиён ҳақиқатро ифшо намуд. Аз ҷиҳати илмӣ исбот сохт, ки Домулло Муҳаммадсолеҳ танҳо олими соҳаи дин набуда, балки бо маънии томаш олими соҳаи тиб, таърих, фалсафа, риёзиёт ва нуҷум буданд.

Имрӯз китоби « Офтоби паси абрҳо » хонандаи зиёд дорад. Хусусан мардуми диндор бештар ба ин китоб рӯ оварда, гаштаву баргашта мехонанд ва аз қиссаву ривоят, панду андарзҳо ва маслиҳатҳои эшон баҳра мебаранд. Имрӯз оромгоҳу қадамҷои Домулло обод аст. Аз бузургиву босалобатии эшон, кароматҳои ӯ, арзу ниёзҳои ӯ ва некиҳояш мардум баҳраманд гашта, ба ӯ эътиқод бастаанд.

Шогирдони дар қайди ҳаёт будааш низ аз бузургию кароматҳои ӯ нақл мекунанд. Мазори Домулло ҷои зиёратгоҳи мардум буда, аз рӯи китобу дастхатҳои тиббиаш беморон истифода бурда, шифо меёбанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Диндорон Муҳаммадсолеҳро уламои дин меҳисобанд ва дар ин бора ҳанӯз олимони таъриху тиб низ ба хулосае наомадаанд, вале ман пас аз мутолиаи китоб ва шиносоӣ бо ҳаёти Домуллои Сурхиёнӣ ба ҳамин ақида омадам, ки ӯ пеш аз ҳама олими соҳаи тиб, файласуф ва ҳамадон аст. Масалан, агар Муҳаммадсолеҳ танҳо ба илми дин дил баста мулло шуда, ризқашро бо ҳамин касб ёфтанӣ мешуд, барои ӯ хондани мадрасаҳои Ҳисору Бухоро ва ё Кобулу Деҳлӣ басанда буд. Дуюм, ин ки агар олим забондону ҷаҳондида намешуд, то мамоликҳои Шарқу Ғарб рафта намерасид. Сеюм, ин ки аз рӯи баъзе ақидаҳо барои мардуми мусулмон дидани рӯи пайравони динҳои дигар, хӯрдани нону оби онҳо куфр ҳисоб мешуд. Вале Муҳаммадсолеҳи ташнаи илм бо маслиҳати устодон донишашро афзун намуда, илми таъриху нуҷум, фалсафаро аз худ кард. Сафар ба Лондон ҷаҳонбинии ӯро васеъ менамояд. Чун илмаш ба ҷойе расид, бузург шуд ва чун табиб ба даҳҳо одамон даво бахшид ва шӯҳраташ афзуд.

Умри ӯ, ки бештар дар сафар, ҷустуҷӯйи илму адаб гузашт, чун шоҳаншоҳи илми замон ба диёр баргашт. Ин нишони он аст, ки Домулло дили бузург ва меҳрбаре дошт. Бо вуҷуди ин сафару илмомӯзиҳо, дарёфти зиндагии хубу гуворо ӯ боз ёди Ватан кард, ба пеши волидон ва хешу ақрабо омад ва хоки Ватан бӯса карду назди модар саҷда.

Ҳамин ҷо мактабхона кушод, шогирд гирифт ба мардум савод омӯхт ва чун табиб ба табобат пардохт. Панди ӯ, нигоҳу ҳам дуои ӯ ҳама даво буд, давои хурду калон, ҳамдеҳагон аз ӯ ифтихор доштанд ва ӯро чун гавҳараки чашм дӯст дошта, эҳтиёташ мекарданд.

Ҳаёти олим ва китобҳои ӯ ба хондан, илҳом бардоштан ниёз дорад ва агар олимону нависандагон ба ҳаёт ва кору бори ӯ чуқуртар назар андохта, аз қаъри он дурдонаҳо мебардоштанд, хуб мешуд. Омӯзиши ҳаёт, фаъолияти олим ва китобҳои илмии ӯ аз манфиат холӣ набуда, аҳамияти илмӣ ва тарбиявию ахлоқӣ дорад.

Кушодани чеҳраи олим,нишон додани пайраҳаҳои ӯ, зинда гардондани китобҳои олим аз тарафи Муҳаммадрасул



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Иброҳимзода ин худ кори нек аст. Муаллиф фаъолияти илмии ӯро таҳқиқ намудааст. Имрӯз ин офтоб, ки дар паси парда буд, ба майдони илм омад,ба оламиён маълуму машҳур шуд. Китоби муаллиф бо пайраҳаҳои олим сафар дорад. Мухлисон имрӯз китоби дар ҳаққи Мавлавӣ эҷод шударо то мамлакатҳои Афғонистону Эрону Ҳиндустон, ҳатто то Аврупо мебаранд. Китобу шӯҳрати муаллиф ҳамвора дар сафар аст. Нури ин офтоби илму адаб, марди хоксору поксиришт, дӯстдори Худованди Карим имрӯз ба дилу дидаи аҳли тақво ва ҳар хонандаю дӯстдори илм гармӣ ва меҳру шафқат мебахшад.

Зиндаву ҷовидон сохтани ному чеҳраи ин марди таърихӣ ба хизмати босазои нависанда вобаста аст. Шоир ҳам фармуда:

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*

Чопи такрорӣ ва тозакории Муҳаммадрасулро табрик мегӯям

И. Субҳӣ, рӯзноманигор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# БИСМИЛЛОҲИР РАҲМОНИР РАҲИМ

Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар-ӯро ёр бод,
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархурдор бод.
Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,
Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бехор бод.
Дар ду олам нест моро бо касе гарди ғубор,
Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.

**Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ**

Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ибни Муҳаммадшариф ибни Абдураҳим (раҳматуллоҳ алайҳ) бо тахаллуси «Домуллои Сурхиён» соли 1857 дар деҳаи Ниҳолдара ҷамоати Ромити ноҳияи имрӯзаи Ваҳдат дар оилаи шахси донишманд Домулло Муҳаммадшариф ба дунё омадааст. Писари хурдии Мавлавӣ Эшони Ҳоҷӣ Абдулқуддус бо тахаллуси Махсуми Даҳмарда машҳур аст. Ӯ ривоят мекунад, ки бобокалони Мавлавӣ Домулло Аҳмади Зарринкамар солҳои пешин аз деҳаи Саричашмаи имрӯза ноҳияи Шӯрободи вилояти Хатлон кӯч баста, ба водии Ҳисор омада будааст...

Дар «Шаҷарнома»-и худи Мавлавӣ, ки дар дасти Махсуми Аслам нигоҳ дошта мешуд, оварда шудааст, ки 8-умин пушти Домулло Аҳмади Зарринкамар ба яке аз муридони бузурги Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ба Мир Сайид Муҳаммад Нурбахш[1] (795-869) рафта мерасад.

Мавлавӣ маълумоти ибтидоиро то синни 10-солагӣ дар назди падар мегирад ва барои «Қуръон»-ро пурра омӯхтану ҳифз намудан дар назди Ҳоҷӣ Муҳаммадшарифи Ромитӣ шогирд истода сабақ меомӯзад.

Бародари Мавлавӣ Мулло Сайид нақл мекардааст, ки Мавлавӣ чунон зеҳни баланду қобилияти худододӣ дошт,

[1] *Муҳаммад Риёз «Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», Душанбе, «Ирфон», 1995, саҳ. 107-108*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ки аз синни 12 - 13 - солагӣ дар деҳаи Ниҳолдара ба кори кишоварзӣ машғул шуда, киштро пеш аз дигарон ба анҷом расонида, омада дар масофаи як фарсах (8 км) роҳ дар назди Ҳоҷӣ Муҳаммадшариф сабақ омӯхта, боз гашта ба деҳа мерафт. Ин кор қариб ҳар рӯз, ғайр аз рӯзҳои ҷумъа, такрор мешуд ва чунон чусту чолок ва қувваи фавқуттабиӣ дошт, ки ба саҳро баромада бе асбобу анҷоми шикорӣ кабку заргӯшро дошта мегирифт ва аз ин маҳорати ӯ мардум дар ҳайрат буданд ва баъзеҳо мегуфтанд, ки ин бача бе назари Худо нест.

Баъди «Қуръон»-ро пурра ҳифз намудан, барои аз худ кардани ашъори Ҳофизу Бедил, Мавлавии Балхӣ ва дигар намояндагони бузурги адабиёти форсу тоҷик ба деҳаи Тагхонаи ноҳияи Файзобод омада дар назди Домулло Назар шогирд истода, аз осори ин намояндагон баҳра мебарад. Чанд муддате мегузарад ва устодаш зеҳну заковати худододии Мавлавиро дида, маслиҳат медиҳад, ки он чӣ ки медонистам, ба Шумо омӯхтам, ман Шуморо ба назди олими бузурги аҳкоми дин ба деҳаи Кулондак ба назди Домулло Одина[1] мефиристам.


Мӯҳри Ҳоҷӣ Домулло Муҳаммадшариф, нахуст-устоди Мавлавӣ

Мавлавӣ дар назди Домулло Одина аз қонуну қоидаи шариату дини ислом бохабар шуда, китобҳои «Мухтасар», «Шарҳи мулло», «Фароиз» ва сарфу наҳви арабиро меомӯзад. Баъд аз чанд сол Домулло Одина шогирдашро дуо дода мегӯяд, ки рафта дар Бухорои Шариф таҳсили илмро давом деҳ!

Муҳаммадсолеҳ ба зодгоҳаш бармегардад. Падараш Домулло Муҳаммадшариф чорвоеро кушта, писарашро тӯй медиҳад. Баъди чанд рӯз назди падару модар омада ба зону нишаста бо оҳанги илтиҷоомез мегӯяд:

– Волидайни азиз, маро устодам дуо дода гуфтанд, ки таҳсилро дар Бухорои Шариф давом диҳам, дуои Шуморо интизорам. Онҳо гуфтанд:

---

[1] *Домулло Одина (раҳматуллоҳи алайҳ) бобои Эшони Тоҷ (раҳматуллоҳи алайҳ) мебошад.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хонда мулло шудед, ҳаминаш бас аст, Бухоро роҳи дур аст, мо аз аҳволи ту чӣ тавр бохабар шуда меистем? Ҳамин тавр шаш моҳ, қариб ҳар ҳафтае як маротиба назди падару модар даромада, бо зорӣ дуои онҳоро талаб мекард. Волидон бошанд розӣ намешуданд, ки писари худро бо дуои хайре барои хондан гуселонанд.

Дар охир падару модар маҷбур шуданд, ки писари азизи худро барои таҳсили илму маърифат гуселонанд ва ӯро аз сидқ дуо доданд.

Муҳаммадсолеҳ шодикунон, ба монанди мурғе, ки гӯё аз қафас озод шуда бошад, парвозкунон ба сӯи даргоҳи илму маърифат шитобид. Аввал ӯ ба зиёрати оромгоҳи Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба шаҳри Кӯлоб рафт. Оромгоҳи нобиғаи Машриқзаминро зиёрат карда, муддате дар он ҷо таваққуф намуд.

Шабе Муҳаммадсолеҳи ҷавон хобе дид, ки марди миёнақади нуроние дар сар кулоҳ, дар як даст асою дар дасти дигар алами сабз хитоб карда мегӯяд:

– Писарам! Ба куҷо равонӣ?

– Ба Бухорои Шариф.

– Магар маро нашинохтӣ?

– Ман ҳамон Амири Кабирам, ки рӯзҳо рафта оромгоҳи маро зиёрат мекунед. Ба Шумо ман маслиҳате медиҳам. На ба Бухорои Шариф, балки ба тарафи Афғонистон сафар намоед, дар шаҳри Кашмир, ки ватани дуюми ман аст, ба қуллаи мурод мерасед ва дасти дуо бардошта ба рӯи нуронии хеш молид ва бо ангушти ишорат тарафи қибларо нишон дод.

Вақте аз хоб бедор шуд, субҳ медамид, тез таҳорат карда сӯи масҷиди шаҳри Кӯлоб равон шуда, баъди адои намози бомдод, боз ба зиёрати ҳазрати Амир ҷон рафта, сураи



*Шералихон амири* Афғонистон (солҳои ҳукмрониаш 1863-1879)

[1] *Шералихон амири Афғонистон (солҳои ҳукмрониаш 1863-1879) Энсиклопедияи советии тоҷик, саҳ 310-311.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

«Мулк»-ро хатм карда, баргашта бетоқатона азми сафар кард. Дар синни ҳабдаҳсолагӣ, яъне баҳори соли 1874 савори асп дарёи Панҷро убур карда, вориди Афғонистон гардид.

Дар ин давра амири Афғонистон Шералихон[1] ҳукмронӣ мекард. Мавлавӣ бо кӯмаку дастгирии хайрхоҳонаи саховатмандтарин инсони давру замон Ҳоҷӣ Сулаймонбойи афғон аз баҳори соли 1874 то тирамоҳи соли 1878 дар мадрасаҳои шаҳрҳои Ҳирот, Қандаҳор ва Кобул таҳсили илм намуд. Барои амалӣ шудани таъбири хоби дар Кӯлоб дидааш бо тавсияи устодон роҳи махзани илму дониши ҳамонвақта кишвари афсонавии Ҳиндустонро пеш гирифта, ба воситаи шаҳрҳои Пешовару Лоҳур вориди шаҳри овозадори Деҳлӣ гардид.

Аз тирамоҳи соли 1878 то баҳори соли 1880 дар мадрасаҳои ин шаҳр таҳсили илм намуда, забонҳои арабию ҳиндӣ ва урдуро пурра аз худ менамояд. Баъди таҳсили дусола барои давом додани илм кӯшиш менамояд? Чунки шӯҳрати мадрасаҳои шаҳри Бомбай ва доираи илмҳои гуногуни динию дунявии он ба олам паҳн шуда буд.

Диққати Мавлавиро ин доираи илму адаб ба худ кашида, охирҳои баҳори соли 1880 бо иҷозати устодон роҳи Бомбайро пеш гирифта, дар тӯли 7 сол, яъне то соли 1887 дар ин шаҳри овозадор, илмҳои динию дунявиро, аз қабили риёзиёт, ҳандаса, ҷуғрофия, нуҷум, таърих, кимиё, таббиёт, фалсафа, илоҳиёт ва тибро ба пуррагӣ аз худ менамояд. Аз сабабе, ки дар Деҳлӣ забону адабиёти арабу ҳиндуро хеле хуб аз худ карда буд, дар шаҳри Бомбай аз хазинаи тибби оламшумули арабию ҳинду бохабар гардида, ин илмро ба пуррагӣ аз худ намуд ва яке аз олимони бузурги соҳаи тиб гардид.

Дар вақти таҳсил бо олимону шоирон ва нависандагони ҳинду араб, форсу турк, англису урду шиносоӣ пайдо намуда, забонҳои зиёдеро аз бар менамояд.

Дар ин давра мустамликадорони англис сар то сари Ҳиндустонро забт намуда буданд ва дар шаҳри Лондони Британиёи Кабир ҷамъияти мусулмонон бо номи «Ихвон-ул-Муслимин», яъне «Бародарони мусулмон» ташкил карда мешавад, ки ин ҷамъият то ҳол вуҷуд дорад. Бо тавсияи устодон ва супориши ин ташкилоту сафоратхонаи Британиёи Кабир аз ҳисоби донишҷӯёни болаёқат як гурӯҳи бисту ду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нафара ташкил намуда, барои дуруст ба роҳ мондани кори ин ташкилот киштиеро омода сохтанд.

Дар ин сафари нахустини баҳрӣ Мавлавӣ аз сирру асрор ва олами ҳайвоноту набототи баҳру уқёнус ва шаҳру бандарҳои калонтарини ҷаҳон шинос шуда, вориди шаҳри Лондон мегардад. Ин сафари аҷоибу ғароиб, ки бо воситаи баҳрҳои Арабу Миёназамин ба уқёнуси Атлантика ба вуқӯъ пайваста буд, аз аввалҳои моҳи феврали соли 1887 сар шуда, то охири моҳи июли ҳамин сол давом кард ва дар охири моҳи июли соли 1887 ба шаҳри Бомбай бар мегардад.

Худи Мавлавӣ нақл мекунад, ки устодашон ба 3 нафар шогирдони беҳтарине, ки аз хоки Аморати Бухоро буданд, анҷоми сафар, аз қабили либос, хӯрду хӯрок тайёр карда, ба 3 асп бор намуда, дар вақти гусел чунин маслиҳат доданд:

– Бо ин аспон то ба шаҳри Калкатта равед ва дар ин шаҳр қиммати асп хеле гарон аст. Аспҳоро дар он ҷо фурӯхта, ба оташароба (поезд) савор шуда, то ба шаҳри Деҳлӣ равед, дар Деҳлӣ асп ниҳоят нархи арзон дорад, аз он ҷо асп харида савор шуда, ба воситаи Кашмир ба ватан равед.

Мавлавӣ бо маслиҳати устодаш соли 1887 вориди шаҳри зебоманзару ҳамешабаҳори дунё Кашмир мешавад.

Дар ин ҳангом хобе, ки 13 сол пеш дида буд, ба ёдаш омад, ки Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар хобаш гуфта буд: - Ту дар Кашмир ба мақсад мерасӣ! Ба ёдаш омаду як қувваи ногаҳонӣ тамоми вуҷудашро фаро гирифт. Дар шаҳри Кашмир донишманди машҳури тариқи сӯфия, ки ба дараҷаи олии унвони «Абдол», яъне авлиё расида буд, Шамсулуламо Мир Ҳасан Абдол[1], ба шогирдон таълим медод.

Касе, ки ба зиёрату шогирдии ин Ҳазрат меомад, ҳамчун имтиҳон пеш аз зиёрат бояд 12 рӯз рӯзаи Марям[2] мегирифт.

---

[1] *Шамсулуламо Мир Ҳасан Абдол- Донишманди ҳамадон - устоди аломаи Машриқ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ мебошад.*

[2] *(тариқи доштани рӯзаи Марям, аз ин шом то шоми дигар як пиёла шир ва як каф шакар ошомидан аст)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ин имтиҳони сангин аз ҳафтоду ду нафар зиёраттгару муридшаванда ҳабдаҳ нафарашон ба сахтӣ тоб оварда, пӯсту устухон шуда, ба дидори Ҳазрат мушарраф гардидаанд.

Ин зиёрат ба Мавлавӣ низ муяссар гардид. Баробари зиёрат намудан Ҳазрат ба чашмони Мавлавӣ бо диққат нигариста мегӯяд:

– Магар шумо аз хоки Аморати Бухоро нестед?

Мавлавӣ таъзим намуда мегӯяд:

– Бале, Ҳазратам. Ҳазрат илова карда мегӯяд, ки агар аз он ҷо бошед, мазори пири аҳли Кашмир, Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат кардаед?

Мавлавӣ мегӯяд:

– Бале, Ҳазратам. Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол баъди каме таваққуф рост ба чашмони Мавлавӣ нигариста мегӯяд:

– Шумо, ки аз ватани пири аҳли Кашмир Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бошед, аввалин шуда имрӯз Шуморо ба шогирдӣ қабул менамоям.

Дар ин ҳангом акнун Мавлавӣ фаҳмид, ки таъбири хобаш ҷомаи амал пӯшида истодааст.

Мавлавӣ дар назди ин шахси бузург ҳафт зина, ҳафт водӣ ва ҳафт қуллаи тариқи илми сӯфияро аз бар менамояд.

Дар охир пираш донишу заковати баланди муридашро дарк карда мефармояд, ки дар самти шимолии Кашмир оромгоҳи машҳуртарини авлиёи дунё дар тариқаи сӯфия, Ҳазрати Сайид Зиёвул Абдоли Валиро зиёрат намуда, баъд ба назди ман биё, бо ту маслиҳате дорам.

Пас аз намози бомдоди рӯзи чаҳоршанбе, ба гуфти устод амал карда, роҳи мазорро пеш мегирад. Дар масофаи ним фарсах (4 км) дуртар аз шаҳр, ба як мавзеи сабзу хуррам, ки дар фасли баҳор биҳиштро мемонд, дохил шуда, сӯи кӯҳпорае роҳ пеш мегирад. Дар талу теппаҳо гулҳо шукуфта, мурғони саҳро ғазалхонӣ мекарданд. Вақте ки Мавлавӣ вориди ғор мешавад, аҷоиботеро мебинад. Дар даромадгоҳи оромгоҳ хоначае мавҷуд буд. Марде зери пояш намаду кӯрпачае партофташуда ва дар зери бағалаш болиште ба ними рост такя карда, фақат калимаи «Аллоҳ»-ро хеле паст такрор мекард. Мӯйсараш овезон то ба камар мезад, нохунҳои пою дасташ чунон дароз шуда



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

буд, ки тоб хӯрда, ба кафи пою дастонаш даромадааст, аз чашмонаш об ҷорӣ шуда, дар ҳар як 10-15 дақиқа қатрае ба замин мечакад. Осори оби дидааш чун ҷӯйча дар бари рухсори лоғараш намоён аст. Дар пеши болин косаи шире, дар атрофаш ду хизматгор рӯбучин доранд. Он кас хеле лоғар буд, маълум гашт, ки ин мард 110 – сола буда, яке аз шогирдони Сайид Зиёвул Абдоли Валӣ буда, баъди вафоти устодаш, вазифаи мутаваллигиро иҷро мекардааст. Бо хаёли ҷамоли Ҳақ ба ин аҳвол меафтад, дигар парвои хӯрду хӯрок надошт. Мавлавӣ аз ин қудрати Офаридгори бузург, аввал дар ҳайрат монда, дар охир ба ваҷд омада, дергоҳ ба даргоҳаш зор-зор гириста муноҷот менамояд ва баъд бо чашмони аз гиря варамидаю хунафшон ба назди пири тариқаташ бармегардад.

Пири тариқат Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол муриди содиқи баркамолашро рӯ ба рӯи худ шинонда, дер гоҳ ба чашмонаш менигараду баъд сар пеш афканда, дурудароз чун маллоҳ дар баҳри маърифати «Абдол»-и (авлиёгӣ) шино намуда, дараҷаи илму дониш ва маърифатнокии Мавлавиро дар замири қалбу нури чашмонаш хонда, сар бардошта мегӯяд:

– Шумо қуллаи баланди илму донишро фатҳ кардед, акнун вақти бозгашт ба ватан шуд, зеро мувофиқи фармудаи Қуръони Маҷид тарки ватан ва падару модар гуноҳест азим дар назди Худованди бахшандаи меҳрубон. (Иқтибос аз забони Мавлавӣ).

Устоди бузургвор Мир Ҳасан Абдол ба номи амири Афғонистон Абдураҳмонхон мактубе навишта таъкид мекунад, ки ин се нафар шогирдони ман ба қуллаи муродрасидаанд, метавонед, аз инҳо манфиате бигиред.

Абдураҳмонхон додарзодаи Шералихон, ки соли 1869 ба Осиёи Миёна омада буд, моҳи июли соли 1880 ба Афғонистон



Амир Абдураҳмон (солҳои ҳукмронииаш 1880-1893)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баргашта, амири Афғонистон таъйин шуд ва 12 ноябри соли 1893 вафот кард.[1]

Абдураҳмонхон дар давраи салтанаташ дар шаҳри ҳамешабаҳору зеботарини дунё Кашмир бӯстонсарое дошт ва ҳар вақте ки дар Кашмир истироҳат мекард, ба зиёрати пири бузургвораш Мир Ҳасан Абдол рафта, аз ӯ баҳраҳои рӯҳию маънавӣ мегирифт ва ба ин донишманди бузург таваҷҷӯҳи ниҳоят калону ихлоси самимӣ дошт.

Вақте ки Мавлавӣ бо ҳамсабақони худ ба роҳ даромаданд, дар саросари хоки Афғонистон касалии даҳшатангези вабо паҳн шуда буд. Дар вақти сафар устоди меҳрубонашон дар кӯзачае об дода гуфта буд, ки ба хоки Афғонистон, ки наздик шудед ва бо касе, ки салом кардед, баъди салом дастатонро бо ин об шӯед ва рӯзе ҳазор маротиба ояти каримаро хонед: Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим (Саломун қавлам мир раббим раҳим). Худи Мавлавӣ ҳикоят мекунад, вақте ки ба сарҳади хоки Афғонистон наздик мешудем, мардуми афғон гурӯҳ-гурӯҳ кӯч баста бо чорпоёнашон аз касалии даҳшатангез ба тарафи Ҳиндустон мегурехтанд ва ба мо нидо карда мегуфтанд, ки эй мусофирон, магар шумо девона шудаед, ки ба Кобул меравед, ҳама халқи афғон аз ин дарди бедаво нобуд шуда истодаанд. Мо, мусофирон бо дастури пири бузурги худ кор карда ба пеш ҳаракат мекардем ва ба шаҳри Кобул расида, мактуби устодро ба воситаи дарвозабон ба амир Абдураҳмонхон расонидем.



Амир Ҳабибуллохон

Охири соли 1888 амири Афғонистон Абдураҳмонхон баъди мутолиаи мактуби устоди бузург Мир Ҳасан Абдол, Мавлавӣ ва рафиқонашро қабул мекунад.

Амир Абдураҳмонхон баъди аҳволпурсӣ ба Мавлавӣ ва рафиқонаш рӯ оварда мегӯяд:

– Ман имшаб хобе дидаам, ки се марде ба аспони сафед савор аз тарафи Машриқ омада, говони зиёдеро аз дарвозаҳои Кобул берун мекарданд. Мумкин таъбири хоби ман шумо бошед, ки номае аз назди

[1] *Энсиклопедияи советии тоҷик, саҳ. 311-313*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

пири ман, устоди устодон ҷаноби Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол овардаед. Имрӯзҳо ҳазорон-ҳазор мардуми афғон аз дарди бедавои вабо фавтида истодаанд, шояд ба воситаи дуои Ҳазрати пирам ва қадами неки шумо, шогирдони устодам Худованди мушкилкушо тараҳҳуме намояд, ки ин дарди бедаво аз хоки Афғонистон берун шавад. Омин – гӯёндаст ҳоро ба рӯй кашиданд.

Дар чеҳраи Амир Абдураҳмонхон осори ғаму андӯҳ намоён буд, фикраш парешон, гӯё дилашро гургҳо тала мекарданд, баъди чанде хомӯшӣ амир оҳи дардноке кашида бо ҳасрат гуфт:

– Имрӯзҳо якчанд бало бар сари халқи афғон омад, яке аз онҳо касали вабо бошад, дигараш, зулму шиканҷаи кофирони англис, низоъҳои қабилаҳои афғон ва сеюмаш ин ки писари ягонаи ман ворисӣ оянданаи салтанати Кобул Ҳабибуллохон[1] ниҳоят бемори вазнин аст. Табибони номдори Афғонистон дар муолиҷаи дарди Ҳабибуллохон оҷиз мондаанд. Аз рӯи мактуби ҳазрати пирам ман огоҳ шудам, ки Шумо ба замми чандин илмҳои динию дунявӣ дар илми тиб ҳамто надоред, бинобар ҳамин аз Шумо хоҳиш дорам, ки чанд муддате дар мадрасаҳои олии Кобул таълими илми тиб кунед ва баъд ба Шумо рухсати рафтан ба ватан медиҳам.

Амир каме тавaққуф намуда, ба Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ишора намуда мегӯяд:

– Шумо амирзода Ҳабибуллохонро як аз назар гузаронида бинед. Баъди се рӯз ман Шуморо қабул мекунам ва фикратонро мегӯед. Амир видоъ кард.

Амир Мавлавӣ ва рафиқонашро дар меҳмонхонаи дарбор ҷой мекунад. Пас аз намози хуфтан хизматгорони амир Мавлавиро ба назди амирзода Ҳабибуллохон мебаранд. Мавлавӣ қариб се соат амирзодаро муоина намуда, мувофиқи дастури тиббие, ки дар шаҳрҳои Деҳлию Бомбай аз худ карда буд, давоҳо мефармояд ва посе аз шаб

---

[1] *Амир Ҳабибуллохон писари Амир Абдураҳмонхон солҳои 1901-1919 амири Афғонистон буд. 20 феврали соли 1919 дар деҳаи Беуди Ҷалолобод кушта шуд. Энсиклопедияи советии тоҷик, саҳ. 310 - 311*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гузаштан ба назди рафиқонаш омада доир ба супориши амир Абдураҳмонхон машварат мекунанд.

Писари амакаш Ҳоҷӣ Муҳаммадсалим ва Домулло Абдукарим ба гуфтаи амир розӣ нашуда, мегӯянд, ки амир ба Шумо муроҷиат карда гуфт, на ба мо. Мо дар шаҳри Кобул истода наметавонем. Мо азми сафари Макка дорем, гуфта пеш аз бомдод рахти сафар бастанд.

Баъди се рӯзи ваъдагӣ пас аз адои намози бомдод амир Мавлавиро ба таъоми чошт ҳамроҳи умарову вузаро даъват мекунад. Мавлавӣ баъди салому алайк дар чеҳраи амир як хурсандиеро ҳис мекунад. Аз гиреҳи ғаму андӯҳе, ки се рӯз пеш дар чеҳраи амир ҳувайдо буд, асаре намонда аст. Баъди таоми чошт (саҳарӣ) Амир бо як хурсандӣ ба Мавлавӣ ишора намуда гуфт:

– Эй муриди устоди бузургворам! Рафиқонат куҷоянд?

Мавлавӣ аз ҷой хеста боодобона гуфт:

– Онҳо ба гуфти Шумо розӣ нашуданд ва гуфтаи Шуморо ҳам инкор накардаанд, зеро ки Шумо гуфта будед, ки то ман розӣ нашавам, ба ватан наравед. Онҳо ба гуфти Шумо амал намуда ба ватан нарафтанд ва азми зиёрати Макка карданд, то ҳол аз даври ҳазрати пайғамбарамон касе, ки азми зиёрати хонаи Худо карда бошад, касе садди роҳи ӯ шуда наметавонад ва инак, Ҷаноби олӣ, Шумо, ки ба ман муроҷиат кардед, ман дар хизмати Шумоям.

Амир каме табассум карда мегӯяд:

– Хоби се рӯз пеш дидаи ман таъбираш ба Шумо баромад. Чӣ муждаи хубе, ки баъди табобатҳои фармудаи Шумо ба амирзода Ҳабибуллохон муяссар шуд, ки шифо ёбад ва илова карда мегӯяд:

– Мавлавӣ шогирди пири бузургворам! Аз имрӯз сар карда ба Шумо манзил ва хизматгор ҷудо карда мешавад. Шумо дар мадрасаҳои олии Кобул илми тиб ва дигар илме, ки мувофиқи талаби ислом аст, ҷорӣ намоед ва инчунин худатон ҳам дарс гӯед!

Мазори Шариф




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо дастури амир Ҳазрати Мавлавӣ дар мадрасаҳои шаҳри Кобул ба таълими толибилмон машғул мешавад. Дарбориёни амир барои Мавлавӣ аз маркази шаҳр хонае ҷудо карда ва хизматгореро низ ба ӯ супурданд ва аз тамоми ашёю асбобҳои рӯзгор Мавлавиро таъмин намуданд.

Мавлавӣ аз соли 1889 то 1990 дар мадрасаҳои ин шаҳр таълими илм намуд. Дар ин айём Аллоҳ Таъоло ба ӯ зиёрати хонаи Каъба ва оромгоҳи Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу ъалайҳи вассалам)-ро насиб гардонид. Дар ин давра мубориза озодихоҳии халқи афғон бар зидди кофарони мустамликадори англис рӯз то рӯз шиддат мегирад. Дар яке аз муборизаҳо бар зидди лашкари яроқноки англис бародари амир Абдураҳмонхон ҳокими шаҳри Мазори Шариф амир Ҳайдар ба шаҳодат мерасад ва аз ӯ духтарчаи 9—солае бо номи Хонимҷон ятим мемонад. Амир Абдураҳмонхон духтари бародари шаҳидашро ба тарбияи худ мегирад.

Хизматҳои Мавлавӣ ба амир хеле писанд омада буд. Аз ин лиҳоз, рӯзе амир ба Мавлавӣ муроҷиат карда мегӯяд, ки Шумо ба қавлатон вафо карда, хоҳиши маро рад накардед ва боз амирзода Ҳабибуллохонро муолиҷа намудед. Акнун вақти он расидааст, ки ман ҳам ба Шумо эҳсоне намоям. Шумо 33 соли умри худро дар роҳи илму маърифат бахшидед. Акнун чӣ мешавад, ки Шуморо хонадор кунем.

Мавлавӣ аз ҷой бархоста, ба Амир изҳори сипос ва миннатдорӣ мекунад ва иброз медорад, ки ин хизмати ман нест. Ҳеҷ чиз аз дасти банда намеояд, ин аз ҷониби Худованд аст, ман сабабгори он шудам.

Баъди чанд муддате бо хоҳиши амир Абдураҳмонхон Хонимҷонро ба никоҳи Мавлавӣ медароранд. Аз байн солҳо мегузарад. Баъди зиндагии хушу хурсандона баҳори соли 1898 аз завҷаи Мавлавӣ тифле ба олами ҳастӣ меояд, ки номашро Асламҷон мегузоранд.

Баъди таваллуди фарзанди нахустин меҳри ватани азизу муҳаббати самимии падару модар, ёди бародарон дили Мавлавиро ба ҷӯш оварда, тобистони 1900, ки дар ин давра ба ҷои амир Абдураҳмонхон ба сари салтанати Кобул писари ӯ амир Ҳабибуллохон омада буд, ҳамроҳи якчанд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нафар шогирдони вафодораш, ба монанди Мулло Дилдори Кашмирӣ, Мулло Давлати афғон ва Мулло Солеҳи Ёвонӣ ва дигарон ба ватан бармегарданд.

Чанд муддате дар Ҳисор истода ва баъд ба зиёрати оромгоҳи Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ омада, якчанд рӯз таваққуф менамоянд.

Дар ин сафаре, ки аз синни 17-солагӣ бо дуои падару модар ба вуқӯъ пайваста буд, аз миён 27сол сипарӣ гардид. Дар ин муддати тӯлонӣ падари бузургвораш дар орзуи дидори фарзанд аз олам даргузашт ва модари зораш аз гиряю ғами ҳиҷрони фарзанди ҷигарбанд қариб буд, ки чашмони бинояш оҷиз шаванд.

Роҳгузарон хабарро то ба деҳаи Ниҳолдара бурда мегӯянд, ки дар масҷиди Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ якчанд олимони бузург омадаанд, онҳо дар Ҳиндустону Афғонистон хонда, ба дараҷаи унвони олии «Мавлавӣ» расидаанд.

Модари зор ин хабарро шунида беқарор гардида, фарзандонашро даъват намуда, ба онҳо мегӯяд:

– Фарзандони азизи ман, ману падаратон 27 сол муқаддам бародаратонро, ки номаш Муҳаммадсолеҳ буд, барои рафтан ба Бухорои Шариф дуо дода будем, то ҳол аз ӯ ҳеҷ хабаре нест. Худораҳматии падаратон дар орзуи дидори бародаратон дунёи фониро падруд гуфт. Имрӯз ман фаҳмидам, ки чанд нафар олимон аз хоки Афғонистон омада дар масҷиди Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба ибодати илоҳӣ машғуланд. Зуд рафта бинед, ки бародаратон ҳамроҳи онҳо набошад, зеро ки имшаб дар хобам падари бузургворатон ба ман «Қуръон»-ро бо ҷилдпӯши сабз ҳадя намуда чунин гуфт: «Ману ту аз фазилати ин Қуръон дар охират баҳра хоҳем гирифт» ва модар нишонаҳои бародарашонро ба бародарони ҳозирбуда чунин маънидод мекунад:

– Ҷавони танумандии миёнақад, чашмони калони осмонранг ва холи сабзе дар паси гардан дорад, шумо аз ин аломатҳо ӯро мешиносед. Бародаронаш Мулло Сайиду Мулло Яъқуб ва дигар хешони аз деҳ буда дуои модари пирро гирифта, роҳи масҷиди Ҳазрати Мавлоноро пеш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мегиранд. Аз дарвозаи масҷид ҳангоме медароянд, ки мардум ба намози зуҳр (пешин) саф кашида буданд. Онҳо низ, ки пои ба таҳорат буданд, дар саф истода намозро адо карданд. Баъд аз адои намоз шахсоне, ки ба зиёрати меҳмонон омада буданд, як-як бо меҳмонон вохӯрда, ба ҷойҳои худ нишастанд.

Диққати бародаронро имоме, ки дар намоз пеш даромада, баъди намоз ба ҳар як саволи одамон ҷавоб медод, ҷалб менамуд.

Дар пеши назари бародарон на ҷавони чусту чолоки 17-сола, балки марди танумандӣ миёнақад, риши гирди сиёҳ аҳён-аҳён торҳояш сафед (ё мошубиринҷ), чашмони зебои кабуди осмонӣ, абрӯвони дур-дур, пешонии васеъ, дар тан камзӯли сабз ва дар сар кулоҳи афғонӣ, як нури зебое дар ҷабин дар рӯ ба рӯи бародарон меистод.

Дар ду тараф ду-се нафар ҷавоне ба ҳар як ҳаракату гуфтугузори он шахс гӯш дода, ба супориши ӯ кору гуфтор мекарданд. Сару либоси ин ҷавонон ба сару либоси мардуми таҳҷоӣ кам монанд буд. Ду нафар ҷавони дигар, ки мӯи сип-сиёҳи мушкинашон аз зери саллаи сафеди ҳиндубанд баромада ба пушт партофта шуда буд, бештар диққати бародаронро ба худ ҷалб намуд, ки бо ҳайрат ба ҳам нигариста оҳиста-оҳиста пичиррос мезаданд:

– Мо бори нахуст марди мӯйсардорро дидем.

Дигаре пичиррос зада мегуфт:

– Дар ин ҷо бародари мо нест, биёед, ба қишлоқ равем. Бародарон дар ҳайрат монданд. Баъди чанде пас аз суханони Мавлавӣ бародари калонӣ Мулло Сайид ҷуръати суханронӣ карда мегӯяд:

– Узр тақсирам. Суоле дорем. Мо, бародарон аз роҳи дур омадаем. Аслу насаби Шумо аз куҷост? Сониян, мо бародаре доштем, 27 сол муқаддам бо дуои волидайн барои омӯхтани илм ба тарафи Бухорои Шариф раҳсипор гашт, то ҳол аз ӯ ягон хабаре нест, падари бузургворам дар ёди он кас аз олам чашм пӯшиданд ва модари меҳрубонам бошад қариб аст, ки дар ғами вай чашмонаш оҷиз шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Оё Мавлавии бузургвор, Шумо бародари моро дар он мамлакатҳо надидаед?

Дар қиёфаи Мавлавӣ як дигаргуние ба вуҷуд омада, бо як ҳаяҷони ногаҳонӣ мепурсад?

– Номи бародаратон кӣ ва ӯ аз куҷо буд?

– Номи бародарамон Муҳаммадсолеҳ ва ӯ аз деҳаи Ниҳолдара буд.

Баробари ин сухан Мавлавӣ аз ҷояш ҷаҳида, ашк аз чашмони кабуди осмониаш ҷорӣ мешавад ва ба истиқболи бародаронаш омада, онҳоро оғӯш мегирад. Дар ин ҳангом Мулло Сайид холи гардани Мавлавиро пайхас мекунад, акнун боварии комил пайдо мекунад, ки ин олими бузург бародараш Муҳаммадсолеҳ будааст. Мавлавӣ баъди чашмони аз ашк хунбори худро бо рӯмоле пок намудан, бо як оҳанги дардноке аз ҷигари бирёну қалби сӯзон ба ёди падари бузургвораш мегӯяд:

– Оҳ, падари мушфиқ орзу доштам, ки баъди ин қадар сафари тӯлонӣ сар ба қадами мубораки Шумо монда, охирин дуои Шуморо гирам, вале афсӯс сад афсӯс, ки чунин нашуд. Мавлавӣ ба ҳамаи бародарон ва ҳамдеҳагон нидо карда мегӯяд:

– Бародарони азиз, ман ҳамин лаҳза ба зиёрати модари меҳрубонам меравам. Аз шумо як хоҳиш дорам, аз омадани ман ба ӯ касе хабар нарасонад, мабодо хабар расонад, ман рафтанро қатъ мекунам. Мабодо хабар ёбаду аз ҷояш барои ман шуда хезад, биллоҳ, ки ин 27 соли таҳсилу заҳмати ман барбод хоҳад рафт. Бояд ман модарро дар ҷои нишасти худаш зиёрат намоям.

Баъди ин  вохӯрӣ Мавлавӣ ҳамроҳи бародарон ва ҳамдеҳагони худ ба зодгоҳаш, ба зиёрати модар равона мешаванд. Хабари омадани Мавлавиро мардуми деҳаи Роҳатии Калон шунида, пеш аз намози шом ба пешвози меҳмонон баромада, дар масҷиди ҷомеи деҳа Мавлавӣ ва ҳамроҳонашонро меҳмон мекунонанд.

Баъди намози хуфтан қариб то нисфи шаб сӯҳбат дар масҷид давом кард. Аҳли мардуми деҳаи Роҳатӣ аз илму дониши Мавлавӣ баҳра гирифта, ба ваҷд омаданд ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

калоншавандагони деҳа ба хулосае омаданд, ки аз чунин донишманди бузург бояд баҳра бардошт ва бо худ машварат карданд. Яке аз одамони орифу доно ва давлатманди деҳаи Роҳатӣ Одинабой аз ҷой хеста ба Мавлавӣ муроҷиат намуд:

– Ҳазрати Мавлавӣ ман аз номи мардуми Роҳатӣ аз Шумо як хоҳиш дорам. Мо аз Шумо умедворем, ки дар деҳаи мо монед. Зеро ки мардуми мо ба Шумо ниҳоят боварӣ ва ихлоси беандозаи калон пайдо карданд ва мехоҳем фарзандони мо аз нури илму маърифататон баҳрае бигиранд. Мавлавӣ чунин посух медиҳад.

– Ман дар пеш қарзи калоне дорам, аввало, модари меҳрубонамро зиёрат намоям, сонӣ, баъди 40 рӯз ҷавобашро ба шумо мегӯям.

Баъди адои намози бомдод, Мавлавӣ бо ҳамроҳонаш роҳи деҳаи Ниҳолдарaро пеш гирифта, байни намози асру шом ба деҳа мерасанд.

Мавлавӣ ба зиёрати модари меҳрубони чашминтизор мушарраф мегардад. Сар ба пеши пои модари пир афканда, бо ашки равон, бо дили сӯзон дар ёди ғами падари бузургвораш соатҳо мегиряд ва аз модар барои интизориҳояш авф талабида дуои модарро мегирад.

Модар сари писари на ҷавон, балки марди миёнсолеро сила карда, дар канор гирифта зор-зор мегиряд ва ба сухан шурӯъ карда мегӯяд:

– Худованд ба ман дар ивази интизориҳои чандинсола мукофоташро бо ин илму маърифати ту дод. Пас аз маргам аз каломи Аллоҳ дар ҳаққи ману падари бузургворат тиловате мекунӣ, ҳамин буд орзуи ману падари раҳматиат, одамони хушбахттарини дунё мо будем, ки Худованди таборак ва таъоло ба мо чунин фарзанди солеҳеро раво дид. Ҳазорон – ҳазор бор шукрат, эй холиқи арзу само, гӯён модар ба даргоҳи Аллоҳи Таъоло арзи сипос менамуд. Баъди зиёрати модар Мавлавӣ рост роҳи оромгоҳи падарро пеш гирифт. Ӯ ба воситаи ағбаи кӯҳи Мазори Хоҷа Абдулло вориди деҳаи Қасамдараи ноҳияи Файзобод мегардад, ки падари бузургвораш Домулло Муҳаммадшариф дар ин деҳа вазифаи имомию мактабдориро иҷро мекард ва дар ҳамин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷо фавтида буд. Баъд аз зиёрати мазори падар ва хатми сураи «Мулк» ба фикр фурӯ рафта, гӯё бо рӯҳи поки падар аз сафарҳояш ҳисобот медод. Аз рухсори зебояш ашк ҷорӣ шуда, қатра-қатра аз бари риши гирди мошубиринҷаш ба домани камзӯли сабзаш мечакид.

Пеши чашмони Мавлавӣ давраи ҷавониаш ҷилвагар шуд. Ҷавони чусту чолок, ташнаи илму дониш, дар назди падар рост истода сар ба пеш афканда насиҳату дуои падарро бодиққат гӯш медод. Домулло Муҳаммадшариф ба писараш чунин насиҳатҳо карда будааст:

– Писарам, ман медонам, ки ту ташнаи илму дониш ҳастӣ. Он қувваю зеҳни худододии ту маро низ дар ҳайрат мондааст, он донише, ки дар назди устодонат гирифтаӣ, туро қонеъ карда наметавонад, имрӯз, ки ту барои омӯхтани илму дониш аз ман дуо металабӣ, ман туро дуои хайре медиҳам.

Писари азизам, агар ман туро дар зиндагиам бинам, чӣ кори хубе ва агар аҷал амон надиҳад, умедворам аз даргоҳи Худованди ломаконам, ки ту олими хубе мешавию дар ҳар як намоз ва дар сари мазорам бо оёте аз Каломи Маҷид рӯҳи маро шод мекунӣ, илоҳо – гӯён даст бардошта мегӯяд:

– Холиқо, Қодиро, Парвардигори Кариму Раҳим, ман ин писарро ба шумо супоридам, умедворам, ки соҳиби илму маърифати исломӣ шуда, ба ватан сиҳату саломат баргашта, чароғи маърифатро дар ин диёри кӯҳистони мо равшан намояд, омин, Аллоҳу Акбар – гӯён даст ба рӯй кашиданд.

Бори охир писарро ба оғӯш кашида видоъ мекунанд. Баъди панҷ-шаш қадам задан Мавлавӣ ба пас нигариста мебинад, ки падар бо рӯймол ашки чашмонашро тоза карда, гаштаю баргашта ба писари ҷавонаш бо ишораи лаб дуо медод. Дар ин лаҳза аз чашмони ӯ низ ашк ҷорӣ мешавад. Бале, ин ашк, ашки ҷудоӣ буд. Ӯ гирён-гирён роҳашро давом медиҳад. Бори дигар мазори падари бузургворашро зиёрат ва оёти каломи раббониро қироат карда, бо ҳамроҳонаш ба деҳа бармегардад. Чиҳил рӯз дар хизмати модар буд. Дар ин муддат деҳаи Ниҳолдара ба як тӯйхона табдил ёфта



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

буд. Меҳмонони зиёде аз деҳаҳои дур ба зиёрати Мавлавӣ меомаданд.

Рӯзи чилум Одинабойи роҳатичӣ бо яке аз калон-шавандагон ба деҳаи Ниҳолдара омада, бо Мавлавӣ ҳам-сӯҳбат шуда, ӯро розӣ кунонида, бо аҳли оила кӯч баста, ба деҳаи Роҳатии Калон меоранд.

Мавлавӣ чанд муддат дар масҷиди ҷомеи ин деҳа имоматӣ намуда, шогирдони зиёдеро дар атрофи худ ҷамъ карда ба онҳо таълими илм мекард ва бемории зиёде овозаи табиби бузург будани Мавлавиро фаҳмида, аз шаҳру деҳаҳои дур барои табобат меомаданд.

Рӯзе баъди адои намози ҷумъа Одинабой ва якчанд одамони обрӯманди Роҳатӣ ба Мавлавӣ мегӯянд:

– Бо шарофати Шумо фарзандони мо аз илму маърифат ва аҳкоми дини мубини Ислом хеле баҳра бардоштанд ва мо машварат карда, ба хулосае омадем, ки ба Шумо тӯҳфа пешниҳод намоем. Илтимоси мо ин аст, ки Шумо онро рад нанамоед ва илова намуданд:

– Мо медонем, ки Шумо дар мулки афғон зану фарзанд доред, ҳар замон тайёр ҳастем, ки ҳамроҳи Шумо рафта, зану фарзандатонро ба ватан биёрем, ҳоло бошад модари Шумо хеле пир шудааст, бояд шахсе бошад, ки оби таҳорати Шумо ва модаратонро тайёр намояд- гуфта, Одинабой эҳтиромона суханашро давом дод:

– Мавлоно, ман дар хона духтари болиғ дорам. Номаш Олима ва дар ҳавлӣ аспи сафеди бодпо аз Ӯротеппа овардаам, оро дода шудааст, дар шоҳидии ҳамин ҷамоа ҳамаашро ба Шумо мебахшам. Ҳазратам, хоҳиш менамоям, ин тӯҳфаи ночизи маро қабул фармоед.

Мавлавӣ муддате сар ба сукут бурда, фикр мекунад, баъд аз ҷояш хеста бо одоби мардуми машриқзамин ташаккур гӯён қабул мекунад. Баъди се рӯз Мавлавӣ дар деҳаи Роҳатӣ оиладор мешавад.

Ҳамин тариқ, Мавлавӣ ҳамроҳи модару бародаронаш мулло Сайиду мулло Яъқуб 6 сол дар Роҳатии Калон зиндагонӣ мекунанд.

Рӯзи ҷумъа дар тараддуди намоз буданд, ки аз дари масҷид писари амаки Мавлавӣ Домулло Ҳоҷӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муҳаммадсалим медарояду ба Мавлавӣ ва намозгузорон вохӯрдӣ карда, баъди аҳволпурсӣ ба намози ҷумъа шурӯъ мекунанд. Ҳоҷӣ Муҳаммадсалим шаб меҳмон шуда, аз саргузашти худ, ки солҳо ҳамдигарро надида буданд, нақл карда мегӯяд:

– Вақте ки ману Домулло Абдукарим дар Кобул аз Шумо ҷудо шуда, азми Маккаю Мадина кардем, баъди тавофи Хонаи Худо ҳафт сол муқими ин шаҳрҳо шудем, дар муддати ин ҳафт сол ман ҳафт маротиба дар «Ғори Ҳиро» дар ғоре, ки ҳазрати Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи вассалам ба Худованд роз мегуфт, муноҷот мекард ва дар ин ғор ҳазрати Ҷабраил ба ӯ ваҳӣ меовард, чил шабонарӯз чила нишаста, ибодат варзидам. Ман соле пеш аз Шумо омадам ва дар деҳаи Сурхиён мадрасаю масҷиди ҷомеъ сохтам. Инак, се сол мешавад, ки дар ин масҷид имоматӣ намуда, дар мадраса ба шогирдонам таълим медиҳам. Ду рӯз пеш маро беки Ҳисор даъват карда гуфт, ки дар масҷиди ҷомеи Сари Осиё шуморо имомхатиб таъин менамояму дар мадраса низ таълими илм намоед.

Ман барои он назди Шумо омадам, ки меҳнати ман зоеъ нашаваду Шумо ҳамчун вориси ман, рафта дар Сурхиён имоматӣ намуда, ҳам дар мадраса ба фарзандони мардуми кӯҳистон таълими илм намоед, сипас ба чеҳраи Мавлавӣ нигариста интизори ҷавоб мешавад.

Мавлавӣ сар ба сукут андохта баъд аз андешаҳои зиёде ба сухан даромада ақидаи худро иброз менамояд. Ман ба ин мардум каме хизмат кардам, Худо хоҳад баъди як сол, албатта, ба Сурхиён меравам.

Баъди як сол Мавлавиро мардуми Роҳатӣ бо хушнудӣ ҷавоб медиҳанд, ӯ дар мадрасаи Сурхиён мударрисӣ мекунад. Аз рӯзе, ки Мавлавӣ ба Сурхиён меояд, гӯё дар ин деҳа ҳар рӯз тӯй буд, донишҷӯён, донишмандон, беморон, корафтодагон аз шаҳрҳою ноҳияҳои дуру наздик ба зиёрати Мавлавӣ омада, яке дуо мегирифту дигаре барои табобат ва саввумин донишу илм меомӯхт. Он шахсони сарватманд, ки барои зиёрат моле, аз қабили хӯрока, чорво ва ғайраҳо меоварданд, Мавлавӣ намегузошт, ки ба хонааш биёранд, агар меоварданд ҳам, ӯ баровarда ба мадраса, ба ятимону



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бечорагон тақсим мекард. Овозаву шӯҳрати Мавлавӣ рӯз то рӯз зиёдтар паҳн мешуд ва ҳатто, то ба хоки Мовароуннаҳр меравад ва аз ҳамин сабаб, одамон пои бетаҳорат номи Мавлавиро аз рӯи эҳтиром ба забон намегирифтанд ва ӯ тахаллуси «Домуллои Сурхиён»-ро гирифт, ки то имрӯз пиру ҷавон бо ин тахаллус эҳтироми Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳро бо ҳисси иззату эҳтироми комил ном мегиранд.

Дар байни мардум зиёда аз сад ривоятҳо оиди илму дониш, фазилату хислат ва кароматҳои Мавлавӣ мавҷуд аст, иншооллоҳ агар насиб бошад, дар охир баъзе аз онҳоро аз даҳони шахсоне, ки Мавлавиро дидаанду шунидаанд, мисол меорем.

Аз байн солҳо мегузаранд, рӯзе Одинабойи дар боло зикр шуда ҳамроҳи ашхоси донишманд ба зиёрати Мавлавӣ омада аз сӯҳбати ӯ баҳра мебаранд. Мавлавӣ то ҳол фарзанд надошт. Дар ин сӯҳбат Мавлавӣ ба онҳо мегӯяд:

– Ман дар Кобул зан ва фарзанде дорам, намедонам, дар муддати ин ҳафт соли нооромӣ аҳволи онҳо чӣ шуда бошад?

Одинабой гуфт:

– Шумо, тақсирам, фикр накунед. Ман дар манзили худ чӣ ваъдае, ки додам, ба ҷо меорам. Ман худам ва одамонам ҳамроҳи Шумо ба Кобул рафта, аз ҳолу аҳволи завҷаатон бохабар мешавем ва агар Худованд хоҳад, ҳамроҳ гирифта ба ватан бармегардем. Тобистони соли 1907 Мавлавӣ ҳамроҳи Одинабой ва чор-панҷ нафар хизматгорон роҳи Афғонистонро пеш гирифта, баъди ҷудогии ҳафтсола ба дидори завҷа ва писараш Асламҷон мушарраф мегардад. Ҳабибуллохон – амири Афғонистон Мавлавиро бо як эҳтироми хоса, ба дарбор қабул намуда мегӯяд:

– Ҳазрати Мавлавӣ, мо Шуморо домод намегӯем, Шумо як узви хонадони мо ҳастед, падари раҳматии бузургворам дар бораи ҳикматҳои Шумо бисёр мегуфтанд ва чӣ тавр маро табобат карданатон то ҳанӯз дар ёдам ҳаст. Акнун, ки аз зиёрати ватану волидонатон боз ба диёри афғон баргаштед, ҳазорон бор хуш омадед! Марҳамат, боз ҳамин мадрасаҳои олии Кобул дар ихтиёри Шумо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавлавӣ аз ҷой бархеста ба амири ҷавон мегӯяд:

– Аълоҳазратам! Банда ҳаргиз некиҳои падари бузургворатонро фаромӯш нахоҳам кард. Ман аз ғамхориҳои Шумою падари бузургворатон хеле ва хеле миннатпазирам.

Аз байн қариб се моҳ мегузарад, ҳар бегоҳ Мавлавӣ барои ба ватан баргаштан бо завҷаи худ машварат мекунад, дар охир завҷааш розӣ мешавад ва шарте мегузорад, ки агар амакам Ҳабибуллохон чӣ маслиҳате диҳад, ман ба он амал мекунам.

Рафиқони Мавлавӣ ва дигар хизматгорон бетоқат шуда, дар ин се моҳ ёди ёру диёр мекунанд. Рӯзи ҷумъа баъди адои намоз дар масҷиди калони ҷомеи Кобул Мавлавӣ ба амир муроҷиат карда мегӯяд:

– Амирулмӯъминин! Ман ба он мақсаде омадаам, ки зану фарзандамро гирифта ба ватан баргардам, инак, се моҳ мешавад, ки атрофи ин мақсад бо завҷаам машварат дорам, ӯ мегӯяд, ки чӣ хоҳише, ки Амирулмӯъминин дошта бошад, ман ба он розӣ ҳастам.

Амир каме фикр карда мегӯяд:

– Мавлавӣ Шумо ба мо дараҷаи устодӣ доред, худатон олими аҳкоми дин ҳастед ва дар мазҳаби мо чӣ ҳукме, ки мувофиқи шариати исломӣ бошад, мо ба он кор мекунем, мана дар ҳузури мо олимони зиёде низ ҳастанд, бигзор онҳо ҳукме бароранд. Амир каме оҳанги суханашро тағйир дода мегӯяд:

– Завҷаи Шумо аз таваллуд то ҳол дар дарбори олии амирӣ калон шуда тарбия ёфтааст. Ӯ дояю канизакони зиёде дорад, дар ҳарамсарои шоҳӣ, дар болои мизу курсӣ, қолину гилемҳои афғонию арабию эронӣ зиндагӣ карда, аз зарфҳои тиллоию нуқрагӣ хӯрок мехӯрад, мувофиқи гуфтаҳои падари бузургворам мардуми кӯҳистони Ҳисори аморати Бухоро зиндагии қашшоқона дошта, ҳатто хонаҳои амалдоронаш шишаю панҷара надорад ва ҳатто чӣ будани ҳаммому шишаро намедонанд. Ин шоҳдухтари мо дар он шароит чӣ тавр зиндагӣ мекунад?

Сухани амирро қозиюлқуззот тақвият дода мегӯяд, ки шахсе, агар замини шахси дигарро бо хоҳиши тарафайн



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гирифта ғалла корад, баъди коридани ғалла агар норозигӣ рӯй диҳад ва заминдор заминашро талаб кунад, он коранда заминро ба соҳибаш бар мегардонад, аммо ҳосили ғалларо бо худ мегирад. Ин аст мувофиқи таълимоти дин. Дар ин фатвои қозиюлқуззот амири ҷавон каме табассум намуда мегӯяд:

– Мавлавӣ, агар завҷаатон наравад, мувофиқи гуфтаи қозӣ Шумо писаратонро гирифта равед.

Аз байн се рӯзи дигар мегузарад, ноилоҷ Хонимҷон розӣ мешавад, ки фарзандашро ба шавҳар диҳад. Пагоҳӣ чошт бори сафар баста, Мавлавӣ кокулони Асламро шона зада, ба саҳни дарбори амир баромада азми сафар мекунад, ногаҳон дили модари зор оташ гирифта, пои бараҳна тозон ба саҳни дарбор баромада бо дили сӯзону ашки равон мегӯяд:

– Не, не, ман бе фарзанди ҷигарбандам зистан намехоҳам. Истед! Ман ҳам меравам!

Амир чор асп, ду фойтун ва ду хизматгору чор сарбозро дар ихтиёри Мавлавӣ мегузорад. Аз бору анҷоми зиндагӣ, хӯрду хӯрок пулу мол, тангаю тилло чор асп ва ду фойтунро бор карда, бо иҷозати Амир роҳи ватанро пеш мегиранд.

Дар вақти видоъ завҷаи Мавлавӣ модари меҳрубонашро ба оғӯш кашида зор-зор мегиряд ва бо ҳасрат мегӯяд:

– Худо моро боз ба дидори ҳамдигар бирасонад. То аз дарёи Панҷ гузаштан завҷаи Мавлавӣ аз ҷудоии модару хешовандон ва ватан дарун-дарун сӯхта, ашки чашмонаш ба фаранҷӣ мечакид, ин лаҳзаро фақат дар фойтун Мавлавӣ, ки дар бараш нишаста буд, пайхас менамуду халос. Ҷудогиҳо аз ватану падару модар гӯё тақдири Хонимҷонро пешакӣ муайян мекард, ки ин нолаҳои ҷонсӯз аз барои он буд.

Ҳаққо, тақдир ҳам чунин кард, баъди солҳои инқилоб сарҳади Тоҷикистону Афғонистон баста шуд, ӯ аз дидори модару бародар, хоҳару амакаш амир Ҳабибуллохон ва ватани азизаш маҳрум гашт.

Солҳои 1935-1936 духтари ягонаашро бо ду писараш ва домодаш Мулло Ҳакими Сариварозӣ ба Қафқоз ҳамчун зани бой бадарға карда, дар он ҷо аз азобу шиканҷа бо ду нафар тифлакони ноболиғ фавтиданд. Ин ҳама ҷабри замон дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳаққи Хонимҷон кори худро кард, ки аз гиря кардан ҳар ду чашми равшанаш оҷиз гашт. Ӯ соли 1960 аввали баҳор дар деҳаи Даштибеди Калон, дар хонаи писари нахустинаш, ки дар шаҳри Кобул ба дунё омада буд, тамоми солҳо ҳамроҳу ҳамдамаш ва нишоне аз хоки ватанаш, Афғонистон оварда буд, Эшони Махсуми Аслам дунёи фониро падруд гуфт ва оромгоҳаш ҳоло дар деҳаи Даштибед мебошад.

Ҳамин тариқ, дар миёнаи тирамоҳи соли 1907 корвони афғонӣ ба деҳаи Сурхиён мерасад.

Солҳо паси ҳам мегузаштанд, баҳори соли 1910 аз Хонимҷон писари паҳлавонсурате ба дунё омад. Номи ӯро махсуми Абдулҳақ гузоштанд, ки номаш ҳам монанди хулқу хислаташ буд, ӯ то охири умр барои кори ҳақ дар роҳи Ҳақтаъоло хизмат намуда, маҳбубу мушкилкушои мардумон гардида буд.

Азбаски Хонимҷон шоҳдухтар буду Олима бойдухтар хизмати Мавлавиро касе бояд иҷро мекард, барои ҳамин Хонимҷону Олима ба як хулосае омаданд, ки барои хизмати Мавлавиро ба ҷой овардан шахсе лозим аст, ки ҷисман боқувват, хирадманд ва кадбонуи хона бошад. Ин ҳам ёфт шуд. Духтари шахси донишманд Мулло Назар, хоҳари шогирди номдораш, ки дар илми тиб ҳамто надошт Домулло Насриддин, ки ҳоло оромгоҳаш дар деҳаи Носирободи ноҳияи Файзобод мебошад, Саидмоҳро ба никоҳи Мавлавӣ даровардандy аз хизматҳои он Хонимҷону Олима баҳраманд шуданд.

Ҳамин тариқ, зиндагӣ дар деҳаи Сурхиён пурҷӯшу хурӯш буд. Дар мадраса шогирдони зиёде аз шаҳрҳои дуру наздик омада таҳсили илм мекарданд. Солҳои 1929-1939 дар сар то сари хоки собиқ Шӯравӣ бар зидди муллоҳо, аҳли илму адаб мубориза беамон мерафт, ки таърих гувоҳ аст.

Ҳазорон-ҳазор олимону шоиронро бо баҳонае душмани халқ гуфта, ба бадарға мефиристоданд ва несту нобуд мекарданд, аммо дар ин вақт Мавлавӣ аз ҷояш намеҷунбид, касе, ки бо дилу нияти бад қасди Мавлавӣ мекард, Худованд ӯро ба балои азиме гирифтор менамуд.

Акнун баъди таъқибу мубориза бар зидди бою мулло, илму маърифати исломӣ, дари мадрасаҳо баста, овози



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

азон дигар аз масҷидҳо шунида намешуд, оҳанги зиндагии пурҷӯшу хурӯш, такрори оятҳои раббонӣ дар масҷиду мадрасаҳои Сурхиён хомӯш гашта буд. Шогирдони ташнаи илм ба монанди Домулло Насриддин, Домулло Ташриф, Домулло Наим, Домулло Гулмаҳмад, Домулло Давлати Дарвозӣ, Домулло Насруллои Қаротегинӣ ва Домулло Дилдор, ки ҳамроҳаш аз шаҳри Кашмир омада будаст, аз таъқиби «Калтакдорони Сурх» деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр ва ба кӯҳу пуштаҳо гуреза шуда, азоби сангинеро аз сар мегузаронидаанд.

**1**

Изатулло Қӯрбошӣ[1] ва бародараш Нуфтулло, ки аз деҳаи ҳамсоя Тӯдаи Наск буданд, бар зидди болшевикон ва гоҳе баръакс бар зидди Раҳмондодхоҳ меҷангиданду дар байни мардум бедодгариҳо мекарданд.

Баҳори соли 1924 Изатулло ҳамроҳи бародараш ба назди Мавлавӣ омада, бо як оҳанги киноямез, милтиқи ёздаҳтираи англисияшро дар пеши Мавлавӣ гузошта мегӯяд:

– Мавлавӣ, ман он даҳ нафар кофироне, ки дар деҳаи Сафедор бандӣ карда будам, мехостам парронам, Шумо чаро рафта онҳоро озод кардед?

Мавлавӣ мегӯяд:

– Қӯрбошӣ, онҳо гуноҳе надоранд ва онҳо мусулмонанд, Шумо дар кадом асос онҳоро кофир гуфта мепарронед. Онҳо камбағалонанд, ҳар кадом зану фарзанд доранд, ҳамин қадар гуноҳ кардаанд, ки ба дастаи шумо ҳамроҳ нашудаанд. Вақте ки шумо онҳоро бандӣ кардед ва гуфтед, ки ҳамаатонро мепарронам, зану фарзандони он бегуноҳон гирёну нолон ба назди ман омаданд ва ман кори хайре дар назди Офаридгор кардам.

Изатулло ба Мавлавӣ рӯй оварда, бо ҷиддият мегӯяд:

---

[1] *Яков Налский Исакович. В горах Восточной Бухары (Дар кӯҳистони Бухорои Шарқӣ) китоби саввум. Душанбе «Ирфон» - 1984 саҳ. 274-290 (Оиди Изатулло)*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Мавлавӣ, модоме ки он даҳ нафар бандиро озод кардед, акнун шогирдону писаратон махсуми Асламро ба ҷои онҳо ба мо ҳамроҳ кунед, ман ин кофиронро несту нобуд мекунам.

Мавлавӣ каме андеша карда бо оҳанги насиҳатомез мегӯяд:

– Ман ба шумо падарвор маслиҳат медиҳам, аввалан, амир Сайид Олимхон аз хоки Аморати Бухоро берун рафтааст, оё ҷанги бесарвар фатҳу нусрате дорад? Дуюм, писарам, шумо иншооллоҳ нагуфтед, ки мо ғалаба мекунем, ғалаба аз тарафи Ҳақ субҳона ва таъоло мешавад, сеюмаш, шумо дили халқро ба даст оред, шумо барои халқу ватан дар роҳи ҳақ ҷиҳод мекунед, лекин дирӯз шумо кори хуб накардед, ба иғвогаре бовар кардеду писари ятими ягонаи кампири Гадобегими бечораро аз деҳаи ҳамсояатон Харсанг, Зикриёи бегуноҳро ҷосуси кофирон гуфта, дар мавзеи Хоки сафед[1] ба шаҳодат расондед, ки ин асоси шаръӣ надорад. Писарам, шумо, ки дар роҳи ҳақ меҷангед, ман ҳам ҳақро мегӯям, боз аз ман наранҷед. Мо доири болшевик ва давлати онҳо, ки онро роҳбарашон Маркс пешгӯӣ карда буд, ба қадри ҳол дар китобҳо дар Ҳиндустону Афғонистон хонда будем ва медонем, ки шикасти онҳо аз берун корест ниҳоят мушкил, лекин ин давлат оҳиста - оҳиста аз даруни худаш несту нобуд мешавад, зеро ки пояи асоси илмӣ надорад. Шогирдони ман аз дасти болшевикон дар ҳар кӯҳу ғор пинҳонанд, худи ман ҳам онҳоро намеёбам, махсуми Аслам бошад, бемор буда, қуввати ҷангидану дар кӯҳу саҳро шабу рӯз гаштанро надорад – гуфта суханашро тамом мекунад.

Аз ғазаб чашмони калон-калони Изатуллоро хун пахш намуд, ӯ бори дигар милтиқашро дар пеши Мавлавӣ аз замин бардошта, боз ба замин ҳаво дода, боғазаб мегӯяд:

– Худатон рафта бар зидди кофирон ҷанг кунед ва милтиқро аз замин гирифта, нописандона ба асп савор шуда, аспро қамчинкорӣ намуда, ба тарафи Ромит чун бод аз назар ғоиб мешавад. Бо ин кораш Мавлавиро сахт меранҷонад.

---

[2] *Хоки сафед, 300 метр дуртар аз деҳаи Тӯдаи Наск*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Изатулло чор зан дошт, яке аз он занҳояш духтари ҳабдаҳсолаи зебое буд, ки овозааш то ба Раҳмондодхоҳ рафта мерасад. Изатулло, ки шахси бовариноку марди паҳлавони зебою ҷанговари нотарсу далер буд, ба Раҳмондодхоҳи варзобӣ хеле писанд омада буд. Рӯзе Раҳмондодхоҳ ба воситаи муллое Изатуллоро фаҳмонданӣ мешавад, ки зани зебояшро талоқ диҳад. Аз ин мақсади Раҳмондодхоҳ Изатулло огоҳ гашта, нисбати ӯ дар дилаш кина пайдо мегардад ва яқин медонад, ки дар ичро накардани хоҳиши Раҳмондодхоҳ дигар илоҷе надорад. Бинобар ин мақсад мегузорад, ки зани зебояшро дар ягон ҷои боэътимод пинҳон карда, ба тарафи аскари Сурх гузарад. Ин зани зеборо дар Ромит, дар боғи Мирӣ, ки алҳол мамнӯъгоҳи Ромит мебошад, пинҳон карда, ба боғбон супориш медиҳад, ки баробари сари худат ҷавоб медиҳӣ ва худаш дар Ромит ба зани табибе вомехӯрад. Ин зан аз деҳаи Тезгари Боло номаш Хӯҷаназарова Қундузой буда, дар шаҳру деҳаҳо гашта, одамони дардмандро табобат ва корафтодагонро сеҳру ҷодубарор менамуд.

Изатуллоро, ки мушкилӣ дар пеш буд, дергоҳ бо Қундузой сӯҳбат мекунад, Қундузой гӯё одами сеҳрдони тақдиршинос бошад, ки ҳама сирру асрори Изатуллоро гуфта дод. Изатулло бовариии комил ҳосил мекунад, ки ин зан дар ҳақиқат, ояндаро медонаду мушкили ӯро осон мекунад. Қундузой мегӯяд:

– Ман мушкили туро осон мекунам, занатро бурда дар деҳаи Тезгари Боло пинҳон мекунам, худат бошӣ, метавонӣ, бо як роҳ аз Раҳмондодхоҳ халос шавӣ. Ин роҳ фақат бо аскарони Сурхи болшевик ҳамроҳ шудан аст. Дигар чорае надорӣ. Магар зани зеборо аз даст медиҳӣ? Баъди маслиҳати дурударох Қундузой ҳамроҳи зани Изатулло ва як хизматгор роҳро пеш гирифта, то ба Роҳатӣ меоянд. Дар ин ҷо командири дастаи ихтиёриёни тирандозӣ Мулло Шариф Раҳимови ёвонӣ ҷойгир шуда буд. Қундузой, ки яке аз чекистони маккору номдори ГПУ ё (КГБ) буд, зани Изатуллоро ба хонаи Мулло Шариф Раҳимов оварда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

суπоришҳои гирифтаашро як ба як ахборот дода, дар охир гуфт:

– Пагоҳ шабона Изатулло, ҳамроҳи бародараш омада ба шумо ҳамроҳ шуда, бар зидди Раҳмондодхоҳ меҷангад.

Изатулло мувофиқи ваъда амал мекунад, дар мавзеи деҳаи Явроз омаданаш, дар сари роҳаш селаи кабкон пайдо мешаванд. Аз болои асп камони ёздаҳтираи англисиро сари даст гирифта, ба кабкҳо тир мекушояд. Дар ин ҳангом камон таркида, захми зиёде чашму рӯяшро хуншор мекунад ва кабкон парвоз карда, аз чашм ғоиб мешаванд. Изатуллои ғарқи хун ба бародараш бо як ҳисси пушаймонӣ изҳор карда мегӯяд:

– Бародар, дилам гувоҳӣ медод, ки як ҳодисае рӯй медиҳад, зеро ман бо суханҳои носазоям Мавлавиро ранҷонда будам. Биё, аз роҳ баргашта, ба Сурхиён рафта тавба карда, баъд ба Роҳатию Тезгари Боло меравем. Лекин бародараш розӣ намешавад. Онҳо то ба деҳаи Чорбоғи ҳозираи ноҳияи Кофарниҳон меоянд, ки рӯз торик мешавад. Мехоҳанд каме дар масҷиди деҳаи Чорбоғ истироҳат карда, баъд пинҳонӣ пеш аз субҳ ба назди Мулло Шариф Раҳимов оянд. Лекин нисфи шаб дастаи Раҳмондодхоҳ бо роҳбарии Ҳомид Тайёр[1] дар ҷои хобашон дасту пояшонро баста, дар ҳавлии масҷид онҳоро ба қатл расонида, яроқҳояшонро мегиранд. Охир, Изатулло аз ду тараф таъқиб мешуд, зеро ки ҳам ба Раҳмондодхоҳ ва ҳам ба болшевикҳо хиёнат карда буд. Ин ҳодисаи ранҷиши Мавлавӣ аз Изатулло дар байни мардум паҳн шуда буд. Дигар касе, ки имони комил дошт, бо нияти бад ба Сурхиён ҷуръати рафтан намекард...

Хабари марги Изатуллою бародараш Нуфтуллоҳ то ба зодгоҳаш деҳаи Тӯдаи Наск рафта мерасад. Аз зулму золимии ӯ мардум ба дод омада буданд; аз дасташ яке зарари моддию иқтисодӣ, дигаре зарари ҷонӣ дида буд ва дергоҳ дар интизори қассос буданд. Мардуми ин деҳа то ҳанӯз ёдоварӣ карда мегӯянд, ки Изатулло одамони зиёди давлатмандро ғорат карда, аз онҳо тиллою тангаи зиёдеро,

---

[1] *Ҳомид Тайёр - Яке аз ҷаллодони хуношоми Раҳмондодхоҳ, ки хуни ҳазорон одамони бегуноҳро рехта буд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз қабили зини тиллокорӣ, узангуи тиллоӣ, табақ ва дигар асбобу анҷомҳои тиллоиро оварда, дар деҳа пинҳон карда буд. Аз фурсат истифода бурда, шабона ҷабрдидагон ба хонаи Изатулло ҳуҷум намуда, модари пири ӯро бароварда, ба лаби чашмаи деҳа оварда, аввало таҳдид менамоянд, ки ҷои пинҳон кардаи тиллоҳои писарашро нишон диҳад. Ҳарчанд азоб диҳанд ҳам, модар нишон намедиҳад ва ӯро то ба деҳаи Кофарниҳон оварда, боз таҳдид намуда, буғӣ мекунанд. Кампир ба дасту панҷаҳои он чор марди пурқувват тоб наоварда ҷон медиҳад.

Баъди ҷон доданаш пистонҳояшро бурида, дар қоғазе бо сатрҳои зерин менависанд:

– «Ин аст, ҷазои модаре, ки бо ин пистонҳо чунин фарзанди қотили хунхорро шир додааст» ва дар гардани модар овезон карда ғайб мезананд.

**2**

Тирамоҳи соли 1930 сардори НКВД-и собиқ ноҳияи Ромит Исроилов Н. ҳамроҳи ду сарбози махсус ва капитан Мелик Хошоков мақсад мегузоранд, ки рафта Мавлавиро оварда, ҳамроҳи дигар «душманони халқ», аз қабили бою мулло ва шахсоне, ки алифбои арабиро хондаю навишта метавонанд ва ё дар хонаашон китобҳои бо ин алифбо навиштаро нигоҳ медоштанд, дастгир намуда, ба бадарға, ба биёбонҳои сӯхтаю ташналаби Қазоқистон ва ё ҷангалзорҳои Сибир фиристода, дар назди партия ва Ҳукумати ҳамонвақта соҳиби обрӯй ва молу мулки калон шаванд. Ин чор нафар фидокрони сиёсати сталинӣ роҳи деҳаи Сурхиёнро пеш гирифта то ба деҳаи Лошхарф мерасанду бо ҳам маслиҳат мекунанд, ки бо роҳе вориди деҳа шавем, ки касе аз омадани мо огоҳ нашавад. Онҳо роҳи деҳаи Сафедорро пеш гирифта, мехоҳанд, ки ба воситаи деҳаи Дараи Ҳамза аз ақиб ба деҳаи Сурхиён ногаҳон ворид шаванд. Се километр дуртар аз деҳа дар мавзеи Бағалакою Арчаи пир, аз пешашон ногаҳон паррандае мепараду аспҳо якбора шиҳа кашида, бо ду пои ақибашон рост хеста ба ҷарӣ афтида, ба масофаи 200 метр ғелида мераванд ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз лаби дарёчаи Лошхарф мебароянд, ки шахси омадаро аз деҳа ҳар кас мушоҳида карда метавонист. Худованд пинҳонкории онҳоро ошкор кард. Ин чор нафар ягон зарари ҷисмонӣ намебинанд. Исроилов Н. ва рафиқонаш аз аспҳо фаромада, мегӯянд:

Дар ҳақиқат он таърифе, ки дар ҳаққи Мавлавӣ мекарданд, рост будааст Исроилов Н. фармон дода мегӯяд:

– Рафиқ капитан, чашмонам кӯр шудаанд, ҳеҷ чизро намебинам, дунё дар назарам торик шуд, ту ҷилави аспи маро гиру дигарон пиёда шуда, бо воситаи роҳи аввала, рост ба назди Мавлавӣ рафта, тавба мекунем. Дар назди дари ҳуҷраи Мавлавӣ ин чаҳор нафар бо зону нишаста, дар гардан рӯймол овезон карда, тавба мекунанд. Мавлавӣ дасти рост ба китфи сардор ва дасти чап ба китфи капитан гузошта мегӯяд:

– Банда ҳеҷ касе нест. Шумо дар назди офаридгор, Худованди ломакон тавба кунед, агар аз дасту забони инсонӣ, инсони дигаре бе сабаби шаръӣ ба қадри як тангаи подшоҳӣ зарар бинад, мувофиқи ин гуноҳаш ҳазор сол азоби алимро дар дор-ул-бақои ҷаҳаннам мекашад. Баъди ин суханон аз ҷояшон хезонда ба меҳмонхона даъват менамояд. Аз гулӯи меҳмонони нохонда чой ҳам намегузашт Исроилов Н. бори дигар аз ҷояш хеста тавба карда, мегӯяд:

– Мавлоно, акнун фаҳмидам, ки Шумо чӣ дараҷаю мартабае доштаед. Ман оиладорам, солҳост, ки соҳиби фарзанд нестам.

Мавлавӣ навбзи ӯро дошта, ба чашмонаш нигоҳ карда баъди муоина мегӯяд:

– Саломатии Шумо хуб аст, агар аз занатон ҷудо шуда, зани дигар гиред, иншооллоҳ соҳиби фарзанд мешавед.

Аз байн солҳо мегузарад ва бо тӯҳмате капитан Хошоков Меликро зиндон карда, барои кор кардан ба маҳбаси кони ангишти Шӯроб мефиристанд.

Аз кори сангини кон бобои Мелик тоқат карда натавониста, ба касалии домана гирифтор мешавад ва ӯро дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳолати беҳушӣ ба беморхонаи маҳбас мебаранд. Баъди як ҳафта чашмонашро кушода, дар болои сараш сардорашро мебинад, ки бист сол пеш сардори НКВД- ноҳияи Ромит буд. Аз хурсандӣ дар чашмони Мелик ашк пайдо мешавад. Исроилов Н. дасти бобои Меликро дошта мегӯяд:

– Ман сардори маҳбаси кони Шӯроб ҳастам, дар ёд дорӣ капитан, ба ман Мавлавӣ чӣ тавсия дода буд. Ман бо шарофати тавсияи Мавлавии Сурхиён соҳиби чор фарзанд шудам – гуфта изҳори миннатдорӣ мекунад.

Баъди шифо ёфтани Мелик сардораш ӯро ба меҳмонӣ даъват намуда, писаронашонро шиносонида меҳмондорӣ мекунонад.

Дар вақти суҳбат Исроилов Н. мегӯяд:

– Ман ба шарофати Мавлавӣ ба мурoду мақсад расидам. Капитан ту низ ба мақсад хоҳӣ расид. Ман кӯшиш мекунам, ки мӯҳлати маҳбусии даҳсолаи туро кам кунам. Дар ҳақиқат сардор ба қавлаш вафо карда, дар мӯҳлати ду солу шаш моҳ Мелик Хошоковро аз маҳбас озод менамояд.

Банда Муҳаммадрасули Раҷаби Иброҳимзода соли 1972, ки аз деҳаи Ромит оиладор шуда будам, ҳар вақте ки ба аёдати хешон мерафтам, бобои Мелик омада маро пазирой мекард ва ба хонааш даъват менамуд. Бо як ҳисси эҳтироми самимӣ меҳмондориро ба ҷо оварда, ин саргузаштҳоро, ки дар боло ҳикоят кардем, такрор ба такрор нақл мекард ва мегуфт:

– Муҳаммадрасул, оё медонӣ, бобои бузургвори шумо чӣ авлиёи бузурге будааст. Ниҳоят соли 1978 бобои Мелик Хошоков дунёро падруд гуфт.

3

Падарам, Раҷаби Иброҳим, ки ҳоло 88-сола аст, ёдоварӣ карда мегӯяд, ки дар синни 13-солагиам, яъне тирамоҳи соли 1929 писари холаи Мавлавӣ, олими бузург, соҳиби девони «Маснавиҳои Ирфонӣ» Шайх Абдураҳими Давлати Элокиро, ки аз дасти болшевикон паноҳ бурда ба назди Мавлавӣ омада буд, дар муддати 40 шабонарӯз дар деҳаи Дараи Ҳамзаю Сурхиён хизматашонро ба ҷой овардам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳазрати Шайх Абдураҳими Давлат шабона омада, то субҳ бо Мавлавӣ дар мавзӯъҳои гуногуни илмӣ сӯҳбат намуда, баъди адои намози бомдод, аз Мавлавӣ ҷудо шуда, ҳамроҳи ман дар таҳхонае паноҳ мебурд ва ӯ маро мегуфт:

Писарам, ту ҳамноми бобои ман. Бобои ман Муҳаммадраҷаб ном дошт, ки ҳафт писари худро хононда, соҳиби хати иршоди исломӣ намудааст. Илоҳӣ ту ҳам ба мурoду мақсад бирасӣ! Дуои ҳамон кас буд, ки ман як бандаи оддӣ домоди Мавлавии бузург шудам ва он вазифае, ки маро таълим дода буд, то ҳол ба ҷой меоварам.

Ба шарофати дуои ин ду олими бузург ба сарам чӣ мушкилӣ ва ё балое ояд, гуфтаҳои онҳоро ба ҷой меоварам ва Худованд ба шарофати онҳо маро аз ҳар бало наҷот медиҳад ва мушкиламро осон мегардонад. Мисоли равшани онро ба шумо мегӯям: Аз соли 1941 то соли 1944 дар дами оташи Ҷанги Бузурги Ватанӣ будам ва 3 маротиба тир хӯрда маҷрӯҳ шудаам. Шабе дар беморхонаи шаҳри Варшаваи Полша хобе дидам, ки гӯё дар ватан бошаму ду нафар шахсони яроқнок маро бо корд мезананд ва аз баданам хун ҷорист. Ногаҳон дар хоб дидам, ки Мавлавӣ ҳамроҳи ҳазрати Домулло Абдураҳим ҳозир шудаанду ба сӯи он ду нафар оётеро аз «Қуръон»-и маҷид хонда, куф карданд. Дар як лаҳза он ду марди яроқнок сӯхта ба хокистар мубаддал шуданд.

Ин ду олими бузург ба ман рӯй оварда гуфтанд, ки он вазифае, ки мо ба ту дода будем, магар фаромӯш кардӣ?

Дар ҳамин лаҳза бедор шудам, ки ду-се ҳамшираи шафқат маро ба замин зер мекунанду аз даҳонам кафк ҷорист. Каме чашмҳоямро кушодаму ором шудам. Баъд онҳо чор нафар шуда маро бардошта ба кат хобониданду бо забони русӣ мегуфтанд «припадка» «контушник».

Баъди ба худ омаданам аз рафиқонам фаҳмидам, ки маро касале гирифтаасту доду фарёдкунон, худро бардошта ба замин мезадам ва аз даҳонам хуну кафк мерафтааст.

Аз ҷоям нахеста бо таямум намозҳоро адо карда, он вазифаҳоеро, ки дар синни сездаҳсолагиам ба ман ду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бузургвор дода буданд, рӯзе 1000 маротиба хонда дар баданам куф мекардам. Сабаби дуои бузургон буд, ки баъди се моҳи табобат аз даҳони пуроташи аждаҳои ҷанги даҳшатнок ҷавоб шуда, соқу саломат ба ватан баргаштам ва инак, то синни 88-солагиям сабақ ва вазифаҳои додаи он бузургонро ҳар шому саҳар такрор – андар такрор ба забон ҷорӣ намуда, аз даргоҳи Худованди бахшандаи меҳрубон умед дорам, ки ба шарофати рӯҳи поки бузургон, гуноҳи дунявии моро авф намуда, пешгоҳамонро равшан намоянд.

4

Тирамоҳи соли 1957 мардуми деҳаи Лошхарфро муҳоҷир карданд ва мо гуреза шуда аз охири тирамоҳ то авали баҳор дар деҳаи Тӯдаи Наск дар ҳуҷари бобои Абдуҷаббор зиндагӣ мекардем.

Қариб ҳар бегоҳ пирамардони деҳа дар меҳмонхонаи бобои Абдуҷаббор ҷамъ шуда, дар ҳар мавзӯъ сӯҳбат мекарданд.

Бобои Каримов Сайфулло, солҳои пешин яке аз аъзои фаъоли ихтиёриёни отряди «Калтакдорони сурх» буд, ки тоҷикони кӯҳистон онҳоро «Атрат» мегуфтанд. Отряди «Калтакдорони сурх» барои барқарор намудани сохти Шӯравӣ, бар зидди босмачиён ва бою муллоҳо муборизаи беамон мебурданд.

Шабе баъди адои намози хуфтан бобои Сайфулло аз саргузашти аҷоибу ғароиби худ ёдоварӣ карда гуфт:

– Аввалҳои соли 1932 бо супориши сардори гарнизони таъйиноти махсуси дар Бухорои Шарқӣ будаи шаҳри Сталинобод рафиқ Абдулло Валишев (бо лақаби Абдуллои Нуғай) мо шаш нафар кормандони милиса фармон гирифта, барои баста овардани Мавлавӣ роҳ пеш гирифтем ва аз деҳаи Лошхарф гузашта, лаб-лаби дарёча рӯ ба ҷониби Сурхиён мерафтем. Тахминан то ба Сурхиён 1,5 км роҳ монда буд. Сардорамон Қарахонов Эшбой аз ҳама пеш, ман бошам аз ҳама охир мерафтам. Дар дилам ларзае афтода буд, зеро ки ман Мавлавиро медонистаму ба онҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сир бой намедодам. Ногаҳон аспҳо рамида, шиҳа кашида, ба ақиб баргаштанд. Ҳарчанд зӯр мезадем, ба боло намебаромаданд. Дар ин ҳолат сардор оташин шуда, аз асп фаромада, бо забони ӯзбекӣ аспро дашномҳои қабеҳ дод, ва бо тамоми қувва ду-се қамчин ба сару гардани асп зад.

Дар ин ҳангом аспи ӯ шиҳаи ҷонкоҳе кашида, бо ду пои ақиб рост хеста, бо ду даст чунон соҳибашро зад, ки монанди тӯб ҷар шуда, ғелида-ғелида дар масофаи 15-20 метр, дар лаби ҷари бетаге дар навдаи дарахти дӯлона монда овезон шуд. Аз ин ҳодиса аспҳои мо ҳам тӯрида буданд. Ман ҳам аз асп ҷудо шуда, дар бехи буттаи хоре ғалтидам. Дар ин ҳангом чӯби хушке ба миқдори ангушти мобайни инсон ба дохили дунбаам даромада буд. Аз дарди ҷонкоҳ чашмонам пӯшидаю даҳонам кушода, ҷунбида наметавонистам.

Рафиқонам аз ҷояшон хеста давон чангу хоки баданашонро афшонда, сардорро наҷот доданӣ шуда, Эшбойро доштанд, арғамчинро ба миёнаш бастанд, то ки ба ҷарии бетаг наафтад. Баъд бардошта ӯро ба назди ман оварданд, ки гарданаш тоб хӯрда, ба ақиб рафта, забонаш аз даҳонаш баромада, чашмонаш нимроғи суп-сурх менамуд. Шахси мурдаро ба хотир меоварду фарқ дар он буд, ки ӯ гап зада натавонад ҳам, канда-канда нафас мегирифт аҳволи сардорро дида, рафиқонам дир-дир меларзиданд ва одами даҳшатзадаро ба ёд меоварданд. Ман каме чашмонамро кушода бо онҳо ишора карда гуфтам, ки маро низ наҷот диҳед. Онҳо аз ду китфам гирифта, бардоштанд, аз ақибам хун монанди ҷумаки офтоба равон буд, аз зӯрии дард ва рафтани хуни зиёд гоҳ беҳуш мешудаму гоҳ ба ҳуш меомадам.

Рафиқон маро ба деҳаи Тӯдаи Наск оварда, дар бистари бемори хобонданду Эшбойро ба асп бор карда ба Ромит ва аз Ромит ба Сталинобод бурданд.

Пагоҳ падару амакам назди Мавлавӣ рафта, аз номи ман тавба карда узр хостанд ва Мавлавӣ онҳоро тасалло дода, дору мефармояд. Баъди 40 рӯз каме шифо ёфта, банд дар гардан андохта, дар назди Мавлавӣ ба зону зада, ба зери пояш сар ниҳода тавба кардам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавлавӣ гуфт:

– Гуноҳи туро бахшидам, ту дар назди Аллоҳ тавба кун, ки ӯ бахшад, зеро ки ман ҳам махлуқаму ӯ Холиқ. Ман ҳар сол 5-10 маротиба ба зиёрати Мавлавӣ мерафтам. 30 сол аз ин воқеа гузашта бошад ҳам, то ҳол аз дунбаам хун рафта азобам медиҳад. Бобои Сайфулло нақлашро тамом карда, даст ба киса бурду рӯймолчаашро бароварда, оби чашмонашро пок карда илова намуда гуфт:

– Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, чӣ қадар нодонӣ дар ҷавонӣ, ба ҳурмати рӯҳи поки Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (саллаллоҳу ъалайҳи вассаллам) ва рӯҳи Ҳазрати Мавлавӣ гуноҳони мани бадбахтро авф намоӣ, гӯён даст ба рӯй кашид. Мо ҳам аҳли маҳфил омин гуфта даст ба рӯй кашида аз ҷоямон хестем.

5

Чекисти кӯҳансол бобои Ҷалмат ёдоварӣ карда мегӯяд:

– Овозаю шӯҳрати Мавлавиро чекистон фаҳмида, то ба шаҳри Москва хабарро бурда мерасонанд. Баҳори соли 1934 бо супориши махсуси Москва сардори гарнизони таъйиноти махсуси дар шаҳри Сталинобод буда Абдулло Валишев[1] вазифадор карда мешавад, ки ҳамроҳи бист нафар сарбозони махсуси савораи мусаллаҳ ва ду нафар олимони соҳаи шарқшиносӣ, ба ноҳияҳои Янгибозору Ромит рафта дараҷаи илму маърифатнокии мардум, хусусан Мавлавиро санҷида, аз байнашон бою мулло, яъне «душманони халқ»-ро ҷудо намуда, ба ҳабс гиранд ва ба бадарға фиристонанд. Аз ҳисоби кормандони ҳукуматию партиявии ноҳияҳои Янгибозору Ромит чор нафар ба ин гурӯҳ дохил гардида, роҳи деҳаҳои Лошхарфу Сурхиёнро пеш гирифтанд.

Мувофиқи маслиҳати пешакӣ бою муллоҳои аз деҳаҳо ба даст афтодаро бояд дар масҷиди ҷамоати Лошхарф ҷамъ намуда, саволу ҷавоб, яъне имтиҳон гирифта,

---

*1 Валишев Абдулло Негманович «Чекистское были» Душанбе. Ирфон, 1988 стр 110-114.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«душманони халқ»-ро ба дастҳояшон қулф зада ба бадарға мефиристоданд.

Бою мулло ва шахсоне, ки ҳуруфоти арабиро хонда метавонистанд ва ё дар хонаашон китоби арабӣ ё форсӣ, аз он ҷумла ашъори Хоҷа Ҳофизу Саъдӣ ё Бедилро нигоҳ медоштанд ва ё дар хонаашон зиёда аз даҳ сар гӯсфанду се гов буд, бою мулло, яъне «душмани халқ» эълон карда мешуданд.

Дар қатори бою муллоҳо Муллоёри бегуноҳи Лошхарфӣ низ буд, ки баъди даҳ соли бадарғагӣ аз хунукии биёбонҳои беканори Қазоқистон ба бемориҳои гуногун мубтало шуда, пои пиёда худаш танҳо ба ватан баргашта, то зодгоҳаш нарасида, дар роҳ дуртар аз Лошхарф, яъне дар деҳаи Меҳнатобод (Қурқишлоқ) ҷамоати ҳозираи Кофарниҳон вафот мекунад. Он боқимондагони дар масҷиди Лошхарф ҷамъшуда бо зану тифлакони ноболиғи худ, аз хунукӣ ва азоби маҳбусӣ дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳанд.

Ин гунаҳкорони бегуноҳ, ки дар даруни масҷид ба монанди мурғони қафас ва ё гурӯҳи паррандагоне, ки дар тӯри сайёд афтанду ҳар яке ба чор тараф парида барои халосии ҷон ҷадал мекарданд, вале ҳайҳот аз дасти ин сайёди аҷал раҳо ёфтан коре буд басо мушкил.

Аз ноилоҷӣ барои тасаллои дили худ ба ҳамдигар машварат карда мегуфтанд.

Кошкӣ, Мавлавиро низ аз Сурхиён биёранду аз шарофати ӯ мо каме бошад ҳам осоиш ёбем. Ҳамин тавр ҳам шуд Абдулло Валишев ба номи Мавлавӣ бо ҳуруфоти арабӣ мактубе навишта, талаб кард, ки дар баробари расидани ин нома, Шумо дар масҷиди деҳаи Лошхарф ҳозир шавед. Ду нафар сарбози савора бо ҳамроҳии раиси ҷамоат Мулло Азим роҳи Сурхиёнро пеш мегиранд. (Масофаи байни Сурхиёну Лошхарф 4 км мебошад). Дар роҳ Мулло Азим ҳашамату шӯҳрати Мавлавиро бори дигар ба ин сарбозон фаҳмонда медиҳад ва дар дили онҳо низ як ҳисси тараҳҳуме пайдо мешавад. Дар масофаи 1 км мондан ба деҳа аз аспҳо фаромада пойи пиёда ба хонаи Мавлавӣ наздик шуда, берун аз ҳавлӣ бо сари хам меистанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулло Азим раиси ҷамоат мактубро гирифта таъзимкунон ба назди Мавлавӣ медарояд. Малавӣ баъди мутолиаи мактуб хеста ғусл намуда, ду ракаат намоз мегузорад ва баъди адои намоз мегӯяд:

– Анҷоми сафарро тайёр кунед.

Овозаи омад-омади Абдулло Валишев ба ҳамаи деҳаҳои гирду атроф паҳн шуда буд. Хабари даъват намудани Мавлавиро ба Лошхарф пиру ҷавон, занону кӯдакони деҳаҳои Сурхиён, Тӯдаи Наск, Сафедор, Харсанг, Чашмаи Хунукак, Оби Нуқра, Дараи Ҳамза ва дигар деҳаҳо фаҳмида, нолону гирён ба деҳаи Сурхиён омада, аз дунболи Мавлавӣ роҳи Лошхарфро пеш мегиранд. Мавлавӣ ба онҳо мегӯяд:

– Ҳазорон ташаккур барои ихлосу эҳтироматон! Агар шумо маро ҳурмат кунед, аз қафои ман наоед, маро бо дуое гуселонед, марду зан, пиру ҷавон ашки чашмонашонро поккунон бо ҳасрат, аз ақиби Мавлавӣ менигаристанд. Мулло Азим ба аспи сафеди худ Мавлавиро савор карда худаш ҷилави аспро гирифта пеш-пеш мерафт.

Абдулло Валишев баъди хӯроки нисфирӯзӣ дар яке аз ҳуҷраҳои масҷид, дар болои кӯрпача дароз кашида, хобаш мебарад ва муҳофизатгаронаш дар чор тарафи масҷид ӯро ва маҳбусони бегуноҳро посбонӣ менамуданд. Ногоҳ хоби даҳшатноке мебинаду доду фарёдкунон аз ҷояш ҷаҳида ба берун мебарояд. Якбора бист-бисту панҷ нафар сарбози безобиташуда ба тарафи сардори дар обу арақ ғӯтидаашон меоянд. Ӯ хаёлаш парешон тез-тез нафас мегирифт, каме сарашро ба пеш афканда таваққуф намуда аз ҷояш ҷаста хеста, бо ишора ду сарбозро ҳамроҳ гирифта, дигарҳоро амр кард, ки дар ҷояшон истода масҷидро посбонӣ намоянд.

Сардор пои пиёда роҳи деҳаи Сурхиёнро пеш гирифт. Сарбозон аз ин рафтори командир (қумандон) дар ҳайрат буданд. Қариб як километр дуртар аз деҳаи Лошхарф дар Дашти Мазор Абдулло Валишев Мавлавиро пешвоз мегирад ва, ҷилави аспро аз дасти раиси ҷамоат Мулло Азим гирифта бо Мавлавӣ вохӯрӣ намуда, бахшиш мепурсад ва фармон медиҳад, ки моро танҳо гузоред. Қисми сарбозон аз пеш, қисми дигаре аз ақиб, ҳардуро танҳо мегузоранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сарбозон ҳарчанд ба қумондон мегуфтанд, ки ба асп савор шавад, аммо ӯ савор намешуд. Аз Дашти Мазор то масҷиди деҳаи Лошхарф ҳар ду сӯҳбат намуда, вориди ҳамон ҳуҷрае шуданд, ки хоб дида буд. Мулло Азим тез дастурхону таъом тайёр карда, ба назди Абдуллою Мавлавӣ мегузорад.

Абдулло ҳамроҳи худ ду нафар одамони донишмандро аз Сталинобод оварда буд, ки яке рус буду дигаре тотор онҳоро ба ҳуҷра даъват карда, дарро маҳкам намуда, супориш медиҳад, ки то ман худам иҷозат надиҳам, касе вориди ҳуҷра нашавад.

Сӯҳбат панҷ соат давом мекунад, касе аз ин машварат чизеро ҳис намекунад, фақат дар вақти гусел кардани Мавлавӣ дар ҳузури сарбозону кормандони ҳукуматие, ки аз ноҳияҳои Янгибозору Ромит омада буданд, сардор Абдулло Валишев бо овози баланд хитоб карда мегӯяд:

– Рафиқон! Дар бораи Мавлавӣ бесабаб овозаҳои гуногун паҳн намуда будаанд ва то Москав рафта расид. Мо бо супориши махсуси Москав бо ин ду нафар доктори илмҳои шарқшиносӣ дараҷаи илму дониши ӯро санҷидем ва ҳар сеямон ба хулосае омадем, ки ӯ на бой ҳасту на душмани халқ. Ӯ чун чароғи равшанест, ки торикии ин кӯҳистонро равшан мекунад. Ӯ соҳиби унвони доктори илмҳои фалсафа, риёзиёт, нуҷум, (астрономия) ва тиб буда, барои халқ на душман, балки ҳамчун обу ҳаво лозим аст.

Ҳуҷҷатҳоеро, ки дар он чор мӯҳри хатти иршодӣ, аз чор шаҳри калони дунё Бомбай, Деҳлӣ, Кашмир ва Кобул пахш карда шуда буд, нишон дода мегӯяд:

– Мана ин ҳуҷҷат шаҳодати унвони доктори чор фан будани Мавлавӣ мебошад! Бо чашми худ бинед ва тасдиқ намоед!

Аз имрӯз эътиборан дигар касе Мавлавиро таъқиб намекунад, мо аз ҳисоби кормандони НКВД-и ноҳияи Ромит ба ӯ муҳофиз таъин менамоем ва аз ҳисоби давлат маоши ҳармоҳа таъин хоҳем кард.

Шоҳид ва иштирокчии ин воқеа корманди собиқ НКВД-и ноҳияи Ромит, сокини имрӯзаи деҳаи Ҷомирии Боло ноҳияи Кофарниҳон бобои Ҷалмат мебошад, ки мегӯяд, дар ҳақиқат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Абдулло Валишев дар як асп нафақа, аз қабили либос, собун, чой ва қанди похса бор карда, ба воситаи ду сарбоз барои Мавлавӣ ба Сурхиён равон кард, ки ин кор ҳар моҳе як маротиба такрор мешуду ман он ду сарбозро аз Ромит то деҳаи Сурхиён гусел мекардам. Дигар касе Мавлавиро то охири умр таъқиб намекунад.

Он ҳуҷҷате, ки олими бузурги соҳаи чор фан будани Мавлавиро тасдиқ мекунад, то имрӯз дар хонаи писараш Махсуми Абдулҳақ дар деҳаи Даштибеди Калон нигоҳ дошта мешавад.

6

Дар тамоми хоки Бухорои Шарқӣ сохти нав – Шӯравӣ, колхозҳо ташкил карда шуда буд ва деҳаи Сурхиён ба колхози «Пешқадам» дохил мешуд. Раиси колхоз Тошев Ниёз тирамоҳ ва авали баҳори соли 1933 фармон медиҳад, ки сар то сари деҳаи Сурхиёнро шудгор карда, гандуму зағер коранд. Ин хабарро Мавлавӣ фаҳмида, раисро се маротиба даъват карда мегӯяд:

– Раис, шумо дар ҳаққи мардуми ин деҳа ҷабр накунед, зеро ки ман фаҳмидам, шумо фармон додед, ки заминҳои даруни деҳаро шудгор карда, ғалла кишт кунанд. Оё шумо медонед, ки ин деҳа дар болои товасанг истодааст ва панҷоҳ фоизи хоки онро қуми сурх ташкил мекунад, баробари шудгор кардан, агар сол сербориш ояд, вой бар ҳоли мардуми ин деҳа.

Раис каме фикр карда гуфт:

– Ҳазратам, давлат ба ман плани ғалла бастааст, ин замин пору ҳам дорад, ҳосили хуб медиҳад, мо фарзандони содиқи партия ва номи колхоз ҳам «Пешқадам» бояд пешқадамиро аз даст надиҳем.

Ҳамин тавр, Мавлавӣ се маротиба раисро даъват карда суханони дар боло зикркардаашро такрор мекунад.

Мавлавӣ мебинад, ки раис аз қавлаш намегардад, ба ӯ бори охир муроҷиат намуда мегӯяд:

– Мо, олимон қарзи худро адо кардем, агар шумо нафаҳмед, сухани моро Худованд ба шумо мефаҳмонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сар то сари деҳа пурра кишт карда ғалла корида мешавад, моҳи март ва аввали апрели соли 1934 чунон сербориш омад, ки шабу рӯз борон меборид, гӯё бо сатил аз осмон об мерехта бошанд. Се рӯз ҳаво соф карда буду баъзе дарахтони бодому шафтолую зардолу гул карда буданд. Акнун теппаҳои офтобрӯя, ҷомаи сабз ба бар ва мурғони баҳорӣ нағмасарой мекарданд. Субҳе зану марди деҳа тарсону ҳаросон ба назди Мавлавӣ рафта аз аҷоиботи дидаашон ҳикоят карданд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки аз даруни хонаамон ногаҳон хок тӯп зада мебарояд, дигаре мегуфт, ки аз ҳавлии ман чашма баромадааст, ду кампири дигар овоза карданд, ки дунё ба охир мерасад, аз зери замин Аҷуҷу Яъҷуҷ мебарояд ва ҳамаро мехӯрад. Ин воҳима сар то сари деҳаро фаро гирифт. Аҳли деҳа гирёну ларзон ҳама ба назди Мавлавӣ меоянд ва аз ҳодиса ӯро огоҳ менамоянд. Малавӣ раисро даъват намуда мегӯяд:

– Рафиқ раис, ман Шуморо огоҳ карда будам, боз Шумо ба мардум гуфтед, ки мумкин дунё ба охир расаду Аҷуҷу Яъҷуҷ барояд. Шумо ихлосманди ҳизби коммунист ҳастед. Ана дидед, оқибати якравии Шумо чӣ шуд.

Раис дар назди Мавлавӣ ба зону нишаста тавба мекунад ва Мавлавӣ ба раис мегӯяд:

– Шумо бояд дар назди Худо тавба кунед, чунки ман низ махлуқи ӯям. Барои мардумро аз ин таҳлука ором намудан Мавлавӣ мегӯяд:

– Мардум, огоҳ бошед, дунё ба охир намерасад, Аҷуҷу Яъҷуҷ ҳам намебарояд, лекин ин деҳа пурра кӯчида ба дарёча ҳамроҳ шуда несту нобуд мешавад. Аз ҳозир сар карда кӯчатонро ба пуррагӣ ҷамъ карда ба ду тарафи росту чапи деҳа ба тарафи деҳаи Тӯдаи Наск ва Лошхарф равед. Одамонро равон кунед, ки аз болои деҳа хабар гиранд. Ду нафар баъди ним соат хабар меоранд, ки деҳа ба миқдори як метр шикаста паст шудааст. Касоне, ки ба гуфтаҳои Мавлавӣ бовар карда буданду тез амри ӯро иҷро карданд, худашону молу амволашон зарар надид. Касоне, ки кам бовар доштанд, фақат ҷонашонро халос карданду молу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

амвол ва чорвояшон, бо боғоту дарахт, хонаю оғил кӯчида, оҳиста-оҳиста ба дарёча ҳамроҳ шуда несту нобуд гардид.

Дар он мавзеъи деҳа, ки кӯчи Мавлавиро бурда буданд, он ҷо накӯчид ва ҳоло он мавзе оромгоҳи Мавлавӣ мебошад. Баъди ин ҳодиса мардуми ҳамсояи Дараи Ҳамза кӯчи Мавлавиро ба деҳаашон мебаранд.

Аз деҳаи Сурхиёни куҳан асаре намонд, масҷиду мадраса, боғоту киштзор фано шуда, кӯчида ба дарё рафта буд. Ба ҷои хоки деҳа аз кӯҳи баланд хоки нав омада деҳаро пурра пӯшонд, ки гӯё ҳодисае рӯй надода бошад. Баъди се-чор сол, мардум аз нав Сурхиёнро obод карданду барои Мавлавӣ хона сохтанд. Сурхиён дубора обод шуд.

Ниҳоят, дар синни 82-солагӣ, яъне соли 1939 дар Сурхиён олими бузурги соҳаи «Ҷамъ-ул-улум» Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ бо тахаллуси эҳтиромии Домуллои Сурхиён дунёи фониро падруд гуфт.

Аз осори Мавлавӣ китобе бо номи «Ҷузъгир»-оиди илмҳои гуногун, аҷоиботу ғароиботи дунё баҳс мекунад ва порчаҳои алоҳидаи парокандаи «Маснавиҳои ирфонӣ» ва китобчаи дастнавис оиди илми тиб (ташхисшиносӣ) боқӣ мондаасту халос.

Ҳодисаҳои солҳои 1929-1939-ро таърих гувоҳӣ медиҳад, ки ҷанги беамон бар зидди илму маърифати исломӣ эълон шуда буд, бисёре аз осори Мавлавӣ, ки ба тариқи дастнавис буд, дар зери сангу калф, ғору чоҳҳо нест шуда, то ба мо нарасид, зеро дар ин давра на чопхона буду на китобхона. То имрӯз пораҳои китобҳои илмию бадеии Мавлавиро аз деҳаи Лошхарф, Сурхиён ёфтан мумкин аст. Зиёда аз ҳазорҳо китобҳо дар зери калфҳо монданд, ки чорвою ҳашаротҳо онҳоро хӯрда несту нобуд карданд. Дар деҳаи Лошхарф, дар чоҳи Муллоёр зиёда аз панҷ ҳазор китобро пинҳон карданд, ки дар натиҷа ба чоҳ об даромада, ин китобҳои нодир ба хокистар мубаддал гаштааст ва дар қатори ин китобҳо дастхатҳои зиёди илмию бадеии Мавлавӣ низ буд. Шоҳидону нигоҳдорандагони ин китобҳо бобои Абдусамад, бобои Раҷаб, мулло Солеҳи Лошхарфӣ, Шеров Гулбой, Сафаров Ассо, бобои Саъдуллои Дараи Ҳамзагӣ ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардуми деҳаҳои Лошхарфу Дараи Ҳамза, Сурхиёну Тӯдаи Наск, ки дар қайди ҳаётанд, шаҳодат дода, то ҳол бо ҳасрат чунин ҳодисаи шумро ёдоварӣ мекунанд.

Дар айни ҳол зиёда аз ҳазор нусха китобҳои илмию дарсӣ ва бадеии Мавлавӣ, ки аз Ҳиндустону Афғонистон оварда буд, дар сандуқҳои махсус дар хонаи Махсуми Сироҷиддин, Махсуми Абдулҳафиз, Махсуми Абдумалик, Махсуми Неъматулло дар деҳаи Даштибеди Калон ва дар хонаи писари хурдияш, Махсуми Даҳмарда, наберагонаш Махсуми Сангинмуроду Суннатулло, Муҳаммадсаиду Раҷабалӣ, Мулло Алимардон, муаллифи ин сатрҳо Муҳаммадрасули Иброҳимзода ва ҳуруфчини ин китоб (абераи Мавлавӣ) Саидакбари Сиддиқзод мавҷуд мебошанд.

Ҳарчанд Мавлавиро аз ватан ба ҷое набурда бошанд ҳам, осори гаронбаҳои ӯро бурданд, несту нобуд карданд, дар зери сангу даруни чоҳҳо пӯсонида фано карданд.

Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ бо тахаллуси эҳтиромии Домуллои Сурхиён, офтоби паси абрҳоро мемонд, ки бо ҳама илму маърифати андӯхтааш ба олами тираниҳод нурафшонӣ карда наметавонист.

*Рӯзе, ки расидаем дар хонаи умр,*
*Бигзашт зи мо чу хоб афсонаи умр.*
*Хӯрдам бари худ чу шамъу хуни ҷигарам.*
*Пур шуд чу хуми шароб паймонаи умр.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БИСМИЛЛОҲИР РАҲМОНИР РАҲИМ

## ЧАҲОР ШОХАИ СӮФИЯ

1. Хуфия – сарвараш Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳум...)
2. Ҷаҳрия – сарвараш Ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳум)
3. Ишқия – сарвараш Ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳум)
4. Кибрия – сарвараш Ҳазрати Алӣ (кароматуллоҳу ваҷҳаҳу)

Мақбул як, мақбули як мақсад.
Ҳосили кори ин ҷумла ба сӯи Худост.

### Нур – ул – қулуб-ул Орифин (Пирони кубор) Қутбҳо

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

Бидон, эй толиби содиқ, ки он чи афзоӣ карда бошад бар садри машрӯъ, аз баҳри асрор афзо намуда...

1. Ба Ҳазрати Сиддиқи Акбар (разияллоҳу анҳум)
2. Ва аз эшон бар Ҳазрати Саломони Форс (разияллоҳу анҳум)
3. Ва аз эшон бар Ҳазрати Қосим ибни Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳум)
4. Ва аз эшон бар Ҳазрати Имоми Ҷаъфари Содиқ (разияллоҳу анҳум)
5. Ва аз эшон бар Ҳазрати Султон Боязиди Бастомӣ (разияллоҳу анҳум)
6. Ва аз эшон бар Ҳазрати Шайх Абуҳасани Харақонӣ (разияллоҳу анҳум)



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

7. Ва аз эшон бар Ҳазрати Шайх Абдулқосими Гургонӣ (разияаллоҳу анҳум)
8. Ва аз эшон бар Ҳазрати Абӯ Алии Форобӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
9. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
10. Ва аз эшон бар Ҳазрати Абдулхолиқи Ғиждувонӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
11. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Ориф (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
12. Ва аз эшон бар Ҳазрати Маҳмуди Анҷирфағновӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
13. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Алии Ромитанӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
14. Ва аз эшон бар Ҳазрати Муҳаммад Бобои Самосӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
15. Ва аз эшон бар Ҳазрати Сайид Амири Кулол (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
16. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷаи Бузург, Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанд Мақсуд бинни Ал-Бухорой (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
17. Ва аз эшон бар Ҳазрати Убайдуллоҳи Аттор (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
18. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Мавлоно Яъқуби Чархӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
19. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Аҳрори Косонӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
20. Ва аз эшон бар Ҳазрати Мавлоно Зоҳид (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
21. Ва аз эшон бар Ҳазрати Мавлоно Дарвеш (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
22. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Имконагӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
23. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Имом Боқири Билол (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
24. Ва аз эшон бар Ҳазрати Имом Раббонии Сиистонӣ Мавлоно Аҳмади Форуқии Сарҳиндӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

25. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Сайид (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
26. Ва аз эшон бар Ҳазрати Абдулаҳад (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
27. Ва аз эшон бар Ҳазрати Мавлоно Обид (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
28. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Мусохон (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
29. Ва аз эшон бар Ҳазрати Халифа Муҳаммад Сиддиқ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
30. Ва аз эшон бар Ҳазрати Халифа Муҳаммад Ҳусейн (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
31. Ва аз эшон бар Ҳазрати Халифа Абдусаттори Махдум (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
32. Ва аз эшон бар он ғаввоси баҳри маърифат, дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат Ҳазрати Муҳаммадсолеҳ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
33. Ва аз эшон бар ҷаноби мустатоби моҳлиқои вилоят маъоби қадаси соликин «Имдод-ул-Комилин», «Зуб-дул-Восилин», «Ал-Мутамасскин», «Асвот-ул-Воситин», султони тариқат ва бурҳони аҳли ҳақиқат Ҳазрати Мулло Худойбердӣ Расул ибни Абдурасул (қадаҳ-сав-сират-ул-таъоло) афтод, ки хусусан ба муҷarради иноятӣ ба ҳиммати коре сарфарозӣ бахшиданд.

Ба ин фақир низ фазоили боби камолот китоби Домулло Муҳаммадсолеҳи Сурхиён ба ҷиҳати он ки зуҳур шуд ва иршод «Явман-фи-явмо» дар тазоифи тазоид аст, бинобар он «Муми Аллоҳ»-ро оҷили таълими зикри тариқат дод. Бояд ки «Муми Аллоҳ»-ро мазкури толибонро таълим карда ва тариқат намоянд.

Бештари истиқомат дар суннати Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам)

Ин ҳуҷҷат 32-юмин пири комили тариқати Хуфия (нақшбандия) будани Ҳазрати Мавлавиро тасдиқ мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



«Қулуб-ул-орифин» хати иршоде, ки 32-умин пири комили тариқи Хуфия (нақшбандия) будани Мавлавиро тасдиқ мекунад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ФАРЗАНДОНУ НАБЕРАГОНИ МАВЛАВӢ ВА ШАРҲЕ АЗ ЗИНДАГИИ ЭШОН

Ба Мавлавӣ Худованд аз 3 зан 6 писару 4 духтарро лоиқ дид.

Аз Хонимҷон 2 писару 2 духтар таваллуд шуд.

Чуноне ки дар боло ба хонандагони азиз маълум шуда буд, эшони махсуми Аслам соли 1898 дар шаҳри Кобул таваллуд шуда, то синни 9-10-солагӣ дар ҳамон ҷо «Қуръон»-ро ҳифз намуда, баъд хонданро дар назди падар давом дода, яке аз донишмандони аҳкоми дин, таъриху адабиёти тоҷику форсу араб ва соҳаи илми тиб ба шумор мерафт.



Эшони махсуми Аслам

Ӯ соли 1988 дар синни 90-солагӣ дар деҳаи Даштибеди Калон аз дунё гузашт ва оромгоҳаш дар бари модари ғарибаш ҷой гирифтааст. Ба ӯ Худованд 3 писар ва 3 духтарро насиб гардонд.

Махсуми Искандар, махсуми Амонулло дар ҷавонӣ аз олам даргузаштанд ва писари хурдӣ махсуми Сироҷиддин ки аз илми падар низ баҳра бурдааст.

Бибисалима соли 1908 дар деҳаи Сурхиён ба дунё омада ва соли 1936 дар синни 28 - солагӣ ӯро ҳамроҳи шавҳараш Муллоҳокими Сариварозӣ ваду писарчаи ноболиғаш, бинобар келини бой буданаш, ба Қафқоз бадарға карданд. Тақдираш чун дигарон, дар даштҳои хунук, аз гуруснагию хорию зорӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва азоби сахт бо ду тифли бегунoҳ, ки «Душмани халқ» ном мебурданд, ҷон ба сахтӣ доданд. Модари ғарибаш дар ғами ин духтару неберагон оҷиз шуда буд.

Эшони Махсуми Абдулҳақ соли 1910 дар деҳаи Сурхиён ба дунё омад. Ӯ таълиму тарбияро дар назди шогирди падар Домулло Ташриф ва баъд дар назди падар мегирад ва яке аз донишмандони бузурги соҳаҳои гуногуни илму дин буд. Вай дар байни мардум ва аҳли илм обрӯи ниҳоят калон дошт ва соли 1998 дар синни 88-солагӣ, дар деҳаи Даштибеди Калон дунёи фониро падруд гуфт.


Махсуми Абдулҳақ

Аз ин шахси бузург панҷ духтару шаш писар ба олами ҳастӣ омад. Махсуми Абдулхайр, Абдулҳафиз, Абдулмалик, Абдулҳамид, Абдуалим ва Неъматулло, ки ҳамаашон аз илми падари бузургворашон баҳравар шудаанд.

Дар ҷамъ кардани мавод оид ба ҳаёту фаъолияти Мавлавӣ Махсуми Абдулҳафиз, Абдулмалик, Неъматулло ва Сироҷиддин ёрӣ расондаанд, ки изҳори миннатдорӣ мекунем.

Бибимуслима соли 1913 ба дунё омада, тарбияи падару модарро гирифта ва ба яке аз олимони бузург, шогирди падараш Домулло Ташриф (алайҳираҳма) ба шавҳар баромад. Ҳоло дар қайди ҳаёт буда, дар синни мубораки 89-солагӣ дар деҳаи Қамчини ҷамоати Қиблаӣ умр ба сар мебарад.

Аз Бибимуслима панҷ духтару се нафар писарони донишманд таваллуд шуд. Махсуми Ҳоҷӣ Сангинмурод ва Ҳоҷӣ Суннатулло таълимро дар назди падари бузургворашон гирифта, минбаъд таълимро дар назди олимону донишмандони бузург давом дода, соҳиби илму маърифат гардидаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Махсуми Нусратулло дар синни камолот ба тавриф оҷиавӣ аз олам гузашт. Махсуми Ҳоҷӣ Сунатулло, ки ҳоло дар маҳаллаи Қаротегини шаҳри Душанбе истиқомат дорад, чорум маротиба зиёрати хонаи Қаъбаро ба ҷо овард ва фарзандонаш ҳам ҳофизи Қуръони маҷид мебошанд.

Аз Олима ду нафар писар ба олам арзи вуҷуд кардаанд.

Махсуми Файзиддин соли 1910 дар деҳаи Сурхиён таваллуд шуда, соли 1943 дар синни 33-солагӣ, ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ даъват шуда, ба доми аждаҳои ҷанг рафт ва то ба имрӯз аз ӯ хату хабаре нест. Танҳо нишонае аз падар тифлаки хурдсолаш Алимардон боқӣ монд. Ҳоло Махсуми Алимардон дар маҳаллаи Қаротегини шаҳри Душанбе умр ба сар бурда, яке аз олимони хуби аҳкоми шариат ба шумор меравад.

Махсуми Абдулазиз соли 1924 таваллуд шуда, маълумоти диниро баъди сари падар аз худ менамояд ва ӯ то оихир умр дар хизмати оромгоҳи падар, дар деҳаи Сурхиён буд. 23 - августи соли 1999 дар синни 75-солагӣ аз олам гузашт. Оромгоҳаш дар бари падари бузургвораш воқеъ гаштааст.

Аз Махсуми Абдулазиз 6 духтару 4 писар ба олам омад. Маҳмадёри толибилми ҷавонмарг дар синни 18-солагӣ дунёро падруд гуфт. Муҳаммадсаид, Муҳаммадӣ ва Раҷабалӣ аз илмҳои динӣ баҳра бурда, ҳоло дар хизмати оромгоҳи ҷадди Бузургвору падари марҳумашон, дар деҳаҳои Лошхарфу Сурхиён умр ба сар мебаранд. Писари хурдсолаш Махсуми Раҷабалӣ баъди сари падар ҳамроҳи зану се фарзанд имрӯз камари ҳиммат баста, дар хизмати оромгоҳи ҷадди Бузургвор, падари меҳрубон, бародари толибилм ва модаркалони марҳумашон истодааст.


Махсуми Абдулазиз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз завҷаи хурдӣ Саидмоҳ ба Мавлавӣ ду духтару ду писар насиб гардид.

Бибифазила соли 1917 дар деҳаи Сурхиён ба олам омада, таълимро дар назди падар мегирад ва яке аз табибони хуб мешавад. Ӯ зеҳни баланду хотираи қавӣ дошт, бисёре аз ҳаёту фаъолияти Мавлавӣ аз забони ӯ дар ин нома ёдоварӣ шудааст. Бибифазила 13 марти соли 1978 дар деҳаи Қирғизони ҷамоати Баҳор дунёи фониро падруд гуфт. Аз ӯ се писару се духтар ба олам омад. Як духтару як писараш Ширингулу Сайидаҳмад дар хурдӣ фавтиданд ва духтаронаш Буригулу Шарофат дар қайди ҳаётанд. Писари калониаш банда, муаллифи ин нома, Муҳаммадрасули Раҷаби Иброҳимзода соли 1951 дар деҳаи Даштибеди Калон таваллуд шуда, маълумоти ибтидоии диниро дар назди Ҳоҷӣ Сангинмурод писари холааш ва Мулло Тиллои Камонгаронӣ гирифта, соли 1977 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудаам. Баъд аз хатми Донишгоҳ дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ, сарвари мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ, нозири шӯъбаи маорифи ш. Ваҳдат, раиси Ассосиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шаҳру ноҳияи Ваҳдат ва котиби масъули Шӯрои васоят ва парастории назди Ҳукумати шаҳри Ваҳдат шуда кор кардам. Оиладорам, соҳиби панҷ писару се духтари нозанин ҳастам. Писари калониам Илҳомиддин муҳосиб аст. Писари дуюмам Икромиддин иқтисодчӣ мебошад. Духтаронам, Меҳрангез, Фирӯза ва Гулбарг ҳаёти мустақилона доранд. Фирдавс ба кори хоҷагӣ машғул буда, Фаридуну Манучеҳр дар мактаби миёна таҳсил доранд. Дар оянда ният дорам, ки ду китоби Ҳазрати Мавлавӣ «Панди авлиё» ва «Гулчин аз тибби Мавлавӣ»-ро ба чоп тайёр намоям. Иншоооллоҳ барои ин кори хайр аҷал амон диҳад. Писари хурдияш Дӯстмуроди Раҷаби Иброҳим, ҳоло сармуҳосиби хоҷагии «Баҳор»-и ноҳияи Кофарниҳон мебошад.

Махсуми Абдулқайюм соли 1920 таваллуд шуда, соли 1950 аз ҳаёт чашм мепӯшад.

Бибироҳила соли 1922 таваллуд шуда, дар айёми ҷавонӣ соли 1946 дунёи фониро тарк мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Махсуми Даҳмарда

Махсуми аз ҳама хурдӣ Абдулқуддус, бо тахаллуси Махсуми Даҳмарда соли 1924 дар деҳаи Сурхиён ба олами ҳастӣ қадам ниҳода, маълумоти ибтидоиро дар назди падари бузургаш Мавлавӣ мегирад. Лекин дар ин давра мушкилие ба сари Абдулқуддус 15-сола меафтад. Соли 1939 ягона ғамхору пушту паноҳи ин тифл, ҳазрати Мавлавӣ аз олам чашм мепӯшад.

Бибифазила, апааш, ки калон буд, ёдоварӣ карда, дар бораи додараш махсуми Абдулқуддус мегӯяд, ки ин тифл баробари аз модар таваллуд шудан, паҳлавонсурат буд. Мавлавӣ ӯро ниҳоят дӯст медошт ва аз муҳаббати зиёдаш ӯро даҳ мард мегуфт ва илова карда мегуфт, ки Абдулқуддус иншооллоҳ, ҳам бо қувваи ҷисмонӣ ва ҳам илмӣ бояд қуввати даҳ мардро дошта бошад.

Аз ҳамин сабаб Махсуми Абдулқуддус тахаллуси Махсуми Даҳмардаро гирифт. Вақте ки Мавлавӣ аз сар меравад, Абдулқуддуси 15-сола рӯзҳои дароз дар ҷои падар нишаста, дар болои лавҳи падар «Қуръон»-ро кушода, бо овози маҳини начандон баланд, он сабақе, ки аз падар гирифта буд, такрор андар такрор хонда мегирист, аз чашмонаш ашк ҷорӣ шуда, ба бари рӯяш мечакид ва рӯҳи падарро ба ёд оварда, ба даргоҳи Худованди мушкилкушо муноҷот намуда, илтиҷо мекард, ки ба ҳурмати рӯҳи падари бузургвораш, ӯро соҳиби илму маърифат намуда, ба мақсадҳои диниву дунявиаш бирасонад.

Парвардигори мушкилкушо мушкили ӯро осон кард, ҳам соҳиби илму маърифат, ҳам нуфузу обрӯяш дар байни мардум машҳур гашт.

Худи эшони Абдулқуддус нақл мекунад, ки баъди вафоти падар дар синни 16-солагӣ ҳамроҳи ҳамдеҳагон барои овардани ғалла ба воситаи ағбаи Мазори Хоҷаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хон ба Файзобод мерафтем, мардуми деҳаи Дуоба аз мо пурсиданд, ки меҳмонон аз куҷо меоед?

Гуфтем, ки аз Сурхиён.

Онҳо бо иззату эҳтироми самимӣ бо мо вохӯрӣ намуда мегуфтанд, ки шумо аз деҳаи Мавлавӣ будаед, зиёрати шумо корест савоб, зеро ки аз назди оромгоҳи он Ҳазрат гузаштаед ва таклифи хона намуданд.

Яке аз рафиқонам маро ба онҳо шиносониданӣ шуда гуфт. – Ана, ин писар фарзанди аз ҳама хурдии Мавлавӣ мебошад. Бори дигар мардум бо мо аз нав вохӯрӣ намуда, даст ба китфонам монда, маро тавоф карда дастонашон ба дидагонашон мемолиданд.

Баъди чанде як марди миёнасол кӯдаки тахминан якунимсолаеро бо ду дасташ бардошта, дар болои кӯрпача оварда, монд ба ман нишон дода гуфт:

– Тақсир, Шумо фарзанди Мавлавӣ ҳастед, «асои пир ба ҷои пир»-гуфтаанд. Ин тифли бемори маро даво фармоед. Назар ба он тифл кардам, дар баданаш гӯшт набуд, фақат пӯст буду устухон. Рагҳои хунгардаш кабуд гашта намоён буданд. Суробаш аз харобӣ ба одам монанд набуд. Дилам ваҳм кард, худ ба худ мегуфтам, худоё ба ҳурмати рӯҳи падари бузургворам, маро шармсор макун, табобатро намедонистам.

Ин лаҳза гӯё касе ба ман роҳбарӣ кард, ки чашм ба атроф давондам, болотар аз роҳ дар лаби ҷарӣ буттаи алафи деҳқонҷорӯбро дидам ва аз пеши худ гуфтам:

– Решаи ин алафро ҷӯшонида, рӯзе як қошуқ, се маротиба ба ин кӯдаки бемор хӯронед. Худо хоҳад, шифо меёбад.

Бо ҳамин хайрухуш намуда, роҳро давом додем. Дар роҳ худ ба худ мегуфтам, Худоё ба ҳурмати рӯҳи бузургвор худат ба он тифли бемор шифо бахш. Ҳам дардиҳандаю ҳам шифодиҳанда туӣ. Ман дору будани он гиёҳро аз ягон кас нашунидааму дар ягон китоб нахондаам.

Аз байн солҳо гузаштанд, боз дар деҳаи Дуоба барои коре меҳмон шудем. Он мардро Рофеъ мегуфтанд, омадани маро фаҳмида, маҷбуран ба меҳмонӣ даъват кард. Дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хонааш гӯсфандеро қурбон намуд ва мардуми зиёде ҷамъ омаданд. Писарбачаи зебою фарбеҳеро ба назди ман оварда нишон дода гуфтанд:

– Тақсир, ҳамон гиёҳеро, ки барои писари ман фармудед, баъди истеъмол ӯ дар муддати фармудаатон шифо ёфт. Ман аз рӯи он тавсияи Шумо кӯдаконеро, ки ба чунин бемории гирифторанд, нӯшонидани оби решаи он гиёҳро мефармоям, зуд шифо меёбанд.

Баъди ин воқеа дар дили ман нисбати илми тиб як меҳру муҳаббате пайдо шуду ин илмро омӯхтам. Дар ҳақиқат, дар китоби тиббии «Аҷоиб-ул-махлуқот» ва «Ал-Қонун»-и Абӯалӣ ибни Сино ва тибби Юсуфӣ дору будани он гиёҳ дар чанд бемориҳо зикр карда шудааст.

Ман ба хулосае омадам, ки Парвардигори мушкилкушо ба ҳурмати рӯҳи падари бузургворам Ҳазрати Мавлавӣ дар дили ман дору будани он гиёҳро огоҳ карда будааст.

Имрӯзҳо даҳҳо, садҳо беморону корафтодагон барои шифо ёфтан ба Эшони Махсуми Даҳмарда муроҷиат мекунанд ва Парвардигори мушкилкушо бо шарофати рӯҳи поки Мавлавӣ ба онҳо шифо ато мекунад ва мушкилашонро мекушояд.

Ба Махсуми Абдулқуддус Худованд чор духтару ду писарро насиб гардонид. Махсуми Ҳоҷӣ Саидакбар соли 1953 таваллуд шуда, маълумотро дар назди падар гирифта, ҳоло яке аз донандагони аҳкоми дин ва ҷонишини падар буда, дар тиб ҳам маълумоти хуб дорад.

Махсуми Таваккал соли 1962 таваллуд шуда, маълумоти диниро дар назди падар гирифт. Ӯ ҷавони паҳлавону ҷасуру ҷаҳонгарде буд, аз ӯҳдаи ҳар кор ва мушкилие, ки пеш меомад, бо осонӣ баромада метавонист. Вай фарзанди дӯстдори падар буд, ки дар охир аз ғами ҳиҷрони ӯ қалби падар заифу ҷигараш пора гашта, даҳҳо сол пештар падарро пир кард, мӯйи сиёҳаш сап-сафед гашт.

Таваккали дӯстдори падар соли 1998 дар вақти бозгашт аз шаҳри Маскав дар Ҷумҳурии Қазоқистон, ба таври фоҷиавӣ ба шаҳодат расид.

Эшони Махсуми Даҳмарда чун бародари калониаш Эшони Махсуми Аслам шахси ҳалиму хоксор, донандаи



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

қиссаҳои «Абӯмуслимнома», «Амирҳамзанома», «Амир Темурнома» буда, сӯҳбатро дар мавзӯъҳои таъриху адабиёт ва бузургони таърихию авлиёҳои динӣ дӯст дошта, донандаи ғазалҳои Мирзо Бедил, Хоҷа Ҳофиз, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва Мавлоно Ҷунунӣ мебошад.

Ӯ одами такаббуру шӯҳратпарастро дӯст намедорад, чунон хоксорест, ки агар беморе ё корафтодае меҳмонаш шавад, наберагон набошанд, худаш хизмат мекунад. Касе, ки дар сӯҳбаташ ду-се соат нишинад, дигар аз ин маҳфил дил канда наметавонад. Мехоҳад, ки соатҳо доири бузургон сухани ҷозибанокро аз забони ӯ бифаҳманд, лекин сад афсӯс, дарду ғами айём тез пираш кард.

Дар давоми солҳои 1996-1998 бародараш Эшони Махсуми Абдулҳақ, келинаш бо набераи 25-солааш Алиакбар, писари 36-солааш Таваккалҷон, набераи 17-солааш писари Таваккалҷон Фариддун, ки яке ба касали илоҳӣ, дигаре ба таври фоҷиавӣ ва модару писар аз тири нохалафе олами равшанро падруд гуфтанд.

Дар баробари ин қадар ҷабру ҷафои дунё ӯ рӯҳафтода нашуда, доимо дар хизмати мардум буда, шаб то ба субҳ дар қатори тоъату ибодат ба даргоҳи илоҳӣ, дар ҷустуҷӯи дорую даво ба дарде буда, аз китобҳои нодири аз қиблагоҳи бузургвораш Ҳазрати Мавлавӣ меросмондаи тиббӣ истифода мебарад.

*Зи панди Мавлавӣ гун бар гирифтам,*
*Ҷаҳони маънавӣ дигар гирифтам.*
*Ба сӯи марқадаш гаштам ба парвоз,*
*Зи рӯҳи пок болу пар гирифтамю.*

Муҳаммад Юсуф.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Харитаи сафари  Мавлавӣ ба Ҳаҷ (Дар ин нақша, ки бо дасти худи Мавлавӣ тартиб дода шудааст, аз як шаҳр то шаҳри дигар чандрӯза роҳ будан, роҳи биёбон, кӯҳсор, ҷангалзор ва чанд оби чоҳу чашма зикр карда шудааст ва аз манзил то Маккаю Мадина 132-рӯза роҳ буданро низ нишон додааст)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Харитаи сиёсии ҷаҳон аз нигоҳи Мавлавӣ,
ки ба толибилмон дар мадрасаҳои Кобулу
Сурхиён таълим медод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Дастхатҳо аз ашъори ирфонии Мавлавӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



Махсуми Ҳоҷӣ
Сангимурод



Махсуми Ҳоҷӣ
Сунатулло



Махсуми
Алимардон



Махсуми Ҳоҷӣ
Саидакбар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



Махсуми
Абдулҳафиз



Махсуми
Абдулҳамид



Махсуми
Абдулмалик



Махсуми
Неъматулло



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Махсуми
Абдулхайр



Муҳаммадрасули
Раҷаби Иброҳимзода



Махсуми
Сироҷиддин



Махсуми
Искандар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Исматулло Ташрифзода
(Имомхатиб)



Зафари
Ташрифзада



Махсуми
Абдуалим



Икромиддини
Муҳаммадрасул



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПОРЧАҲО АЗ ДАСТХАТҲОИ ТИББИИ МАВЛАВӢ

*Зинҳор аз ин замонаи шӯрангез,*
*Бархезу ба ҳар ҷо, ки тавонӣ бигрез.*
*Гар пойи гурехтан надорӣ, боист,*
*Дасте зану дар домани узлат овез.*

### Дар илоҷи девонагӣ

*Дар вартаи девонагӣ он кас, ки фитод,*
*Аввал бояд мабҳили савдояш дод.*
*В-он гаҳ зи меъда лот бояд додан,*
*Чизе ки барад ғам зи дилу созад шод.*

Мафруха борад, мизоҷро амсоли уд ва амбар аст ва карами мизоҷро хазоири сандал ва кофур аст, ҳам дар илоҷ чунин:

*Ҳар тан, ки аз ӯ ба дидаи ақл намуд,*
*Осору аломаташ чунин бояд буд.*
*Чун дар бадани ту хилти савдо афзуд,*
*Девонагӣ аз он сабаб рӯй намуд.*
*Бояд ки мудовимат кунӣ бар рухи лаъл,*
*К-аз вай равад ин мариз чун аз оташи дуд.*

### Дар баёни саръ (припадка)

Саръ ду навъ аст, яке бодӣ ва дигаре хунӣ. Хунӣ он бошад, ки фасоди қофил кунад ва агар бодӣ бошад, устухоне, ки дар саргини гург бошад гирифта, вақте ки Қамар дар бурҷи Аторуд бошад, ба гардани масрӯъ (бемор) овезанд, шифо ёбад.

***Навъи дигари давои таҷрибавӣ ин аст.***

Устухонро бо шири гов ҷӯшонида, дили наҳор хӯрад, шифо меёбад ва аз он ҳар рӯз се қатра ба бинии масрӯъ чаконанд, такрор ба 12 рӯз шифо ёбад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***Навъи дигари даво***

Заҳраи гургро хушк карда, ба бинии бемор афшонанд, дар вақти гирифтори авҷи касал ҳамон замон аз бемори наҷот ёбад.

***Давои навъи дигар аз барои масрӯъ***

Касалии саръро мардуми ҳинду дар Ҳиндустон анвор гӯянд. Анвор ду навъ аст, яке хунӣ ва дигаре бодӣ. Агар аз хун аст ӯро аз раги қифол бикшоянд (яъне аз он раги қифол ба миқдори муайян хун гиранд) ва агар аз бод аст, онро давое кунанд.

Шахси анвор дафъатан беҳуш шавад ва аз даҳони ӯ кафк зоҳир шавад ва дафъи анвор ин аст.

Биринҷи бинол ва бавли (пешоб) фил, бавли шутур ва бавли говро баробар ҳамроҳ карда силоя сохта ба вақти анвор (хуруҷи бемории) омадан се қатра дар бинӣ чаконанд, миёна чанд рӯз воқеъ шавад аз иллат халос шавад ва аз равғани кунҷит, турушиҳо, гӯшт парҳез кунад. Дар вақти дору хӯрдан назди чоҳ, ҳавз ва оташ наравад, иншооллоҳ шифо ёбад.

***Навъи дигари даво***

Барои он ҷома (изор)-и хунолудеро, ки занон дар вақти ҳайз бо худ мегиранд, ҳар вақте ки анвор (бемории) пайдо мешавад, он ҷомаи хунолудро сӯзонда ва дуди онро дар бинии саръ расонанд, бо карами Худо шифо ёбад, ки ин таҷриба бисёр озмуда шудааст.

***Дар баёни амрози чашм***

Бояд донист, ки чашм мураккаб аст, аз 73 рутбот ва тартибе, ки теъдод карда мешавад аз ҷонибе, ки омоси ҳавост, табақаи милтаӣ, табақаи карима, табақаи айния ва табақаи рутубат, байзаи табқия, анкабутия, рутубати ҷалидия, рутубати риҷоҷия, табақаи шибкия, машмия, табақаи ҳулбия ва ғайра. Бардик донаест, ки дар даруни пилк ба мавзеи мижа рӯяд...

*Эй чашми ту мубталои ташвиш борад,*
*Тадбири ту наздикӣ ба тадбири хирад.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Сагпанҷаву ҳумияту вошиқ бо сирко,*
*Бар дида агар ниҳӣ, пардаро бардорад.*

Тухми тозаи хардалро бо қаламфури гардан (ҳиндӣ) бикӯбанд ва аз ӯ усора тайёр карда хушк намоянд ва онро куфта чун сурма ба чашм кашанд, маризҳои обравӣ, хориш ва хирагии чашмро иншооллоҳ шифо аст.

Навъи дигари даво

Баҳри хирагии чашм оби пиёзро бо ангубин даромехта, дар мӯҳлати 12 рӯз, рӯзе 1 – 2 маротиба ба чашм чаконанд, нофеъ аст. Сурма ва дудаи санавбарро низ ба чашм кашанд, чунин хосиятро дорост...

### *Илоҷи касе, ки ӯро заҳр дода бошанд*

Захр се навъ бувад: маъданӣ, наботӣ ва ҳайвонӣ.

Маъданӣ чун симоб, сим, сомут, алфор ба мурдори санг, зангор, зок, оҳак ва ғ.

Наботӣ чун бешӣ, турбати сиёҳ, билодур, банги девона, афюн ва ҳар бузак ва тадпезод.

Ҳайвонӣ чун зароҷӣ, заҳри мори афъӣ, заҳраю мӯйлаби паланг, дар шакли бузики ғунда дар наистон бувад, возиғи сурх дар дарё бошад.

***Даво***

*Чун кунад даст диҳад зи шурби Самут Ҳолӣ*[1]
*К-аз ранҷ шави барӣ ва аз ғам холӣ.*
*Аз баҳри халосият наздики Ҳаким,*
*Кофӣ бувад аз Махлолӣ*[2] *мисолӣ.*

Шурби ошомидан ба сим заҳрест қотил.

Маҳсила – тухмест монанд ба тухми кашниз ва тариқи ихтиёр карданаш он аст, ки як мисқол аз рӯи ним куб сохта дар ним пиёла об ҷӯшонида то ба ним ояд соф кунонанд, ба 10 мисқол қанди сафед ширин карда, 2 дирҳам равғани зайтун ва ё равғани гов изофа намоянд ва як грамм биошоманд ва ғизо агар бо шири гов кунанд ва хӯранд, иншооллоҳ нофеъ бошад.

---

[1] *шурби Самут Ҳолӣ - нӯшидани захри маъдан.*
[2] *Махлоли - даво ва моддаи омехта - асал бо шир.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***Давои дигар***

Баробари хӯрдани захр ба тезӣ бозувони дасту пойи маризро сахт бубананд, дар аввал бо дӯғ ё зардоби шир меъдаро шӯянд ва тиллои холисро дар оби шир махлул карда бо оби пойтобаи аз пашми уштур ва ё бузу гӯсфанд бофташуда, ки зиёда аз як сол да пой истифода бурда шуда бошад, нӯшонанд. Давоест хуб, агарчи захр ба ҷигару захра таъсири аз ҳад зиёде надода бошад...

### ***Дар баёни зиқ-ул-нафас***

Дар Ҳиндустон зиқ-ул-нафасро беш аз ҳама дар Бомбай ва Калкутта даво мекунанд, зеро варзиши боди баҳр (уқёнус) ба ин мариз давоест хуб. Ин мариз дар боду ҳавои гарму сард хурӯҷ карда, дар боду ҳавои мӯътадил ба нестӣ мерасад.

Ҷам-ҷам (илоҷи даво) чизест, ки ба монанди шақоқул марӣ, аммо ӯро бисӯзанд ё гардонида ба миқдори як мисқол дар 20 шабонарӯз 3 маротиба истеъмол намоянд, иншооллоҳ шифо меёбад.

Илоҷи дигари даво испандро об кашида 3 рӯз сабоҳ дар дили наҳор бихӯранд, беҳ шаванд ва аз касалиҳои рӯда ва шуш ва ҷигар шифо ёбанд.

***Илоҷи дигари даво (таҷрибавӣ)***

Рӯзе дар наҳор, сабоҳ ва шом ним мисқол мумиёро бо сир, якҷоя ва ангубин бихӯранд, беҳ шаванд.

Илоҷи дигари даво: Исфандро «Мол-ул-асал» карда бихӯранд, аз сулфа, дарди сари аз рутубат пайдо шуда ва ҳамаи маризҳои балғамӣ, сафровӣ ва савдоиро шифо мебахшад. «Мол-ул-асал»-ро ин тавр тайёр мекунанд: Оби ҷӯшондаи 12 мисқол исфандро бо як коса асал ва 7 коса об ҷӯшонда ба 4 коса биёранд ва истеъмол кунанд.

***Илоҷи дигари даво (таҷрибавӣ)***

Ҳафт рӯз сабоҳ (саҳарӣ) бо дили наҳор (таъом нахӯрда) ъинаб 10 дона, мастаки -10 дона, гули сурх 2 мисқол, гули бунафша 2 мисқол, гули нилуфар, гули говзабон, бодиёни румӣ 2 мисқол, тухми косона 2 мисқол шаб ба об хобонда,

---

[1] *шурби Самут Ҳолӣ - нушидани заҳри маъдан.*

[2]*Махлоли - даво ва моддаи омехта - асал бо шир.*

субҳ ҷӯшонида соф намуда, бо сари хишт 5 мисқол ҳал карда соф намуда, як ё ду қошуқ бихӯранд ва ғизои шӯр бо биринҷӣ, нахӯт, гӯшти чӯҷаи мурғ бо зира баъд аз ғизо оби нимгарм бихӯранд то 10 рӯз аз туршиҳо бо ғизои сардию тарӣ парҳез кунанд, иншооллоҳ маризиҳои кӯҳна ва зиқ-ул-нафас халос шаванд.

***Илоҷи дигари даво...***

Хонандаи азиз, доири табобати ҳар як беморӣ аз 7 то 40 намуди давои таҷрибавӣ зикр карда шудааст. Оиди табобати бемориҳои песӣ, саратон, сактаи дил, асаб, фишори хун, талхаю рӯда, ҷигару шуш ва ғайраҳо бошад, сабаби пайдоиш ва илоҷу давои онро аз таҷрибаи табибони номии Ҳиндустону Афғонистон гирифта ва бо мисолҳо оварда шудааст.

Иншооллоҳ умед аст, ки дар оянда шахсоне ёфт мешаванд, ки дастхатҳои Мавлавиро гирд оварда, тадқиқот гузаронида, калимаҳои душворфаҳми арабию ҳиндӣ ва юнониро ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ баргардонида, дастраси хонандагони азизу гиромӣ менамоянд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Намунаи дастхатҳои тиббии Мавлавӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



Намунаи дастхатҳои тиббии Мавлавӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОГИРДОНУ ҲАМСАФОНИ МАВЛАВӢ

Ҳамсафару ҳамсабақ ва писари амаки Мавлавӣ Ҳоҷӣ Домулло Муҳаммадсалим солҳои зиёде дар масҷиди ҷомеъи Сари Осиё вазифаи имомхатибию мударрисиро ба ҷой оварда, бо сабабҳои ба мо номаълум дар охири умр, дар деҳаи Бакарони ҷамоати Симиганҷ зиндагӣ мекунад.

Зани Ҳоҷӣ касалманд буд ва аз ӯҳдаи хизмати шавҳару кори хона баромада наметавонист. Одамони хайрхоҳи деҳа Ҳоҷиро ба як духтари чусту чолок хонадор намуданд. Хоҷӣ аз зани аввалааш фақат як писари ноболиғ бо номи Абдураҳмон ва ё Абдураҳим дошт.

Ин зани дардманд аз рашку ҳасад шаби 27-уми рамазон, шаби «Лайлат-ул-қадр» дар косаи шири Ҳоҷӣ заҳри қотилеро пошид. Баъди нӯшидани косаи шир ҷигараш ба сӯзиш омада, аз кори зан огоҳ шуда, писарашро ҷеғ зада аз рухсорааш бӯсида гуфт:

Алвидоъ, эй ғунчаи ношукуфта, ҳамсоягонро ҷеғ зан, ки ман бемор шудам. Вақте ки ҳамсоягон ҳозир шуданд, манзараи аҷиберо мебинанд, ки хуни сурхе аз даҳону бинии олими бузург ҷорӣ шуда истодааст, аммо ӯ ба зикри Офаридгор машғул шуда, Аллоҳ-Аллоҳ гӯён илова мекард. Аз шумо хоҳиш дорам, ки дар ҳаққи ин зан ягон сухани пасту баланд нагӯед, зеро ки ин корро ӯ аз гумроҳӣ кардааст. Баробари садои азони намози бомдод Ҳоҷӣ Муҳаммадсалим ба шаҳодат мерасад.

Марди эроние омада, ин зани бадрашки Ҳоҷиро ба занӣ гирифта, ҳамроҳи писараш ба Бухоро мебарад.

Баъди чанд соле писари Ҳоҷӣ аз Бухоро гурехта омада, ҳикоят мекунад, ки он марди эронӣ ману модарамро ба Бухоро бурду модари бемoрам вафот кард.

Аз сабабе ки марди эронӣ табиб буду дору тайёр мекард, ҷасади модарамро ҷарроҳӣ карда, якчанд рӯз дар таҳхона саросер овехт. Ман, ки ин ҳодисаро бо чашми худ дидам,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тоқат карда натавонистам. Шабона гурехта ба корвоне ҳамроҳ шуда ба ватан баргаштам.

Мулло Насриддин ибни Мулло Назар яке аз шогирдони пешқадаму донишманди Мавлавӣ ба шумор мерафт. Ӯ олими намоёни соҳаи илмҳои риёзӣ, нуҷум, тиб ва аҳкоми исломӣ буда, дар солҳои 1932-1939 гуреза шуда, пинҳонӣ аз деҳа ба деҳае паноҳ мебурд. Баъд зиндагии муқимиро дар деҳаи Носирободи ноҳияи Файзобод ташкил намуда, бисёре аз беморони гуногунро табобат мекард.

Мулло Насриддин дар синни муборакии 84-солагӣ, яъне соли 1976 дунёро тарк кард.

Аз ӯ фарзандони хубе ба арсаи илм қадам монданд, ба монанди марҳум Мулло Сайфиддин ва табиб Мулло Хайриддин, ки ҳоло дар шаҳри Душанбе истиқомат дорад ва аз рӯи тавсияи падари бузургвораш одамони зиёдеро табобат мекунад.

Домулло Ташриф ибни Мулло Наҷмиддин, соҳиби хатти «Иршоди исломӣ» буда, баъди солҳои 1932-юм гуреза шуда, пинҳонӣ ба Кӯлоб меравад. Таълими илмро дар назди бузургони Кӯлоб омӯхта, илмҳои риёзӣ, нуҷум, фалсафа ва шохаи хуфияи шайхию сӯфияро аз бар намуда, яке аз олимони намоёни соҳаи дини мубини ислом гардид.

Мавлавӣ донишу маҳорати худододи ӯро ба назар гирифта, духтари худро ба ӯ ба занӣ медиҳад.

Аз Домулло Ташриф фарзандони солеҳе ба олам омаданд, ки дар боби фарзандону наберагони Мавлавӣ зикрашонро карда гузаштем. Домулло Ташриф низ дар синни 84-солагӣ, яъне соли 1983 дар деҳаи Қамчини ноҳияи Ленин дунёро падруд гуфт.

Домулло Гул, ки дар илмҳои аҳкоми дин, хусусан «фароиз» касе ба ӯ баробар шуда наметавонист, китобҳои қоидаву қонунҳои диниро аз бар карда буд, чунон зеҳнаш қавӣ буд, ки кадом ривоят дар кадом саҳифа буданашро аз ёд медонист. Ӯ дар ҷавонӣ дар синни 40-солагӣ аз дунё гузашт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулло Холи Дараи Ҳамзагӣ яке аз шогирдоне будааст, ки аз илмҳои сӯфия шохаи хуфия ва тибро аз худ намудааст.

Кадом дардманде ба назди Мавлавӣ меомадааст, баъди муоина ва касалро муайян кардан, барои табобат ба назди Мулло Хол мефиристодааст. Мулло Хол бо тавсияи Мавлавӣ беморонро хун гирифта, таркиби хунашонро муайян намуда, меъдаю рӯдаҳояшонро ба воситаи сано ҳуқна карда, кӯдаконро низ гул мебуридааст ва аз гиёҳу растаниҳои шифобахш доруҳои гуногун тайёр карда, касалиҳои васвос, хориши бадан, баном, пес, баҳақ, санги гурдаю шошадон ва дигар намуди касалиҳоро табобат мекардааст. Ва ҳатто санги шошадонро ба воситаи асбобҳои махсус бо роҳи ҷарроҳӣ гирифта муолиҷа мекардааст. Дар боби ёддоштҳо дар бораи Мавлавию Мулло Хол дар ин китоб боз ҳикоят хоҳем кард.

Домулло Маҷнун Салимзода аз деҳаи Хоҷа Ёқуби ноҳияи Файзобод буда, аз соли 1910 то соли 1928, яъне 18 сол дар назди Мавлавӣ, дар Сурхиён таҳсили илм намуда, соҳиби хати иршод мегардад. Баъди вафоти Мавлавӣ аз соли 1939 то соли 1947 ба деҳаи Элоки ноҳияи Файзобод рафта, ҳамдаму ҳамсӯҳбати писархолаи Мавлавӣ, Шайх Абдураҳими Давлат мегардад. Пас аз вафоти Шайх ба деҳаи Шарифлақайи ноҳияи Кофарниҳон омада, соли 1966 дунёи фониро тарк мекунад. Мувофиқи васияташ ӯро дар деҳаи Элок ба хок месупоранд.

Мавлавӣ шогирдони дигар, ба монанди Домулло Наим, Домулло Раҳим, Домулло Юсуф, Домулло Сиддиқ, Домулло Давлати Дарвозӣ, Домулло Нуруллои Қаротегинӣ, Домулло Дилдори Кашмирӣ, Домулло Мирзо, Мулло Зоир ва даҳҳо донишмандони дигарро ба воя расонида, соҳиби илму маърифат кардааст.

Баъди кашмакашиҳои солҳои 1929-1939 онҳо ба зодгоҳҳои худ баргашта, пинҳонӣ чароғи илму маърифати дар назди Мавлавӣ андӯхтаашонро каме бошад ҳам, равшан намудаанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Домулло Солеҳи Ёвонӣ, ки дар Кобул шогирдаш буд, дар ноҳияи Ёвон чанде умр ба сар бурда, дар ҳамон ҷо дунёро тарк намуд, ки ҳоло оромгоҳаш дар ноҳияи Ёвон мебошад.

## ЁДДОШТҲО ДАР БОРАИ МАВЛАВӢ

Шахсони хуштолеъе, ки ба дидори муборaки Мавлавӣ мушарраф шуда буданд ва аз сӯҳбатҳои ӯ баҳра бардоштаанд, ёдоварӣ намуда мегӯянд:

— Мавлавӣ таъкид мекард, ки эй мардум, моли ятимро нахӯред, сари ятимро сила намуда, ба ӯ кӯмак намоед.

Рӯзе набуд, ки аз одамон назру ниёз, аз қабили хӯрока, пӯшока, чорво вориди Сурхиён нашавад. Мавлавӣ намехост, ки молу амвол ба хонааш ворид шавад. Аввал ба ятимон, толибилмон, маъюбону камбизоатон тақсим мекарду боқимондаро ба меҳмонхонаи масҷид мебурданд.

Ёдоварӣ мекунанд, ки занеро бо номи Моҳбону аз деҳаи Сурхиён мардум ба марди дигаре бадном мекунанд. Мардум аз Моҳбону рӯй метобанд ва дигар касе ӯро ба хонааш роҳ намедиҳад. Дар кӯча кӯдакон ӯро думболагир карда, бо сангу чӯб мезаданд. Ин воқеаро Мавлавӣ фаҳмида, мардумро даъват карда мегӯяд:

— Эй мардум, ҳар кас аз Худованд авфи гуноҳи худро талабад, шумо магар бегуноҳед! Худованд ӯро офарида, некию бадиашро Худо худаш медонад, ӯро озор надиҳед. Мавлавӣ мефармояд, ки ӯро низ дар баробари ятимон аз ҳисоби назру ниёзи омада, таъмин намоянд, зеро ки ӯ низ бепарастор буду хешу табор надошт.

Хислати дигари Мавлавӣ он будааст, ки касеро намегузоштааст, ки ба ӯ оби таҳорат диҳад. Худаш ба сари чашма, ки дар наздики хона будааст, рафта об гирифта таҳорат мекардааст, то ки барои ибодати Аллоҳ касеро заҳмат надиҳад.

Шабҳо ба мутолиаи китобҳо машғул мешудааст. Рӯзе се маротиба хӯрокро бо меҳмон тановул мекард. Агар гоҳе



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

меҳмон намешудааст, хӯроки ҳаққи худро ба ду ҳиссаи баробар тақсим намуда, як қисмашро ба ҳамсоягони ятим, бемор ва камбизоат равон менамуд ва қисми камашро худаш мехӯрд, ки ин яке аз суннатҳои Ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ буд.

## МАВЛАВӢ ВА ЯТИМОН

*Низоъ ончунон оташе барфурӯзад,*
*Ки аз тоби он ҳарчи бошад, бисӯзад.*

(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)

Ҷангу низоъ аз солҳои 1920 сар карда то солҳои 1940 сафи ятимони бепарасторро хеле зиёд намуд.

20 сентябри соли 1920 амир Сайид Олимхон тахти Аморати Бухороро ба ҳоли худ гузошта, рӯ ба фирор овард. Ҷанги шаҳрвандӣ сар шуда, сар то сари хоки Аморати Бухоро, хусусан Бухорои Шарқиро низ пурра фаро гирифта буд. Бенизомию бедавлатӣ баръало ҳис мешуд. Мардуми бечораро ҳам «калтакдорони сурх» ва ҳам босмачиён дутарафа ғорат мекарданд, ки дар натиҷа онҳо зарари моддию иқтисодӣ ва маънавию ҷонӣ медиданд.

Аморати Бухоро, ки сохти феодалиро аз сар мегузаронду давлати аграрии ақибмонда буд, бо сабабҳои дар боло зикршуда хоҷагии қишлоқ боз ҳам рӯ ба таназзул ниҳоду мардумаш боз ҳам қашшоқтар шуд.

Сафи бекорону гадоён ниҳоят зиёд шуда буд, ки кӯчаю растаю бозорҳоро гурӯҳи зиёди ин гуна одамон ташкил медоданд.

Мардум аз гуруснагию қашшоқӣ фарзандон ва ҳатто худро хӯрондаю пӯшонда натавониста, ба дарё мепартофтанд ва ё бо роҳҳои гуногун нобуд мекарданд.

Мисоли равшани онро модари марҳумам Бибифазила ёдоварӣ карда мегуфт, ки зани Назари камбизоат аз деҳаамон писарчаи яксолаи худро бо баҳонаи тутхӯрию



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тутчинӣ ба деҳаи Поёноб овард. Ҳангоми гузаштан аз пули ларзонак ба дарёи Кофарниҳон ҳаво дода, каме тут чинда бе фарзанд ба деҳа баргашт. Мардум чунин мисолҳои зиёдеро ёд мекунад.

*Дар манзили ғам фиканда мафраш моем,*
*В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.*
*Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,*
*Дасти хуши рӯзгори нох(в)аш моем.*

(Рӯдакӣ)

Ҳазрати Мавлавӣ ба замми олими бузурги соҳаҳои гуногуни улум (энсиклопедист) буданаш, инсони саховатпешаи ҳотамтабиату ятимпарваре низ будааст.

Ҳазрати Мавлавӣ шеъри зерини Шайх Саъдиро шиори худ намуда, ятимони бепадару бемодаре, ки дар кӯча монда буданд, ба хона оварда дар баробари фарзандонаш таълиму тарбия намуда, ба воя мерасонадааст.

*Падармурдаро соя бар сар фикан,*
*Ғубораш бияфшону хораш бикан.*
*Чу бинӣ ятиме сар афканда пеш,*
*Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш.*
*Ятим гар бигиряд, кӣ нозаш харад,*
*Ва гар хашм гирад, кӣ бораш барад.*
*Ба раҳмат бикун обаш аз дида пок,*
*Ба шафқат бияфшонаш аз чеҳра хок.*

Бобои Ятими 82-сола аз деҳаи Қутанбулоқи ҷамоати Баҳор ёдоварӣ карда мегуфт, ки ман бо ду бародарам аз падару модарам ятим монда будем. Бародару мани 6-моҳаро зани хурдии Ҳазрати Мавлавӣ бо шири буз парвариш карда, тарбия намуда ба камол расонид.

Фарзандхонди дигари Ҳазрати Мавлавӣ Ҳоҷӣ Ёрмуҳаммади Ҷобири 95-сола бо як иззату эҳтироми самимӣ ёдоварӣ карда мегӯяд:

— Ҳазрати Мавлавӣ барои мо ятимон, ки зиёда аз 20 нафар будем, ҳамчун падари мушфиқу ғамхор муносибат мекард... Ҳамчун устоди азиз таълиму тарбия медод. Фарқ дар байни мо ятимону фарзандони Мавлавӣ қариб дида



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

намешуд. Фарқ дар он буд, ки аввалан сари ятимонро сила намуда, аҳволпурсӣ мекарду баъд ба назди фарзандонаш мерафт.

Ман то нафаси охирин дар ёди он Ҳазрат дуои хайр намуда барои авфи гуноҳҳоям дар назди Аллоҳ ӯро шафеъи худ меорам.

Бобои Ёрмуҳаммад номи ятимоне, ки дар тарбияи Ҳазрати Мавлавӣ буданду ба камол расидаанд, ба тариқи зерин номбар намуд:

1. Асомиддини Сайид
2. Шамсиддини Сайид
3. Марвориди Сайид
4. Ҳалимаи Сайид
5. Абдусамади Олим
6. Табаралии Олим
7. Ятими Раҳим
8. Ёрмуҳаммади Раҳим
9. Абдураҳмон
10. Ҳалима
11. Мулло Давлат
12. Моҳбону
13. Ёрмуҳаммади Ҷобир
14. Холбибӣ
15. Ҳалим
16. Қаландар
17. Муллоғаюр



Ҳоҷӣ Ёрмуҳаммади 95-сола

Номи дигари ятимонро бобои Ёрмуҳаммад фаромӯш карда баъди фикруандешаесуханронияшродавом дода гуфт:

- Соли 1990 дар деҳаи Сурхиён хона сохтам ва то соли 1996 дар хизмати оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ будам. Орзуи аввалину охиринам он буд, ки то ба охири умр хизмати падархондамро ба ҷой оварда, дар паҳлӯи оромгоҳаш тарҳи манзили охиратро кашидам, орзу дорам, ки дар он



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷо дафн шавам. Шояд ки Худованди бахшандаи меҳрубон ба шарофати рӯҳи поки Ҳазрат гуноҳоямро бахшад.

Лекин сад афсӯс, ки бо сабабҳои ҷанги шаҳрвандию иллати пирӣ орзуҳоямро амалӣ карда натавониста истодаам, гуфта рӯймолчаи сафедро, ки аз Макка дар вақти адои ҳаҷ оварда буд, бароварда, оби чашмонашро пок карда, дар ёди Ҳазрати Мавлавӣ муддате гирист.

Ин мисолҳои боло инсони комил ва пири комил будани ҳазрати Мавлавиро далолат мекунад. Ӯ ба фоилу мафъул, нозиру манзур, баҳру бар, ҷисму ҷавҳар тавсиф шуда, чун инсони сағир тамоми ҷаҳони кабирро дар бар мегирад, ки мазмунро дар назм чунин овардаанд:

*Ту ҳам рӯҳию ҳам зулмат, ту ҳам феълию ҳам иллат.*
*Ту ҳам ақлию ҳам сурат, ту ҳам ҷонию ҳам ҷонон,*
*Туӣ мақбулу ҳам қобил, ту ҳам мафъулу ҳам фоил,*
*Туӣ мақбулу ҳам соил, туӣ ҳам ҷавҳару алвон.*
*Туӣ ҳам баҳру ҳам гавҳар, туӣ ҳам ҷинсу ҳам ҷавҳар,*
*Туӣ ҳам шаҳду ҳам шакар, туӣ ҳам маъдану ҳам кон…*

Олимон кони бепоёни маърифатанду илмашон маъдани рӯҳбахшӣ дурру гавҳар ва шаҳду шакар аст, ки инсонҳои бохирад аз ин кону аз ин маъдан баҳра мегиранд.

## БАҲС ДАР БОРАИ БАСТА БУРДАНИ МАВЛАВӢ

Мирзо Олимов[1] собиқ котиби идеологиии Комитети партиявии ноҳияи Ромит мегӯяд, ки соли 1934 маро котиби якуми партиявии ноҳия дар ҳузури кормандони НКВД даъват намуда гуфт:

- Рафиқ Мирзо Олимович, ба шумо супориши партиявӣ, бо якчанд милиса рафта, Мавлавиро аз Сурхиён гирифта

[1] *Мирзои Олим - солҳои охир таъминочии дӯкони ҷевонсозии ноҳияи Кофарниҳон буд ва соли 1987 вафот кард.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ба Сталинобод баред. Баробари ин суханро шунидан ҳушу хаёл аз сарам парид. Мӯйи баданам гӯё сих зада, аз баданам баромад, нафасам танг шуд, зеро кӣ будани Мавлавиро ман ба хубӣ медонистам.

Канда-канда нафасам гирифта гуфтам:

- Рафиқ котиби якум, агар гӯед, ки ба даруни оташи сӯзон даро, медароям, агар гӯед, ки ба дарёи Кофарниҳон худро парто, мепартоям, лекин ин супориши шуморо иҷро карда наметавонам. Агар хоҳед аз вазифа меравам, мана билети партиявӣ, лозим донед гиред.

Дар ин ҳангом корманди махсуси НКВДи ноҳия рафиқ Қараев Ҷалмат бо ситеза гуфт:

-Рафиқ Олимов, шумо хурофотпараст будаед, боз котиби идеологии партия шуда кор мекунед. Агар шумо ҳамроҳи мо наравед, қасам ба виҷдони коммунистиам, худам танҳо рафта Мавлавиро баста меорам.

Баҳси мо дар назди котиби якум қариб якуним соат давом кард. Котиби якуми партиявӣ дар назди ману Қараев шарт гузошт, ки агар Қараев Мавлавиро рафта биёрад, Мирзо Олимович аз кор меравад, мумкин аз сафи партия барои хурофотпарастиаш низ озод карда шавад. Қараев мувофиқи шарт шабона роҳи деҳаи Дараи Ҳамзаро пеш гирифт. Аз сабабе ки деҳаи Сурхиён кӯчида буд, Мавлавӣ дар деҳаи Дараи Ҳамза мезист.

Мавлавӣ баъди адои намози хуфтан дар болои ҷойнамоз каме табассум мекунад. Ин ҳолатро Саидов Ашӯр ва Муҳаммадиев Иброҳим назорат мекунанд ва аз Мавлавӣ бо изтироб сабаби табассумро мепурсанд.

Мавлавӣ каме таваққуф карда мегӯяд, ки ду нафар кормандони ҳукумат барои баста бурдани ман якуним соат шуд, ки баҳс мекунанд ва баъди панҷ дақиқаи сукут ба сӯфӣ Ашӯр ишора карда мегӯяд: -Раис, (Иброҳимро дар назар дошта) пагоҳ саҳар кор дорад. Шумо сӯфӣ Ашӯр Саъдуллоро гирифта, баробари дамидани субҳ дар мавзеи замини Бек[1] меҳмонро пешвоз гирифта, ба назди ман оред, ки ӯ бо умед

[1] *Замини Бек - Замини кали бек 1 км дуртар аз деҳаи Дараи Ҳамза ба самти деҳаи Лошхарф.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омадааст. Худованд бигзор ҳеҷ бандаи мӯъминро ноумед накунад.

Баробари дамидани субҳ Саъдулло ва Ашӯр дар ҷои гуфтаи Мавлавӣ ҳозир шуда, интизори омадани меҳмонон шуданд. Ногаҳон аз самти деҳаи Лошхарф суроби саворае пайдо шуд. Асп оҳиста-оҳиста қадам монда, ба пеш ҳаракат мекард. Савора наздик омад, ба одами зинда монанд набуд. Ҳар ду дасташ дар бараш овезон, ҷилави аспаш ба ҳоли худ гузошта шуда, қамчин дар роҳ аз дасташ афтида, лабонаш варамида кабуд, чашмонаш суп-сурхи калон-калон кушода шуда, ҷисмаш дир-дир меларзид.

Вақте ки бо ӯ ҳамсӯҳбат шудем, дар вақти гап задан забонаш мегирифт, рӯю гарданаш каме каҷ шуда буд.

Мо ҷилави аспи ӯро гирифта, вазифаи роҳбаладиро иҷро кардем. Дар вақти аз асп фаромаданаш дукаса ба ӯ ёрӣ додем. Ӯ аз асп фаромадан замон рӯймоли миёни Саъдуллоро талаб карда, ба гарданаш овехта, ба назди Мавлавӣ рафт.

Ин ҳолатро мо бо тааҷҷуб назорат мекардем. Вақте ки вориди ҳуҷра шуд, бо забони ларзон адои салом гуфт:

– Мавлавӣ ма-ма-ро бах-ш-ше-д, ҳ-а-зо-рон- тав-в-ба кардам.

Мавлавӣ, ки аз сирру асрори ӯ бохабар буд, ӯро дилдорӣ ва тасалло дода гуфт:

– Қумандон, шумо натарсед, азбаски шабона ва танҳо ба роҳ баромадед каме хаста шудаед.

Суханони Мирзо Олимов ба шумо таъсир кардааст, ҳамчунин шаб хунук буд, дигар шумо танҳо будеду асабӣ, аз ҳамин сабаб моддаи савдо дар таркиби хуни шумо зиёд шуду таъсирашро ба рагу мушакҳои асаби сару гардан ва дастҳоятон гузошт. Инро дар илми тиб бемории фалаҷ мегӯянд, иншооллоҳ шифо меёбед. Худованд нияти некро амалӣ намуда, ҳеҷ як махлуқро ноумед намекунад. Шумо барои баста бурдани ман омадед, ман дар ихтиёри шумо.

Баробари шунидани ин суханони илмию пешгӯиҳои авлиёна Қараев худашро ба пеши пои Мавлавӣ ҳаво дода, зор-зор мегиряду тавба мекунад. Мавлавӣ ӯро тасалло



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дода мегӯяд, ки дар назди Холиқ тавба кунед, мову шумо махлуқ ҳастем.

Баъди се моҳ Қараев оилаашро гирифта, ба зиёрати Мавлавӣ, ба деҳаи Дараи Ҳамза меравад. Ӯ шифо ёфта аз бемории фалаҷ дар ӯ асаре намонда буд. Гови калонеро харида, дар масҷиди деҳа кушта, ба халқ медиҳад ва гови дигареро барои тӯҳфа ба Мавлавӣ пешкаш мекунад, аммо Мавлавӣ тӯҳфаро гирифта фармон медиҳад, ки ӯро ҳам ба ятимону камбизоатон кушта тақсим кунанд.

Шоҳидони ин воқеа Бобои Раҷаб аз деҳаи Қирғизон, Мирзоева Шарифа аз кӯчаи Зайнаббибӣ то ҳол дар қайди ҳаёт мебошанд. Бобои Мирзо Олимов панҷ сол пеш аз олам гузашт. Бобои Ҷалмат бошад дар хоҷагии Карим Исмоилов умр ба сар бурда дунёро тарк кард. Писаронаш дар қайди ҳаёт мебошанд.

Мирзои Олим то нафаси охирин ёдоварӣ карда мегуфт:

-Ҳар вақте ки бо Ҷалмат вохӯрам, ӯ маро сарзаниш карда мегӯяд:

-Ҳо Мирзо, ту кӣ будани Мавлавиро медонистию чаро инро ба ман нағз нафаҳмондӣ? Дар ҷавоби ӯ ман мегуфтам:

Шунидан кай бувад монанди дидан, - агар ман ба ту мефаҳмондам, албатта, ту маро чун пештара хурофотпараст меномидӣ, аз ҳамин сабаб хостам, ки худат рафта бо чашми худ бинию боварӣ ҳосил намоӣ.

## ҚИСМАТИ ТАЛХИ МУЛЛО АЗИМ

Дар дунё шахси бедушманро ёфт кардан мушкил аст. Охир наберагони пайғамбарамон Ҳазрати Эмом Ҳасану Эмом Ҳусайн аз дасти душман, яъне Язид ба қатл расиданд.

Ҳазрати Мавлавӣ ҳам душман дошт. Баъди ташрифи Абдулло Валишев ҳамаи умедҳои нопоки душманон барбод рафта бошад ҳам, усулу роҳҳои нави мубориза ро бар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зидди илму маърифати исломӣ ҷустуҷӯ мекарданд. Онҳо бо ин роҳ шахсони донишманду равшанфикрро несту нобуд мекарданд.

Аввалин мулоқоти Мавлавӣ бо Абдулло Валишев ба воситаи Мулло Азим ба вуқуъ пайваста буду дар ин мулоқот ӯ нақши калон бозид. Баъди ин мулоқот, яъне тобистони соли 1934 Мулло Азим ягон кори шахсию давлатиашро бе маслиҳату дастури Мавлавӣ ба ҷо намеовард.

Мулло Азим, ки 16 сол дар Бухорои Шариф хонда шахси донишманду босаводе буд, кору вазифаи раиси ҷамоатиро аз рӯи адлу инсоф ба роҳ монд. Охир ӯ донандаи «Қуръони Маҷид» буду дар асоси он корро ба роҳ мемонд. Ӯ одамони рибохӯр, бадмаст, тӯҳматчӣ ва зиногарро хеле бад медид. Гуноҳи Азим фақат дар он буд, ки дар аввали исми ӯ калимаи фахрии «Мулло» зам шуда буду ӯро на Азим, балки Мулло Азим мегуфтанд. Дар ин давра калимаи «Мулло»-ро на ба маънои аслиаш донанда, донишманд, балки ба маънои маҷозӣ «душман, душмани халқ» маънидод мекарданд. Охир дар вазифаҳои масъули давлатӣ шахсони тасодуфие, ба монанди ғулому батрак ва дигар кӯчагарду авбошҳои пойбараҳна ба кор омада буданд, ки чӣ будани илму маърифатро намедонистанд. Китобҳои бузурги Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлоно Балхию Берунӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Аҳмади Донишро, ки бо алифбои арабиасос навишта шуда буд, аз ҳезум фарқе накарда оташ мезаданд.

Ба ин гуна фарзандони содиқи ҳизби коммунист Файзуллои Лошхарфӣ дохил мешуд, ки ҳамсояаш Мулло Азимро чашми дидан надошт. Аъзои содиқи ҳизби коммунист, батраки собиқ Файзулло барои ҳизбу ҳукумат ҷони худро нисор мекард. Ӯ «қаҳрамон»-и бемислу монанд нишон дода, даҳ нафар бою мулло ва одамони бомаърифати зодгоҳашро зинда ба зинда ба даҳони оташи «тройка»-ю бадарға ҳаво дод.

Аввалин корнамоии Файзулло ин буд, ки аз Давлатёрбои Харсангӣ тангаю тиллои зиёдеро рибо (пора) гирифта, ба ҷои ӯ Мулло Ёри донишманду камбағали ҳамдеҳаашро бо зану фарзандонаш ба ҷангалзорҳои Сибири хунук ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«истироҳати» абадӣ фиристонд. Файзулло аз ин кори худ рӯҳбаланд гардида, ҳамчун ҷосуси ГПУ (КГБ) Мулло Азимро низ дар назди ин кумита сиёҳ карда, ӯро «мулло-душмани халқ» муаррифӣ намуд.

Шаб. Тобистони соли 1934 Файзулло ҳамроҳи ду нафар чекист вориди хонаи Мулло Азим гардид. Ӯро аз ҷойгаҳи хобаш хезонда, дастҳояшро ба пушт баста, ба сару тани бараҳнааш чунон бо қамчин мезаданд, ки хун аз даҳону биниаш мерехт. Мулло Азим ҳарчанд зорӣ мекард, касе ба доди ӯ намерасид. Файзулло-коммунист бошад, ӯро иҷозати гап задан намедод.

Духтари хурдии Мулло Азим Кенҷагул, ки ҳоло дар деҳаи Қирғизон умр ба сар мебарад, дар бораи падари нокомаш бо ҳасрат ёдоварӣ намуда мегӯяд:

– Дар байни се духтар ман духтари аз ҳама хурдӣ будам. Бо орзую ҳавас падарам маро дӯстдорӣ намуда мегуфт:

– Ту духтари кенҷагии манӣ. Дар пирӣ хизмати маро фақат ту ба ҷо мерӣ. Афсӯс, сад афсӯс, ки орзуҳояшро падарам ҳамроҳи худ ба хок бурд.

Вақте ки Файзуллои ҳамсоя дар сару тани бараҳнаи падарам бо қамчин мезаду аз ҷои задааш хун мечакид, мо духтаракон ҳамроҳи модарам баробари падарам дод мегуфтем, фарёд мекардем, имдод мепурсидем, аммо касе ба доди мо намерасид. Гӯё ба лонаи фароштурук мор даромада бошад, чиррос мезадем.

Падарам ба зарбаҳои ҷонкоҳи қамчину дастҳои бастааш нигоҳ накарда, ба тарафи мо ҳаракат мекард, то ки моро ба оғӯш кашида, охирин бор бибӯсаду абадӣ бо мо видоъ кунад. Лекин он ду сарбозу Файзулло намегузоштанд, ки ӯ ба мо наздик шавад. Модарам ва ману апаҳоям ба ҳоли падари ғарқи хоку хун зор-зор мегиристем. Аз гиряҳои талхи мо гӯё сангу чӯб мегирист. Вақте ки падарамро аз ҳавлӣ мебароварданд, доду фиғон боз ҳам баланд шуда, то ба осмон мерасид, аммо қишлоқ мурда буд, ҳатто сагҳо аккос намезаданд ва ҷонваре садо намебаровард. Гӯё ҳодисае рӯй надода бошад, ҳама ҷо орому хомӯш буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз тарсу ваҳми Файзулло-коммунист ҳамсоягон чун мор хазида, бесадо аз бому дарҳо ба сӯи ҳавлии мо назар мекарданд.

Вақте ки арғамчинро ба сари падарам ҳаво доданду ӯро сарбозони савора ба тарафи дарвоза кашиданд, Файзулло падарамро бо синаи асп зад. Падарам калавида-калавида аз ақиби аспи сарбоз ба дарвоза наздик шуд.

Ин ҳолати ҳузнангезро модарам дида, давида узангуи Файзуллоро оғӯш карда, пояшро бӯсида гирён илтиҷо намуд, ки ҳамсоя, духтараконамро ятим накун. Аз ин рафтори модарам Файзулло-коммунист ба ғазаб омада, сари аспро ба тарафи модарам гардонда, аввало ду қамчин ба фарқи сараш зад, баъд бо кундаи синаи асп чунон зад, ки монанди тӯп ғелида, ба даруни ҷӯйбори лойолуд ба пушт афтид.

Ӯ дигар хеста наметавонист, ҳиқ-ҳиққунон овоз мебаровард. Мо се духтаракон давида, худро ба болои модарамон ҳаво додем. Файзулло мехост, аз асп фаромада модарамро хуб лагадкӯб кунад, вале аз қавлаш гашта бо овози баланд хитоб карда гуфт:

– Қанчуқи ҳаром, шумо унсурҳои бегонаро тамоман несту нобуд мекунем. Қасам ба виҷдони коммунистиям, агар аз дарвоза берун барой, бева, турою духтаронатро ҳамроҳи шавҳари хоинат ба ҷангалҳои Сибир мефиристам, ки дар он ҷо саг барин мурда меравед. Боз дасти нопокатро дар пои поки коммунист мезанӣ. Шумо душманони Ҳукумати Шӯравӣ марази гузарандаед, набояд дастатонро ба пои поки мо, коммунистҳо занед.

Падарам маротибаи охир бо чашми гирёну сару рӯи пурхун ба тарафи мо нигоҳ карду аз дарвоза берун шуд. Дарвозаро ба рӯи мо бастанд. Мо аз роғи дарвоза ба берун менигаристем. Аз тарс ҷуръати берун баромадан намекардем. Аз сӯрохии дарвоза медидем, ки як сари арғамчин дар дасти сарбози савора ва сари дигараш дар гардани падарам. Файзулло-коммунист бошад қамчин дар даст, аз ақиб ба сари бараҳнаи падарам мезад. Дар рӯшноии моҳтоб хуни сурх чун барқ дар сару рӯи падарам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

медурахшид. Ӯро кашолакунон на ба роҳи рост, балки ба ғори Гадоалӣ[1], ки ҷои пинҳонӣ буд, ба самти боло мебурданд.

– Аз ин ҳодиса 66 сол гузашта бошад ҳам, ин манзара ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад, - бо гиря мегӯяд Кенҷагул.

Се сол муқаддам, номаҳои падарам аз соҳили дарёи Сир меомад, дар нома чизе намегуфт, ӯ табъи шоирию шеърнависӣ дошт. Фақат аз ғарибӣ, ҷудоӣ ва бевафоии дунё ғазал менавишт. Баъд аз се сол аз ӯ ҳеҷ хату хабаре нашуд. Падарамро абадӣ гум кардем.

Файзулло-коммунист баъди панҷ соли давру давrондориаш, яъне соли 1940 ба марази бедавое гирифтор шуд, ки аз даҳшати ин мараз касе ҷуръат карда ба аёдаташ рафта наметавонист. Дар охир ӯ бо азобе дар хонаи танҳо, бе хондани сураи Ёсину калимаи Аллоҳ мурд. Дар ҷанозаи Файзулло-қаҳрамон ҳамагӣ 6-7 нафар ҷанозахон ҷамъ шуд ва ӯро дар гӯристони Дашти Мазор гӯрониданд.

Субҳи рӯзи дигар ҳамсояи Файзулло осиёббони деҳа Мирзои Қурбон аз назди гӯристон гузашта ногаҳон дар ҳайрат мемонад. Ӯ мебинад, ки гӯр кандагӣ, ҷасад берун аз гӯр, кафан пора-пора кардагӣ, чашмони Файзулло кофтагӣ ва забонаш буридагӣ асту каб-кабуд шудааст. Ин ҳодисаро дида, дар аввал метарсад, баъд ба деҳа баргашта ба хешу табори Файзулло мегӯяд. Мурдаро аз нав мегӯронанд.

Пагоҳии рӯзи дигар Мирзо аз осиёб бармегардад, ки ногаҳон чашмаш боз ба гӯр меафтад. Файзулло аз кафан берун, гӯшҳояш бурида, аз зери бағалаш море сӯрох карда ним дар даруну ним дар берун ҷасадро хӯрда истодааст. Осиёббони бечора аз тарс сӯи деҳа медавад. Ин ҳодисаи аҷоибро боз ба хешовандонаш гуфта медиҳад ва худаш аз тарс намеояд. Хешон аз нав дар ҷои дигар гӯр канда мегӯронанд.

Ҳамин тариқ, се маротиба такрор андар такрор ӯро мегӯронанду гӯр ӯро ба берун ҳаво медиҳад.

Чорумин маротиба мурдаро намеёбанд. Изи мурдаро гирифта, то ба сари ҷарии бетаг мераванд. Мебинанд,

---

*[1] Ғори Гадоалӣ - роҳи пинҳоние, ки дар болои деҳаи Лошхарф ҷойгир шудааст. Дар ду тарафи дара чормагзҳои зиёде мерӯяд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки дар мобайни ғор дар сари камаре тахминан 300 метр чуқуртар ҷасад сарозер ним-ним дар кафан овезон асту зоғону каргасон мурдаи бӯйгирифтаро хӯрда истодаанд. Ягон шахс ба назди ин мурда рафта натавонист. Устухонҳои бегӯшти Файзулло қариб ду сол дар шохи ин камар овезон буд. Дар охир аз таъсири шамол ба зери ғор ғалтида несту нобуд шуд. Аммо алами Мулло Азим дар дили духтаронаш абадӣ монд.

Ин қиссаи мурдани Файзуллоро ҳар кас ҳар хел, мувофиқи фаҳмишаш маънидод мекард. Яке мегуфт, ки ӯро гӯр роҳ надода ба берун ҳаво додааст. Дигаре мегуфт мувофиқи аъмоли бадаш ӯро малоик аз гӯр ба берун партофтааст. Сеюмин мегуфт, ки ӯро ҷабрдидагон ба ин ҳол афкандаанд.

Ҳар се ақида ҳам дуруст аст. Дар дунё шахсоне ёфт мешаванд, ки агар гӯянд, ки «рав салла биёр, калла меоранд», аз ояндаи кори худ намеандешанду аз ғазаби худованд наметарсанд. Ҳамон рӯзи айшу ишраташонро аз ҳама чиз боло медонанду фикр намекунанд, ки дунё ва умри инсон гузаранда аст.

Агар ҷав корӣ, ҷав мерӯяд, гандум корӣ, гандум. Ҳар кас мувофиқи амали худ мукофот мегирад. Ин мукофот аз ҷониби Худованди бахшандаи меҳрубон ба соҳиби амали солиҳу амали зишт дода мешавад. Худованд Файзуллоро низ мувофиқи амалаш мукофотонид.

## БИБИСАЛИМАИ НОКОМ

Модарам, Бибифазила доимо аз апаи нокоми худ, Бибисалима бо як оҳанги ғамангез ёдоварӣ намуда мегуфт:

– Бибисалима духтари калону эркаи хонаамон буд. Мо, хоҳарон Бибимуслимаю Бибироҳила ӯро хеле дӯст медоштем, гарчанде ки модарҳоямон ҷудо буд, дар байни модарону духтарон, мо фарқеро намедидем. Модаронамон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хонимҷону Олима ва Саидмоҳ барои духтарону писарон ягона буданду қадру қиматашон дар назди Қиблагоҳ-Ҳазрати Мавлавӣ якранг буд.

Аз ҳамин сабаб мардуми аз берун омада пайхас карда наметавонист, ки кадоме аз мо аз кадом модар таваллуд шудаем.

Бибисалимаи 16-соларо бо як орзую умед ба Мулло Ҳакими Сариварозӣ, ки яке аз шогирдони пешқадами падарамон буд, хонадор намудем.

Баъди солҳо аз онҳо ду писарчаи нозанин Салимҷону Саидҷон ба олами ҳастӣ омаданду чӣ зиндагонии хушу хурсандонае доштанд.

Рӯзе хабари нохушеро ба хонаи мо оварданд, ки Мулло Ҳакиму зану ду писарчаи яке 4-солаю дигаре 6-солаашро ҳамроҳи дигар бою муллоҳои деҳоти атрофи собиқ ноҳияи Ромит дар маркази Ромит ҷамъ оварда, баъди санҷиши дурӯза ба шаҳри Сталинобод мебаранд ва аз он ҷо ба Қафқозу Сибир бадарға менамоянд.

Баробари шунидани ин хабари даҳшатангез хонаамон мотамсаро гардид. Мо ҳар се хоҳарону модарон дар ғами Бибисалимаи бетолеъ зор-зор мегиристем.

Хусусан, модари калонамон Хонимҷон аз ҷигари сӯзон бо шеваи афғонӣ нолида мегуфт

– Худоё! Тақдири Бибисалимаи маро чун ман масоз, охир ман аз модару бародар, хоҳару падар ва аз ватани азизи худ, Кобул ҷудо шудаму сӯзу гудози ҷудоиро ман худ медонам, – (Зеро ки хати сарҳади байни Афғонистону Иттиҳоди Шӯравӣ баста шуда буд) гӯён зор-зор нолида, аз даргоҳи Худованд мадади фарзанди ҷигарбандашро металабид.

Аз нолаҳои ҷонгудози ӯ гӯё сангу чӯб об шуда, ба гиря медаромад.

Дар охир падарам, ҳазрати Мавлавӣ аҳли хонаводаро ором карданӣ шуда, маслиҳат дод, ки сабр кунем, Худованд собиронро дӯст медорад ва илова карда гуфт, ки пагоҳ Махсуми Аслам, ҳамроҳи Шамсиддину Асомиддин ва раиси деҳа рафта ба сардори НКВД-и ноҳияи Ромит Исроилов Н.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мефаҳмонанд, ки зани Мулло Ҳакимбой духтари Мавлавӣ мебошад, албатта, ӯро ҷавоб медиҳанд, аммо дар бораи ҷавоб додани Мулло Ҳакиму писаронаш Худо худаш медонад, гуфта моро ором кард.

Пеш аз дамидани субҳ Махсуми Аслам бо ҳамроҳонаш роҳи Ромитро пеш гирифта, рост ба қабулгоҳи сардори НКВД омада вазъиятро ба сардор фаҳмонданд. Сардор ваъда дод, ки баъди 3 соат мо ба марказ маслиҳат карда, баъд ҷавобашро мегӯем.

Дар ҳақиқат, Исроилов Н. мувофиқи ваъдааш моро ҷеғ зада гуфт:



Валишев Абдулло Негматович

- Эшони Махсум, мо кӣ будани Мавлавиро ба хубӣ медонем ва супоришҳои додаи рафиқ Абдулло Валишевро[1] дар бораи Ҳазрати Мавлавӣ иҷро мекунем. Мо дар муддати ин се соат фақат бо Марказ дар тамосу маслиҳат будем ва ба хулосае омадем, ки духтари Мавлавиро озод намоем, лекин мувофиқи фармони рафиқ Сталин бою мулло «душманони халқ» номида шудаанд, мо Муллоҳакимбою писаронашро ҷудо ҷавоб дода наметавонем, зеро ки ҳоло давлати мо аз рӯи мақоли «Нон ҳам нону нонреза ҳам нон» амал карда истодааст,Шумо хоҳаратонро гирифта баред.

Вақте ки акаам суханони сардорро ба апаам мефаҳмонад, апаам доду фиғон бардошта мегӯяд:

– Оҳ, эй Худоё, ин чӣ бераҳмӣ, чӣ тавр маро аз Салимҷону Саидҷонам ҷудо мекунед, не, не, охир ҷону ҷигари маро мебаранд, ман намегузорам, ки Шуморо аз ман ҷудо карда, ба Сибири хунуки дур баранд ман ҳамроҳи Шумо ҷон медиҳам-гӯён ҳар ду тифлаки маҳзунро, ки аз ҳаяҷони модар чиррос зада мегиристанд, ба оғӯш кашида мегиряд.

---

[1] *Абдулло Валишев - сардори гарнизони махсус дар кӯҳистони Бухорои Шарқӣ.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тифлакон худро ба бадани модар ҷафс ва камари ӯро оғӯш карда, бо тарсу ҳарос ба атроф менигаристанду мегуфтанд:

– Не, не очаҷон моро напартоед, мо бе ту метарсем, ин лаҳзаи ҳузноварро акаам ва рафиқонаш дида, ба ҳоли онҳо мегирянд.

Фасли баҳор, соатҳои 8 пагоҳии соли1936. Корвони қурбониён, ки иборат аз пирамардону пиразанон, мардону занони миёнсолу ҷавон ва занони ҳомилаю кӯдакони ноболиғ аз маркази Ромит ба самти Янгибозору Сталинобод саф кашида, ба ҳаракат даромадаанд. Аз чапу рост ва пешу ақиб «Калтакдорони сурх» ин гунаҳкорони бегуноҳро дар иҳота гирифта, назорат мекарданд ва шахсе, ки калавида аз роҳ мебаромад, бо қамчин ба сараш ё ба синаи асп зада ба роҳ медаровbooарданд.

Чӣ рӯзи баде буд, он рӯз. Хешу табор ва ҳамдеҳагон дар вақти видои абадию охирин аз дидори ҳамдигар чунон нолаю фарёд мекарданд, ки гӯё ба рамаи гӯсфандон гургони тездандон ҳуҷум карда, баррачаҳои навзодро дар пеши чашми модарон медаронанд ва касе парвое надораду касе ба доди онҳо намерасад.

То ҳол шоҳидони ин манзараи даҳшатовар пирамардони деҳоти Ромит ин воқеаи нангинро ба ёд оварда афсӯс мехӯранд.

Дар ниҳояти кор акаам бо ҳамроҳонаш бо як умеде аз дунболи корвон то маркази ноҳияи Янгибозор меоянду ноумед шуда, баргашта ба деҳа мераванд.

Баъди омадани Махсум хонаамон дуюмбора ба мотамсаро табдил ёфту дар охир ба тақдир тан додем.

Модарам бо сӯзу гудоз мегуфт: - Аз байн солҳои бисёре гузашт. Падари бузургворам оламро видоъ карда буд. Мо хонадору фарзанддор шуда, пароканда шуда ҳар кас дар ҳар ҷое алоҳида мезистем.

Соли 1960, мо дар деҳаи Қирғизон истиқомат доштем. Тобистон тахминан соатҳои 12-и рӯз дар болои суфа нишаста, чой менӯшидем, ки ногаҳон писарчаи ҳамсоя пеш-пешу ду зани тахминан 50-сола вориди ҳавлӣ гардида,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баъди салому алейк пурсиданд, ки хонаи бобии Раҷаб ҳамин аст. Ман дар ҷавоб гуфтам:

– Оре, марҳамат карда ба болои кӯрпача гузаред. Онҳоро намешинохтам, яке аз онҳо ба ман савол дода гуфт:

- Оё, духтари Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён, Бибифазила шумоед? Ман боз калимаи оре-ро такрор кардам. Ҳар ду зан аз ҷояшон хеста маро бӯсида гуфтанд, -дар бораи шумо Бибисалима бисёр суханони нек мегуфт.

Ман каме дар ҳайрат монда гуфтам- кадом Бибисалима?. Дар ҷавоб зане, ки нисбати дигараш чусту чолоктар менамуд, гуфт:-Мо аз авлодони Домуллои Ҳоҷӣ (Домулло Давлати Вистанӣ, ки дар деҳаи Сорво мезист) ҳастем. Мо суроғ ба суроғ хонаи шуморо ёфтем, то ки дар бораи тақдири Бибисалимаи дар бадарға буда Шуморо огоҳ созем гуфта, ба нақл сар кард:

– Хоҳарҷон, мо ҳам занони бою мулло будем. Вақте ки моро аз вокзали Сталинобод ба даштҳои хунуки Қафқози Шимолӣ бурданд, оила ба оила дар заминканҳои хунуку намнок зиндагонии тоқатфарсо доштем.

Аксари вақт мардони боқувватро аз мо ҷудо карда, дар шахтаҳои зеризаминӣ кор мефармуданд. Онҳо баъди 15-20 рӯз дар таҳти назорати аскарон ба хабаргирии аҳли оилаашон меомаданду пагоҳаш онҳоро чун чорво ба сӯи шахта меронданд.

Дар қатори ин мардон шавҳари Бибисалима Мулло Ҳаким низ буд. Кори мо, занону пирамардон ва тифлони ноболиғ аз он иборат буд, ки ба саҳро мебаромадему лонаи мушҳоро мешикофтему вайрон мекардем. Ба лонаи каламушҳо оби хлордор мерехтанд ва агар каламушҳо аз он намебаромаданд, бо белу каланд лонаҳоро вайрон мекарданд, то он ки калаи каламуши мурдаро ба аскарон нишон диҳанду ба ивази он 250грамм нони сиёҳ гиранд. Гоҳ-гоҳ пинҳонӣ аз аскарон рафта, аз аспхона ахлоти аспҳоро оварда, бо ғалбер дар об шуста, ҷавҳое, ки аз зери дандони аспон амон ёфтанду аз меъда гузаштанд, гирифта хушк намуда, бирён карда, қути лоямут менамудем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муҳоҷирон аз рӯзҳои аввал тирамоҳро ҳис карданд, ки шабҳои ин даштҳо чӣ қадар қаҳратун аст. Аз ин рӯ, бо фарорасии бегоҳ моро ғами зор мегирифт ва бо тарсу ҳаросу бетоқатӣ рӯзи навро интизор мешудем. Ба хусус сардии ҳаворо нафарони беморгашта бештар ҳис мекарданд. Аз таъсири ин хунукӣ, ва табларза кам касоне то субҳ ҷон ба саломат мебурданд.

Табларза то субҳ давом мекард ва беморон ба халтаи устухон монанд гашта, аз бистар ба по хеста наметавонистанд. Ба ин шароити ғайри инсонӣ мо одат кардем ва арзе надоштем. Ба кӣ ҳам арз мекардем?.

Танҳо ба Худованди додрас илтҷо мекардем, ки моро аз як бурда нони сиёҳ ва як қулт оби тоза маҳрум насозад. Худоро илтиҷо мекардем, ки занро аз шавҳар, кӯдакро аз модар ҷудо насозад.

Мо, ки фарзанди Мавлавӣ будани Бибисалимаро медонистем, тез-тез ба заминканаш омада, аз аҳволи ӯю тифлакони ноболиғаш хабар гирифта меистодем ва луқмаеро ба ӯ медодем, ӯ худ нахӯрда, он луқмаро ба кӯдаконаш медод.

Рӯзе овоза шуд, ки Мулло Ҳаким ба се нафар ҷавонони боқувват аз шахта ғайб задаанд. Ин ғайбзании Мулло Ҳаким азобу шиканҷаи Бибисалимаро даҳчанд намуд. Рӯз дар миён аскарон омада азобу шиканҷа дода Мулло Ҳакимро ҷустуҷӯй мекарданд.

Аз байн моҳҳо гузашта бошад ҳам, аз ғайбзадагон на пай буду на ҳайдар. Ин ҳолат аҳволи бади хоҳаратонро боз ҳам бадтар кард. Рӯз то рӯз чеҳраи зебои гулгунашон зард шуда, пажмурда мегардид. Аз таъсири ғаму дарди ҷудоӣ, гуруснагӣ, хунукӣ чунон лоғар шуда буд, ки дар ҳар қадами роҳравӣ дар ҷояш нишаста, оҳ аз ҷигар мекашиду дир-дир меларзид, қуввати ҳаракату рафтор надошт.

Салимҷону Саидҷони хурдсол аз дастони модар гирифта, ба берун мебурданду боз гашта ба заминкан медароварданд. Духтари нозуки хона ба ҳама ин гуна азобҳо тоб наовард, ки ба касалии табларза гирифтор шуд.

– Аввалҳои шаб буд, нолаи ҷонгудози тифлакони маъсуми Бибисалима ногаҳон ба гӯш расид, хобамон аз сар парида буд, аз таъсири шамоли сахт, хунукии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷонгудоз ва торикии зулмот касе аз мо занҳо ҷасорат карда наметавонист, ки аз аҳволи онҳо хабар гирад.

Баробари дамидани субҳ, мо як гурӯҳ занон дав-давон ҷониби заминкани духтари Мавлавӣ шудем. Баробари вориди заминкан шудан лаҳзаи зеринро бо чашми худ дидем. Бибисалима таги як пероҳани сафед рӯй ба ҷониби қибла хоб асту рӯйи лоғари зебояш боз ҳам зеботар шудааст, гарчанде лабҳо бо табассум моил бошад, аммо дар байни ҳар ду абрӯи сиёҳи камонаш гиреҳи ғаму андӯҳ, орзую ҳавасҳои ҷавонияш, ва дар гӯшаи чашмони махмураш осори ашки ҳасрат ҳувайдо буд.

Салимҷони 5-сола аз чап Саидҷони 7-сола аз рост пайкари зебои сардшудаи модарро ба оғӯш гирифта шаби дароз чунон нолидаанд, ки ҳарду чашмонашон варамида, ба монанди хун суп-сурх гаштааст. Онҳо баробари моро дидан ба тарсу ҳарос чиррос зада мегуфтанд:

- Очаҷонамон дигар намехезад. Вой оча, вой оча,-гӯён чун абри навбаҳор мегиристанд.

Баробари дидани ин манзараи ғамангезу ҷонгудоз мо, занони ҳамтақдир «балам ой, балам ой», гуфта чунон гиристем, ки лагери муҳоҷирон бе ин ҳам мотамсаро буд, мотамсаротар шуд.

Баъди диламонро холӣ намудан, шаш нафар занони боқувват белу каланд гирифта, дар гӯристони «Ғарибакон» ба қабрканӣ шурӯъ кардем. Аз саҳар то ба шом қабр кандем, замин қабат ба қабат ях карда буд, бо зарби табару белу каланд ним метр кофта тавонистему халос.

Пероҳани сафеду рӯмоли сарашро кафан карда, ба болои тахтае гузошта, мо занҳо ҷаноза хондем. Вақте ҷасадро ба болои тахта, ки онро тобут меномидем, гузоштему тарафи гӯристон равон шудем, Салимҷону Саидҷони ноболиғ аз дунболи турбати модари ноком ғалтону хезон, рӯйканону мӯйканон бо ду чашми хунбори ашкрезон мегуфтанд:

- Эй, вой дод, Худоё, модарҷони моро куҷо мебаранд? Охир, эй Худоё, мо бе падару модар дар ғарибӣ куҷо равем? Оҳ, мо бе Шумо мемирем, гӯён яке аз тарафи чапу дигаре аз тарафи рости тобут бо ду даст дошта, афтону хезон то сари манзили модар рафтанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баробари дар хок мондани модар, он тифлакон моро намегузоштанд, ки ба болои кафани модар хок пошем. Не, не, модарамро таги хок накунед, моро якҷоя гӯронед,-гӯён дод мезаданд. Мо ҳар якеро ду нафарӣ дошта, аз сари гӯр дуртар бурдему дигарон хоки яхкардаро ба болои тани нозпарваридаи Бибисалима мепартофтанд. Баъди хондани фотиҳа суруди ғарибиро хонда, гиряву нолакунон аз дастони Салимҷону Саидҷон дошта, ба лагери «Ғарибакон» баргаштем.

Аз Мулло Ҳаким дигар нишоне набуд, ин тифлаконро се рӯз нигоҳубин намудам, ҳар боре ба рӯи ин ятимон назар мекардам, дилам реш-реш мешуд.

Рӯзи чорум ҳамроҳи аскарон ду марду як зан омада, бо забони русӣ қариб ним соат Салимҷону Саидҷонро ишора карда, гап заданду онҳоро аз мо ҷудо карда бурданд, онҳо дар вақти видоъ зор-зор мегиристанд. Намерафтанд, бо як зӯрӣ гирифта бурданд, то алҳол мебаранд, аз онҳо хату хабаре нест.

Баъди ин ҳодисаи талхи даҳшатовар мо фаҳмидем, ки бо хорию зорӣ охираш ҳалок хоҳем шуд ва пинҳонӣ 12 нафар занони нисбатан солим машварат карда ба хулосае омадем, ки ягона роҳи наҷот дар фирор аст.

Тамоми шаб роҳ паймуда баробари дамидани субҳ ба пирамарди Доғистоние вохӯрдем, ки миллати ӯ қумиқ будаасту забони ӯзбекиро каме медонистааст. Аз афту андом ва суханонаш маълум буд, ки ӯ саводи хуби арабӣ низ дорад.

Дар қатори мо, фирориён 4 нафар зан аз ноҳияи Кӯктош, ки аз қавми лақай буданду хешу ақрабои Иброҳимбек ба ҳисоб мерафтанд, низ буданд. Мо, ки забони ин пирамардро намедонистем, фақат ин 4 зан бо ӯ дар гуфтугӯ буданд.

Вақте ки ин пирамарди нуронӣ мусулмон будану гуреза будани моро фаҳмид, аз бағалаш ду нонро бароварда, ба мо доду маслиҳат дод, ки рӯзона ба тарафи офтоббаро равед, ҳамин ки офтоб фурӯ рафт, хоб кунед, боз аз кадом тарафе, ки офтоб баромад, ба ҳамон тараф ҳаракат кунед. Иншооллоҳ ба ватанатон рафта мерасед. Дар вақти видоъ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мо аз пирамард гумони бад бурдем, ки агар аскарон аз ақиби мо дунболагир карда оянд, мумкин ба онҳо изи моро нишон диҳад. Ӯ ин гумони моро пай бурда гуфт

– Хоҳарони ҳамтақдир, хешу ақрабои ман ҳам дар даштҳои Казоқистон азоби шуморо доранд, гуфта бо рӯймолчае ашки чашмонашро пок кард.

Мо ба гуфтаҳои ин пирмарди некдил амал намуда, ба пеш ҳаракат мекардем. Гоҳо бо тарсу ларз ба деҳаҳои аз сари роҳамон пеш омада даромада гадоӣ мекардем.

Хубии кор дар он буд, ки ҳавои мӯътадили охири баҳору аввали тобистон, моро аз ҳалокшавӣ нигоҳ медошт. Агар шабона ё рӯзона аз пеши роҳамон чӣ ҷондоре, ба монанди саг ё гурба мебаромад, мо коре карда ӯро дошта тановул мекардем.

Дар аснои фирор ба деҳае омадем, ки забони ӯзбекиро медонистанд, ба фикрам онҳо туркман буданд, онҳо моро бо ширу ҷурғоти ширин меҳмондорӣ намуданд, вақте ки бегоҳ шуд, онҳо ба ҷӯшидани харҳо шурӯъ карданд. Мо фаҳмидем, ки ин ширу ҷурғоти ширин аз хар ҳосил мешудааст.

Дар ниҳояти кор баъди азоби 4-моҳа бо хорию зорӣ аз 12 нафар занони фирорӣ 9 нафарамон саломат ба ватан баргаштем, 3 нафар зани дигар як лақаю ду тоҷик аз бемории табларза дар роҳ фавтиданд.

Мана ин буд, қиссаи талхи мою апаи нокомат, эй духтари Мавлавӣ-гуфта ашки чашмонашро пок намуд он зан.

Модар нақл карда мегуфт:

– Пеш аз реҳлати падари бузургворам, яъне охири соли 1938 ногаҳон Мулло Ҳаким пайдо шуд. Ӯ дар бораи зинда будани зану фарзандонаш чизеро намедонист, зеро ки ӯ пештар фирор карда будааст.

Рӯзе ӯро ҳазрати Мавлавӣ ҷеғ зада ҳамроҳи тағоям Наҷмуддин паҳлавон, ки яке аз номдортарин паҳлавонони сарзамини Ҳисор буду қариб нисфи ҳаёташро дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва Қуқанду Тошканд бо кори личакӣ[1] гузаронида буд. Мардуми сарзамини Ҳисорро аз

[1] *Личак ба маънои паҳлавон, далер, нотарс (рекет)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дасти одамони бад дар ин шаҳрҳо ҳимоя менамуд барои овардани Бибисалима ба Кафқози Шимолӣ фиристод. Дар вақти сафар ду хеши наздикамон онҳоро низ ҳамроҳӣ менамуданд. Қариб як ҳафта тайёрӣ дида, тӯшаи роҳ тайёр мекардем, гӯсфандҳоро кушта қайла карда, бо равған дар пӯстҳояш ҷой мекардем, пулҳои қоғазиро дар даруни ҷомаю тоқиҳо пинҳон карда медӯхтем, пулҳои тиллогию тангагиро дар даруни мӯкиҳо[1] ҷой дода, устоҳо бегумон медӯхтанд, хуллас, дар чор асп тӯшаи сафарро бор карда, ба роҳ даромада буданд.

Вақте ки корвони чорнафара ба деҳаи Шоҳмансур мерасанд, рӯз бегоҳ мешавад, онҳо дар хонаи шиносе меҳмон мешаванд. Нисфи шаб Мулло Ҳаким оҳиста аз ҷойгаҳи хоб хеста, хӯрҷини пулу мол, аз қабили тангаю тиллоро гирифта, бо аспе ғайб мезанад ва пеш аз ғайб заданаш тасмаи миёни се аспи дигарро пора-пора мекунад, то ки ӯро бо асп дунболагир накунанд. Вақте ки Наҷмуддин паҳлавон ва ду рафиқи дигараш аз хоб бедор мешаванд, Мулло Ҳаким несту дар болои бистараш қоғазеро мебинанд, ки чунин навишта шудааст:

– Вақте ки маро Мавлавӣ даъват кард, напурсид, ки ба Қафқоз меравӣ ё не. Ман аз рӯи эҳтиром дар назди Мавлавӣ чизе гуфта ҳам натавониста ва гуфта ҳам наметавонистам, лекин имшаб ман дар хоб Қафқозро дидам, дигар тоқати он азобу шиканҷа надорам, агар ман дар он ҷо ба даст афтам, вой бар ҳоли зори ман, акнун бигзор гапи Мавлавиро гардонаму песу махов шавам, аз баҳри зану фарзанд баромадам – гуфта мактубро ба охир расонидааст. Баъди хондани мактуб Наҷмиддин паҳлавон савганд ёд мекунад, ки агар Мулло Ҳаким ба дастам афтад, ҳатман ӯро ба қатл мерасонам. Дар ҳақиқат, солҳои 1948-1951 маълум гардид, ки Мулло Ҳаким дар ноҳияи Ғозималик оиладор шудаасту соҳиби фарзанд низ мебошад. Хабари зинда будани Мулло Ҳаким то ба деҳаи Мискинободи ноҳияи Файзобод ба гӯши Наҷмиддин паҳлавон рафта мерасад. Барои аниқ кардани

---

[1] *Мукӣ - Мӯзаи худдӯхт, ки аз пӯсти такка бузи нар дӯзонда мешуд*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ин хабар ва нашикастани савгандаш Наҷмиддин паҳлавон соли 1952 роҳи ноҳияи Ғозималикро пеш мегирад. Суроғ ба суроғ хонаи Мулло Ҳакимро меёбад. Вақте ки фарзанди Мулло Ҳаким паҳлавонро дар дари ҳавлиашон пешвоз мегирад, паҳлавон мегӯяд:

– Писари кӣ мешавӣ?

Ӯ дар ҷавоб мегӯяд:

– Писари Мулло Ҳаким ва ӯро ба кулбае, ки дар он Мулло Ҳаким танҳо зиндагӣ мекард, ишора мекунад. Вақте ки паҳлавон дарро мекушояд, мебинад, ки Мулло Ҳакими бойбачаи зебои хушқаду қомат ба монанди барф сап-сафед шуда, пӯстҳояш рехта махов шудааст. Ин манзарaро дида, мактуби 14 сол пеш навиштаи Мулло Ҳаким дар вақти гурехтанаш ба ёди паҳлавон омада, дилаш ба ҳоли зори ӯ месӯзаду аз қавлаш мегардад ва ба дил мегӯяд, мувофиқи мактубаш Худованд ҷазои ӯро худаш додаасту дигар ҳоҷат ба ҷазо нест.

Дар охир паҳлавон ба МуллоҲакими бемори якпаҳлӯ афтода, мегӯяд:

– Ассалому алайкум, эй Мулло Ҳаким. Баробари шунидани ин овози наъраи шермонанд, меларзаду чашмонашро ба зӯр нимроғ карда, бо як овози ларзони дардмандона,- мегӯяд:

– Оҳ паҳлавон, охир маро ёфтӣ? Дидӣ, ки маро Худо задаст ва гирён шуда аз паҳлавон авф металабад. Паҳлавон мегӯяд:

– Ман туро бахшидам, аз Худо авфи гуноҳатро илтиҷо кун. Бо ҳамин Мулло Ҳаким баъди як рӯз аз олам мегузараду ҷанозаашро паҳлавон хонда, ба Мискинобод бармегардад.

## ШАҲИДОНИ БЕГУНОҲ ВА ҚОТИЛОНИ БЕРАҲМ

Банда дар бораи ин қиссаи ҳуҷҷатии ғамангез аз даҳони одамони кӯҳансол борҳо шунида будам.

Дар таърихи 12 майи соли 2001, баъди адои намози зуҳр аз падарам Раҷаби Иброҳим пурсидам, ки бори дигар дар бораи шаҳидони деҳаи Чашмаи Хунукак нақл намояд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ӯ лаҳзае ба фикр фурӯ рафта, сар бардошта гуфт:

– Писарам, аз таъсири беморӣ хаёлам парешон шудааст, бисьёре аз лаҳзаҳои ин фоҷиаи ғамангезро фаромӯш кардам. Беҳтараш ҳамроҳи ҳоҷи Сангимуроди устодат ба назди иштирокчии ин фоҷиа мулло Иззати Алӣ равед. Ӯ саршавию хотимаёбии ин моҷароро хело хуб медонад.

Баъди тавсияи падар роҳи хонаи Ҳоҷи Сангимуродро пеш гирифтам. Бо ӯ дар ҳавлиаш вохӯрӣ намуда, мақсади омаданамро фаҳмондам. Ҳоҷӣ ҳам гуфтаю тавсияҳои падарамро тарафдорӣ намуда гуфт:

– Пагоҳ, субҳи содиқ ба назди ман биё, ҳамроҳ ба хонаи Мулло Иззат меравем ва дар бораи ин фоҷиа аз ӯ маълумоти аниқро гирифта метавонем. Дар роҳ бо ҳам машварат намуда, ба хулосае омадем, ки ба воситаи деҳаи Меҳнатобод рафта, Махсуми Абдулҳамидро ҳамроҳ мегирем.

Расо соати 8 ҳамроҳи ҳоҷи Сангимурод ва Махсуми Абдулҳамид вориди хонаи Мулло Иззати 94-сола шудем. Моро дар даромадгоҳи ҳуҷраи Мулло-писараш Лутфулло пешвоз гирифт ва ба мо фаҳмонд, ки Мулло дар иҷрои вазифаҳои ҳаррӯзааш, яъне мутолиаи китоби «Далоил-ул-хайрат» мебошад. Мо каме таваққуф намудем. Мулло вазифаашро ба охир расонида, даст ба дуо бардошта савобиаташро аввало ба рӯҳи пурфутӯҳи Ҳазрати Муҳаммад Мустафо (саллаллоҳи алайҳи вассалам) ҳадя намуд, баъдан пиру устодаш Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳи Сурхиёниро ёд кард.

Баъди вохӯрию аҳволпурсӣ, дуою фотиҳа мо аз Мулло Иззат пурсидем:

– Бобои Мулло, бо мақсаде ба назди Шумо омадем, ки аз хотираҳои Шумо дар бораи Ҳазрати Мавлавӣ, яъне бобоямон Домуллои Сурхиён маълумоте ҳосил намоем. Ва доири фоҷиаи шаҳидони деҳаи Чашмаи Хунукак ҳақиқати ҳолро аз забони Шумо шунавем, зеро ки дар урфият мегӯянд: «Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст».

Мулло Иззат оҳи чуқуре кашида, ба фикр фурӯ рафта, баъди ду дақиқа сар бардошта, ба мо нигариста гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Наберагони Ҳазрати Мавлавӣ, ман дар ин умри 94-солаи худ, ҳодисаю воқеаҳои аҷоибу балоҳои азимеро аз сари худ гузаронидаам.

Ман аз сӯҳбатҳои пир ва устодам он Ҳазрат, ғаввоси баҳри маърифат ва дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат, 15 сол баҳравар шуда ва вазифаи гирифта-амро то ба ин соат иҷро мекунам.

Дар бораи фоҷиаи шаҳидон бошад, ман яке аз иштирокчии ин фоҷиа мебошам. То ба имрӯз ин фоҷиа ба ёдам меояд, тамоми ҳафтоду ду рагу паямро даҳшат зер карда, мӯйҳои баданам сих зада мебарояд.

Бобои Мулло баъди ин суханон сар ба пеш афканда, муддате ба фикру андеша фурӯ рафт ва баъди лаҳзае сар бардошта, аз киссааш рӯймолчаро гирифта, оби чашмонашро пок карда гуфт:

– Соли 1928 буд. Дастаи 26-нафараи Азим Бӣ[1], бар зидди аскарони Сурх меҷангиданд ва ба зарбаҳои «Калтакдорони сурх» тоб наоварда, дар кӯҳу деҳаҳои гирду атрофи собиқ ноҳияҳои Ромиту Файзобод ва Янгибозор паноҳ бурда буданд. Ба ин даста асосан миллати туркнажод, аз қабили марқаю лақай, турку қалуғ шомил буданд. Тоҷикон аз деҳаи Тӯдаи Наск чаҳор нафар ҷавонони паҳлавони чусту чолок низ ба ин даста ҳамроҳ шуда, сарварии онҳоро Мулло Исои Обигармӣ ба ӯҳда дошт.

Рӯзе дар болои кӯҳи хушбоду ҳавои Мазори Хоҷаи Хон ин дастаи 26-нафараи Азим Бӣ гӯсфандеро қурбон намуда, истироҳат мекарданд. Дар ин вақт шахси бозоракие аз самти Файзобод омада, дар сари роҳ ба маҳфили онҳо ҳамроҳ шуда, баъди хурду хӯрок ба тарафи деҳаи Лошхарф равон мешавад.

Ин шахс Файзулло ном дошт, вазифаи ҷосусии НКВД ва ё ГПУ (КГБ)-ро иҷро мекардааст. Файзулло ба сардори дастаи «Отряд» Мулло Зокири кофарниҳонӣ сирру асрори Азим Биро як ба як гуфта медиҳад.

---

*[1] Бӣ - яке аз унвонҳои ҳарбии сарбозони амири Бухоро мебошад. Азим Бӣ аз деҳаи Туртурободи ҷамоати Қаросу буд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз байн дере нагузашта, отряди Мулло Зокир дастаи Азим Биро иҳотаи дутарафа гирифта, аз масофаи дур тирпарронӣ сар мешавад. Ҷанг қариб чор соат давом мекунад ва рӯз торик мешавад. Азим Бӣ аз торикии шаб истифода бурда, бо 21 нафар ҳамроҳонаш ба Файзобод паноҳ мебаранд. Мулло Исо бо 5 нафар ҳамроҳонаш ба тарафи Оби Гарм мегурезанд.

Баъди чандин моҳҳои ҷудоӣ Мулло Исо бо йигитҳояш ба деҳаҳои чашмаи Хунукак ва Тӯдаи Наск баргашта, аз аскарони Сурх пинҳонӣ амал мекунанд.

Рӯзи ҷумъа Мулло Исо, худаш танҳо барои адои намози ҷумъа ва зиёрати ҳазрати Мавлавӣ ба деҳаи Сурхиён меояд. Баъди анҷоми намози ҷумъа ва сӯҳбатҳои тӯлонӣ ҳазрати Мавлавӣ ба Мулло Исо рӯ оварда, бо ҷиддият насиҳат карда мегӯяд:

Мулло Исо, шумо номи бузурги муллогиро доред, яъне ки шумо одами бо илму фарҳанг ва бомаърифат ба ҳисоб меравед. Оё як чизро ҳис карда метавонед, ки бо якчанд нафар дузду ғоратгар аскарони Сурхро шикаст додан мумкин аст? Ҳамин чор-панҷ нафар сарбозе, ки шумо доред, аз олами илму маърифат ва санъати ҷангӣ чандин фарсаххо дуранд. Чӣ будани ҷиҳоду муҷоҳидро намедонанд. Аз баҳри чӣ ва барои кӣ ҷангиданашонро ҳам надониста, чун каргасон дар ғами лошаю мурдоронанд. Дар назди шариат бо чунин касон ҷиҳод кардан ҳаром аст.

Мулло Исо аз ин корат даст каш агар даст накашӣ, яқин дон, ки аз дасти сарбозонат кушта хоҳӣ шуд ва одамони зиёди бепаноҳе аз ахсу касофатии онҳо зарар дида, ба шаҳодат мерасанд.

Мулло Исо каме фикр карда мегӯяд:

– Ҳазрати Мавлавӣ, дар деҳаи Чашмаи Хунукак ҳоҷати заруре дорам, рафта ҳоҷатамро гирифта, ба зодгоҳам Оби Гарм бармегардам.

Мавлавӣ таъкид карда мегӯяд:

– Мулло Исо аз баҳри ҳоҷатат бигузару аз ҳамин ҷо рост ба манзилат баргард, ки ба балои азиме гирифтор мешавӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулло Исо тавсияи Ҳазрати Мавлавиро қабул намекунад. Вақте Мавлавӣ мебинад, ки ӯ аз раъяш баргаштанӣ нест, бо таассуф сар ҷунбонда мегӯяд:

*Ҳар кӣ бар ӯ ҷавҳари доноӣ аст,*
*Бар ҳама кораш тавоноӣ аст.*

Баъди видоъ Мулло Исо роҳи деҳаи Чашмаи Хунукакро пеш мегирад.

Дар вақти набудани Мулло Исо он чаҳор нафар сарбози «содиқаш»бо ҳам машварат карда мегӯянд:

– Азим Бӣ гурехт, мо то кай хизмати Мулло Исоро ба ҷо меорем. Мо ҳамаамон аз як деҳа, ӯ бошад аз Оби Гарм омада моро кор фармуда, роҳбарӣ мекунад. Беҳтараш бо роҳи фиреб ӯро баста ба ҳукумат месупорем. Ва бо ҳамин гуноҳои худро дар назди ҳукумат мешӯем, шояд ки моро ҳукумати Шӯро бахшад.

Баъди маслиҳати дуру дароз ба хулосаи аниқ омаданду аз Тӯдаи Наск савори чаҳор асп ба самти Чашмаи Хунукак равон шудаанд. Дар ҳамин вақт Мулло Исо савори аспи сиёҳи ситорапешонӣ аз тарафи деҳаи Сурхиён пайдо мешавад. Навкарон бо ҳилаю найранги рӯбоҳона қумандонашонро пешвоз гирифта, то ба масҷиди деҳаи Чашмаи Хунукак роҳбаладӣ мекунанд.

Вақти адои намози пешин буд. Онҳо ба таҳораткунӣ машғул шуданду Мулло Исо баланд азон дода, ба хондани чор ракаат суннати намози пешин машғул шуд. Туфангчаю милтиқи ёздаҳтираи англисиашро дар ду бари ҷойнамоз гузошта буд.

Баъди адои суннат сарбозе такбир мегӯяду Мулло Исо, ки вазифаи имоматиро ба ҷо меовард, ба хондани намоз шурӯъ менамояд. Дар ин лаҳза яке аз сарбозон, ки ҷавони паҳлавон буд, аз болои ду даст, сарбози дуюм аз миён ва сарбози сеюм аз пойҳои Мулло Исо сахт оғӯш карда, ӯро дар болои ҷойнамоз меғалтонанд. Сарбози чорум ярокҳоро бо чолокӣ гирифта, бо банди аз пашми буз бофташуда дасту пой ва гардани қумандонро маҳкам мебанданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулло Исо ҳарчанд зорию тавалло мекунад, ки ақаллан наҷот диҳед, ки чор ракаат фарзи намози пешинро адо намоям, онҳо розӣ намешаванд.

Акнун насиҳатҳои Мавлавӣ дар гӯши Мулло Исо садо медоданд, ки мегуфт:

– Онҳо чӣ будани дину миллат ва ҷиҳодро намедонанд. Онҳо ба монанди каргасони мӯрдахӯранд. Охир аз дасти онҳо кушта хоҳӣ шуд ва зарарашон ба дигарон низ мерасад. Ин гуфтаҳои Мавлавиро зери лаб такрор карда, зор-зор мегирист ва зорию тавалло карда, суруди халқиеро зери лаб мехонду аз Худо имдод металабид.

*Рафтам Қаротегин дидам Ғарма,*
*Поёни Қаротегин Оби Гарма,*
*Ин золимони бераҳм мебуран сарма,*
*Ку дӯсти ширин хабар куна модарама.*

Касе ба доду фарёди Мулло Исо намерасид. Ӯ ҷавонпаҳлавони далер буду дар зери банди чор рӯбоҳи ланг дар монда буд. Насиҳатҳои Ҳазрати Мавлавиро ба ёд оварда, худро маломат карда мегуфт:

– Сазои сари ман, ки ба маслиҳати он пири маърифат ва пешвои аҳли тариқат амал накардам. Ӯ аз сарбозонаш хоҳишу илтиҷои охиринро карда мегӯяд:

– Бехтараш маро дар ҳамин ҷо ҳалок гардонеду ба дасти болшевикони бераҳм насупоред, ки ман тобу тоқат ва азобу шиканҷаи онҳоро надорам.

Навкаронаш Мулло Исоро дар болои асп гузошта, бо ресмони пашмин маҳкам баста, то ба деҳаи Поёноб оварданд ва ба дастаи «Отряд»-и ихтиёриёни Ҳоҷи Тилмоч[1] супориданд.

Зорию нола ва хоҳишу дархости Мулло Исоро дар он ҷо касе ба инобат нагирифта, ваҳшитарин ҷазою азобро ба ӯ

1 *Ҳоҷӣ Тилмоч - Маънои калимаи «тилмоч» тарҷумон мебошад Ҳоҷиро аз деҳаи Поёноби собиқ ноҳияи Ромит ба Сибир бадарға карда буданд, баъди солҳои зиёд забони русиро аз худ намуда, баргашта отряди ихтиёрӣ ташкил намуд ва бар зидди босмачиён ҷангид.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

раво диданд. Шабона ӯро бурда дар маркази ноҳияи Ромит ба идораи ГПУ (НКВД) супориданд.

Худи Мулло Исо борҳо таъкид карда буд, ки ман ба ранҷу азоби болшевикон тоб оварда наметавонам. Дар ҳақиқат, гуфтаҳои ӯ исбот шуд, ки бе ному нишон абадӣ ғайб зад. Аз зинда ва ё мурда будани ӯ дигар касе хабар наёфт.

*Роҳату ранҷ чун бувад гузарон,*
*Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон.*
*З-он ки бошад ба мазраъи умед,*
*Ранҷи ту тухми роҳати ҷовид.*

Аз байн як сол мегузарад. Аёми киштукори баҳорӣ соли 1929.

Дар ин фасл ҳусну таровати манзараҳои зебои деҳаи Чашмаи Хунукак боз ҳам зеботару дилработар шуда буд. Теппаҳои атрофи деҳаро қолини сабзи пурнақшу нигори табиати афсунгар зебу зинат медод. Аз қаъри санги сафеди мармарин оби чашмаи хунуктарини дунё гӯем ҳам, хато намекунем, фаввора зада мебаромад. Беҳуда деҳаро бо номи ин чашма номгузорӣ накардаанд.

Аз насими форами кӯҳистон гулҳои лолаю ҳолмон, юғану камол ба рақс омада, ба гирду атроф бӯйҳои ҳаловатбахши худро паҳн мекарданд, ки ба кас рӯҳу илҳоми тоза мебахшид. Дар ин айём мардуми деҳа аз паи кору зиндагии хеш буданд.

Мулло Достӣ[1] аз деҳаи Тӯдаи Наск барои кори заруре ба Файзобод меравад ва дар вақти бозгашт бо Азим Бӣ ва 7 нафар сарбози зиндамондааш вомехӯрад. Аз деҳаи Тӯдаи Наск будани Мулло Достиро Азим Бӣ фаҳмида, шамшерро аз ғилоф кашида, чун шери дар ғазаб омада, ба Мулло Достӣ ҳуҷум мекунад. Мулло Достӣ аз тарси ҷон ва барои аз доми аждаҳо наҷот ёфтан доду фарёдкунон дар пеши пои Азим Бӣ афтода, зорию таввалокунон мегӯяд:

---

*1 Аз зарурат номи образҳои манфӣ пардапӯш омадааст.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Эй Мири Ғозӣ, ман гуноҳе надорам, аз баҳри як қошуқ хунам гузаред. Ман гунаҳкороне, ки Мулло Исоро баста ба ҳукумат супоридаанд, ҳамаашонро медонам.

Мулло Достӣ мехост бо ин роҳ ҷони худ ва ҷони чор нафар ҳамдеҳагонашро аз даҳони ин гурги ба ғазаб омада халос кунад. Бо қавли ӯ «Гар зарурат бувад, раво бошад»-ро пешаи халосии ҷони худ дониста, дурӯғи зеринро бофта мегӯяд:

– Мулло Исоро муллоҳои Чашмаи Хунукак баста ба ҳукумат супориданд.

Деҳаи Чашмаи Хунукакро деҳаи муллоҳо низ меноманд, ки ин ном бесабаб набуд. Аз ин деҳа 10-12 нафар ҷавонони илмдӯсту маърифатпарвар дар назди Ҳазрати Мавлавӣ мехонданд ва соҳиби илму маърифати исломӣ низ буданд.

Аз чашмони хунгирифтаи Азим Бӣ барқ дурахшида, бо қаҳру ғазаб ба шеваи марқагӣ Мулло Достиро дашноми қабеҳ дода гуфт: –Тезтар номҳои он кофиронро навишта ба ман деҳ!

Аз тарси ҷону халосии худ қоғаз гирифта навишт; Давлати Ашӯр, Сайид, Ҳалим, Насриддин, Худойназар, Соҳибназар, Садриддин, Мулло Исмат, Латифи Алӣ, Иззати Алӣ ва ғайра 28 нафар одамони бегуноҳро номбар мекунаду қоғазро ба Азим Бӣ месупорад. Баъди 4-5 қамчини обдор хӯрданаш бо сару рӯйи пур аз хун роҳи деҳаи Тӯдаи Наскро пеш мегирад. Ӯ аз кори кардааш пушаймон гардиду гирён-гирён ба худ савол медод; дареғ, о, сад дареғ, мани аҳмақ аз тарси ҷон зомини хуни он бегуноҳон мешавам.

Байни намози асру шом буд. Офтоб нурҳои тиллоранги охирини худро ба болои деҳаи Чашмаи Хунукак мепошиду дар паси кӯҳҳои осмонбӯс паноҳ мешуд.

Мардуми деҳа баъди кишту кори баҳорӣ монда шуда аз саҳро ба аспу хар ва барзаговҳояшон бармегаштанд.

Ногаҳон аз самти Файзободу Кӯҳи Мазор пайкари ҳафт нафар мардони аспсавори яроқнок пайдо шуд. Онҳо чун бод ба тарафи деҳа асп меронданд. Аз байн 20 дақиқа нагузашта буд, ки он 7 нафар яроқбадастон деҳаро ба иҳота



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гирифтанд. Онҳо аз сари роҳ, аз даруни киштзор ва хона ба хона гашта, ҷавонону мӯйсафедони деҳаро дар назди масҷид ҷамъ оварда, дастҳояшонро бо банди пашмин бастанд.

Дар як муддат сафи басташудагон ба 28 нафар расид. Мардум аз кору рафтори онҳо дар тарсу ҳарос ва ҳайрон монда, чӣ кор кардану чӣ гуфтанашонро намедонистанд.

Баъди лату кӯб, азобу шиканҷаи зиёде ба 28 нафар гунаҳкорони бегуноҳ сардори даста, марди сабзинаи миёнақади камриши уқобчашм худро муаррифӣ намуда гуфт:

– Ҳой кофирон! Шумо душманони мазҳаби мо, мусалмонон ҳастед! Шумо Мулло Исоро баста бурда, ба кофирон супоридед. Акнун ҳамаатонро чун саг мепарронам, чун гӯсфанд саратонро аз танатон ҷудо мекунам ва чун буз пӯстатонро аз баданатон кашида мегирам. Маро Азим-Бии Ғозӣ мегӯянд. Хуни Мулло Исоро аз Шумо меситонам.

Ҷавони зебо Давлати Ашӯр навакак аз меҳмонӣ, аз деҳаи Лойёб омада буд. Ҳанӯз то ба хонааш нарасида, дидори зану фарзанд, падару модарро надида, бо саллаю ҷомаи нав, дар сафи аввал бо дасти баста меистод.

Навкарони Азим-Бӣ Ҷӯрахону Тӯрахон, ки аз деҳаи Буваки ҳозира ҷамоати Чӯянгарон буданд, ханҷару камон дар даст интизори ишораи қумандонашон буданд.

Азим Бӣ савори аспи сафед бо хашму ғазаб ба Давлат нигариста гуфт:

– Сагбача номат чист? Давлат бо зорию тавалло гуфт:

– Ҳазрати Мири Ғозӣ ман аз меҳмонӣ омада истодаам. Маро аскаронат аз роҳ гардонданд, то ҳол писару духтар, падару модарамро надидаам. Дар вақти баста бурдани Мулло Исо ман дар Шоҳмансур будам. Ман гуноҳе надорам, падару модари пири бемори бистарӣ ва 6 нафар тифлакони хурдсол дорам, 10 рӯз мешавад, ки онҳоро надидаам, Ҳазрати Мири Ғозӣ раҳм ба 6 тифлу падару модари беморам кун, ғуломат мешавам, бегуноҳам, гуноҳе надорам.

Азим дашноми қабеҳе бо забони ӯзбекӣ дода мегӯяд:

– Сагбача, афсона нагӯй, номат чист? — Ҷавони зебо бо як ҳисси раҳмгинона мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Номам Давлат. Азим ба рӯи коғази дар дасташ буда нигариста, ба Ҷӯрахону Тӯрахон ишораи чашм мекунад. Дар баробари ишораи Азим садои тир баланд шуду Давлати бегуноҳ афтод ва аз ду кунҷи лабаш хуни сурхи яллаққосӣ ҷорӣ шуд.

Бо ишораи қумандон ду навкараш бо чолокӣ саллаю ҷомаи нави Давлатро ба ғанимат гирифтанд, то ки дар хуни шаҳид олуда нашавад. Ҷӯрахон аз ду гӯши Давлат дошта Тӯрахон аз паси сар ӯро чун гӯсфанд сар зад. Ҷӯрахон сари аз тан ҷудои  Давлатро гирифта, дар бари тани бесараш монд. Ин лаҳзаи ваҳшатноку даҳшатоварро фарзандони одам кам надидаанд.

27, нафар гунаҳкорони бегуноҳи боқимонда ин манзараро дида, бисёре дар ҷояшон тар карданд ва садои калимаи шаҳодат: «Ашҳаду алло илоҳа илаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу»-ро замзама мекарданд, ки гӯши фалакро гӯё кар мекард ва аз кӯҳҳо акси садо меомад.

Навбат ба шахси дуюми дар қатор буда расид. Қумандон пурсид:

— Номат чист? Ҷавони 22-23 солаи зебои муҷаррад гуфт:

— Номам Сайиди Ҳалим. Азим ба коғаз чашм давонда, бо дасти чап ишора кард. Садои тир баланд шуду Сайиди аз дунё чизе надида, рӯ ба замин афтод. Баъди лаҳзае аз таъсири оташи тир ҷомааш оташ гирифта, дуд ба фалак печид. Сайид зинда будаст, ки бо садои ҷонгудози ғамангез гуфт:

— Модарҷон, падарҷон об, дилу ҷигарам оташ гирифт, сӯхт, об оташро хомӯш кунед, об, об,…

Бо ишораи Азим Сайиди ташнаи об ва оташгирифтаро аз паси гардан бо теғи каҷи туркӣ сарашро аз тан ҷудо карданду сарро дар қатори сари Давлат гузоштанд.

Касе гап зада наметавонист, зеро ки забону тану ҷисми мо фалаҷ ва карахт шуда буд. Чунин даҳшату ваҳшиёнатро авлоди башар кам дидааст.

Чашидани шаҳди марг навбати шахси сеюм шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бародарон Мирзою Насриддин бо дастҳои баста дар бари ҳамдигар меистоданд. Баробари номи Мирзоро гирифтан садои тир баланд шуду Мирзо рӯ ба замин дар пеши пойи бародараш афтод. Ин лаҳзаи ҷонгудоз, чун тири алмос бар ҷигари Насриддин расид. Халқ беҳуда намегӯяд: «падару модармурӣ мерос аст, писару бародармурӣ тири алмос аст». Насриддин «акам ой» гуфта, фарёд зада гирист, дар ҳамин лаҳза садои тири дуюм баланд шуда, Насриддин дар бари бародараш Мирзо афтод. Аз кунҷи лабони бародарон хуни сурхи шаҳидӣ равон шуд. Тири дуюмро худи Азим-Бӣ бо тапонча дар миёни ҳар ду қошу чашми сиёҳи зебои Насриддин ба нишон гирифта буд.

Баъди қатли чорумин гуноҳкори бегуноҳ, Азим-Бӣ ба қатори бандиёни 24-нафара бо диққат нигариста, ба мӯйсафеди 82-солаи қоматхамида, ки бо дасти баста ба асо такя карда, бо азобе рост меистод гуфт:

— Ҳой пирсаг! Росташро гап зан, Мулло Исоро кӣ баста, бурда ба кофирон супоридааст. Агар росташро нагӯӣ, ҳамаи 24-нафари боқимондаро ана, ҳамин тавре ки бо чашми худ дида истодаед, ба қатл мерасонам.

Мӯйсафеди пир аз таъсири ваҳму даҳшат, ки забонаш карахт шуда буд, монанди занбӯр ғунг-ғунг карда, чизе гуфта натавонист.

Ин ҳолатро писари мӯйсафед, Худойназари раиси колхоз дида гуфт:

— Падар, чӣ метарсӣ, гап зан росташро гап зан. Худойназар суханонашро ба охир нарасонда буд, ки садои тир баланд шуду сарозер ба замин афтод. Мӯйсафеди Соҳибназар аз ин марги нобаҳангоми фарзанди ҷигарбанд, дилаш аз кор монда ба болои ҷасади писараш афтод.

Ин фоҷиаи даҳшатноку нанговарро ҷавони тануманди паҳлавонсурат Латифи Алӣ дида, косаи сабраш лабрез шуда гуфт:

— Мири Ғозӣ, бегуноҳонро накуш, хуни ноҳақ рехтӣ, қатли оми ноҳақ кардӣ, аз ғазаби Худованд тарсу ҳақиқаташро аниқу равшан кун. Баъд моро ба қатл расон, ҷони мо қурбони ту! Баробари шунидани ин суханони ҳақиқатнигаронаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Латиф, Азим-Бӣ мили туфангчаашро ба миёни ҳарду қоши сиёҳи Латиф рост кард. Дар ҳамин ҳангом мулло Бердӣ ки қозии дастаи Азим-Бӣ буд, намозашро бо шитоб ба охир расонда, салом дода, давида бо ду даст аз болои дастҳои Азим панҷа андохта, мили таппончаро ба поён гардонд. Тир садо доду хато рафта, дар пеши пои Латифи далер афтода, чанг ба осмон баланд шуд.

Мулло Бердӣ гуфт:

— Мири Ғозӣ, қатли ом кардӣ, ин ҷавон, ҳақиқатро дар асоси шариат мегӯяд, мо мувофиқи гуфтаҳои шариати исломӣ бояд гунаҳкоронро пурра аниқ кунему баъд бо фатвою гуфтаҳои китобҳои муқаддас асос намуда, онҳоро ҷазо диҳем.

Гӯё мулло Бердӣ дар хоб буду суханони Латифи Алӣ ӯро аз хоби ғафлат бедор карда буд. Баъди овардани оёту ҳадисҳои зиёди мулло Бердӣ Азим-Бӣ араќи пешонаашро пок карда, сар ба пеш афканда, лаҳзае ба фикру андеша фурӯ рафта, сар бардошта гуфт:

— То ба пурра аниқу равшан кардани гунаҳкорон аз гуноҳҳои боқимондаатон гузаштам, -гуфта бо дастаи 7 нафараи худ ба тарафи Кӯҳи Мазор асп давонда чун бод аз назар ғоиб шуданд.

23-бандии басташуда карахт шуда чун ҳайкали сангин дар ҷояшон лаҳзае истоданд, баъд ба оҳу нола даромаданду сар то сари деҳи Чашмаи Хунукак мотамсаро гардид дар ғами ин ҷавонони бегуноҳ гӯё паррандаю чаранда, сангу чӯб, обу растаниҳо менолиданд.

Занон дар болои сари бетани шавҳарон, кӯдакон дар болои ҷасади падарон, падару модарон дар болои ҷигарбандони ғарқи хунашон рӯйканону мӯйканон хун мегиристанд. Бародару хоҳар, падару модар, зану хушдоман ва 6 нафар тифлони маъсуми аз дидори падар сер нашудаи Давлати Ашӯр дар болои тани бесару сари аз тан ҷудои оғӯштаи хоку хун афтода, аз замин хоку санг гирифта, ба сар мезаданду ашку хун аз чашмонашон равон буд. Гӯё дар деҳаи Чашмаи Хунукак рӯзи «Растахез» буду қиёмат қоим мешуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шаҳидони бегуноҳро бар дар бар бо либосҳояшон, либосҳои аз хун гул кардаашон, дар ҷои ба қатл расидаашон гӯрониданд.

Баъди гузаронидани маросими ҳафти шаҳидон, ҳазрати Мавлавӣ гунаҳгорони ба халқ ноаён 7 нафар қотилони пинҳонкорро ба ҳузури хеш даъват намуда мегӯяд:

— Шумо дар ҳарду олам рӯи худро бо рафтору кирдору пиндори зиштатон сиёҳ карда, манқа ба оташи ҷаҳаннам гардидаед, зеро ки худро муҷоҳиди роҳи ҳақ номида, дар деҳаи Себҳои Ширин Аслияро[1] бо бародари ноболиғаш, Хайрулло ва модари бемори пираш Нозукро ба қатл расондед. Шумо Аслияро на барои он ки фаранҷиро партофтаю ба «Озодӣ» баромаданаш қатл кардед, балки барои ба даст овардани сарваташ ӯро ваҳшиёна ба қатл расондед. Агар Аслия гунаҳгор буд, бародари ноболиғаш ва модари пири бемораш чӣ гуноҳ дошт?

Шумо ин кори ваҳшатнокро шабона ва пинҳонӣ анҷом додед, оё фикр накардед, ки Худованд ҳозиру нозир аст ва ҳар амали шуморо мебинад, аз ӯ шарм надоштед? Аз наҳсии шумо дар деҳаи Себҳои Ширин бародарон Шоҳу Абдулло ва Ҳайдару Юсуфи бегуноҳро ҳукумат бе ному нишон гардониду тифлакони маъсуми онҳо ятим монданд, ки хуни онҳо низ дар ду олам дар гардани шумост.

Дар хуни Мулло Исо зоминед ва қотили 5 нафар шаҳиди Чашмаи Хунукак ҳам шумоед. Шумо пистонҳои модари Иззатулло қурбоширо барои он буридед, ки ӯ ҷои тиллоҳои пинҳон кардаи писарашро ба шумо нишон надод, ҳамин тавр нест магар?

Акнун Шумо 7 нафарон гӯед, ки қотили хуни 9 нафар инсони бегуноҳ ҳастед ё не?

— Ман бандаи осӣ дар назди Худованд, дар ин ҳуҷраи торик нишаста бо мадади Аллоҳ аз сирру асрори шумо

---

[1] *Аслия якумин зане буд, ки дар деҳоти кӯҳистон фаранҷиро аз сар дур андохта, ба қавли мардум ӯ ба «Озодӣ» баромада буд. Шахсони номаълум шабона ӯро бо ҳамроҳии бародару модараш ваҳшиёна ба қатл расонида, молу амволашро ба яғмо бурданд ва аз рӯи ин фоҷиа одамони бегуноҳро ҳукумат ба маҳкама кашида несту нобуд кард.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бохабарам. Ҷуброни ин амалҳои зиштро дар ду олам аз Худованд интизор шавед.

Шумо ба монанди каргасонед, ки барои ин дунёи мурдор, ҳамдигарро ба қатл расонида, лошаи якдигарро ба ғанимат гирифта мехӯред, ки дар бораи шумо Ҳаким Саноӣ чӣ хуб гуфтааст:

*Ин ҷаҳон бар мисли мурдорест,*
*Каргасон андар ӯ ҳазор-ҳазор.*
*Ин мар онро ҳамезанад миҳлаб,*
*В-ин мар онро ҳамезанад минқор.*
*Охир ул амр бигзаранд ҳама,*
*В-аз ҳама боз монад, ин мурдор.*

Баъди ин суханони Мавлавӣ, ин 7 нафар қотилон, гиребони худро пора карда, санги маломат ба сар мезананд ва гиряю нолакунон аз Мавлавӣ имдоду узри гуноҳ металабанд.

Мавлавӣ бо онҳо мегӯяд, ки аз Худованд натарсида, дар дунёи дурӯза, аз барои нафси саркаши худ шуда, ба чунин корҳои ношоями даҳшатовар даст задед, авфу имдодатонро аз Худованд хоҳед, ки ӯ Ҳозиру Нозир, Ҷаббору Раҳиму Ғафуру Карим аст.

Мувофиқи гуфтаҳои Ҳазрати Мавлавӣ ҷазои он ҳафт нафар гумроҳе, ки нафсу шайтон бар ақлу имони онҳо ғолиб омада буд, дар ин дунё Худованд дод ва дар охират ҳам хоҳад дод.

Мавлавӣ доимо таъкид карда мегуфт Худованд барои ҳар як инсон чаҳор чизро офарид, ақлу имон, нафсу шайтон. Агар ақлу имон ғалаба ба нафсу шайтон кунад, одам дар ҳарду олам саодатманд мегардад ва бар акси ҳол, агар нафсу шайтон ғалаба бар ақлу имон кунад, он инсон рӯйсиёҳу шармсори ҳарду ҷаҳон хоҳад шуд. Бобои Мулло Иззат баробари хатми саргузашти худ, оётро аз «Қуръони Маҷид» қироат карда, ба рӯҳи Ҳазрати Мавлавӣ ва шуҳадони номашон дар боло зикр шуда бахшида, шукри Худоро барои тинҷии давру замон иброз намуд ва моро дуо дода гуселонид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҶЕЛАКИ ТАБАРРУКӢ

Моҳи майи соли 1968 ҳамсинфам Тилло Раҳимов аз деҳаи Камонгарон, бахшида ба кадом як маросиме ҷамъомадеро барпо намуд. Дар он ҷамъомад муллоҳо, эшонон ва бисёр меҳмонони варзида ширкат доштанду мо дар хизмати онҳо будем. Баъди адои намози хуфтан ҳамдеҳагон рафтанду меҳмонон монданд. Мо дар назди меҳмонон нишаста сӯҳбати онҳоро, ки дар мавзӯъҳои илму дин буд, бо шавқу ҳавас гӯш мекардем. Азбаски меҳмонон дар атрофи қонуну қоидаи аҳкоми шаръӣ гап мезаданд, аз олимони соҳаи аҳкоми дин ёдоварӣ мекарданд. Мӯйсафеди нуроние тахминан 75-76 сола лаҷоми суханро ба дасти худ гирифта гуфт:

— Дар водии Ҳисор ба монанди Домуллои Сурхиён олим кам гузаштааст. Дар ин лаҳза Абдулло, ки тобистонҳо дар назди Эшони Абдураҳмонҷон мехонд, сухани ин пирамардро бурида гуфт:

— Мана ин ҳамсинфи ман Муҳаммадрасул набераи ҳамон ҳазрати Домуллои Сурхиён аст. Он пирамард аз ҷояш хеста маро ба наздаш даъват карда, аз нав вохӯрӣ намуд ва дар бараш ҷой дод. Ман ҳарчанд мегуфтам, ки аз мӯйсафедон боло нишастан тарки одоб аст, вале ӯ мегуфт:

Шумо набераи авлиёед. «Асои пир ба ҷои пир»-гуфта, маро иззату эҳтиром карда, ба нақл сар кард:

— Падарам шахси давлатманде буду бо як орзую ҳавас маро дар синни 18-солагиям бо духтари аммаам хонадор намуд. Шаби аввал дар таги чодар ман ба касалии васвос (молихулё), рӯҳӣ гирифтор шудам. Падарам ҳарчанд заҳмат кашида, барои саломатии ман пулу моли бисёреро сарф карда, бошад ҳам вале ҳеҷ натиҷае надод. Овозаю шӯҳрати илму дониши Мавлавии Сурхиён то ба деҳаҳои дурдасти кӯҳистони Қаротегин низ рафта буд. Пирони хирадманди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

деҳа ба падарам маслиҳат доданд, ки фақат ба дарди писари шумо Домуллои Сурхиён даво карда метавонад.

Падарам мани беморро ба асп савор карда, роҳи деҳаи Сурхиёнро пеш гирифт. Аз Файзобод ба воситаи деҳаҳои Муллоён, Девонбегӣ, Дуоба ва Арзаноба ба кӯҳи Мазори Хоҷаи Хон расидем. Фасли баҳор, заминро қолини сабзи пур аз нақшу нигори табиати афсунгар зиннат медод, аз вазиши нарм-нарми насими кӯҳсори Файзобод гӯё гулҳои сурхи лолаю ҳолмон ва зарди юғану камол ба рақс омада, мерақсиданду мурғони хушхони кӯҳӣ, аз қабили кабку булбул, гунҷишку залич ва дигар паррандагон ба завқ омада нағмасароӣ мекарданд. Бӯи муаттари гиёҳҳои шифобахши кӯҳӣ ба машом мерасид. Ман аз тамошои ин манзараи нотакрори табиати афсунгар ба ваҷд омада, дар дилам як қуввай фараҳбахш пайдо шуду худро хеле сабук ҳис кардам, чунин манзараи зеборо то ҳол надида будам ва ё дида будаму зебоии онро ҳис намекардам. Агар касе аз қуллаи ин кӯҳӣ баланд ба чор тараф назар афканад. Агар назарат ба сӯи Машриқ афтад, водии Қаротегинро гуё сайёҳат менамоӣ, нигоҳат ба самти Мағриб афтад, водии Янгибозор-Кофарниҳони ҳозираро мебинӣ назар ба Шимол кунӣ водии Ромитро давр мезанию назар ба сӯи Ҷануб намоӣ, сар то сари ноҳияи Файзободро пурра гӯё сайёҳат мекунӣ.

Аз тамошои ин манзара мо, падару писар хеле ҳаловат бурдему илҳом гирифтем, ногоҳ хоб бар мо ғалаба кард. Падарам маро аз асп фароварду гуфт:

— Каме истироҳат мекунему аспро дар ана ҳамон теппаи сабзу хуррам ба чаро сар медиҳем. Теппаеро, ки дуртар аз мо дар масофаи 100 метр ҷой гирифта буд, нишон дод. Дар ҳамин вақт аз самти деҳаи Сурхиён, ки мо ҳамон тараф ҳаракат мекардем, шахсеро дидем, ки бо дасташ аз дур ишоракунон давон-давон ба сӯи мо меомад ва мегуфт:

— Эй меҳмонон, аспро ба он теппа набаред! Мо хаёл кардем, ки дар он теппаи сабзу хуррам ғалла кишт карда бошанд. Он ҷавони тахминан 24-25-сола, ки дар обу арақ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тар шуда, канда-канда нафас мегирифт, баъди салому алейк ба мо муроҷиаткунон гуфт:

— Меҳмонони азиз, баъди адои намози пешин маро Мавлавӣ, ки дар таваҷҷӯҳи зикри илоҳӣ буд, оҳиста ҷеғ зада гуфт:

— Тезтар ба ағбаи Мазор рав, ки дар он мавзеъ бар зидди ҳуҷуми малах, ки зироатҳоро хӯрда нобуд карда буд, заҳр пошидаанд. Ду меҳмон аз роҳи дур омада истодаанд, ки ду рӯз пеш қосидашон хабар дода буд, зарар набинанд, ки онҳо бо умеде омадаанд.

Падарам ба ман нигоҳ кард ва ман ба падарам. Оҳиста падарам беихтиёр бо як оҳанги тааҷҷубомез гуфт:

— Аз омадани мо ҳеҷ кас хабар надорад ва мо то ҳол номи Мавлавиро шунида бошем ҳам, аммо ӯро надидаем. Дар ин вақт ман дар баданам як гармиеро ҳис кардам. Сарам сабук ва чашмони хираам равшан шуд.

Ҳис кардам, ки баъди хоби дарози тӯлонӣ акнун аз хоб бедор шудам. Бо ҳамроҳи он ҷавон роҳро давом додем. Ҷавони ношинос таъкид карда мегуфт, агар ман панҷ дақиқа дер мекардам, аспи шумо аз алафи он мавзеъ истеъмол мекард, ҳатман ҳалок мешуд.

Аз рафти сӯҳбат маълум гашт, ки ин ҷавон Абдусамади Олим[1] яке аз фарзандхондҳои Мавлавӣ будааст.

Дар ниҳояти кор Худованд моро ба зиёрати Мавлавӣ мушарраф гардонид. Баъди муоина ва муайян намудани бемории ман, Мавлавӣ яке аз шогирдонаш Мулло Холро даъват карда, коғазеро ба дасташ дод. Маро як ҳафта шогирдаш табобат намуд. Рӯзи ҳафтум Мавлавӣ маро даъват карда, як ҷелаки (халат) худро тӯҳфа намуда гуфт:

— Инро пӯш, дигар ҳаргиз ин беморӣ ба ту асар намекунад, – гуфта дуо дод. Ман ба асп савар нашудаму падарамро ба асп савор кардам, зеро ки тамоман шифо ёфта будам.

Пеш-пеши аспи падар шодикунон роҳи Қаротегинро пеш гирифта, бегоҳ намози асру шомро дар масҷиди ҷамоати

---

*1 Олимов Абдусамад соли 1985 дар деҳаи Қиргизон вафот кард, ки чунин воқеаро доимо ҳикоят мекард ва шаҳодат медод.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳакимӣ хондему меҳмон шудем. Баъди адои намози хуфтан, мардуми деҳа аз мо пурсиданд, ки меҳмонон, шумо аз куҷо меоеду ба куҷо меравед?

Падарам саргузашти ману худашро нақл карда дар охир гуфт:

— Ҳамин ҷелаке, ки дар танаи писарам мебинед, ҷелаки худи Мавлавӣ мебошад, ки ба писарам тӯҳфа карду гуфт:

— Дигар ҳаргиз ин бемории васвос ба ту асар намекунад.

Баробари шунидани ин сухан, пиру ҷавони дар масҷид нишаста ба ман ҳуҷум карда, табаррукӣ гуфта ҷелаки навро пора-пора намуда, ба қадри тӯмор гирифта тавоф намуда, ба дидагонашон мемолидანду мегуфтанд:

— Ин пораҳоро тӯмор мекунем. Ман бошам бо ёрии падарам фақат гиребони ҷелакро пинҳон карда тавонистем, - гуфту бобои Ҷонмаҳмад кисаи камзули сабзашро кофта, ба монанди ҳайкалча тӯмори чармиеро бо эҳтиром бо ду даст гирифта, тавоф намуда ба дидагонаш молиду гуфт:

— Дар даруни ин ҳайкал порае аз гиребони он ҷелак мебошад, ки 35 сол инҷониб бо худ нигоҳ медорам ва дар ин муддат як маротиба дандондард шудам, дигар аз касали васвос асаре намондааст.

— Одамони маҳфил, ки гуфтаҳои бобои Ҷонмуҳаммадро бодиққат гӯш мекарданд, ва ба навбат ҳайкалчаро даст ба даст гирифта, тавоф карданд. Бобои Ҷонмуҳамад ба ман хитоб карда, бо оҳанги иззату эҳтироми самимӣ гуфт:

— Эй Муҳаммадрасул, медонӣ ҷадди бузургвори шумо чӣ касе будааст.

Ман ҳис кардам, ки нигоҳи аҳли ин ҷамъомад, хусусан, ҳамсинфонам нисбат ба ман дигар шуду бо ҳисси иззату эҳтиром ба ман муроҷиат мекарданд. Чунин будааст эътиқоду дараҷаю мартабаи Мавлавӣ дар байни мардум.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҚИССАИ ГУЛИЗОРИ ПАРИВАРА

13-уми майи соли 1974 буд.

Пагоҳ, рӯзи 14 май бандаро ба хизмати Ватан гусел менамуданд. Хешовандон барои гусели ман бегоҳ дар хонаамон меҳмон шуда буданд. Баъд аз адои намози хуфтан модарам Бибифазила аз саргузашти худ ва падараш ҳазрати Мавлавӣ ёдоварӣ намуда гуфт:

— Баъди кӯчидани деҳаи Сурхиён, мо аҳли оила дар деҳаи ҳамсояи Дараи Ҳамза зиндагонӣ мекардем. Тобистон айёми тутпази соли 1936 буд. Меҳмонони зиёде аз шаҳрҳои Сталинободу Янгибозор ба зиёрати Мавлавӣ омада буданд. Мо, як гурӯҳ духтарон дар таги тути бедона машғули чидани тут будем ва кӯшиш мекардем, ки ҳар чӣ тезтар сатилчаҳоямонро аз тут пур кунем, то ки меҳмонон интизорӣ накашанд.

Ногаҳон кӯдакони хурдсол давида ба назди мо омада, бо ҳаяҷон гуфтанд:

—Гурезед, як одами дарози камондор омада истодааст. Дар ҳақиқат, мардум дар ин давру замон аз одами яроқдор метарсиданд, агарчи вай хоҳ босмачӣ бошад ва ё аскари Сурх. «Моргазида аз арғамчини ало метарсад» - мақоли халқ барин, аз дасти одами яроқдор даҳҳо-садҳо мардуми бегуноҳ зарари моддию ҷонӣ дида буд.

Мо ҳам тарсида, сатилчаҳои ҳанӯз аз тут пурнашудаамонро гирифта, ба тарафи хона давида рафтем. Ин ҳодисаро ба Мавлавӣ фаҳмондем. Ӯ моро ором карданӣ шуда гуфт, натарсед, он кас одами худӣ барои коре аз Файзобод омада истодааст.

Мо каме ором гирифта, интизори омадани меҳмон шудем. Баъди панҷ-шаш дақиқа меҳмони яроқдор вориди хона гардида, силоҳашро ба кунҷе гузошта аввал бо Мавлавӣ ва сонӣ бо меҳмонон вохӯрда, чорзону зада дар паси дар нишаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъди аҳволпурсию дуои хайр, Мавлавӣ ба меҳмон хитоб карда гуфт:

— Раҷаббой, чаро яроқро ҳамроҳ гирифта мегардӣ? Дар ягон ҷангалзор пинҳон накардӣ? Мардум бе ин ҳам дар тарсу ҳароси дутарафаанд. Мана худатон бо чашми худ дидед, ки духтараконии тутчин чӣ хел аз шумо тарсида, гурехта ба хона омаданд.

Акнун ман фаҳмидам, ки ин марди яроқдор на босмачӣ ва на «атрат» будааст, балки марди давлатманде бо номи Раҷаббой аз деҳаи Дарозборик, ки ин деҳа дар назди деҳаи Хами Савраи ҳозира ноҳияи Файзобод ҷойгир шуда буд, барои кори заруре омада будааст.

Раҷаббой аз ҷой бархеста, таъзим намуда, барои ин кораш гирён шуда, аз Мавлавӣ авфи гуноҳ талабид ва бо оҳанги ғамангез гуфт:

— Ҳазрати Мавлавӣ ҳуш дар сарам нест хаёлӣ шудаам, ягона писару якка духтарам беморанд. Духтарам дар синни 18-солагӣ дар таги чодари арӯсӣ девона шуд. Ду сол инҷониб ӯро занҷирбанд дар хона посбонӣ мекунем ва маблаға зиёде сарф кардам, аммо ягон даво карда натавонистам. Ба замми ин, писарчаи 16-солаам, Талбаки-талбидагӣ чил рӯз аст, ки бемори бистарист, чизе намехӯрад, хароб шуда пӯсту устухон шудааст. Барои ҳамин ба назди шумо омадам.

Мавлавӣ баъди шунидани суханони Раҷаббой сар ба пеш афканда, қариб 10 дақиқа ба таваҷҷӯҳ нишаст. Баъди 10 дақиқа сар аз таваҷҷӯҳ бардошта, бо рӯймолчаи сафед араќи ҷабинашро пок карда, бо оҳанги дилсӯзонаю дилбардорона ба Раҷаббой рӯй оварда, бо ҷиддият гуфт:

— Раҷаббой, ба тақдири Худо тан деҳ! Чизеро ки Худо медонад, мо намедонем. Фарзанд ҳам доди Худост. Мо худ набудем, ӯ моро халқ кард. Худованд медиҳад ва мегирад. Кори банда фақат сабру тоқат ва шукр кардан аст. Аз сабру тоқат ва шукр худованд ҳар касро ба муроду мақсадаш мерасонад.

Баъди ин панду насиҳат, Мавлавӣ каме хомӯш истода гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Раҷаббой ман ҳеҷ чизро аз ту пинҳон карданӣ нестам, ҳақиқати ҳолро мегӯям, ба шарте ки дар кори ҳақ яъне ба тақдири худодода, тан диҳию сабру тоқат кунӣ ва ғами бисёреро ба худ роҳ надиҳӣ!?

Вақте ки шумо дар нимроҳа аз мавзеи Кӯҳи Мазор ба зиёрати мо меомадед, фарзанди ягонаи шумо Талбаки талбидаатро Худованд ба наздаш боз хонд.

Баъди ин суханони Мавлавӣ ашк аз чашмони Раҷаббой ҷорӣ шуда, дар ғами фарзанди ягонааш зор-зор гирист. Ин лаҳзаро меҳмонони аз дуру наздик омада, дида ашки чашмонашонро пок карда, хеле ғамгин гардиданд.

Дар охир Мавлавӣ Раҷаббойро дилбардорӣ намуда гуфт: -Беҳуда нагуфтаанд, ки «Фарзандмурӣ тири алмос аст, ки ба ҷигар мерасад»

— Раҷаббой ноумед нашав, зеро ноумед шайтони раҷим аст, банда бо орзую умед зиндааст. Инсон аз даргоҳи Худованд авфу раҳматро интизорӣ дорад ва Мавлавӣ дар охири суханонаш ба ӯ гуфт:

— Баъди гузаронидани маросими чили писаратон, он духтари ягонаи бамборатонро ба назди ман оред, иншооллоҳ Худованди шифодиҳанда ба ӯ шифо ато мекунад.

Баъди адои намози пешин Мавлавӣ, Раҷаббой ва дигар меҳмононро дуо доду гуселонид.

Аз байн чил рӯз гузашта буд. Пагоҳии рӯзи чилу якум Раҷаббой ҳамроҳи зану ду хеши наздикаш дар аспҳо савор, духтари бемораш ро ба назди Мавлавӣ овард. Раҷаббой ва занаш аз дастони духтар дошта, вориди хона шуданд.

Духтар Гулизор ном дошт. Чашмонаш суп-сурхи аз сараш баромадагӣ ва ба чор тараф нигариста, дир-дир ларзида, одамонро дашном медод.

Мо, духтаракон аз ҳоли ин бемор дар даҳшат афтода, аз тарс дар хона пинҳон шудем. Агарчи ҳар рӯз даҳҳо беморро назди Мавлавӣ меоварданд, наметарсидем. Ин хелашро бори нахуст дида будем.

Бегоҳӣ рӯзи чоршанбе буд, шаби чаҳордаҳи моҳтобӣ ки рӯзро мемонд. Баъди хӯроку адои намози хуфтан, Мавлавӣ мувофиқи ваъда ба табобат пардохт. Фармуд, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

духтари девонаро бо арғамчин дар сутуни мобайни айвон мустаҳкам бананд. Баъди бастани бемор Мавлавӣ ба гаҷи сафед (бур) дар атрофи бемор се хати даврамонанд яке аз дигаре ба масофаи як ваҷаб дур, кашид. Мавлавӣ ба зери пои бемор пӯстаки сафедеро партофта муроҷиат карда гуфт: - Духтари қиёматӣ кӯшиш кун, ки аз хатти давра берун набарой, агар барой, кушта хоҳӣ шуд.

Худи Мавлавӣ ҷойнамоз паҳн карда, ду шогирдаш, яке Сӯфӣ Солеҳ ва дигаре Мулло Гул аз ду тарафаш рӯ ҷониби қибла нишастанд ва Гулизори паривара дар ақиби саф дуртар меистод.

Аввало Мавлавӣ бо шогирдонаш 10 ракъат намоз хонда, дар ҳаққи пайғамбарамон ва шайх Абдулқодири Ҷелонӣ (раҳматуллоҳи алайҳ), ки мардум ӯро бо номи Ҳазрати Сайиди Ғафс-ул-Аъзам низ ном мебурданд, бахшидаанд.

Баъд рӯй ҷониби қибла карда, китоби бузургеро дар болои лавҳ гузошта, ба хондани 99 исми поки Худованд сар карданд.

Пеш аз хондани исмҳои аъзам, мо аҳли хонаводаю меҳмононро Мавлавӣ хотиррасон карда гуфт, ки дар вақти хондану такрори шогирдон, ягон нафаратон ягон садо набароварда, амалеро ҳам иҷро накунед ва ҳар садоҳои аҷоибу ғароиби даҳшатангезро шунидед, натарсед ва ё агар замин ҷунбид, дар ҷоятон истед ва исми бузург калимаи «Аллоҳу самад»-ро такрор намоед.

Мавлавӣ 99 исми аъзами Ҳақ Субҳонаҳу ва Таъолоро ҳазор маротибагӣ мехонду шогирдон такрор мекарданд.

Шаб аз нисф гузашта буд. Аз такрори исми Аъзам хоб дар чашми касе набуд.

То қарибии дамидани субҳ наваду нӯҳ ҳазор маротиба исми Аъзам, яъне номҳои Худованд такрор шуд.

Дар охир навбат ба исми бузурги «Аллоҳу Самад» расиду ин исми бузургро ҳазор маротиба такрор накарда буданд, ки ногаҳон садои раъдмонанде баланд шуду замин сахт такон хӯрд, аз боло ба сари мо хоки бисёре рехт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо, аҳли хона аз тарс сарамонро дар зери кӯрпа пинҳон намуда меларзидем ва қариб буд, ки аз ваҳму гармӣ дамгир шавем.

Баъди ларзаи замин овозу садоҳои даҳшатноки ваҳмангез, ба монанди садои суми аспони басёре, овози мурғу кабӯтар, садои гову хар, сагу бузу гӯсфанд ва гиряи кӯдакону занон шунида мешуд. Ин садоҳои ваҳмангези аҷоиби ғароиб қариб ним соат давом карду оҳиста-оҳиста хомӯш гашт.

Баробари баланд садо додани азони бомдодӣ, мо аз хоб хеста ба сӯи айвон давидем, то ки аз аҳволи духтари девона бохабар шавем. Дидам, ки дастони духтар кушодаву сараш дар болои зонуи модараш ниҳода чизеро нақл мекард. Ман бодиққат ба ӯ назар кардам. Ӯ ором буд. Осори девонагӣ дар ӯ дида намешуд, тамоман шифо ёфта буд. Ман ба нақли ӯ бодиққат гӯш додам, оромона ҳамчун одами солим мегуфт:

— Вақте ки маро дар ин сутун бастанду дар атрофам се давраи сарбаста кашиданд ва бобоям ҳазрати Мавлавию шогирдонаш ба хондани исми Аъзам сар карданд, аз ҳамин се хати давра дар атрофи ман се девори касногузари оҳанмонанди шишагӣ пайдо шуд.

— Аввалин аҷоиботе, ки ман дидам, ин гирдоби сахт буд, ки мо онро «аҷинабодак» мегӯем. Шамоли сахту гирдоби азиме аз тарафи қибла пайдо шуда, дар гирди ин давраи шишагин давр зада, давраро ҳамроҳи ман канда натавонист ва ба осмон баромада аз назар ғоиб шуд.

Баъд аз хомӯш шудани гирдоб, лашкари бисёрҳазор-нафараи қурбоқаю мору калтакалосҳои одамшакл омада, дандонҳои каҷу килебу забони бадафташонро бо ғазаб нишон дода, ба ман ҳуҷум мекарданд. Лекин дар девори шишагин бархӯрда, ноумед гашта бо садоҳои ваҳшатангези мурғу кабӯтар, гову хар, сагу бузу гӯсфанд ва гиряи занону кӯдакон додувойкунон гузашта рафтанд.

Баъди он лашкари бисёрҳазорнафараи кӯдакони луб-лучи қадпасти сермӯй пайдо шуд. Сари ин кӯдакон аз танашон се-чор маротиба калон, гӯшҳояшон дароз буду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чашмонашон чуқури хурд- хурди сабз онҳо ба ман ҳуҷум карда, ба девор бархӯрда ноумед мешуданд. Агар девори исми Аъзам намешуд, вой бар ҳоли ман буд.

Дар охир лашкари чандинҳазорнафараи одамони қадбаланди шикамкалону пойборик, гӯшҳояшон монанди гӯшҳои хару фил ва кафи пойяшон монанди пои гову буз пайдо шуда, ба ман таҳдид карда гузашта мерафтанд. Онҳо шоҳи худро дар тахти равони тиллокорие шинонда, чор деви ифритмонанд сари китф бардошта меомаданд. Сари ин чор ифриту шоҳи лашкар ба сари фил монанду дандонҳояшон низ ба дандонҳои фил шабоҳат дошт. Тахти шоҳӣ дар назди ман қарор гирифту ӯ бо ғазаб дер гоҳ ба ман нигоҳ карда, гурзи оҳанинеро бардошт ва ба сӯи ман ҳаво дод. Аз зарбаи ин гурз девори якуми давраи шишагин шикаст. Шоҳ гурзи дигареро бардошта ҳаво дод, аз зарбаи гурз дуюм ҳам шикаст. Аз ин зарбаҳои сахти гурз ман мурданро яқин кардам ва аз дил мегузаронидам, ки аз зарбаи гурзи сеюм маҷақ шуда ҳалок мешавам ва чӣ қадар қуввате доштам, дод мегуфтаму имдод металабидам. Шоҳи париён бори сеюм гурзи калони оҳанинро бардошт ва бо тамоми қувва ба сӯям ҳаво дод. Гурзи оҳанин ба девори охирини шишагин бархӯрд, дар ин ҳангом аз девор оташе париду заминро сахт ларзонд, хоки зиёде аз боми айвон ба болои ман рехт. Вақте ки гурзи оҳанин ба девори шишагин бархӯрд, гашта ба дандони филмонанди шоҳ зад ва аз дандони ӯ хуни сиёҳ равон шуд.

Дар ин ҳангом садои охирин исми аъзам «Аллоҳу Самад»-и Мавлавию шогирдонаш баланд гардид. Дар баробари баланд садо додани исми Аъзам ду девори аз зарби гурзи дев шикаста аз нав барқарор гардид. Ин ҳолатро шоҳ дида ноумед шуда, мутеъу таслим гашта, бо илтиҷою зорию тавалло ба ман рӯй оварда гуфт:

— Эй бандаи хокӣ, аз қавми ман ба ту кӣ ҷабр кард, ба ман нишон деҳ, то ки ҷазояшро диҳам. Охир барои ту шуда, манзили мо дар паси кӯҳи Қоф оташ гирифта, несту нобуд шуда истодааст, гуфта, лашкари ҷавонони зебои дар қатор истодаро ба ман нишон дод. Ман ҳар як ҷавони дар саф истодаро аз назар гузаронидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ногаҳон чашмам ба ду ҷавони зебое, ки ду сол пеш дар таги чодар дар вақти танҳо буданам дар байни асру шом дида будаму ба онҳо шинос шуда будам, афтод. Ин ду ҷавон яке Сабзинаю дигареро Зардина ном буд, ки ҳар шому саҳар бо ман буданд.

Ҳар гоҳе ки шавҳарам ба ман наздик шудан мехост, ин ду ҷавон ногаҳон пайдо мешуданду бо найзаю корд ба ман таъкид карда мегуфтанд:

— Мо ошиқи туем, агар ба шавҳарат наздик шавӣ, туро мекушем. Ман аз тарси ҷон доду фарёд карда, шавҳарамро аз худ дур мекардам.

Ман чашмонамро аз рӯи он ду ҷавони зебо канда наметавонистам, зеро нисбат ба онҳо дар дилам муҳаббате низ пайдо шуда буд. Метарсидаму дилам ба ҳоли онҳо месӯхт ва онҳоро ба шоҳ нишон намедодам.

Шоҳ бетоқат шуда хитоб карда гуфт:

– Эй бандаи хокӣ, тезтар нишон деҳ, ки диёри мо хароб шуд!

Ман оҳиста бо ангушт ишора карда гуфтам:

– Ана ҳамин ду ҷавон ба ман ёру ошиқ шудаанд.

Шоҳ аз ғазаб оҳи дардноке кашида гуфт:

– Наход, ки парӣ ба бандаи хокӣ ошиқ шаваду ба сари қавму авлоди худ бало орад. Баъд ба навкаронаш бо хашм фармон дод, ду чӯби калонро оварданд ва ба замин рост гӯронида дор сохтанд.

Он ду ҷавони нозанинро бо арғамчин ба дор овехтанд.

Ман аз ғаму ҳиҷрати онҳо дод гуфта, ин сутунро оғӯш кардаму беёд гашта, мурда барин ғалтидам. Аз байн чӣ қадар вақт гузаштааст, намедонам. Ҳангоме ба ҳуш омада бедор шудам, сарамро дар болои зонуи модарам дидам.

Аз бемории Гулизор осоре дида намешуд. Ӯ ба чор тараф чашм давонда, гӯё чизеро гум карда буду ҷустуҷӯ мекард. Ногаҳон чашмаш ба ҳавлии пеши айвон афтод ва мо бо ҳайрат ба он тараф нигаристем. Дар назди дари даромадгоҳи ҳавлӣ ду чӯби рост ва дар он бо риштаи сафед ду қундузи сабзу зард овехта шуда буд, ки аз таъсири шамол алвонҷ мехӯрданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гулизор он мавзеъро нишон дода гуфт:

— Ана дар назди ҳамин дарвоза он ду ҷавонро ба дор овехтанд ва чашмаш ба қундузаҳои овехташуда афтоду онҳоро аз наздик бодиққат дида, оҳи сарде кашид ва ба ақиб гашта, дар назди ману модараш нишаст.

Раҷаббой се рӯзи дигар ҳамроҳи зану духтараш дар меҳмонии Мавлавӣ буд. Баъди се рӯзи дигари табобат, Мавлавӣ ба бемор «Раднома»-е навишта, онҳоро дуо дод. Гулизор шоду хандон ҳамроҳи падару модараш ба Файзобод баргашт.

Аз рӯи шунидам Гулизор соҳиби фарзандони зиёде шуда, дар айни ҳол ҳамроҳи онҳо дар деҳаи Заргари ноҳияи Кофарниҳон умр ба сар мебаранд,-гуфта модарам суханашро ба охир расонид.

## ҒОРАТГАРОНИ СОҲИЛИ ДАРЁИ ПАНҶ

Бобои Сӯфӣ Нозири чӯянгаронӣ дар бораи бузургии пираш Ҳазрати Мавлавӣ боре ҳикоят карда гуфт:

— Одинабойи роҳатигӣ, аз зиёрати Мавлавӣ баргашта меҳмонам шуд. Баъди адои намози пешин ӯ дар бораи сафараш ҳамроҳи Мавлавӣ ба Кобул ёдоварӣ карда чунин гуфт:

— Тобистони соли 1907 бо ҳамроҳии Мавлавию як чанд нафар хешовандам барои ба ватан овардани завҷаю фарзанди он Ҳазрат озими шаҳри Кобул гардидем.

Аз байн се моҳ сипарӣ шуд ва дар охир ба мо муяссар шуд, ки бо иҷозати амир Ҳабибуллохон ба ватан бозгардем. Бо дастури амир Ҳабибуллохон барои сафари дар пеш истодаи мо ду фойтуну чор асп ва чор уштурро тайёр намуданд. Бори фойтунҳоро хӯрок, пӯшок ва асбобу анҷомҳои қиматбаҳо ташкил медод, ки амир ба додарзодааш ҳадя карда буд. Бори аспҳо ва уштурҳо фақат аз китобҳои нодири алмию таълимӣ иборат буд.Чор сарбозу ду хизматгори афғон ҳамчун муҳофизу роҳбалад корвонро ҳамроҳӣ мекарданд. Амир Ҳабибуллохон моро гуселонид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Корвон аз дарбори амирӣ ба ҳаракат даромад. Баъди чанд вақте ба соҳили дарёи Панҷ расидем. Соҳили дарёи Панҷ бандаргоҳро ба ёд меовард. Мусофирони зиёде ҷамъ омада, бетоқатона азми гузаштани дарёро доштанд. Рӯз бегоҳ шуда буд.

Сардори кемаронон эълон кард, ки бо сабаби ба вуҷуд омадани боди афғонӣ то пагоҳ кемаҳоро аз соҳил ба соҳили муқобил намегузаронанд. Осмон софи беғубор буд ва ягон хел боди афғонӣ мушоҳида карда намешуд. Мо дар аввал ҳайрон шудем. Бо дастури Мавлавӣ дуртар аз соҳил дар болои қум се хаймаро рост кардем.

Пирамарди кемарони афғон назди Мавлавӣ омада зиёрат кард ва ба чор тараф нигариста оҳиста ва эҳтиёткорона ба гӯши ӯ пичиррос зада гуфт:

— Мавлавӣ, Шуморо хеле хуб мешиносам. Шумо уламои бузургед ва ба валӣ буданатон шак надорам. Ман соате пеш дар сӯҳбати дуздон будам, онҳо барои ғорат кардани корвони Шумо сардори кемарононро маҷбур карданд, ки то пагоҳ касеро аз соҳил ба соҳили дигар нагузаронанд ва ба сардори кемаронон, ки худ ғоратгар аст, нисфи боигарии Шуморо ваъда карданд. Ман худ медонам, ки бори корвони Шумо ба ҷуз китоб чизи дигар нест, аммо онҳо хаёл карданд, ки ин мусофири бухороӣ ҳамроҳи хоҳарзодаи амир тангаю тиллои зиёдеро бо худ мебаранд ва ин хиёнат мумкин аз тарафи ягон ҳасуди дарбори амир сар зада бошад. Дар баробари шунидани суханони ин пирамарди хайрхоҳ вуҷуди моро тарсу ҳарос пахш кард. Мо аз Мавлавӣ илтиҷо кардем, ки ба ақиб баргардем. Ӯ каме ба фикру андеша фурӯ рафт, арақи сард ҷабини зебояшро фаро гирифт ва ба тарафи мо нигоҳи маънидоронае карда гуфт:

— Худою Пайғамбар ва пирони тариқат бо мост, рафта то дамидани субҳи содиқ дар хаймаҳоятон хоб равед, бе тарсу ҳарос истироҳат кунед.

Хоб аз сарамон парида буд. Гумонҳои бади воҳиманок моро ором намегузошт. Сарҳоямонро дар таги хӯрҷинҳо панаҳ карда, вуҷудамон меларзид. Шаби моҳтобӣ рӯзро мемонд. Аз сурохии хайма ба атроф нигаристам. Мавлавиро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дидам, ки дар атрофи хаймаҳо давр зада, нақше кашиду омада дохили хаймаи худ гардид.

Посе аз шаб гузашта буд, дидам, ки дуздон иборат аз 30-35 нафар дар дастҳояшон ханҷару табар тарафи хаймаҳо ҳуҷум карданд. Аз тарс монанди мурда карахт шуда будам ва калимаи «шаҳодат»-ро ба забон оварда, арза мекардам. Ғоратгарон ба хати кашидаи Мавлавӣ наздик шуданд ва ҳарчанд мекӯшиданд аз он хат гузашта наметавонистанд. Аз тарс беёд шудам. Аз байн чи қадар вақт гузаштааст, хабар надорам. Ногаҳон садои намози бомдодии Мавлавӣ маро зинда гардонид. Субҳ дамида рӯз равшан шуда буд.

Ҳамаамон якбора аз хаймаҳо ба берун баромадем. Дар болои қум изи пойи дуздонро дидем, ки онҳо даҳҳо маротиба қасди ҷони мо кардаанду нақшаи кашидаи Мавлавиро рахна карда натавониста ноилоҷ ба ақиб баргаштанд.

Дар ин ҳангом сардори кемаронон ҳамроҳи як ҷавонмарди зангисурати қавибозу, ки ғули биёбонро мемонд, дар наздамон ҳозир шуданд. Аввало Мавлавиро зиёрат намуда, хиҷолатмандона изҳор карда гуфтанд:

— Ҳазрати Мавлавӣ, моро бубахшед, ки бегоҳ Шуморо ба он тарафи соҳил нагузарондем. Амир Ҳабибуллохон аз ин кор огоҳ гашта, қосидашро фиристодааст. Ҳазрати Мавлавӣ, марҳамат карда ба кема савор шавед.

Онҳо корвони моро соқу саломат аз дарёи Панҷ гузаронида, ҳаққи хизматашонро нагирифта бахшиши зиёде талабиданд. Ба мо маълум гардид, ки ҳамон ҷавонмарди зангисурати қавибозу сардори ғоратгарони соҳили дарёи Панҷ будааст.

## МУЛЛО ХОЛ – ТАБИБ ВА ҶАРРОҲ

Миёнаҳои моҳи маи соли 1990 банда Муҳаммадрасули Иброҳимзода ҳамроҳи хешамон аммаи Шарифа Мирзоева барои хабаргирии писари амакамон собиқ директори совхози Файзобод Қодиров Ҳикматулло аз истгоҳи шаҳри



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кофарниҳон ба автобус савор шуда, ба самти Файзобод ҳаракат намудем.

Дар автобус ҳар кас саргарми сӯҳбат буда, дар бораи гирдиҳамоиҳои дар шаҳри Душанбе шудаи феврали соли 1990 низ сухан мерафт.

Дар курсии пеш пирамарди танумандӣ нуроние дар пеши бараш ордену медалҳои зиёде овезон ва асо дар дасташ бо саргузашти аҷоиби худ диққати мо мусофиронро ба худ ҷалб кард.

Ман аз хурдӣ ӯро мешинохтам. Ин кас сокини кӯчаи Садоваяи шаҳри Кофарниҳон, собиқ сардори базаи савдои шаҳри Душанбе ва ноҳияи Орҷоникидзеобод шуда кор карда буд. Мардум ӯро Абдулло Карим мегуфтанд, ки дар байни мардум обрӯю эътибори калон дошт.

Автобус аз мавзеи Гумбулоқ гузашта, ба Файзобод наздик мешуд, бо кадом сабаби техникӣ оҳиста-оҳиста ҳаракат мекард. Фасли баҳор ҳусни талу теппаҳои Файзободро дучанд карда буд, гулҳои лола аз насими форами саҳарӣ дар талу теппаҳо гӯё ба рақс омада буданд.

Бобои Абдулло бо даст ишора карда, кӯҳи ағбаи Мазорро нишон дода гуфт:

— Ман ҳамроҳи падарам бо ҳамин роҳ ба зиёрати Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён рафта будем, гуфта аз саргузашти худ ҳикоят кард. Мо дар деҳаи Гумбулоқ истиқомат мекардем. Дар синни 16-солагиям, яъне соли 1938 ба беморие гирифтор шудам.

Пӯсти дасту гарданам сап-сафед шуда, оҳиста-оҳиста тамоми баданамро фаро гирифт, ҷӯраҳоям аз ман ҳазар карда дур мешуданд, кӯдакони хурдсол маро дида, пес омад гуфта таҳқир мекарданд, аз хона намебаромадам, шабу рӯз ба даргоҳи Илоҳӣ менолидам, қариб буд, ки худкушӣ ҳам кунам. Падарам сарваташро беҳисоб баҳри табобати ман харҷ карда, маро ба назди духтуру табиб, фолбин мебурд, аммо беҳбудиеро ҳис намекардам, рӯз то рӯз вазъам бадтар мешуд.

Рӯзе падарам маро ҳамроҳ гирифта ба деҳаи Сурхиён бурд. Деҳа ба як тӯйхона шабоҳат дошт, меҳмонони зиёде



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз роҳи дуру наздик дар навбати қабулу зиёрати Мавлавӣ истода буданд, дегҳои таъом қатор мечӯшид. Хизматгорон бо навбат ба меҳмонон дар табақи чӯбии калон ва ба беморон дар зарфҳои алоҳида-алоҳида хӯрок медоданд.

Баъди адои намози зуҳр навбати мо ҳам расиду ману падарам ба дидори муборакi Мавлавӣ мушарраф гардидем. Мавлавӣ вақти муоина намудан ба ҷойҳои пӯсти сафедшуда ду - се маротиба сӯзан зад, ки хуни зардранг баромад, баъд ба падарам мароҷиаткунон гуфт:

— Иншооллоҳ, писаратон шифо меёбад, ин бемории пӯст се намуд дорад: яке «баҳак», дигаре «баном», сеюмӣ «пес». Агар баҳак мешуд, хун намебаромад, таъсири ӯ аз устухон буд, модоме ки хун баромад, илоҷе дорад.

Баъд коғазу давотро пеш оварда, оиди тарзи табобати бемории ман пурра аз сар то охири коғаз навишта, ба дасти падарам дода гуфт:

— Шумо назди шогирди ман ба деҳаи Дараи Ҳамза меравед. Ӯ Мулло Хол ном дорад, аз рӯи ҳамин коғаз писари шуморо табобат мекунад. Моро дуо дода дар охир гуфт: - Иншооллоҳ, Абдулло шифои комил меёбад.

Мо роҳи деҳаи Дараи Ҳамзаро пеш гирифтем. Ба деҳа расида вориди ҳавлии Мулло Хол шудем. Ӯ моро бо хушнудӣ қабул намуд ва баъди мутолиаи мактуби Мавлавӣ ба падарам гуфт:

— Бояд писаратон чил шабонарӯз табобат гирад, оё шумо чил рӯз ҳамроҳи писаратон истода метавонед? Падарам чӣ гуфтанашро надониста сукут варзид. Баъди лаҳзае Мулло гуфт:

Майлаш шумо 10 рӯз истед, то беморро пурра ҳуқна кунам (дарунашро шустан), баъд равед ҳам, мешавад.

Мулло ба вазни 12 тангаи нуқрагӣ барги саноро дар оби ҷӯшонидашуда тар карда, баъди адои намози бомдод оби ин саноро гарм карда, дар як косаи калон ба ман нӯшонд ва ба падарам таъкид карда гуфт, ки хонаро гарм нигоҳ дору баъди ҳар соат як пиёла оби ҷӯшомадаро хӯрон, кам-кам ҳаракат кунад. Баъди намози пешин оталаи сафедеро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулло ба ман хӯронд. 10 рӯз парҳез кардам. Баъди 10 рӯз падарам маро монда, худаш ба деҳа баргашт.

Ҳамин тариқ 40 рӯз ман таъоми бе намак мехӯрдам, дар рӯзи 18-уми табобат аз шоҳраги ман хун гирифта, бо воситаи барги дарахт ва коғаз рангу таркиби хунро месанҷид, тибқи табобати дуюм дар рӯзи 25-ум боз хун гирифта гуфт:

— Акнун хунат тоза шуда истодааст, иншооллоҳ то рӯзи чилум пӯстатон монанди пештара ба асли худ табдил меёбад.

Дар ин муддат ҳамроҳи ман якчанд беморони дигар низ табобат мегирифтанд. Як нафарашон аз деҳаи Турдибобои ҳозираи ноҳияи Ҳисор буд, касали ӯ низ «песӣ» ба касали ман шабоҳат дошту ӯро дигар хел табобат мекард. То ҳол дар ёд дорам, ки бо матои пашмин ҷои сафедии пӯсти ӯро молиш медод, аз он ҷо об пайдо мешуд ва доруи аз хокистари мӯи сари мард тайёр кардаро бо оби сирко, сир, сиёҳдона ҳамроҳ намуда, марҳам карда ба он ҷои сафедӣ мебаст. Баъди чанд рӯз он пӯсти сафед ҳолати аввалаашро гирифт.

Аз байн 39 рӯз гузашт, падарам бегоҳии ҳамон рӯз омаду маро дида лаҳзае ҳайрон шуда аз хурсандӣ чӣ гуфтанашро надонист, маро сахт ба оғӯш кашида, дастони мӯъҷизакори Мулло Холро бӯсида, изҳори ташаккур кард.

Абдулло суханашро давом дода гуфт:

— Акнун ман дар синни муборакӣ 79 қадам монда истодаам, лекин то ҳол чунин олим ва авлиёи бузургро ба монанди Домуллои Сурхиён надидаам ва нашунидаам.

## ҚИССАИ БЕМОРИ ЧАКАХӮР

Махсуми Абдулмалик ёдоварӣ карда мегӯяд, ки аз падари бузургворам Эшони Махсуми Абдулҳақ шунидам, ки мегуфт:

— Баҳори соли 1938 дар тараддуди хондани намози пешин будем, ки шаш нафар одам бемореро дар тобут хобонда, бардошта ба тарафи мо намозхонон оварда, дар замин гузоштанд. Мавлавӣ сӯи бемор назаре карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ин бемор таҳорат надорад, тобутро каме аз намозгоҳ дуртар гузоред.

Пеш аз сар кардани намоз Мавлавӣ дар бораи кӣ будани бемор ва аз куҷо будани ӯ, чӣ хел дард доштани ӯ чизе напурсида аз ҷавоне, ки дар бари тобути бемор рост истода буд, косаи чакаи дар равоқ мондаро нишон дода гуфт:

Ин беморро се қошуқ аз ҳамин чака диҳед. Он ҷавон ҳайрон-ҳайрон ба Мавлавӣ нигариста амалро иҷро накард. Мавлавӣ бори дуюм гуфт:

— Се қошуқ аз ҳамин чака беморро хӯронед.Ҷавон дигар тоқат карда натавониста гуфт:

— Ҳазратам, ин бемор 7 сол мешавад, ки ба дарди буғуму шалдард мубталост. Табибон гуфтанд, ки ин бемор аз таъсири рутубат ба амал омадааст, агар дӯғу чакаро истеъмол намояд варам карда тез ҳалок мешавад. Аз ин сухани ҷавон Мавлавӣ каме табассуми ширине карда, такроран маротибаи сеюм гуфт:

— Аз ҳамин чака се қошуқ ба бемор хӯронед! Дар ниҳояти кор даҳони беморро бо азобе кушода, ба ӯ се қошуқ чака хӯрониданд.

Мавлавӣ ба меҳмонон гуфт:

— Беморро ба ақиби намозгоҳ гузаронед, тез таҳорат намуда дар саф истед. Меҳмонон фармудаи Мавлавиро иҷро намуда, дар сафи намозхонон истоданд.

Намози пешин ба охир расид. Аҳли намозгоҳ бо ҳамдигар салом дода, аз ҷой бархеста ба ақиб нигариста, дар ҳайрат монданд. Беморе, ки 20 дақиқа пеш аз ҷояш ҷунбида наметавонисту даҳонашро бо қошуқ кушода чакаро ба мушкилӣ хӯронда буданд, аз ҷояш хеста, косаи чакаро аз равоқ гирифта, то охири коса тановул карда, лесида дар болои тобут менишаст. Аҳли намозгоҳ ҳама дар ҳайрат монданд яке аз меҳмонон, ки ҳамроҳи бемор омада буду беморро бо тавсияи ӯ  ба назди Мавлавӣ оварда буданд, беихтиёр порчаи ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозиро хонд:

*Онон, ки хокро ба назар кимиё кунанд,*
*Оё бувад, ки гӯшаи чашме ба мо кунанд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дардам нуҳуфта беҳ зи табибони муддаӣ,*
*Бошад, ки аз хазонаи ғайбам даво кунанд.*

Баъди хондани ин ғазал ин мард худ ва рафиқонашро шиносонида гуфт:

— Ҳазратам, номи ман Мулло Содир, номи ин бемор Зокир-писари амакам, мо аз деҳаи Личак ин беморро дар тобут баста сари китф бо навбат ба назди Шумо овардем, зеро ки ман мартабаю дараҷаи Шуморо дар хобам дида будам. Ҳамаи он дониши Шумо дар ин байти ғазали Хоҷа Ҳофиз ҷамъбаст шудааст, ки мо мисоли равшани комил ӯро имрӯз ва дар ин соат бо чашми худ дидем ва боварии комил ҳосил кардем, ки Зокир 7 сол мешавад, бемор аст ва дар ду соли охир бистарӣ гардида буд. Имрӯз ба шарофати даму нафаси Шумо Худованди шифодиҳанда ӯро шифо дод.

Дар охир Эшони Махсум илова карда мегӯяд, ки Мулло Содиру Зокир тез-тез ба Сурхиён рафта, хизмати Мавлавиро ба ҷой оварда, дуои ӯро мегирифтанд ва ниҳояти кор яке дар синни 85, дигаре 87-солагӣ дунёро тарк намуданд.

Мардум нисбати оромгоҳи Мавлавӣ низ эътиқоду ихлоси ниҳоят калон доранд, ҳар он касе, ки бо нияти неку ихлоси самимӣ оромгоҳӣ ӯро зиёрат намояд, Худованд ба бемор шифо ва ба ҳоҷатманд кушоиши кор ато менамояд.

Мисоли равшани онро мардуми деҳаи Лошхарфу Тӯдаи Наск ёд доранд. Шоҳиди даҳҳо ва садҳо беморон буданд, ки дар тобут бор карда оварданду баъди зиёрати мазор шифо ёфтанд. Яке аз ин мисолҳо писари 18-солаи тағоям Ҳомидов Исроилро, ки бемори бистарӣ буду табибон дар илоҷи дарди ӯ оҷиз монда буданд. Тобистони соли 1994 аз деҳаи Мискинободи ноҳияи Файзобод ба мошин бор карда, ба деҳаи Лошхарф оварданд ва аз деҳаи Лошхарф тобут баста, ба зиёрати оромгоҳи Мавлавӣ бурданд. Ин кор ду маротиба такрор шуд. Худованд ба ӯ шифо ато карду ӯ баъди ин беморӣ хизмати аскариро адо намуда, ҳоло соқу саломат дар зодгоҳаш меҳнат карда истодааст, чунин мисолҳо беҳаду ҳисобанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДАВОИ ДАРДИ ИШҚ

*Ишқ бишкофад фалакро сад шикоф,*
*Ишқ ларзонад заминро аз газоф.*
*Гар набудӣ баҳри ишқи покро,*
*Кай вуҷуде додаме афлокро.*

Мавлавии Балхӣ

Махсуми Абдулҳафиз нақл кард, ки аз Абдулқодири Ҷобир, ки аслан аз деҳаи Себара буду дар деҳаи Кофарниҳон мезист, дар бораи илму маърифати Мавлавӣ чунин ёдоварӣ намуда гуфт:

– Фасли тирамоҳи соли 1938 буд. Ман барои Мавлавиро зиёрат намудан ба Сурхиён мерафтам.

Дар роҳ бо дӯсти давраи ҷавониям Абдуркарим, ки аз деҳаи Кабкрези ноҳияи Файзобод буд ва табъи шоирӣ низ дошт, вохӯрдам. Ӯ ҳамроҳи як ҷавону ду зан аз тарафи деҳаи Сурхиён меомаданд. Дар байни мо, дӯстон сирру асрори махфие набуд, бе парда аз сирру асрори ҳамдигар воқиф мешудем. Баъди салому алейк ва аҳволпурсӣ аз ӯ пурсидам, ки Каримҷон аз куҷо баргаштеду ба куҷо равонед? Ӯ сабаби ба ин ҷо ташриф оварданашро ба ман фаҳмонда чунин гуфт:

– Сеюмин маротиба аст, ки ман ба дидори мубораки ҳазрати Мавлавӣ мушарраф мегардам. Сабабаш ҳамин Зулайхо духтарам мебошад,-гуфта духтари зебои паричеҳраи тахминан 20-21 соларо бо ангушт ишора намуд, ки дар бари модару ҷавони зебое рост меистод. Баъд Каримҷон аз саргузашти худу духтари ягонааш Зулайхо нақли аҷоиберо сар карда гуфт:

– Дар деҳа ҳамсояе дорам, номаш Ҳалима, номи шавҳараш Тоҳир будааст. Баъди таваллуди фарзанди нахустинаш соли 1918 барои ризқу рӯзии зану фарзанд барои мардикорӣ ба шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва Тошканд сафар намуд, бо ҳамин бе ному нишон гардид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бист сол мешавад, ки Ҳалима дар интизори шавҳари меҳрубону азизаш Тоҳир мебошад. Ҳалима бо исрор мегӯяд, ки то ба охири умр дар роҳи ишқи бепоёнам интизорӣ мекашам.

*Ба умри бебақо имрӯз чу булбул зор менолам,*
*Дилам хуноби ҳасрат шуд ба кӯи ёр менолам.*
*Куҷо шуд Тоҳирам имрӯз бар хок сина мемолам,*
*Шаҳиди Карбало гаштам, бирафтам ман аз ин олам.*

Ҳалимаю Тоҳир ҳамдигарро дӯст дошта, бо розигии волидайн бо як ҷаҳон орзую умед ва бо дабдаба тӯй карда хонадор шуда буданд. Баъди тӯй падару модари Тоҳир бо таври фоҷиавӣ дунёро падруд гуфтанд. Писари Ҳалима Юсуф ном дошт, ӯ ду сол аз Зулайхои ман калон буд. Ҳалима ба корҳои хоҷагии ман ёрӣ мерасонду Юсуф чун акою Зулайхо чун хоҳар рӯзҳои дароз бо ҳамдигар дар ҳавлӣ бозӣ мекарданд.

Ҳалима маро акои қиёматӣ мехонду ман ӯро хоҳари қиёматӣ ва Юсуфро фарзандхон карда, мувофиқи имкониятам онҳоро мехӯрондаму мепӯшондам. Зулайхо ба синни 16-солагӣ расиду хостгорҳо ба хонаи мо рӯз дар миён меомадагӣ шуданд. Ман хурд будану духтари ягона будани Зулайхоро сабаб оварда, дархости хостгорҳоро рад менамудам.

Рӯзе дӯсти ҷониям Абдусалом бо зану акояш аз деҳаи Дубеда ба хостгорӣ омаданд.

Ман онҳоро бо иззату эҳтироми хоса қабул карда, гӯсфандеро кушта зиёфат дода, меҳмондорӣ намудам.

Ману занам дархости ҷӯраи ҷониямро рад накарда, розигӣ додем, ба розигӣ надодан ҳам ҳақ надоштем. Сабабаш дар он буд, ки ман бо Абдусалом дар маҳфиле пеш аз хонадоршавиамон дар шоҳидии ёру дӯстон аҳду паймон баста будем, ки агар занҳоямон духтар таваллуд кунанд, дугона, писар таваллуд кунанд, ҷӯра ва агар яке писару дигаре духтар таваллуд кунанд, якеро ба дигаре хонадор намуда, қудо мешавем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ин маҳфил бо ташаббуси Абдусаломи саховатманд ташкил шуда буд, ҳамаи ёру дӯстон дастҳои моро ба ҳам пайваста кафкӯбӣ менамуданд.

Мо, дӯстон Абдусаломро барои марди саховатманд будану ятимону бечорагонро кӯмак карданаш иззату эҳтиром намуда, дар ҳаққаш мегуфтем:

*Бо ҳарки саховат кунӣ, они ту шавад,*
*Андар ҳама вақт мададҳони ту шавад.*
*Бо душмани хеш агар карампеша кунӣ,*
*Шак нест, ки ёри меҳрубони ту шавад.*

(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)

Мо бо ҳам маслиҳат карда, баъди 40 рӯз барпошавии тӯйро муайян кардем. Меҳмонҳоро гуселонидем. Аз он рӯзе, ки хостгорони охирин омаданд, осори табассуму хандаи ширин дар лабҳои ҳақиқмонанди Зулайхо дигар дида намешуд. Хаёлаш парешон, нақши ғам дар ҷабин, камгуфтор, камхӯрок шуда буд. Пинҳон - пинҳон мегирист. Чашмони шаҳлояш аз таъсири ашки сӯзон суп-сурх шуда, рухсорҳои сурху сафедаш рӯз то рӯз пажмурда ва заъфарон мегашт. Юсуфи писархондамро дер-дер медидагӣ шудам. Се рӯз пеш аз саршавии тӯйи арӯсии Зулайхо дар вақти аз роҳ гузаштанам Юсуфро дар назди дарвозаашон дидам, қариб буд, ки ӯро нашиносам. Ӯ маро дида, ба пешвозам давида баромад ва бо гардани каҷ таъзим дода салом кард. Ман на ба симои Юсуфи фарбеҳу сурхи сафед, шӯхи сухандон назар мекардам, балки як кӯдаки сиёҳи лоғари камгапу тарсончаки ғамгинеро медидам, ки гӯё аз бистари бемории дуру дароз акнун хестааст. Ман бо тааҷҷуб ба ӯ хитоб карда гуфтам:

– Юсуфҷон, писарам, чаро ба хона намеоӣ, туро бо ин аҳвол кӣ фиканд ва ба ту чӣ шуд?

Ӯ сарашро хам карда, баъди чанд лаҳзае оҳи чуқуре кашида, бо овози ларзони ғамангезе гуфт:

– Падарҷон, зиёда аз як моҳ аст, ки дилам мезанад, шаб дар хоб хобҳои ваҳмангез мебинам, иштиҳо надорам, чизе



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз гулӯям намегузарад. Модарам аз мулло тӯмору таштоб оварда дуохонӣ кард, аммо ҳеҷ шифо намеёбам, - гуфта пушти даст ашки чашмонашро пок карда, гирён шуд. Дилам ба ҳоли ин ятим чунон сӯхт, ки беихтиёр ашк аз чашмонам ҷорӣ шуд.

Баъд худро ба даст гирифта, Юсуфро дилбардорӣ намуда гуфтам:

– Юсуфҷон, дар бораи бемории ту модарат ба ман хабар дода буд, иншооллоҳ нағз мешави, ғам нахӯр ман туро ба духтур мебарам, - гуфта ба ӯ видоъ намуда, роҳро давом додам.

Баъди чил рӯзи ваъдагӣ тӯй сар шуд. Дар базми арӯсии Зулайхо Юсуф ҳам ширкат варзид. Юсуф, ки маҳорати хуби дуторнавозию овози ширини сурудхонӣ дошт, бо ғаму андӯҳи бузург бо оҳанги дилошӯби ошиқона сурудҳои зеринро мехонд.

*Намози шоми ғарибон чу гиря оғозам,*
*Ба мӯйҳои ғарибона қисса пардозам.*
*Ба ёди ёру диёр ончунон бигирям зор,*
*Ки роҳу расму сафар аз ҷаҳон барандозам.*

*Тири ишқат дар дилам ҷо гашту огоҳ нестам,*
*Андалеби ишқаму дар фикри ғавғо нестам.*
*Дар қатори ошиқонам гар ба даъво нестам,*
*Дар назар гарчи фақирам, гӯлу гумроҳ нестам.*

Дар вақти сурудани Юсуф ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуда, дили шунавандагонро тасхир карда, пурғам менамуд, ки баъзеҳо ашки чашмонашонро тез-тез пок мекарданд.

Баъди анҷоми тӯю гусели арӯсу домод, аз байн ду моҳ гузашту Юсуф бемори бистарӣ гардид, ман тез-тез ба аёдаташ мерафтам.

Рӯзе қудоям Абдусалом ҳамроҳи писараш, домоди ман Тӯрахон дари дарвозаро кушода вориди хона шуданд. Аз омадани онҳо хеле хавотир шудам, зеро ки мувофиқи урфу одат бояд Зулайхоро ҳафтаталбон меоварданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъди салому алейк ва дуою фотеҳа Абдусалом бо оҳанги норозиёна ба ман муроҷиат карда гуфт:

– Дӯстам Абдукарим, духтарат пештар бемор шуда буд ва ё ягон касалии модарзодӣ дошт?

Ман дар ҳайрат монда, ба қудою домод бо тааҷҷуб нигариста гуфтам:

– Не, чӣ буд? Магар Зулайхо бемор шудааст?

Ӯ ҳеҷ гуна касалии модарзодӣ надошт, лекин аз ҳамон рӯзе, ки шумо ба хонаи мо ба хостгорӣ омадеду мо розигии худро додем, ӯ каме тағйир ёфта, рӯз то рӯз рангаш зарду лоғар мешуд, дигар мо чизеро ҳис намекардем.

Дар ҷавоби сухани ман Абдусалом гуфт:

– Ду моҳ мешавад, ки мо сабру тоқат карда истодаем, бо умеде, ки духтаратон сиҳат мешавад, охир вай бемор аст, чӣ хел касал буданашро ҳам мо намедонем. Ҳар вақте ки домодатон ба ӯ наздик мешавад, ӯро чӣ хел касале мегирад, ки дасту пояш карахт шуда, мурда барин хунук гардида, ба замин меафтаду аз даҳонаш кафк ҷорӣ шуда, дилаш тез-тез мезанад. Ҳатто садои тапиши дилаш аз дур ҳис карда мешавад. Пеши мулло рафта таштобу тӯмор гирифтам, ҳеҷ фоидае накард.

Ман аз ин суханони қудоям боз дар ҳайрат монда занамро даъват карда, сабаби ташриф овардани қудою домодамро ба ӯ фаҳмондам.

Мо чор нафар бо ҳам машварат намуда, ба хулосае омадем, ки Зулайхоро бояд табобат кард, мумкин дар шаби тӯйи арӯсиаш ба ӯ ягон парӣ ва ё касале ёр шудааст. Мо чор нафар роҳи Дубедаро пеш гирифта, ба аёдати Зулайхои бемор рафтем.

Ӯ тамоман харобу хаста менамуд, чашмонаш варамида суп-сурх, асабонию ноумеду дилмондаи дунё шуда буд.

Дилам ба аҳволи духтари ягонаам хеле сӯхт, модараш сари Зулайхоро дар канор гирифта, дуру дароз гирист, ман ҳам баробари зану духтарам гиристам, зеро ки ман дигар фарзанд надоштам. Ҳамин ягона фарзандамро бо шафоъат ва даму нафаси табобати ҳазрати Мавлавӣ гирифта будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамин тариқ, ду соли умри Зулайхо дар табобату дорую дармон, фолбинӣ ва ғайраҳо гузашт, аммо касе дарди Зулайхоро муайян карда наметавонист, то ки ӯ шифо ёбад. Пулу моли зиёдеро харҷ намудам, рӯз то рӯз Зулайхо пажмурда ва обу адо мешуд. Мардум мегуфтанд, ки ӯро ҷоду кардаанд, пули зиёде дода, се чор маротиба ҷодубарор кардам, ҳеҷ суде набахшид, умедамонро тамоман канда будем. Ба зинда мондани ӯ дигар боварӣ надоштем.

Рӯзе дар масҷиди деҳа сухан дар бораи каромоти шайх, сӯфӣ ва авлиёҳо мерафт. Домулло Шаҳобиддин, ки шахси донишманд буд, бо таваҷҷуҳи хоса гуфт:

– Мавлавӣ Домулло Халифа Муҳаммадсолеҳи Сурхиёнӣ дар баробари 32-юмин пири тариқи (хуфия) нақшбандия буданаш, олими бузурги соҳаи тиб низ мебошад, зеро ки ӯ унвонҳои олии «Мавлавӣ», «Домулло», «Халифа» ва «Олим»-ро дорост. Касе дар айни замон дар ин водӣ ба мақому мартабаи ӯ баробар шуда наметавонад.

Ҳуҷҷат, хати иршод, ки бо номи «Қулуб-ул-орифин» ба мӯҳр дар Ҳиндустон тасдиқ карда шудааст, дар дасти Мавлавӣ дар деҳаи Сурхиён маҳфуз аст, ки пири комил будани ӯро тасдиқ мекунад.

Ва он ҳуҷҷат ба дасти сардори гарнизони махсуси дар шаҳри Сталинобод буда Абдулло Валишев меафтаду ӯ Мавлавиро дар ҳимояи давлат гирифта, бо нафақа, аз қабили хӯрокворӣ таъмин менамояд.

Баъди шунидани суханони домулло, гӯё ман аз хоби ғафлат бедор шудаму худро маломат мекардам, ки чаро ду сол барои табобати Зулайхо заҳмати беҳуда кашидаму ӯро ба назди Мавлавӣ набурдам. Охир Зулайхо назркардаи Мавлавӣ буду ӯро пеш аз тӯйи арӯсиаш бояд ба назди Мавлавӣ мебурдам.

Субҳи содиқ рӯзи чоршанбе ҳамроҳи духтари бемораму завҷаам роҳи Сурхиёнро пеш гирифта, ба воситаи кӯҳи Мазор баъди намози пешин ба дидори муборакӣ Мавлавӣ мушарраф гардидем. Баъди вохӯриҳою аҳволпурсӣ Мавлавӣ бо гӯшаи чашм ба чеҳраи хазонгаштаю чашмони суп-сурх варамида ва бенури Зулайхо назаре карду табассум намуда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сар ба пеш фиканд. Лаҳзае ба фикру хаёл фурӯ рафта, сар бардошта ба мо нигариста гуфт:

*Ишқи ҷонон оташ асту ақл, дуд,*
*Ишқ омад, даргурезад ақл зуд.*
*Ақл дар савдои ишқ устод нест,*
*Ишқ кори ақли модарзод нест.*

Чӣ хуб гуфтааст Шайх Аттор. Дар баробари ин шеърро хондани Мавлавӣ Зулайхо беқарор гардида чашмонаш дигаргун шуданд ва сурхие дар бари рухсораҳои зарду пажмурдааш пайдо шуд. Бори дигар Мавлавӣ ба чеҳраи Зулайхо нигариста гуфт:

– Иншооллоҳ Зулайхо шифо меёбад, дардашро ёфтам, илоҷаш осон, ба назди занҳо гузаред.

Баъди рафтани Зулайхо ману Ҳазрат танҳо мондем. Мавлавӣ гуфт:

– Абдусалом, ягон узви духтаратон иллат надорад. Ду сол мешавад, ки ӯ ба дарди ишқ гирифтор асту аз шавҳараш дилхунуку дилмонда, агар ба ин дард тезтар даво накунӣ, духтар ба бемории сил ва ё молихулиё гирифтор шуда, аз дунё чашм мепӯшад.

Духтарат хеле шармгин будааст, ки ин хислаташ ӯро ба ин аҳвол овардааст. Чӣ бояд кард?

Занатро фаҳмон, ки дар танҳоӣ духтарро пурсида аз сирри дилаш огоҳ шавад, агар шуду сир накушояд, он гоҳ номи ҷавонони деҳаро дар наздаш як ба як номбар кардан гирад. Дар исми кадом ҷавоне чеҳрааш тағйир ёфт, ва ё ин ки гирён шуд, пас маълум мешавад, ки ба ҳамон ҷавон ошиқ аст. Ягона илоҷи дарду шифои ӯ ҳамон ҷавон асту бас.

Мавлавӣ моро дуо доду ба деҳаи Кабкрез баргаштем. Тавсияҳои Мавлавиро ба занам фаҳмонда додаму онҳоро дар хонае танҳо гузошта, аз сӯрохие гуфтугӯи онҳоро гӯш кардам.

Модар ҳарчанд духтарро бо зорию илтиҷо мепурсид, куҷоят дард мекунад, оё касеро дӯст медорӣ? Ӯ сар ба пеш фиканда чизе намегуфт ва сирро ошкор намесохт. Баъд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

модар номи ҷавонони деҳро як ба як номбар карда, хислату рафторҳои неки онҳоро ситоиш мекунад. Даҳ нафар ҷавонро номбар кард, аммо Зулайхо ором ба як нуқта чашм дӯхта, монанди ҳайкали беҷон меистод.

Дар баробари номи Юсуфи ятими бемори ҳамсояро ба забон гирифтани модар беихтиёр ларзае дар андоми Зулайхо пайдо шуду гирён шуда, бо овози ғамангезу гиряомез гуфт:

*– Модар! Модар!*
*Дарди ишқе кашидаам, ки мапурс,*
*Заҳри ҳиҷре чашидаам, ки мапурс.*

Зулайхо худро ба фарши хона партофта, рӯяшро бо рӯймол пӯшонда, бо сӯзу гудоз дарун-дарун сӯхта нолид, чунон гирист, ки ашки сӯзон аз чашмони суп-сурхи пурхунаш ба бари рухсори пажмурдаи заб-зарди лоғараш ҷорӣ шуда, ба замин мечакид.

Оҳи сабуке кашидаму аз ҷоям хестам ва худро хеле хушҳолу бардам ҳис кардам, зеро ки давои дарди ду сол кашидаи Зулайхоро акнун бо хости Худои мутаъол ва шафоати Мавлавӣ пайдо намудем. Гӯё аз хоби ғафлат бедор шудаму сурудҳое, ки пештар Зулайхо мехонд, ба ёдам омад. Ба маънои мақсади он сарфаҳм намерафтам. Ана гап дар куҷо будааст. Ӯ ошиқ будааст, ки ин шеърро доимо дар танҳоӣ мехонд.

*Сӯхта дар ҳасрати ту мегузарам ман аз ҷаҳон,*
*Ман ба ин ҳолу ба ин дарду ба ранги заъфарон.*
*Андалеби ишқ гаштам, қумрии бехонумон*
*Ҳар чӣ кӯтоҳӣ зи ман бигзашт, назди ту аён.*
*Меҳри ту дар сина ҷо шуд, кори ман шӯру фиғон,*
*Сӯхтам ман дар фироқат дилбари номеҳрубон.*

Ба хаёлам омад, ҳангоме ки дар маслиҳати тӯй будем, Юсуф бемор шуда ба хонаи мо дигар намеомад. Зулайхо бо овози ғамангез дар вақти ҳавлӣ рӯфтанаш оҳиста-оҳиста



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ин шеърро аз ашъори Карим Девона мехонду ман гӯш дода, чизеро сарфаҳм намерафтам.

*Ҷонбозӣ мекунӣ, аз ман намегирӣ хабар,*
*Тири ишқат мерасад монанди пайкон дар ҷигар.*
*Бар сарам мондам кулоҳу, дар миён бастам камар,*
*Дар фироқи ёр гаштам, ҳамчу Лайлӣ дар ба дар.*

Пагоҳӣ саҳар роҳи деҳаи Дубедаро пеш гирифта, Абдусалому занаш ва домодам Тӯрахонро даъват намуда, саргузашти Зулайхоро аз аввал то ба охир ба пурррагӣ нақл карда додам.

Дар аввал чеҳраи Абдусалому зану писараш тағйир ёфта, асабонӣ шуда, чӣ кор карданашонро надонистанд. Ҳангоме ки сухану тавсияи ҳазрати Мавлавиро ба пурррагӣ айнан оварда, ба онҳо фаҳмонидам, онҳо ором шуданд ва Абдусалом бо як ҳисси иззату эҳтиром исми муборaки Мавлавиро ба забон гирифта, аз ҷояш хеста ду даст пеши бар таъзим намуда гуфт:

– Модоме, ки ҳазрати Мавлавӣ чунин тавсия додаст, мо ҳам розӣ ҳастем, лекин дӯстии мою шумо чун пештара давом хоҳад кард.

Иншооллоҳ барои кушоиши бахти бастаи Тӯрахон пас аз се рӯз ба зиёрати Ҳазрати Мавлавӣ хоҳем рафт. Абдусалом аз фарзандаш талаб намуд, ки аз рӯи одоби одаму одамгарӣ ва бо як хурсандӣ ҷавоби Зулайхоро диҳаду ҳар кас дар талаби бахти хеш шавад.

Тӯрахон хоҳиши падарро бе чуну чаро ба ҷой овард ва бо эҳтиром гӯё дар миёни мо, дӯстон ҳодисае рӯй надода бошад маро гуселониданд.

Ана ин буд саргузашти ману духтари ягонаам ва сабаби ташриф овардани ман ба Сурхиён, - гуфт дӯстам Абдусалом ва бо ангушташ ишора карда, ҷавони зебои тануманди 22-23 сола, ки дар бари духтару занаш меистод, нишон дода гуфт:

– Ин ҷавон ҳамон Юсуфи ятими бемор аст, ки ман ӯро ба домодии худ қабул кардаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷавон табассуме карда, ба духтар нигарист, духтар низ табассуми ширине карда аз шарм рӯяшро бо рӯймол пӯшонд.

Абдусалом боз илова карда гуфт: – Мо барои арзи сипос ду рӯз пеш ба зиёрати ҳазрати Мавлавӣ омада будем, иншооллоҳ баъди чор моҳ ман наберадор мешавам, албатта, дар тӯи набераам дӯстам Абдуқодир туро хабар мекунам.

Бо ҳамин бо дӯсти деринаи худ видоъ намуда, онҳо ба самти Файзободу мо ба тарафи Сурхиён раҳсипор гардидем. Ин буд қиссаи давои дарди ишқ.

## ДАР ҶУСТУҶӮИ БУТХОНАИ ҲИНДУҲО

Банда солҳои 1960 то 1965 ҳамроҳи модарам Бибифазила барои хабаргирии момоям, завҷаи хурдии Мавлавӣ Бибисайидмоҳ ба деҳаи Себара рафта, ҳафтаҳо меҳмон мешудем.

Шабҳои тобистони кӯҳистон чӣ тароватি хуше дорад, баъди таъоми шом мо аз бибиям хоҳиш мекардем, ки дар бораи ҳаёти гузаштаи худ ва ҷадди бузургворамон ҳазрати Мавлавӣ нақле кунад.

Момоям, ки зеҳни тез дошт, бисёр ҳодисаю воқеаҳои аз сараш гузаштаро ба мо нақл мекард.

Шабе аз шабҳо, момоям чизеро фикр мекардагӣ барин ногаҳон оҳи сарди ҷигарсӯзе кашида, дар бораи акои ҷавонмаргаш Хайриддин нақл карда, гуфт:

– Мо дар деҳаи Нуракиё н зиндагонӣ доштем. Падарам Мулло Назар шахси донишманд буд ва бародари калонам Мулло Насриддин дар Сурхиён, дар назди ҳазрати Мавлавӣ таҳсили илм мекард.

Ман духтарчаи ёздаҳсола будаму бародарам Хайриддин сездаҳсола. Мо ҳар ду дар ҷангалзори рӯ ба рӯи деҳаамон барраю бузғолаҳоро бурда мечарондем. Рӯзе дар вақти чаронидани молҳоямон ногаҳон Хайриддин ғайб зад, баъди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

10-15 дақиқа овозаш аз даруни ғори даруни ҷангалзор баромад, ки маро садо мекард.

Ман зуд ба сӯи садо давидаму бародарамро дар даруни ғори торик дидам. Аз ӯ пурсидам, ки дар ин ғори торик чӣ кор мекунад?

Ӯ дар ҷавоб бо нӯги асояш ба девори ғор задан гирифт, аз он ҷо садои оҳани ҷарангосӣ мебаромад ва ӯ ба ман фармон дод, ки рафта аз деҳа белу каланд орам.

Ман бо супориши ӯ шитобон ба хона омадаму ба касе чизе нагуфта, белу каландро гирифта, ба тарафи ҷангалзор равон шудам. Хайриддин белу каландро аз дасти ман гирифта, ба кандани девори ғори торик машғул шуду ба ман гуфт, ки бузғолаҳоро нигоҳ кунаму ҳамон вақте ки садо кардам, тез ҳозир шавам! Ман ба нигоҳубини ҳайвонҳо машғул будам. Тахминан баъди ним соат ӯ маро садо кард. Ман шитобон ба лаби ғор омадам. Ӯ ба ман ишора кард, ки ба наздаш оям, ман фаромада дидам, ки аз зери хоку лой даричаи оҳанине пайдо шудааст. Мо хоку лойро яктараф карда бо азобе даричаи оҳанинро кушодем.

Вақте ки дарича кушода шуд, зинаи сангинеро дидем, ки ба поён мерафт. Хайриддин маро дар берун гузошту худаш бо воситаи ин зинаи сангин вориди ин таҳхонаи аҷоибу ғароиб шуд. Ҳарчанд зора мекардам, ки дар ин ғор мор ва ё ягон ҳайвони дарранда набошад, баргард, ӯ ба гапи ман гӯш надода, ба пеш ҳаракат мекард.

Аз байн тахминан се-чор дақиқа гузашта буд, ки ногаҳон садои даҳшатноки раъдмонанди ғулғуладоре аз зери замин баланд шуд, гӯё садои сӯми аспҳою ҷарақ-ҷарақ задани шамшеру сипар ба гӯш мерасид. Баъди ин садо гӯё замин дар зери поям ларзид, лаҳзае нагузашта, Хайриддин дар доманаш чизеро сахт дошта, додгӯён давида ба берун баромад.

Хун дар рӯяш набуд, дир-дир меларзид, чашмонаш суп-сурх, гап зада наметавонист, забонаш дар вақти гап задан мегирифт. Ман давида ба наздаш рафта бо тарсу ҳарос аз ӯ пурсидам:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Акаҷон, ба шумо чӣ шуд, ин садои даҳшатнок садои чӣ буд? – гуфта ӯро саволборон мекардам. Дар ҳамин вақт ӯ гап зада натавониста, доманашро кушода бо ишора ба ман нишон дод.

Дар доманаш ду адад лаълича, яке зарди ялаққосӣ ва дигаре симинмонанди сафед, дар гирдаш сангҳои сабз монанди ҳақиқ гулкорӣ шуда ва ҳафт адад бозичае, ки ба буҷул монанду инҳо ҳам зарди ялаққосӣ буданд. Дар офтоб чунон медурахшиданд, кЫи чашми бинандаро хира мекарданд. Ман боз вайро саволборон карда пурсидам, ки дар ин таҳхонаи кӯҳӣ чиро дидӣ ва ин садо, садои чӣ буд? Ӯ ба саволи ман ҷавоб надода, шиора кард, ки ба ӯ ёрӣ расонам. Ман ба ӯ ёрӣ дода, бо азобе даричаро ба ҷои аслияш гузошта таҳхонаи кӯҳиро маҳкам карда, хоку лой ва чим (лойи сабзадор) оварда, даҳони даричаро бегумон монанди пештарааш маҳкам карда, барраю бузғолаҳоро ҷамъ намуда, ба хона баргаштем.

Рӯз ҳанӯз барвақт буд, падару модар моро дида, дар ҳайрат монда гуфтанд:

– Чаро барвақт баргаштед, охир то бегоҳ се-чор соати дигар мондааст?

Он бозёфтҳоро, ки дар рӯймолчаи ман баста будем, ба падарам нишон дода гуфтем:

– Ана инҳоро аз чангал ёфтем. Падарам хам шуда он ду лаълию ҳафт дона буҷулро даст-даст карда, аз назар гузаронид ва дар ҳайрат монда ба бародарам Хайриддин рӯй оварда гуфт:

Писари азизам, ин чизҳои қимматбаҳоро аз куҷо ёфтӣ? Ӯ ларзиду чизе нагуфт. Падарам ӯро маҷбур мекард, ки гап занад, ки аз куҷо ёфтааст. Ӯ мехост гап занад, аммо андомаш меларзиду гап зада наметавонист.

Дар охир гуфт, ки падарҷон, ман гап зада наметавонам, маро савганд доданд, агар савгандамро шиканам, зарари вайҳо ба ман мерасад!

Падарам боз дар ҳайрат монда гуфт:

– Писарҷонам, гап зан, кӣ ба ту зарар мерасонад онҳо киҳоянд ва туро киҳо савганд додаанд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Падар хаёл кард, ки писараш тарсидааст, ё ба касали молихулё гирифтор шуда, ё ин ки ба ӯ парӣ ёр шудааст.

Барои ҳамин Хайриддини тарсону ларзонро ҳар як лаҳзаю дақиқа борҳо мепурсиданд ва маҷбураш мекарданд, ки онҳо киҳоянд, падар хаёл мекард, ки ба писараш парӣ ёр шудааст, агар номи париро гӯяд, ӯ дуохонӣ карда париро аз писараш дур мекунаду писараш бо ҳамин шифо меёбад.

Дар охир Хайриддин маҷбур шуд, ки савгандашро шиканад.

Хайриддин дар болини хоб рӯй ба ҷониби падару модар гардонида, аз чашмони зебояш ашк ҷорӣ шуда, бо забони гирифта ва тарсу ҳароси ногаҳонӣ ба сухан сар карда гуфт:

– Падарҷон, модарҷони азиз, шумо ба ман бовар накардед. Шумо хаёл кардед, ки ба ман парӣ ёр шудааст, не, не, ҳеҷ гуна парӣ ба ман ёр нашудааст, акнун маро маҷбур сохтед, ки савгандамро шиканам, хайр мегӯям, он тарафашро Худованд худаш медонад.

– Вақте ки ман ба воситаи зинаҳои сангин вориди таҳхона шудам, аҷоиботу ғароиботеро дида, лаҳзае ҳайрон шуда ба чор тараф нигаристам. Ду хонаи дарун ба дарун пур аз нақшу нигор, зарфҳои сурх, зард ва сабз, косаю чойник, пиёлаю лаълӣ ва ҳайкали зани зебое, ки ду даст пеши бар дар миёни ҳар ду қошаш холи ҳиндӣ ва ду сарбози савора дар ду бари зин шамшерҳои бараҳна истодаанд.

Дар болои мизе ман ин ду лаълию 7 ҷуфт буҷулро дидам ва даст дароз карда ҳарду лаълию буҷулро гирифта, дар доманам пинҳон карда будам, ки дар ҳамин вақт садои даҳшатноки раъдмонандро шунидаму замин ларзид, гӯё бо ишораи он зан ҳайкали он ду сарбози аспсавори шамшер ба даст ба ҳаракат омаданду ба сӯи ман ҳуҷум карданд.

Ман дар ҳамин вақт додгӯён ба берун давидам, аз қафо садоеро шунидам, ки мегуфт:

– Эй бача, ду лаълию ҳафт буҷулро барои он ба ту мебахшам, ки даричаро ба асли қадима орию сирри моро фош накунӣ, барои ҳамин савгандат медиҳам, агар фош кунӣ, он амонатро баргардон, ки зарар мебинӣ. Хайриддин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

суханашро ба охир расонду ашки чашмонаш ҷорӣ шуду гирист, забонаш акнун гирифта буду тамоман гап зада наметавонист, фақат бо раҳм ба ману падару модарам менигарист ва аз чашмони сип-сиёҳи калон-калонаш бо ҳасрат ашк мерехт. Ману волидайн ба аҳволи бародарам зор-зор мегиристем.

Акнун падарам Мулло Назар фаҳмид, ки ба писараш парӣ ёр нашуда будаасту гап дар ҷои дигар будааст ва афсӯс хӯрда санги маломат ба сар мезад, вале кори шудагӣ шуд, дигар фоидае надошт.

Пагоҳӣ саҳар падарам ҳамроҳи бародари калонам мулло Насриддин он тиллоию ҷавоҳиротро дар рӯймолчае баста хостанд, ки бурда дар ҳамон мавқеи нишондодашуда партофта гашта оянд, шояд ки бо ҳамин сабаб Худованд ба Хайриддини зебо шифо ато кунад. Аз субҳ то пешин сар карда бешаи анбӯҳро тай карда ғорро пайдо карда натавонистанд.

Дар ниҳояти кор дар мобайни ҷангалзор ба мавзее мерасанд, ки даште пайдо мешаваду дар мобайни дашт боғчаи ҷафси себу анҷиреро мебинанд, рафта аз себу анҷирҳо каме хӯрда, дар сояи он истироҳат мекунанд.

Ногаҳон Мулло Назар чизи аҷиберо пайхас мекунад. Себҳои сабзи ба сурху зард моил ва даруни себҳо низ сабз буд.

– Анҷир дар ин кӯҳистон намерӯяд, -ба писараш рӯй оварда мегӯяд:

– Насриддин, ту чизеро ҳис кардӣ? Медонӣ, ки ин навъ себро ман дар умрам бори аввал мебинам ва анҷир дар ин кӯҳистони мо набуд ва намерӯяд, аз куҷо пайдо шуда бошад?

Онҳо гӯё акнун аз хоб бедор шуда бошанд, хеста бо ҳайрат ба гирду атроф ва ба буттаи себу анҷирҳо нигариста, дохили анбӯҳи себу анҷирзор мешаванд ва аз дохили бутта як шамшери биринҷию як камарбанди қуббадори аз метали зард сохта шуда ва дар қуббааш расми шерри сесара акс ёфтар меёбанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мулло аз он себу анҷир дар хӯрҷин чида, он шамеру камарбандро гирифта, ба писараш муроҷиат карда мегӯяд:

– Насриддинҷон, мо акнун ғори сеҳрнокро наёфтем, пагоҳ саҳар ҳамин себу анҷир ва бозёфтҳоямонро гирифта, ҳамроҳи Хайриддинҷони бемор ба назди Ҳазрати Мавлавӣ ба Сурхиён меравем, - гуфта ба деҳа боз мегарданд.

Шаб то ба рӯз дар дидаи падару модар, хоҳару бародарон хоб набуд, ба чашмони интизору пуроби бародари бемор нигариста, ману падару модар, акаҳоям, Наҷмиддини паҳлавону мулло Насриддин ва Наботу Ҳоҷӣ зор-зор мегиристем. Баробари дамидани субҳ роҳи деҳаи Сурхиёнро пеш гирифтем.

Падару модар ва бародарамон мулло Насриддин бародари ба ҷону дил баробарамон Хайриддинро ба асп савор карда, ба назди ҳазрати Мавлавӣ бурданд.

Вақте ки аз себу анҷирҳои овардаи мо дар лаълиҳо гирифта, дар болои дастархон гузоштанд, Мавлавӣ як себу як дона анҷирро гирифта, бо диққат нигоҳ кард ва анҷирро хӯрда себро пӯст карда чашид ва баъд бӯй карда бо ҳайрат ба мулло Назару писараш нигоҳ карда гуфт:

– Магар ин себу анҷирро шумо овардаед? Онҳо аз ҷой хеста таъзимкунон гуфтанд: - Бале, тақсирам.

Дар ин ҳангом Мавлавӣ каме ба фикр фурӯ рафта, баъд пурсид:

– Канӣ, нақл кунед, ки ин себҳою анҷирро шумо чӣ хел ва чӣ тавр пайдо кардед ва гӯед, ки онҳо дар куҷо мерӯянд?

Мулло Назар хомӯш монда, чизе ҷавоб намедиҳад.

Мавлавӣ илова карда мегӯяд:

– Анҷир дар кӯҳистони мо намерӯяд, ин навъи себ дар хоки Бухоро ва Афғонистон низ намерӯяд. Ман ин навъи себ ва анҷирро фақат дар шаҳри Кашмири Ҳиндустон дидам ва дар он боғҳо низ сайру гашт ҳам карда будам.

Мулло Назар воқеаи пайдо намудани себу анҷирро ба Мавлавӣ нақл карду баъд аз бағалаш шамшери зангзадаю камарбандро бароварда нишон дод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавлавӣ шамшеру камарбандро гирифта бо диққат аз назар гузаронд ва ба мулло Назар рӯй оварда гуфт:

– Он бозёфтҳои дигаратро низ нишон диҳед.

Мулло Назар ҳайрон шуда, ба писараш нигарист ва аз бағалаш он ду лаъличаю ҳафт буҷули тиллоро дар назди Мавлавӣ гузошту ҳодисаи ба сари Хайриддини бемор омадаро аз аввал то ба охир нақл кард.

Дар ҳамин вақт азони намози пешин садо дод. Мавлавию меҳмонон ба адои намоз шурӯъ намуданд. Пеш аз шурӯъи намоз Мавлавӣ ба мулло Назару писараш рӯй оварда мегӯяд:

– Дар ин бора баъди адои намоз сӯҳбат менамоем.

Баъди адои намоз Мавлавӣ расо ду соат дар болои ҷойнамоз руҷӯъ ва сукут карда, баъд аз болои ҷойнамоз оҳи сабуке кашида, монанди деҳқоне, ки аз каланд кардан баргаштааст ва пур аз обу арақ шудааст, хаста шуда мегӯяд:

– Оҳ, мулло Назар ин себҳою бозёфтҳои ту, маро ба қаъри асрҳои гузашта бурд, хеле монда шудам, - гуфта аз ҷой бархеста дар болои кӯрпача нишаста, аз чойники қирмизӣ дар пиёлаи сабзи афғонӣ чой рехта нӯшиду боз сухани худро идома дод:

– Хеле монда шудам, каме истироҳат кунам, - гуфта 10-15 дақиқа як паҳлӯ зада истироҳат кард. Баъд сари зону истода, ба мо ва меҳмонон рӯй оварда:

– Сирри себҳою бозёфтҳои шумо чунин аст:

– Тахминан 100-150 сол пеш, ин воқеа рӯй дода будааст.

Дар Ҳиндустон дар баробари дини мубини ислом дини буддоӣ низ нуфузи калон дорад. Мувофиқи қоидаву қонуни дини буддоӣ, фармони падар барои фарзандон, хусусан, барои писарон ба фармони Худованд баробар аст.

Ҳеҷ як фарзанд аз фармони падар саркашӣ карда наметавонист. Агар падар ба писар фармон диҳад, ки худатро ба оташ андоз ё аз кӯҳи баланд худро ба зер афкан, албатта, дар асоси урфу одат ва ақоиди дини бутпарастӣ ӯ ин супориши падарро бе чуну чаро иҷро мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас маълум мешавад, ки 100-150 сол пеш шоҳи яке аз кишварҳои Ҳиндустон, аз писараш меранҷад ва писар аз ранҷиши падар огоҳӣ ёфта, ба назди падар омада, сар ба зери пои ӯ гузошта, илтиҷои авфи гуноҳаш мекунад.

Падар ба шоҳзода фармон дода мегӯяд:

– Шоҳзода, хӯрду хӯрок ва асбобу анҷоми зиндагии сесолаатро ҷамъ куну бо ҳамроҳии 40 нафар канизу сарбоз ба тарафи Шимол сафар карда, баъди се сол боз гард, баъди он ман гуноҳи туро авф менамоям.

Шаҳзода, ки илоҷи дигар надошт, дар чил асп асбобу анҷоми рӯзғор, тангаю тилло ва ҳайкали модарбути тиллоиро барои парастиш гирифта, роҳи Шимолро пеш мегирад.

Ин корвони ҳиндуён аз кӯҳу биёбон, дарёю ҷангалзорҳо гузашта, то ба мавзеи кӯҳистони мо, хусусан, дар ҷангалзоре, ки Шумо Мулло Назар аз он ҷо ин себу анҷирҳоро овардед, қарор мегиранд.

Азбаски мардуми кӯҳистони мо ҳама мусулмон буданд, ҳиндуҳо аз он тарсида, даруни ҳамин ҷангалзорро ба худ қароргоҳи мусоиде интихоб мекунанд.

Шоҳзода аз тарси мусулмонон дигар модарбути тиллоиро парастида наметавонист, бинобар ҳамин ба сарбозону хизматгоронаш фармон медиҳад, ки дар даруни ҳамон ғори торик, шабона ва пинҳонӣ дар зери замин бутхонае созанд.

Хизматгоронаш шабона кор мекарданду, рӯзона бегумон хоб мерафтанд, то ки мардуми таҳҷоӣ аз сирру асрори эшон хабардор нашаванд.

Ҳамин тавр, сохтани бутхонаи зеризаминӣ ду моҳ давом мекунад. Бутхона бо тангаю тилло, мизу курсӣ ва асбобу анҷоми ороиш ва зарфҳои тиллоию дигар ҷавоҳироти қимматбаҳо, мувофиқи қоидаи ороиши бутхонаҳои Ҳиндустон зиннат дода мешавад.

Шоҳзода пинҳонӣ рафта, дар бутхона ибодат мекарду баъди он дарачаи бутхонаро хизматгорон бегумон бо алафу хок мепӯшонданд. Аз байн қариб се моҳ мегузараду аз аҳволи ҳиндуёни муҳоҷир мардуми таҳҷоӣ бохабар мешаванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гурӯҳи дуздону ғоратгарон шабона ба қароргоҳи ҳиндуҳо шабохун зада, онҳоро қатл намуда, молу амволашонро ба яғмо мебаранду ин себу анҷирҳои боқимонда дар он ҷо мерезад, онҳо сабз шуда ба воя мерасанд, ки маҳсули он ана дар болои дастархони мо истодааст, ин себу анҷирҳои ҳиндӣ мебошад. Дар айни ҳол мардуми деҳаҳои Лошхарфу участкаи ниҳолпарварии ҷамоати Кофарниҳон, ин себҳоро оварда пайванд гузаронидаанд, ки аз онҳо ҳосили фаровон мерӯёнанд.

Баъди сӯҳбатҳои тӯлонӣ, Мавлавӣ Хайриддини беморро аз назар гузаронида, сар ҷунбонда ба мулло Назар рӯй оварда мегӯяд:

– Мулло Назар, афсӯс, кори хуб накардед, дер кардед, писарро маҷбур намекардед, ки сирро ошкор кунад. Модоме ки сир ошкор шуда буд, ба тезӣ он ду лаълию он ҳафт буҷули тиллоро бурда ба ҷояш мегузоштед, он гоҳ ягон зараре ба Хайриддин намерасид ва оҳиста ба мулло Назар илова намуда мегӯяд:

– Шумо Мулло Назар, одами бомаърифат ҳастед, ба тақдири илоҳӣ тан додан лозим, аз тарс хуни писар вайрон шуда сиёҳ шудааст ва ба асаб низ таъсир карда, бемории фалаҷро ба вуҷуд овардааст.

Аз суханони Мавлавӣ маълум гашт, ки дарди Хайриддини ҷавон, ки ҳамагӣ 13 сол дошт, даво надорад.

Дар охири сӯҳбат Мавлавӣ ба меҳмонон рӯй оварда мегӯяд:

– Шумо сирру асрори тиллою ҷавоҳироти ба ғорат рафтаи ҳиндуҳоро бори дигар ба ёди ман овардед.

Деҳаҳои Нуракиё, Гулҳо, Чоштеппа, Миразори Болою, Миразори Поён дар бари ҳамдигар ҷойгир шудаанд.

Он мавзеи ҷангалзоре, ки ҳиндуёнро қатлу ғорат намуда буданд, рӯ ба рӯи деҳаи Гулҳо ҷойгир шудааст.

Ин деҳа Боғи гулҳо ном дошта, баъдан номи «Гӯлҳо», яъне деҳаи одамони гӯлу нодонро мегирад, ки таърихи пайдоиши ин ном яъне Гӯлҳо чуни наст:

– Мардуми деҳаи «Боғи гулҳо» ниҳоят одамони ҳушёру доно ва аз як қабилаю авлод буданд ва бе маслиҳати пирони деҳ ҳеҷ кореро ба анҷом намерасонданд..



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тахминан 100-110 сол пеш мардуми деҳаи Боғи Гулҳо дар вакти шудгори ҷангалзори мавзеи ҳиндуён аз наздикии (туппи) буттаҳои себу анҷирҳои ҳиндӣ, аз зери хок боқимондаи тиллоҳои ғоратшудаи ҳиндуҳоро меёбанд.

Овозаи ёфт шудани тилло, оҳиста-оҳиста ба деҳаҳои гирду атроф паҳн мегардад ва то ба самъи беки Ҳисор рафта мерасад.

Беки Ҳисор Авлиёқул ҳамаи мардони Боғи Гулҳоро ба қалъаи Ҳисор даъват карда, дар зиндони қалъа азобу шиканҷа медиҳад, то ки сирри ёфтани тиллоро гап зада ва тиллоҳои ёфташударо оварда ба бек супоранд.

Ин мардуми доно худро ба нодонию гӯлӣ зада мегӯянд, ки мо гӯли нодон ҳастем, ҳатто деҳаи мо «Гӯлҳо» ном дорад, мо ҳеҷ гуна тилло наёфтаем ва чӣ будани тиллоро ҳам намедонем.

Барои исботи ин гапи онҳо бек онҳоро санҷиданӣ шуда, дар меҳмонхонае дастурхон кушода, дар як тарафи дастархон дар лаълиҳо таъомҳои лазиз ва мағзу мавизро мегузораду дар тарафи дигари дастархон устухонҳои қоқу кӯҳна ва дар лаълиҳо ба ҷои мағзу мавиз ахлоти бузу гӯсфандонро мегузоранд. Дар тарафи хӯрокҳои лазизу мағзу мавиз сарбозон ва дар тарафи устухони хушку лаълиҳои пур аз ахлоти бузу гӯсфандон мардуми деҳи дар боло зикршударо мешинонанд. Бек ба хӯрду хӯроки онҳо назорат мекунад.

Ин мардуми доно баҳри халосии ҷони худ ба ҷои таъомҳои лазизу мағзу мавиз устухонҳои хушкро хоида, чун саг аз даҳони ҳамдигар кашида мегирифтанду аз лаълиҳо ахлоти бузу гӯсфандро гирифта тановул мекарданд.

Беки Ҳисор ин манзараро дида дар ҳайрат мемонад ва ба гӯлию нодонии ин одамон каме бовар намуда, онҳоро бори дигар имтиҳон карданӣ шуда мегӯяд:

– Пагоҳ баробари баромадани офтоб пойгаҳ мешавад, агар касе пеш ояду ба болои арки Ҳисор баромада сарозер ба болои тахтасанги зери манора ҷаҳад, ман ӯро хазиначии худ таъин мекунам. Мардуми деҳаи Боғи Гӯлҳо бо як овоз мегӯянд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Мо ба пойгаҳ тайёрем. Шаб дар зиндон байни худ маслиҳат менамоянд, ки чи гуна ба бек гӯлии худро исбот кунему аз ин бало халос шавем. Мӯйсафеди 75 –солае мегӯяд:

– Бигузор ман қурбон шаваму шумо дар амон бошед, ман умрамро дидаам, пагоҳ, ки пойгаҳ сар шуд, шумо худро ақиб кашед, ман аз ҳама пеш давида ба марра мерасаму худро сарозер аз болои қалъа ба зер меафканам, шояд ки инро бек дида, моро гӯли нодон ҳисобаду озодамон кунад, лекин васияти ман ҳамин, ки аз ҳамон тиллоҳои бозёфт ба бачаю наберагони ман ду ҳисса ҷудо карда диҳед.

Онҳо байни якдигар савганд ёд мекунанд, ки васияти ӯро бечуну чаро ба ҷой меоваранд.

Пагоҳӣ баробари дамидани офтоб, дар паси қалъаи Ҳисор пойгаҳчиён саф мекашанду интизори ишораи Бек мешаванд.

Мардуми зиёде аз гирду атроф барои тамошо дар қалъа ҷамъ омада буданд. Бо ишораи бек мусобиқа сар шуд. Пеш-пеш мӯйсафеди қадбаланди қоқпойи 75-сола меомад, ӯ дар масофаи 1000 метр аз ҳама пеш гузашта, ба марра расиду ба болои қалъаи баланди тахминан 10-12 метра баромада, худро сарозер ба болои тахтасанги сафеди сатҳи қалъа ҳаво медиҳад. Баъди мижжа задан сараш ба тахтасанг бархӯрда, мағзи сараш монанди ба ҳар тараф пош мехӯрад.

Бек ин лаҳзаро дида, тез ба сарбозон фармон дод, ки сари роҳи ин мардуми гӯлу нодонро гиранд, то ки ҳамаашон ҳалок нашаванд. Сарбозон дар назди қалъа сипарвор сари роҳи пойгаҳчиёни ақибмондаро гирифтанд.

Дар охир бек онҳоро ҷавоб медиҳаду бори охирин онҳоро имтиҳон карда, ба онҳо мефармояд:

– Аспе дорам, онро бурда, дар деҳаатон се моҳи тобистону се моҳи тирамоҳ дар тавила мечаронед ва чил рӯзи зимистон аспро дар ҷав баста, баъд ба ман баргардонед.

Онҳо бо фармони беки Ҳисор амал карда, се моҳи тобистону се моҳи тирамоҳ аспи бекро дар чарогоҳ тавила карда, дар рӯзи даромадани чилаи калон аспро дар таҳхонае



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дароварда мебанданду чил қопча ҷавро дар атрофаш мерезанд ва ҷӯи обро кофта ба дохили таҳхона сар дода, бо лой даҳони таҳхонаро маҳкам мекунанд.

Рӯзи чилуми чилаи калон мардуми деҳаи Боғи Гулҳо ҷамъ шуда мехоҳанд, ки аспи беки Ҳисорро аз ҷав бароварда, ба Ҳисор баранд.

Баробари кушодани дари таҳхона мебинанд, ки асп то ба миёнаш дар зери оби яхбаста сарашро боло бардошта даҳонашро кушода мурдааст.

Онҳо аз ин доногии худ истифода бурда, ду касро равон мекунанд, ки Бек сарбозонашро равон кунанду аспи чил рӯз дар ҷав бастаи масташро гирифта баранд, ки асп хандакунон ба мо итоат намекунад.

Вақте ки сарбозони бек дари таҳхонаро мекушоянд, чил халтаи ҷави рехтаю аспи дар об яхкардаи мурдаеро мебинанд, боварии комил ҳосил мекунанд, ки ин мардум дар ҳақиқат гӯлу нодонанду деҳаи онҳо на Боғи Гулҳо, балки Гӯлҳо «нодонон» ном дорад.

Бо ҳамин роҳ мардуми деҳаи Гӯлҳо аз таъқиби беки Ҳисор халос шуда, бозёфти худро дар байни худ тақсим карда зисту зиндагонии хубу хуш мегузаронанд.

Баъди се рӯз Хайриддини бемор аз олам мегузарад, падару модар, хоҳару бародарон дар ғами Хайриддини ҷавонмарг сӯхта, обу адо шуданд ва аз сӯзиши дил акоям Домулло Насриддин писарашро Хайриддин ном ниҳод-мегуфт момоям.

Мардуми донои деҳаи Гулҳо солҳои 1949 -1950 муҳоҷир шуда, ҳоло дар деҳаи калони Симиганҷ, шаҳри Душанбе, шаҳри Кофарниҳону ноҳияи Файзободу Дарбанд зиндагонӣ доранд ва мардуми хубу донои бомаърифате ҳастанд.

Баъди нақли момоям ману тағоям аз ӯ хоҳишу илтимос намудем, ки момо, ҳамон даричаи пинҳон кардаи бутхонаи ҳиндуёнро ба мо нишон диҳад. Ӯ не-не гӯён бо ҷиддият мегуфт, ки акаам Хайриддин қурбони бутхонаи ҳиндуён шуд, бас нест, ки боз шуморо барам. Ман аниқ медонам, ки он бутхона дар куҷо ҷойгир аст, агар онро гап занам, тақдирам чун тақдири бародарам хоҳад шуд ва тақдири



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шумо ҳам дар хатар мемонад – гуфта савганд ёд кард, ки он мавзеъро ба касе нишон намедиҳад.

Солҳои 1977-1978 кормандони хоҷагии ҷангали ноҳияи Орҷоникедзеобод бо сардории марҳум Шокиров Неъмат бо воситаи трактори ЭС-100 аз рӯи шунидашон чанд мавзеъҳои деҳаҳои Гулҳо, Чоштеппа ва Рангинобро ҷустуҷӯ карданд. Ба фикрам, муроде ҳосил накарданд ва солҳои 1980 кормандони тадқиқотчиёни конҳо (геолог-разветка)-и Ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин мавзеъ тадқиқотҳои илмии зиёде гузарониданду махфӣ гузоштанд.

Дар ин мавқеъ аз тарафи баъзе ашхос хазинаи тиллоии ҳиндуён ҷустуҷӯ карда мешавад ва ҷустуҷӯ давом дорад.

## ҚИССАИ ҚУЛФИ КУШОДАИ МАҲБУСИ САҲАРХЕЗ

23-юми феврали соли 2001 бобои Назаров Абдулаҳади 75-сола сокини кӯчаи Саричашма хонаи рақами 51 барои коре вориди дафтари кориям шуда, ҳуҷҷатҳои зиёду китобҳои кӯҳнашуда ва варақҳои зардшударо дида, аз банда пурсид:

– Муҳаммадрасул! Китобҳои мусулмонии кӯҳнаро аз куҷо овардӣ ва онҳоро чӣ кор мекунӣ?

Бобои Абдулаҳад, ин ҳуҷҷату дастхатҳо аз қабили харитаи сафарҳо ва коғазҳои мӯҳрдори зардшуда, ки «Хатти иршод», яъне ба забони имрӯза бигӯем «Диплому унвонҳои доктории ҷадди бузургворамон, Ҳазрати Мавлавӣ Домуллои Сурхиён аст, ки дар муддати чанд сол бо заҳмати зиёде ҷамъ овардаем ва ният кардем, ки оиди зисту зиндагонии бобои бузургворамон барои ёдоварӣ номае нависам гуфтам».

– Бобои Абдулаҳад бай-байгӯён ин кори хубу савобест, гуфта ба нақл оғоз намуд:

– Охир ман ҳам зодаи Сурхиёнам, худораҳматии падарам Ятимов Назар, вакили деҳа будааст, то охири умраш дар бораи ҳашамату кароматҳои Мавлавӣ ёдоварӣ карда мегуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Вақте ки вакили деҳа будам, маро чор маротиба кормандони НКВД-и собиқ ноҳияҳои Ромиту Янгибозор ҷеғ зада, супориш дода таъкид карданд, ки ту вазифадорӣ, дар бораи Мавлавӣ ҳамчун Домулло буданаш шаҳодат диҳӣ, мо ӯро оварда, ба бадарға фиристем. Дар ин чор маротиба як суханро такрор мекардам. Агар зӯратон расад, худатон рафта Мавлавиро гирифта ба бадарға фиристед, ман ҳеҷ гоҳ шаҳодат намедиҳам. Барои ҳамин рафторам зӯрашон ба ман расиду аз вакилии деҳаи Сурхиён озод намуда, дар шаҳрчаи Роҳатӣ-Қирғизони ҳозира маҳбасам карданд.

Марди пир будаму муриди Мавлавӣ, пои бетаҳорат гашта наметавонистам. Ҳар шому саҳар аз хоб бедор мешудам, дари маҳбасе, ки ман танҳо будам, нимкушода буд. Хаёл мекардам, ки посбонон барои таҳорат карданам қулфи даро кушодаанд. Хеста таҳорат карда, баъди адои намозҳоям вазифае, ки аз пирам Ҳазрати Мавлавӣ гирифта будам, шабу рӯз такрор намуда, аз даргоҳи илоҳӣ роҳи наҷот мехостам.

Ин ҳолат қариб як ҳафта давом кард. Рӯзе дар вақти таҳорати ман сарпосбон дар болои сарам омада дод зада, посбонро  даъват карда, бо ғазаб пурсид:

– Дари ҳуҷраи маҳбуси пирро, кӣ ҳар рӯз мекушояд? Посбон аз тарс ларзон давида омада, гуфт:

– Рафиқ командир, ман накушодам, қасам ба виҷдони комсомолиям, ки накушодам, ин ҳолатро ман ҳам ҳар рӯз пайхас мекардаму хаёл менамудам, ки Шумо қулфро мекушоед, боз ман қулф мекардаму субҳ онро кушода медидам. Аз шумо тарсида, ин сирро ба ҳеҷ кас гап намезадам.

Командир рӯ ба ҷониби ман карда гуфт:

– Эй маҳбуси пир, ту чӣ гуна асбоб дорӣ, ки қулфи дарро аз дарун истода, аз берун мекушоӣ ва ё ягон ҷодугар ҳастӣ? Дар ҷавоб ба сардори посбонон гуфтам, на асбоби қулфкушоӣ дораму на ҷодугарам, як муриди пасттарини Мавлавии Сурхиёнам. Баробари шунидани номи Мавлавӣ онҳо тарафи ҳамдигар бо ҳайрат нигоҳ карда, маро то



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дохили маҳбас гуселониданду пичир-пичиркунон ба назди сардори маҳбас рафтанд.

Баъди се рӯз сардори маҳбас маро ба утоқи кории худ чеғ зада гуфт:

– Бобо, Шумо гуноҳе надоред, рафта хизмати пиратонро карда гаштан гиред. Ҷавоб доданду пои пиёда ба деҳа баргашта, рост ба назди Мавлавӣ рафтам, аз дидори муборакашон шарафёб шуда, то охири умр хизматашонро ҳамчун мурид ба ҷой меовардам.

Бобои Абдулаҳад суханашро давом дода гуфт, ки падари раҳматиям ёдоварӣ карда мегуфт, ки дар шаҳрҳои Кашмиру Деҳлӣ, Бамбаю Калкатта илмеро ба шогирдон меомӯзанд, ки қулфро бе калид кушодан мумкин аст ва Ҳазрати Мирзо Бедил дар боби ҳафтуми китоби бузургаш «Ирфон», ки ин боб «Симиё» ном дорад, оиди ин илм чизҳои бисёри аҷоибро овардааст, - гуфта суханашро ба анҷом расонда илова кард. – Ҳазрати Мавлавӣ «Ирфон»-ро аз ёд медонист...

## САВГАНДИ МЕЛИКБОЙ



Раҷаби Иброҳим

Падарам, Раҷаб Иброҳими 88-сола дар бораи Мавлавӣ нақл карданро ниҳоят дӯст медорад. Ӯ ин нақли навбатиро такрор андар такрор барои мо, писаронаш ёдоварӣ намуда, чунин мегуфт: – Тирамоҳи соли 1958 мо дар деҳаи Лошхарф зиндагӣ доштему аъзои хоҷагии ҷангали ноҳияи Орҷоникидзеобод будем. Ҳар сол моро барои ҷамъ кардани ҳезум аз ҷангалзорҳо ба деҳаҳои Сорвою Варваи ҷамоати Ромит мебурданд, ин сол ҳам маро ҳамроҳи коргарони хоҷагӣ Қодири



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ашӯр, Мулло Солеҳ ва Абдусамад барои ҷамъ кардани ҳезум ба деҳаи Варва оварданд.

Мо чор нафар коргаронро дар меҳмонхонаи сокини кӯҳансоли деҳа бобои Меликбойи 80-сола мувофиқи тақсимот ҷой доданд. Ҳар гоҳе, ки мо вориди меҳмонхонаи бобои Меликбой мешудем, ӯ бо азоб аз ҷояш хеста, то нишастани мо рост меистод, баъди нишастани мо менишаст.

Агар мо аз ҳамин чор нафар соате даҳ маротиба ба берун бароему боз вориди хона шавем, ӯ аз ҷояш чун поси иззату эҳтиром рост мехест. Мо пайхас кардем, ки ин пирамард бемор аст ва дар ҳайрат мондем, ки чаро ин корро ҳар рӯз такрор мекунад. Доимо такрор карда мегуфтем:

– Бойбобо, шумо беморед, моро гунаҳкор накунед, мо ҷавонем наберагони шумо мешавем, дар вақти вориди меҳмонхона шудани мо аз ҷоятон нахезед. Пирамард дар ҷавоби сухани мо мегуфт:

– Не писаронам, ман 35 сол пеш савганд ёд карда будам, ки агар писарбачаи 7-сола меҳмон шаваду вориди хонаи ман гардад, агар то ҷон дар рамақ дорам, барои эҳтироми ин меҳмон аз ҷоям рост мехезам.

Мо, ки ҷавон будему кунҷков, Бойбоборо ба ҷонаш намонда сабаби савганд ёд карданашро фаҳмиданӣ шудем. Дар охир Бойбобо оҳе кашида ба нақл сар кард:

– Писарони азиз, 35 сол пеш дар моҳи охири баҳор овоза шуд, ки Мавлавӣ Домуллои Сурхиёнро ҳамроҳи муриду шогирдонаш, Ҳоҷӣ Домулло Давлат ба деҳаи Сорво ба меҳмонӣ даъват кардааст ва Мавлавӣ нияти саёҳати Варваро низ дорад. Вақте ки қосидони Домуллои Ҳоҷӣ хабари омадани Мавлавиро ба деҳаи Варва оварданд, мардумро фармудам, ки чорво кушта, хӯрокҳои лазиз тайёр кунанд ва баъзе дигарон Мавлавиро дар даромадгоҳи деҳа пешвоз гиранд.

Худам бошам баъди ин супоришҳо, ки ҷавони тануманди солими чорпаҳлӯи масту мағрур будам, дар масҷид болои се-чор қабат кӯрпача дароз кашида, интизори омадани Мавлавӣ будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ногаҳон марди миёнақади тахминан 60-сола вориди масҷид шуда салом дод. Ман ҷавоби саломро гардонидаму аз ҷоям нимхез шуда истодам, вақте ки ин мард наздик омад, вохӯрӣ намудем, бо даст ишора карда, ҷои нишастро ба ӯ нишон додам, баробари ба ҷо нишастани он мард аз ӯ пурсидам:

– Шумо магар хизматгорони Ҳазрати Мавлавиед? Он кас кай меоянд? Дар ин ҳангом он марди нуронӣ табассуми ширине карда гуфт:

– Не балам, Мавлавӣ хизматгор надорад, ӯ худаш хизматгор аст, хизмати Аллоҳ Таъолоҳро мекунад, мо ҳама махлуқем, бандаем, набояд банда хизматгори банда бошад.

Дар ҳамин ҳангом Домуллои Ҳоҷӣ ва шогирдони зиёде вориди масҷид шуданд ва он шахсе, ки ман барои вохӯрӣ пешаш нимхез шуда салом кардам, маълум шуд, ки Мавлавӣ ҳамон кас будааст.

Дар як лаҳза маро як ҳолати ногуворе фаро гирифт, мӯи баданам гӯё сих зада рост шуд ва ларзае дар ҳафтоду ду рагу пайвандам афтод, зеро ки ба пешвози Мавлавӣ аз ҷоям нимхеста шуда будам ва ӯро бо як оҳанги мағрурӣ савол кардам. Давида ба пеши пои Мавлавӣ хам шуда, хоки пояшро тавоф мекардаму авфи гуноҳамро мепурсидам. Мавлавӣ бошад аз китфонам дошта гуфт:

– Меликбой, боз гуноҳ содир кардед, Холиқро саҷда ва тавоф кунед, на махлуқро, лекин ҳурмати инсонро аз молу сарвати дунёӣ афзал шуморед. Шумо авфи гуноҳатонро ҳам аз Холиқ хоҳед, ман бошам, шуморо ҳазорон маротиба авф кардам.

Баъди видоъ бо Мавлавӣ савганд ёд кардам, ки то ҷон дар рамақ дорам, барои истиқболи меҳмон, хоҳ ӯ 7-сола бошад, ё 100-сола аз ҷоям мехезам ва ба фарзандонам васият карда мегӯям, ки доимо хизмати Мавлавӣ ва фарзандонашро ба ҷой оред, шумо, ки меҳмонони азиз аз зодгоҳи Мавлавӣ омадаед, чӣ тавр ман ҳурмати шуморо ба ҷой наорам.

Дар охир падарам илова карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Худатон Ғуломи ронандаро медонед, ки ҳоло дар деҳаи Моҳинкачи ноҳияи Ленин истиқомат мекунад, аз рӯи васияти падарашон бобои худораҳматии Меликбой амал намуда, доимо дар хизмати фарзанди Мавлавӣ эшони Махсуми Даҳмарда мебошад, - гуфта суханашро тамом карда, ба фикр фурӯ рафт.

## ПЕШГӮИИ МАВЛАВӢ ДАР БОРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Банда аз даҳони пирамардон оиди пешгӯиҳои Мавлавӣ дар бораи Ҷанги Бузурги Ватанӣ суханони гуногун шунида будам, лекин бисёри он суханон аз ёдам фаромӯш шуда буд.

Соати 10-и рӯзи 26 феврали соли 2001 дар дафтари кориям нишаста, фикрам дар бораи саргузашти ҷадди бузургворам банд буд. Ногаҳон дар кушода шуду эшони Махсуми Абдулҳамид вориди утоқи кориям шуд. Баъд аз вохӯрӣ ӯ ба ман муждаи хуше расонда гуфт:

– Муҳаммадрасул, акнун боз бобо шудед, ҳадяро диҳед, зани Илҳомиддин писар таваллуд кард.

Мо ҳар ду барои дидорбинии тифли навзод роҳи беморхонаро пеш гирифтем. Дар роҳ лаҷоми суханро ман ба даст гирифта, дар бораи ҷанги Исроилу Фаластин аз шунидаҳоям ҳикоят мекардам, якбора Абдулҳамид ба сухан ҷомаи нав пӯшонда гуфт:

– Соли 1984 ман ронанда шуда, дар хоҷагии ҷангали ноҳияамон кор мекардам ва ҳафтае як маротиба аз маркази ноҳия ба деҳаи Лошхарф сӯзишворӣ мекашондам.

Рӯзи сешанбе, соатҳои 9 ба кор ҳозир шудам, ки маро сардор даъват карда гуфт:

– Пирамарди ранҷуре мехоҳад, ки оромгоҳи Мавлавиро зиёрат намояд. Эшони Махсум, агар ӯро то деҳаи Лошхарф баред, хеле кори савобе мешавад.

Дар роҳ бобои Абдусамади пири бемор ба нақл сар карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Эшони Махсум, пир шудам, беморам, қуввати рафтор надорам, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки имрӯз ё пагоҳ маро қосиди марг садо мекунад, орзу дорам, ки пеш аз маргам оромгоҳи падархонди бузургворам Ҳазрати Мавлавиро тавоф намуда, хоки оромгоҳро ба дидагони бенурам бимолам, то чашмонам равшан шавад.

Эшони Махсум, гӯён суханашро давом дода гуфт:

– Ҳазрати бузургвор барои мо ятимону бепарасторон ҳам падар буду ҳам пушту паноҳ, мо як гурӯҳ ятимони бепадару бемодарро ба фарзандӣ қабул намуда мехӯронду мепӯшонд, аз 5-солагӣ то 25-солагӣ дар парастории Мавлавӣ будам. Ӯ ятимону камбағалонро ниҳоят дӯст медошт, доим кӯмак мекард ва ҳатто Ятим ном тифли семоҳаи бепадару модарро зани хурдии Мавлавӣ Саидмоҳ бо шири буз калон карда ба воя расонид, ки ҳоло он кас соҳиби фарзандони зиёде буда, дар деҳаи Қутанбулоқ зиндагӣ дорад.

Дар ёд дорам, соли 1939 буд, тахминан ҷавони 20-солае будам, чор-панҷ нафар дар ҳавлии Мавлавӣ машғули ҳезумкафонӣ будему Мавлавӣ дар таги пешайвон нишаста, китоберо мутолиа мекард.

Ногаҳон ҷавони 25-26 солае бо як ҳаяҷони ногаҳонӣ доду фарёдкунон ба тарафи мо омада гуфт: – Ҷанг сар шуд. Мо ҳайрон шуда, ба ӯ гуфтем, чӣ хел ҷанг? Кӣ бо кӣ ҷанг кард. Ӯ гуфт:

– Одамон аз Сталинободу Янгибозор омаданд, мегӯянд, ки Филондия ҷанг кардааст, ҳамаро ба ҷанг мебаранд.

Дар як лаҳза мардуми деҳа дар ҳавлии Мавлавӣ ҷамъ шуда, ҳар кас фикри худро ё шунидаи худро ба тариқи худ ба ҳамдигар мефаҳмонд.

Ин манзараро Мавлавӣ дер гоҳ назора карда, мардумро ором карданӣ шуда, ба онҳо муроҷиткунон гуфт:

– Ҳой мардум, воҳима накунед, оё шумо чӣ будани ҷанги ҷаҳониро ва ё Филондро медонед? Инро фаҳмида гиред, ки мувофиқи пешгӯиҳои Дақоқи Сино[1], дар китобаш набояд Филонд Шӯравиро мағлуб кунад, гуфтааст ин ҷанг ба тезӣ поён меёбад. Агар Олмон ҷангро сар кунад, ниҳоят қатли

---

[1] *Дақоқи Сино - мутафакири бузурги Ҳиндустон, ки аз рӯи илми нуҷум гардиши ситораҳо ҳодисаеро пешгӯӣ мекардааст. (маъно аз дақоқ - осёббон)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

калон мешавад, ӯ то марказ – Маскав омада пас мегардад. Шӯравиро аз берун касе мағлуб карда наметавонад, ки ин суханро ман 15 сол пеш ба Изатулло Қӯрбошӣ гуфта будам, ӯ бовар накард.

Мо ба деҳаи Лошхарф расидему ёддоштҳои бобои Абдусамад дар бораи падархондаш Ҳазрати Мавлавӣ тамом намешуд.

Агар ӯ рӯзҳо, ҳафтаҳо дар бораи илму маърифат, рафтору пиндору гуфтори Мавлавӣ бо муҳаббати самимӣ нақл мекард, ҳеҷ набуд, ки нақли ӯ поён ёбад. Ӯ дар бораи китобҳои Мавлавӣ бисёртар нақл мекард, ки чӣ тавр китобҳои калон-калон, ҳатто баъзеашон занҷиру қулф дошт, шабонгоҳ бор карда, ҳамроҳи писархондҳояш Шамсиддину Асомуддин бурда, дар зери калфу даруни ғорҳо пинҳон мекарданд, ки дар натиҷа несту нобуд шуданд. Мумкин китоби Дақоқи Сино ҳам дар ғор пӯсида, нест шуд. Дар ҳақиқат, бобои Абдусамад рост мегуфтааст, баъди тавофи оромгоҳи Мавлавӣ ӯро қосиди марг садо карду гирифта абадӣ бурд.

## ИҶОБАТИ ДУО

Писари амакам Ҳикматуллои Қодирӣ Ашӯр, ки дар айни ҳол дар ноҳияи Файзобод умр ба сар мебарад, ёдоварӣ карда гуфт:

– Дар деҳаи Чинори Лой яке аз шогирдони донишманди Ҳазрати Мавлавӣ, Домулло Салим зиндагӣ мекардааст ва ӯ ниҳоят шахси порсою илмдӯст будааст.

Дар солҳои 1924-1925 Дониёр ва Рустам ном сарбозони амири Бухоро Сайид Олимхон, ки аз лашкари амир ҷудо шуда, алоҳида-алоҳида бар зидди болшевикон меҷангиданд ва молу мулки мардуми бечораро низ ба ғорат мебурданд.

Рӯзе Дониёру Рустам қӯрбошӣ дарак меёбанд, ки Домулло Салим зани ниҳоят зебои бефарзанд ва ҷавоне доштааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Онҳо бо маслиҳати пешакӣ шабона ба деҳаи Чинори Лой омада Домулло Салимро дар хонааш дастгир мекунанд.

Рустам Домуллоро азобу шиканҷа дода талаб мекунад, ки занашро талоқ диҳад. Домулло Салим аз мақсади нопоки онҳо огоҳ шуда мегӯяд:

– Охир шумо худро муҷоҳиди роҳи ҳақ мешуморед ва барои дину миллат ҷиҳод мекунед, аз Худо наметарсед, ки чунин ҷазоро ба мани бегуноҳ раво мебинед.

Ҳарчанд Домулло зорию тавалло карда насиҳат кунад ҳам, лекин ба онҳо таъсире намекунад.

Дар охир Дониёр аз ришу гӯшҳои Домулло бо ду даст маҳкам дошта, Рустам бошад, мехоҳад, ки ӯро чун чорво ахта кунад. Вақте ки пойҳою дастони ӯро тоб медиҳанд, ӯ ба ин дарди ҷонкоҳ тоб наоварда, беҳуш мешавад ҳангоме ки ба ҳуш меояд, ягона илоҷро дар талоқ додани завҷааш мебинад.

Домулло занашро талоқ дода, аз дасти Рустами ҷаллод халос мешавад.

Домулло ба монанди кабутари болу паррехтае, ки аз чанголи шоҳин халос хӯрда бошад, ҷомаашро ба сари китф гирифта, дар шаби торик гирён аз хонааш мебарояду хонаю зани зебои ҷавонашро дар ихтиёри Дониёру Рустам мегузорад.

Домулло баробари аз хона баромадан мегӯяд:

– Рустам, Худо миёнатро шиканад ва чашмонатро зоғони сиёҳ хӯранд! Баробари фаҳмидани ин дуои Домулло Рустам шамшерро бараҳна карда, аз ақиби ӯ медавад ва савганд ёд мекунад, ки то туро накушам, дар дунё зиндагӣ нахоҳам кард.

Шаб ниҳоят торик буд, Домулло пинҳон мешавад ва ӯро Рустам ёфта наметавонад.

Домулло Салим бо чашми гирёну ҷигари сӯзон, сару тан пур аз осори захми қамчини Рустаму Дониёр дар ин шаби сарду тор роҳи ағбаи Мазорро пеш гирифта, ба воситаи деҳаи Арзаноба ба назди устодаш Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён паноҳ мебарад.

Баробари дамидани субҳ пеш аз намози бомдод ба зиёрати Ҳазрати Мавлавӣ мушарраф мегардад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар назди устодаш ба зону зада, зор-зор мегиряду аз Худованду устодаш паноҳ мечӯяд.

Ҳазрати Мавлавӣ бо як ҳисси тараҳҳум ба шогирдаш нигариста мегӯяд: – Аз Худованд тарс, на аз махлуқ, вақте ки дар ҳаққи он ду бераҳм ту дуо кардӣ, малак низ омин гуфта буд, ту чакмани худро бо чакмани Домулло Насриддин иваз куну дар байни муллобачаҳо гаштан гир, баъди се рӯз дуои ту иншооллоҳ иҷобат мегардад.

Рустам дар ҳамон шаб зани зебою ҷавони Домуллоро ба никоҳи худ дароварда, дар болини ӯ сар монда, се шабу се рӯз аз хона берун намебарояд. Охири рӯзи сеюм, савгандаш ба ёдаш меояду ба зани Домулло мегӯяд:

– Ман савганд хӯрда будам, акнун рафта шавҳаратро ёфта, ба қатл мерасонаму баъд омада, туро гирифта ҳамроҳи худ мебарам.

Рустаму Дониёр дар ҷустуҷӯи Домулло то ба деҳаи Дараи Токҳо меоянд. Вақте ки ба деҳа наздик мешаванд, аз пешашон як дастаи калони «Калтакдорони Сурх» мебароянд ва тирпарронӣ сар мешавад. Дар ҳамин вақт Дониёру Рустамро аз се тараф дар иҳота мегиранд. Онҳо дигар илоҷ наёфта, ба тарафи ғори бетаг асп медавонанд. Ҳар ду аспҳо ҷар шуда ба ғори бетаг меравand. Миёни Рустам ва пойҳои Дониёр мешиканад.

Рустам бо се тираш се аскари русро мекушад ва дар охир худашу Дониёр ҳалок мегарданд. Баъди рафтани «Калтакдорони Сурх» мардуми деҳаи Дараи Токҳо омада, мехоҳанд, ки ин ду фидоиро гӯронанд, мебинанд, ки миёни Рустам шикастаю зоғони сиёҳ чашмонашро кайҳо кофта хӯрдаанд ва Дониёр низ ба чунин аҳвол гирифтор шудааст.

Рӯзи чорум хабар то ба деҳаи Сурхиён омада мерасад, Домулло Салим ба устодаш хайру хуш карда, роҳи деҳаи Чинори Лойро пеш мегирад. Ӯ ба хонааш омада, аз сари нав зани зебою ҷавони худро никоҳ карда, зиндагиро давом медиҳад ва арзу сипоси Худовандро ба ҷой оварда мегӯяд:
– Фалак дар чӣ хаёлу мо дар чӣ хаёл, банда ояндаи худро намедонад, касе ки бад кард, ба бад гирифтор шуд, чоҳкан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар зери чоҳ шуд, ҳазорон - ҳазор ҳамди беҳад туро, ки ҳақро ба ҳақдор мерасонӣ.

## ҚОСИДИ ОХИРИНИ САФАРИ МАВЛАВӢ

Амаки Мирзои Иброҳими 82-сола ёдоварӣ карда мегӯяд, ки тирамоҳи соли 1938 ман ҷавони 17-сола будаму аз деҳаи Дараи Ҳамза себҳои лазизу ширинро дар сабадҳо ҷой намуда, ҳамчун ҳадя ба зиёрати Мавлавӣ ба деҳаи Сурхиён рафтем.

Ҳангоме, ки ба меҳмонхонаи Ҳазрати Мавлавӣ наздик мешудам, чашмам ба мардону занони бемору корафтодаи зиёде афтод, ки аз роҳҳои дуру наздик омада, дар интизори қабулу зиёрати Мавлавӣ истодаанд.

Ман, ки бо писари Мавлавӣ, Махсуми Абдулқаюм дӯстӣ доштаму ҳамсол будем, баъди салому алейк пурсидам, ки чаро ҳазрати Мавлавӣ касеро ба ҳузури худ қабул намекунад? Ӯ дар ҷавоб гуфт: – Пеш аз дамидани субҳу намози бомдод, ногаҳон дар назди дари ҳуҷраи падарам як ҷавони зебои тахминан 32-33 солае пайдо шуду ҳамроҳи Мавлавӣ намозро гузаронида, пас ҳар ду дар муқобили ҳамдигар зону ба зону нишаста, соате сукут намуданд, қариб се соат мешавад, ки ин мардум дар интизоранду ҳеҷ нест, ки суханони онҳо поён ёбад.

Баъди шунидани ин суханони дӯстам, ҳисси кунҷковиям зиёд шуду аз роғи дари нимпӯшида ба даруни ҳуҷра назаре афкандам ва дидам, ки ҷавони зебое кулоҳи намадин дар сару пероҳани сафед аз тагу ҷелаки сабз аз боло пӯшида ва тасбеҳи бо сангҳои сабзтоб ороёфта дар дасти рост бо Ҳазрати Мавлавӣ сӯҳбат дорад.

Дар ду рухсори ин ҷавон нури Илоҳиро дидан мумкин буд, чашмони сиёҳи махмур, моил ба сурхӣ буда, ҳусни



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ӯро дучанд мекард. Ман дар ҳаётти худ чунин одами зебою нурониро ҳаргиз надида будам.

Баъдан боз мо қариб як соат дар интизори ба поён расидани сӯҳбати Мавлавию он ҷавони аҷоиб-ул-сурат шуда, дар айвон нишастем.

Дар ин ҳангом ногаҳон садои даҳшатноки раъдмонанде шунида шуду замин ба гумонам каме ларзиду боди фораме вазида, аз осмон қатраҳои калон-калони борон ба замин боридан гирифт.

Он қатраҳои борон ба пиёлаи обе шабоҳат дошт, вақте ки ба замин мезад, паҳн шуда, ҳавзи обро ба вуҷуд меовард.

Аз ин ҳодисаи аҷоиб ҳама мардуми дар интизори Мавлавӣ буда, ба тааҷҷуб афтода, мегуфтанд, ин чӣ ҳодиса бошад, охир дар осмон ягон порча абр нест, ин борон аз куҷо меборад?

Боз ҳисси кунҷковии ману  Махсуми Абдуқаюм боло гирифта,  дари ҳуҷраро нимроғ намуда, бо як овози тааҷҷубангез гуфтем:

– Ҳазрати Мавлавӣ, осмон соф асту ҳар як қатраи борон монанди пиёлаи пур аз об борида истодааст, замину замон пур аз об шуд, ин чӣ ҳодиса аст? Мавлавӣ каме рӯй ба ҷониби мо гардонида гуфт: – Борон бас шуд ва ишора намуд, ки ба сӯҳбати онҳо халал нарасонем. Баробари дарро пӯшидану ба айвон баромаданамон борони аҷоиб бас шуда буд. Давомнокии ин ҳодиса як ё ду дақиқа буд.

Ногаҳон дари ҳуҷра кушода шуду меҳмон пеш-пешу Мавлавӣ аз дунбол баромаданд. Ҳамаи мо ба пешвози онҳо аз  ҷой хестем, баъзеҳо хостанд, ки рафта бо Мавлавию меҳмон бо даст вохӯрӣ намоянд. Мавлавӣ инро ҳис намуда, ишора кард, ки сабр намоянд.

Меҳмон ҳамроҳи Мавлавӣ паҳлӯи ҳам на ба тарафи роҳи баромад, балки ба тарафи сари камари ғори бетаг мерафтанд. Агар касе аз сари ин камар тач зинад, ба ҷарии тахминан 2,3 км ҷар мешавад, пора-пора шуда аз деҳаи Лошхарф мебарояд. Дар сари ин ҷарӣ омада, рӯ ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муқобили рӯи ҳамдигар гардонида даст ба дуо бардоштанд, дуое хонда видоъ карданд.

Мавлавӣ рӯ ба тарафи мо гардонида, қадам гузошт, меҳмон бошад, дар як мижа задан рӯ ба ҷониби ҷари бетаг аз назарҳо ғайб зад.

Ману Махсуми Абдулқаюм хаёл кардем, ки меҳмон ҷар шуд, додгӯён ба тарафи ҷарӣ давидем, то бинем, ки ӯ чӣ тавр ҷар шуда, пора-пора шудааст.

Дар ин ҳангом ҳазрати Мавлавӣ  аз дасти мо дошта гуфт:

– Истед, ин меҳмон ҷар намешавад, ҳама атрофи олам барои ӯ  роҳи ҳамвору тахти равон аст.

Мо аз ин сухани Мавлавӣ дар ҳайрат мондему пурсидем, Ҳазрати Мавлавӣ каме табассуми маънидоронае карда гуфт: – Бачук, ин борон набуда, ашки малоик буд. Баъди 6 моҳ олим ва ё авлиёе, ки вористи пайғамбаранду сутуни дунё аз олам мегузарад.

Эшони Махсуми Даҳмарда мегӯяд, ки ман ҷавони 14-сола будаму дар ҳақиқат баъди 6 моҳ Мавлавӣ каме ранҷур шуд.

Бегоҳии душанбе, якуми моҳи муҳаррами соли 1939 падари бузургворам маро даъват намуда гуфт:

– Ҳамаи аҳли оиларо тез ҷамъ намо, ман аввало давида, пеш аз ҳама бародарам, Махсуми Асламу Абдулҳақ ва Абдулқаюмро чеғ задам. Дар  як лаҳза хоҳарону модаронамон, хешу ақрабо, ҳамсоягон ва шогирдони Ҳазрат ҷамъ шуданд.

Дар ин вақт хоҳарону модаронамон гирён шуда, аз Ҳазрати Мавлавӣ пурсиданд, ки ба шумо чӣ шуд?

Ҳазрати Мавлавӣ моро насиҳату дилбардорӣ намуда гуфт:

– Дунё ба монанди меҳмонхонаи ду дара аст, ки меҳмон аз ин дар медарояду аз он дар мебарояд ва боз меҳмони нав, яке пайи ҳам медарояду мебарояд. Шумо навҳа накунед, аз Худованди бахшояндаи меҳрубон илтиҷо кунед, ки сафари маро аз ҳамлаи шайтон дар амон нигоҳ дорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавлавӣ рӯй ба ҷониби қибла гардонида, ба фарзандону хешу наздикон ва шогирдони бовафояш васият карда, дар охир гуфт:

– Оромгоҳи маро дар куҷое, ки Худовандам хоҳад, дар ҳамон ҷо канед, ман намегӯям, ки маро дар фалон ҷо гӯронед, зеро ки сирри Аллоҳ Таъолоро ғайр аз зоти покаш ҳеҷ махлуқе намедонад. Дигар ҳамин ки мазори маро ороиш надиҳед, чун дигар бандагон оддӣ нигоҳ доред, зеро ки замони нотинҷро худатон медонед, ки илму дониши андӯхтаи ман дар назди олимону авлиёҳои бузурги шаҳрҳои Бамбаю Калкатта, Деҳлию Кашмир, Ҳироту Қандаҳор ва Кобул дар дилам монду онро дар амал тадбиқ карда натавонистам. Ин нури маърифати ман ба офтобе монанд буд, ки дар паси абрҳои сиёҳи тираи замон монда буду ба олами ташнаи рӯшноӣ нурпошӣ карда наметавонист.

Афсӯс, сад афсӯс, ки он илми андӯхтаи худро дар дил ҳамроҳ ба хоки сиёҳ мебарам.

Баъдан Ҳазрати Мавлавӣ рӯй ба ҷониби шогирди донишмандаш, Домулло Ташриф гардонида гуфт:

– Шогирди бовафоям, шумо Ҳазрати Ёсинро хондан гиред, Мулло Амин ба болои сари ман гузаред, манаҳи манро шумо бандед. Ба яке аз шогирдони дигараш сӯфии пок Сӯфӣ Солеҳ муроҷиат карда гуфт:

– Сӯфӣ, ман медонам, ки шумо дар дараҷаи Сӯфигӣ мақомеро соҳиб шудаед. Ҳеҷ кас дар рӯ ба рӯи қалби ман нишаста наметавонад, агар қувваташ нарасад, девона мешавад, фақат қуввати шумо ба ин кор мерасад, аз ҳамин сабаб дар рӯ ба рӯи қалби ман нишаста, «Аллоҳ», гӯед, ҷон додан хеле мушкил аст. Дар вақти талхаи ҷон кандан, ба эмони ман шайтони раҷим шабохунназанад, - гуфта худаш ба хондани оёте аз Қуръони Маҷид сар кард.

Дар ин ҳангом шогирдони бовафояш гуфтаҳои Ҳазрати Мавлавиро ба ҷо меоварданд.

Домулло Ташриф се маротиба Ҳазрати Ёсинро хатм намуду баробари вай устодаш Ҳазрати Мавлавӣ оётеро мехонд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар охир Ҳазрат, Ассалому алайкум ё Аллоҳ гӯён хомӯш шуд, дигар қафаси синаи муборакаш пасту баланд намешуд, акнун ӯ ба хоби абадӣ рафта буд.

Офтоби дурахшони паси абрҳои сиёҳи тираниҳод аз Машриқ зуҳур карду дар Мағриб суҷуд намуд.

Дар он рӯзи пур аз ғубори сиёҳу тира гӯё аз осмон малак бориду замин кафида одам баромада буд, ки деҳаи Сурхиён бо ҳама бузургияш мардуми видоъкунандаро ғунҷонида наметавонист.

*Зи анбӯҳи мардум дар он анҷуман,*
*Набуд лек як ҷои сӯзан задан.*

Гӯё мурғон ба ҳаво, моҳиён аз дарёи дар сӯгвории авлиё мегуфтанд: Ҳамди Худо, дуруд бар Мустафо (с).

-- Алвидоъ, алвидоъ, эй дӯсти Худо, эй ворисе Анбиё! Дидорҳо ба қиёмат паноҳат ба Худо!

*Турбат гӯё буд, дар парвоз,*
*Сӯи даргаҳи Холиқи бениёз.*
*Рӯҳ аз тан шуда буд ҷудо,*
*Мерафт ба маҳфили Мустафо (с).*

Ҳама мардумон-ҳам хурду ҳам калон муноҷот мекарданд, ба даргоҳи Худои Ломакон.

Охир валиюллоҳ чароғи равшану сутуни маърифоти дунёанд.

Пас аз реҳлати ҳар як валӣ нури чароғи маънавиёти дунёи башарӣ тираю сутуни он бебақо мегардад.

То ба имрӯз шахсоне, ки дар вақти реҳлати Мавлавӣ дар наздаш буданду дар қайди ҳаётанд, мегӯянд, ки Худованд кошки моро чун марги авлиёвор насиб гардонад.

Ҳазрати Мавлавиро дар сари ҳамон камаре, ки 6 моҳ пеш қосиди марг бо ӯ ҳамсӯҳбат шуда буду ногаҳон ғайб зад ва Мирзои Иброҳиму махсуми Абдулқаюмро дар ҳайрат монда буд, гӯрониданд. Имрӯз ин мавзеъ зиёратгоҳи мардум гаштааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ИМТИҲОНИ ПИРУ МУРИД

Ин қиссаи навбатиро аз даҳони амаки Саъдулло ва Сӯфӣ Ашӯру падарам борҳо шунида будам. Охирин маротиба 26 апрели соли 2001-ум аз падарам Раҷаби Иброҳим, ки дар бистари беморӣ хоб буд шунидам, ки мегуфт:

– Баъди реҳлати Ҳазрати Мавлавию Домулло Абдураҳими Элокӣ дар дили ман орзуи мурид шудану дасти пир гирифтан пайдо шуд ва дар фикри он будам, ки дар назди кӣ мурид истода дасти пир гирам.

Деҳаи Дараи Ҳамза соли 1947. Ману Мулло Табар ва Сӯфӣ Ашӯр дар таги тутти бедонаи амакам, ки ӯро «ака» мегуфтам, Саъдуллои Маҳмадӣ нишаста саргарми сӯҳбат будем, ки зани амакам, як табақ тутти сафеди бедонаро оварда, ба назди мо гузошт, тут чунон хушбӯю болаззат буд, ки асалро ба ёд мовард. Дар ин фасл деҳаи Дараи Ҳамза шабоҳати биҳиштро дорад, аз назди дарёчаи поёнии деҳ ҳафт чашмаи оби зулол фавора зада мебарояд, ки олитарин ва хунуктарин оби ҷаҳон номем хато намекунем.

Чаҳчаҳи булбулону нағмаи мурғони хушхонашро намегӯед ки ба кас илҳому рӯҳи тоза мебахшад. Гелоси пухтаи сурхи арғувонӣ дар вақти вазидани шамоли форам алвонҷ хӯрда, ливои (байрақи) сурхи зафарро мемонад. Тутҳои пухтаи бедонаю рахшак, сиёҳтут, шоҳтут, хоразмию қаландариро кас дар ин мавзеъ дида, боғи «Ирам»-ро ба ёд меорад.

Насими форами кӯҳистон аз атроф бӯи хуши гулҳои хору камол, ҳолмону кокутӣ, ҷимилаку юғанро ба машом оварда, ба кас ҳаловат мебахшад ва агар пир бошад, ҷавон мегардад, ҷавон бошад, боз ҷавонтар мешавад.

Ман манзараҳои зебои дунё, ба монанди Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон ва Есентукию Қримро дидаам, бе таърифу муболиға бо дили пур гуфтаниям, ки манзараҳои Дараи Ҳамза дар фасли баҳор ва тобистону тирамоҳ аз онҳо зеботар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо ҳар чаҳор  ҳамсӯҳбатон, аз зебогии табиати афсунгари деҳа ҳаловату лаззат бурда, саргарми тутхӯрию сӯҳбат будем. Ногаҳон сухан дар мавзӯи пиру мурид рафт.

Ман ба ҳамсӯҳбатони худ арзи ҳол намуда гуфтам:

– Дар дил орзу дорам, ки дар назди ягон Шайх ва ё Сӯфии комил мурид истода, дасти пир гирам. Сухани маро амакҳоям Сӯфӣ Ашӯру Саъдулло тарафдорӣ намуда гуфтанд:

– Афсӯс, сад афсӯс, ки ҳазрати Мавлавӣ нест, мо ҳам дар дил чунин орзу дорем.

Мулло Табар, ки аз мо хурд буд, ба сухани мо ҷомаи нав пӯшонда гуфт:

- Ёфтам, охир ҳамин Домулло Ташриф бо Эшони Абдураҳмонҷони Қандакӣ ҳамсабақ буданду аз Домулло Абдураҳим дасти пир гирифта, соҳиби хати «Иршод» шуданд, биёед, рафта ба ӯ мурид истода дасти пир мегирем.

Баъди каме хомӯшӣ Мулло Табар суханашро давом дод.

– Пир бояд аз сирри дили мурид огоҳ бошад ва ӯ нагузорад, ки муридаш ба кори баде даст занад, биёед аввал Домулло Ташрифро имтиҳон карда мебинем, ки ӯ чӣ донишу мақому мартабае дорад, баъд рафта шогирд истода, дасти пир мегирем.

Сӯфӣ Ашӯр гуфт:

– Охир ӯ даъвои шайхӣ мекунад ва худро яке аз шогирдони беҳтарини Ҳазрати Мавлавӣ мешуморад.

Амакам Саъдулло ба ман рӯй оварда гуфт:

– Муҳаммадраҷаб, ту рафта ба Домулло Ташриф ин имтиҳони моро ошкор накунӣ, ту ҳеҷ ҷо нарафта, ҳамроҳӣ мо меравӣ.

Сӯфӣ Ашӯр гуфт:

– Агар Домулло Ташриф Шайхи Комил бошад, аз дилу нияти мо огоҳ мешавад. Нияти мо он аст, ки аввал, моро хуш қабул кунад ва барои мо ширбиринҷе оварда, баъди он оши палави сергӯшту равғане тайёр кунаду моро ба муридии худ қабул намояд, гуфта мо ба як қарори қатъӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омада, омин карда аз ҷоямон хеста, - ба сӯи хонаи Домулло Ташриф равон шудем.

Ҳангоме ки вориди ҳуҷраи Домулло шудем ӯ машғули тиловати «Қуръон» буд. Баъди хатми тиловати «Каломи бузург» моро бо як иззату эҳтироми самимӣ вохӯрӣ карда, ба ҳуҷрааш даъват намуд. Дастархон густурда шуду рӯи дастархонро меваҷоту чою нон оро дод.

Мо сир бой надода, сӯҳбаткунон дар мавзӯъҳои гуногун ба хӯрдан сар кардем. Тахминан баъди ним соат дари ҳуҷра кушода шуду ҷавоне дар як табақи чӯбини калон ширбиринҷ вориди хона шуд. Ҷавон табақро рӯи дастархон гузошта, офтобаю чилимчии сафолинро гирифта, дастҳои моро шуст. Мо маслиҳати пешакии худро ба ёд оварда, ҳайрон шуда, ба ҳамдигар нигоҳи маънидоронае карда, табассум менамудем.

Мо чор нафар ҳамроҳи Домуллою ҷавон табақи ширбиринҷро тановул намуда, сер шудем. Баъди тахминан ним соати дигари сӯҳбат Сӯфӣ Ашӯр ба мо нигоҳи маънидоронае намуда, ба Домулло рӯй оварда гуфт.

– Эшони Шайх, як дуо диҳед, равем, ки мо кори заруре дорем.

Домулло сар ба сукут бурда, баъди тахминан як дақиқа сар бардошта, ҳар чори моро аз назар гузарониду як табассуми ширини пурмаъное намуда гуфт.

– Сӯфӣ Ашӯр, Шумо ҳар чаҳоратон дар хонаи Саъдулло чӣ орзую нияте карда будед, истед, ки он орзуятонро ба чашми худ бинед.

Баробари шунидани ин сухан мо тамоман моту мадҳуш шуда, гӯё мӯйҳои баданамон сих зада баромада буд.

Домулло китоберо ба болои лавҳ гузошта, ба тиловат машғул шуду мо бошем, бо ҳамдигар нигариста, аз гуфтаҳоямон пушаймон будем, зеро медонистем, ки мабодо Домулло аз мо ранҷаду моро ба шогирдӣ қабул накунад.

Хомӯшӣ қариб як соати дигар давом карду ҷуръати савол додану сухан гуфтан надоштем. Баъди як соати интизорӣ боз дари ҳуҷра кушода шуду ҳамон ҷавон, дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳамон табақи чӯбине, ки пештар ширбиринҷ оварда буд, пур аз оши палови сергӯшту равған вориди ҳуҷра шуд.

Мо ба ҳамдигар нигариста, шармида-шармида каме ош хӯрдем, сер будем, чунки пеш аз ин як табақ ширбиринҷро хӯрда будем. Баъди хӯрду хӯрок ва дуоюю фотиҳа Домулло ба мо муроҷиат карда гуфт:

– Пеш аз оне, ки ман ҳар яки шуморо ба муридӣ қабул кунаму дасти пир диҳам, аз ҳар яки шумо имтиҳон мегирам.

Мо аз ин рафтори худ шармида, сару рӯямонро арақи сард зер кард. Домулло ба мо муроҷиат карда гуфт:

– Медонед, пирию муридӣ чӣ хел мешавад?

Мурид бо дили софи чун оина, бо ақлу дониши қавии чун чароғ равшан, бо имони комили чун санги хоро маҳкам, бо нафсу шаҳвати мурда ва эътиқоди сангин, инону ихтиёри худоро пурра ба пир мебахшад, то ки ҳафт зинаи мушкилу мураккаби Шайхию Сӯфигиро бе шакку шубҳа далерона тай намояд.

Агар бо миқдори сӯрохи сӯзан дар дили мурид ғубори шавқу шубҳа пайдо шавад, он гоҳ ӯ дар нимроҳа дар мемонад.

Оё медонед, киро пир мегӯянд?

– Ҳазрати Мавлавӣ устоду пири аввалину охиринам мегуфт, ки чашми дили пир чун оинаи ҷаҳоннамо бошад, ки ҳар рафтору кирдори пиндори муридро дида, ба ӯ баҳо диҳад ва ӯро аз роҳҳои хато гардонида, ба роҳи росту нек ҳидоят кунад.

Баъди панду насиҳатҳои сесоата ҳар чори моро вазифаҳои сангину мураккабе дода, бо дуо гуселонд.

Аз байн солҳои зиёде гузашт, аз дасти душманони дину миллат ва илму маърифат Домулло Ташриф низ солҳои зиёде фирорӣ шуда, дар минтақаи Кӯлобу деҳоти Султонобод, дар байни миллати тоҷику қавми лақай паноҳ мебурд.

Аз ҷабру зулми замона тахаллуси «Лақай»-ро низ гирифту забони ӯзбекию шеваи лақаиро аз худ кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ватан бе ватан шуда, дар охир деҳаи Қамчини ҷамоати Қиблаии ноҳияи Ленинро ҳамчун зодгоҳи дуюми худ интихоб намуд.

Аз ин ҷабри замон мо ҳам аз ӯ манфиати комиле гирифта натавонистем. Падарам илова карда мегӯяд, ки баъди гузашти айём соли 1980 ба зиёрати Домулло Ташриф, ба деҳаи Қамчин рафтаму чандин рӯз бо Домулло ҳамсӯҳбат шудам. Ӯ шабҳо хоб намекард, шабу рӯз дар тиловату тоату ибодати илоҳӣ буд. Дар вақти хобби яксоатаю нимсоатааш ҳам, бо зикри Аллоҳ машғул буд, гӯё дар забону қалбаш номи Аллоҳ нақш баста буд. Мақоли халқие аст, ки мегӯянд:

– Хоби олим беҳ аз ибодати омӣ.[1]

Дар ҳақиқат, дурустии ин мақоли пурҳикмати халқиро дар рафтору кирдори Домуллои бузург дидам.

Рӯзе баъди адои намози зӯҳр Ҳазрати Домулло шӯхиомез бо табассуми ширине ба ман рӯй оварда гуфт:

– Муҳаммадраҷаб дар ёд дорӣ, соли 1947 дар деҳаи Дараи Ҳамза чӣ  тавр шумо маро имтиҳон кардед?

Суханашро давом дода гуфт: - Баъди ин қадар азобу шиканҷаи душманони дину миллат, илму маърифат ва касрати луқмаи нопок рӯи оинаи дили равшанамро ғубори ғафсе фаро гирифтааст.

Аз таъсири ҷабри замон ва ғаму ғурбати дунё, қомати чун шамшод рости Ҳазрати Домулло монанди камон гашта буд.

Домулло насиҳатомезона ба ман гуфт:

– Ҳазрати Рӯдакӣ беҳуда нагуфта будааст:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

– Вақте, ки ман бачаи нодони панҷ – шашсола будам, дар ҳамсоягиамон мӯйсафеди навадсолаи чун ман, камонқомати

*1 Омӣ - одами оддӣ, бесавод, бедониш.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

качпуште зиндагӣ мекард. Мо, кӯдакон аз нодонию беақлӣ ба ҳоли ӯ механдидем. Боре ӯ хандаи моро пайхас намуда, даст ба дуо бардошта гуфт:

– Илоҳо, шумо ҳам умри маро дарёбеду монанди ман хамидақомат гардида, азобу ранҷи пириро чашида бинед.

Худованд дуои ӯро мустаҷоб гардонид ва ман қариб аст, ки умри ӯро аллакай дарёфтам.

Ба ҳеҷ кас хандидан мумкин нест, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунин гуфтааст:

*Адаб беҳтар зи ганҷи Қорун бувад,*
*Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.*
*Бузургон накарданд парвои мол,*
*Ки амволро ҳаст рӯзе завол.*
*Имон сӯи илму адаб тофтанд,*
*Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд.*

Ҳақ бар ҷониби Ҳусайн Воизи Кошифист, ман гуфтаниям, ки чӣ хизмате ба падар кардӣ, аз писар мебинӣ, гуфта Ҳазрати Домулло суханашро тамом карду ба тиловати «Қуръон» шурӯъ намуд.

## ОГОҲӢ АЗ ҚАЛБИ МУРИД

Падарам борҳо ёдоварӣ намуда мегуфт, ки солҳои 1930 то 1941 ҳамроҳи бародарам Мирзои Иброҳим аз деҳаи Дараи Ҳамза дар ду хар чормағз бор карда, ба ноҳияи Ёвон мебурдем. Чормағзро бо гандум иваз карда, боз ба деҳа баргаштем, зеро ки чормағз дар кӯҳистони мо фаровон буду гандум дар Ёвон.

Соли 1940 мо ҳар ду дар деҳаи Каҳдарави ноҳияи Ёвон дар хонаи Қурбон меҳмон шудем, ки бештар ҳам ман меҳмондӯстии мардуми Ёвон ва хусусан Қурбонро ба хубӣ медонистам.

Соҳиби хона бегоҳ ба назди мо мӯйсафедони деҳаро даъват кард. Баъди адои намози шом ба мо маълум шуд, ки дар байни даъватшудагон як олими бузурги аҳкоми дини



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ислом Домулло Солеҳи 84-сола аз деҳаи Санҷитак ва сӯфии тариқи Хуфия Сӯфӣ Шарифи 63-сола аз ҳамин деҳа низ ба меҳмонӣ даъват шуда буданд.

Баъди пурсу пос Домулло Солеҳ ва Сӯфӣ Шариф аз ҷояшон хеста, маротибаи дуюм бо мо вохӯрӣ карда, дар паҳлӯяшон маро ҷой доданд. Домулло Солеҳ чунин гуфт:

– Хуш омадед, меҳмонони азиз, шумо аз зодгоҳи устоду ҳамсафари ман, аз назди Ҳазрати Мавлавии ҳамномам омадед, шумо одамони хуштолеъ будаед, ки сӯҳбатҳои Мавлавиро Худованд ба шумо насиб гардонида будааст, - гуфта риштаи суханро давом дода гуфт:

– Соли 1890 дар мадрасаи шаҳри Кобул таҳсили илм мекардам, ногаҳон ба бемории тифи шикам гирифтор шудам, хуни бисёре аз шикамам ҷорӣ шуда, тамоман бистарӣ гардида, аз ҷоям хеста натавонистам. Табибони мадраса ба дардам даво карда наметавонистанд. Рафиқам Мулло Карим, ки аз қаламрави хоки аморати Бухоро буд, ҳамчун ҳамшаҳрӣ хизмати мани беморро аз баҳри савоб ба ҷой меовард.

– Рӯзе ба назди ман як ҷавони тахминан 40-43 солаеро оварда, гуфт:

– Ин кас ҳамшаҳрии худамон ҳамноми шумо Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ҳамон касест, ки амир Ҳабибуллохонро аз дарди бедавои ҷигар табобат кардааст, падари амири ҷавон амир Абдураҳмонхон барои хизматаш ӯро ба домодӣ қабул намудааст. Овозаи Мавлавиро бисёр шунида будаму худашро надида будам. Ногоҳ аз ҳаяҷон ё аз таъсири беморӣ ва шикастадилӣ дар ғарибӣ гиря гулӯгирам карду дастони Мавлавиро, ки ба сарам гузошта шуда буд, бӯсидаму кӯдаквор гиристам. Баъди чанд муддати гиря сарам каме сабук шуду оби чашмонамро пок карда, гуфтам:

– Мавлавӣ, Шумо ба машоми ман бӯи ватан-модарро овардед, сарам хеле сабук шуд.

Мавлавӣ дар ҷавоби суханони ман гуфт:

– Ҳамном ман медонам, ки аз ҳамватанонам ва аз хоки аморати Бухоро дар Кобул чанд нафар илм меомӯзанд, лекин шуморо намедонистам, имрӯз баъди адои намози



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пешин Мулло Карим дар бораи шумо ҳарф зад, барои ҳамин ман назди шумо омадам, иншооллоҳ табобат меёбед, гуфта аз кисаи камзӯли сабзаш 10 танга бароварда, ба Мулло Карим дода гуфт:

– Рафта аз дӯкони атторӣ фалон-фалон доруҳоро мехарию мувофиқи тавсия ба ин бемор мехӯронӣ. Ман 30 рӯз бистарӣ будам, дигар аз зинда мондан умед надоштам, пӯсту устухон шуда, ба монанди кирми лойхӯрак бо азобе печутоб мегаштам. Баъди як ҳафтаи табобат ман роҳравон шудам. Мавлавӣ як рӯз пас аз аҳволи ман хабар гирифта, ба Мулло Карим танга дода таъкид кард, ки муоличаро аз рӯи тавсияи ман ба ҷо орад.

Дар ҳафтаи сеюм пурра шифо ёфтам. Ду сол бо Мавлавӣ дар Кобул якҷоя будам, баъди ду сол ӯро надидам ва фаҳмидам, ки ба ватан бозгаштааст.

Домуллои пир суханашро давом дода, ба сӯфӣ ишора карда гуфт:

– Сӯфӣ Шариф шогирди ман аст ва рафта дар Сурхиён каме шогирд истода, дасти пир гирифтааст.

Баъди хомӯшии чанд лаҳзае лаҷоми суханро Сӯфӣ Шариф ба даст гирифт:

– Бо тавсияи устоди аввалинам ба домулло Солеҳ ишора карда, ман ба Сурхиён рафта муддате шогирд истодаму каме тариқи илми сӯфияро аз худ намудам, лекин замона нотинҷ шуду муридон пароканда шуданд.

Ман ҳам дасти пир гирифта ба зодгоҳам омадам, гоҳ-гоҳ рафта вазифа гирифта, бозмегаштам. Ҷавони муҷарради 33-сола будам рӯзе ба дарави гандум, мерафтам, ки дар як пастхамие ду духтари нозанини лоларухсор сурудхонон гандум медаравиданд.

Ман дар паси хамгашт хеле истода, овози ширини онҳоро гӯш мекардам. Оҳиста-оҳиста шайтони лаин маро ба тарафи духтарон бурд. Онҳо маро дида рамиданд, ман ҳастии худро гум карда, чӣ кор карданро надониста, яке аз он ду духтари зеборо думболагир кардам. Ӯ доду фарёдкунон мегурехт, ки оҳуи ба доми паланги маст афтодаро мемонд. Ман ӯро дунболагир мекардам, қариб монда буд, ки дар пастхамие



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

наздик шуда, даст дароз карда, аз кокулони парешони ӯ дошта, ба мақсади нопоки худ расам. Дар ин ҳангом садои баланди гӯшкаркунандаеро шунидам, ки мегуфт:

– Исто, эй муриди нопок ва зарби панҷаи ҷонкоҳеро дар тахтапуштам ҳис кардаму поям ба санге бархӯрду сарозер афтида аз ҳуш бе ҳуш шудам, чанде гузаштааст дар ёд надорам, вақте ки чашмонамро кушодам, дидам, ки дар болои хору хасе рӯ ба зер хобаму аз даҳону бинням хун рафта, сиёҳ шуда, лар бастааст.

Ларзону ҳаросон хоку хуни баданамро афшонда, хеста бо ҳарос ба чор тараф назар афкандам, ки дар лаби ғори бетаг истодаам. Агар як ғели дигар мезадам, ба қаъри асфаласофилин ғарқи гуноҳ мерафтам, аз духтарак пай буду ҳайдар не.

Дар ҷоям нишаста, соатҳо ба даргоҳи Илоҳӣ муноҷот намуда гиристам, мегуфтам, ин садо, садои пири ман Ҳазрати Мавлавӣ буд.

Дар дилам оташ афтид, чӣ кор карданамро намедонистам, чӣ тавр ба чашмони пирам менигарам гуфта, фикр мекардам. Дар охир ба хулосае омадам, ки тири ҷувози деҳаи Сурхиён кӯҳна шуда буд, устои ҷувозкаш ҳунари маро медонист, гуфта буд, ки як тири ҷувоз тарошида, дар роҳи Худо ба ҷувози деҳа ҳадя кун.

Ман як дӯлонаи ростро бурида, тир ҷувоз тарошидам, ин тир 50 кг вазн дошт, онро ба китфам бор карда, ба масофаи 80 км, бо роҳи кӯҳу камар бо як азоби алим ба деҳаи Сурхиён бурдаму ба устои ҷувозкаши деҳа тӯҳфа кардам. Аз шарм назди Мавлавӣ нарафта, бо ҷувозкаш сӯҳбат карда нишаста будам, ки яке аз ятимоне, ки Мавлавӣ онҳоро фарзандхон карда тарбия менамуд, омада гуфт:

– Шариф шумоед, ман балегӯён аз ҷоям ҷаҳида хестам, зеро ки медонистам, Мавлавӣ маро ҷеғ мезанад. Рӯймоли миёнамро ба гардан андохта, ба зону зада, дар назди Мавлавӣ зор-зор гиристаму тавбаи насиҳо[1] мекардам.

---

*[1] Тавбаи насиҳо - аввалу охирин тавбае, ки инсон мекунад, баъди ин тавба агар тавбаро бишканад, дигар ҳеҷ тавбаи ӯ ба Худованд қабул намешавад.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавлавӣ сари маро бардошта, рост ба чашмонам нигариста гуфт: – Шариф, ту хом будӣ, акнун пухта шудӣ. Пире, ки агар дар сари кӯҳ ҷунбидани гиёҳ ё дарахтеро надонад ва набинад пир нест. Пир аз дили мурид огоҳ бошад. Пир мақсаду нияти муридро дар чашмонаш хонад ва дар дилаш ҳис кунад, ана он пир аст.

Ман чунин пиронеро медонам, ки дар даруни хона нишаста, муридашон дар паси хона гуноҳи азимеро содир кунад ҳам, ӯ огоҳ намешавад.

Дар ин суханони Мавлавӣ ман зор-зор гиристам. Баъд ба ман супориш дод, ки 7 рӯз рӯзаи Марям гирам, баъди 7 рӯз ӯ маро қабул карда гуфт:

– Акун ту Шариф не, Сӯфӣ Шариф, - гуфта дуо доду ба зодгоҳам омадам, зеро ки дар ин ҳангом таъқиби бою мулло давом мекард. Ҳар маротиба ба назди пир рафта, се рӯз истода, вазифа гирифта бармегаштам, то соли 1939 рафту омад мекардам. Он қасаме, ки дар назди пирам ёд кардам, то ҳол, ки ба синни 63 расидаам нашикастам, умед дорам, ки то нафаси охирин шайтони раҷим дигар қасами маро шикаста наметавонад. Гуфта будам, ки то зиндаам, дигар зан намегирам, лекин пирам вазифадор кард, ки яке роҳҳои мубориза бар зидди нафси шайтонӣ ин зани солиҳа аст. Дар синни 40-солагиям бо фармони пирам хонадор шудам, дар айни ҳол 5 фарзанд дорам, ки аз каломи раббонӣ бохабаранд.

Агар инсонеро бинам, ки гуноҳе содир карда истодааст, ҳамон садои даҳшатноку ҳамон зарбаи панҷаи ҷонкоҳи 30-сола пеш ба сарам омада, ба ёдам мерасаду ҳафтоду ду рагу паямро ларза гирад. Даст ба гиребон бурда, аз даргоҳи Илоҳӣ авфи он гуноҳро металабам.

Меҳмонони азиз, ҳамин тавр пирам маро аз маҳвшавӣ дар дунёи фонӣ ва дар «Дор-ул-бақо» ҳифз намуда, наҷотам дод. Ана инро пиру мурид мегӯянд, - гуфта Сӯфӣ Шариф суханашро ба охир расонид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ЯК ТИРУ ДУ ШАҲИД

Эшони Махсуми Абдулқуддус (Даҳмарда) дар деҳаи Себара зиндагонии бофароғате дошт, лекин соли 1979 ниҳоят соли сербориш омаду комиссияи Ҳукуматӣ баъди санҷиши вазъияти деҳа ба хулосае омад, ки ин деҳа дар ҷои хавфнок ҷойгир шудааст, бояд мардуми деҳаро ба водӣ кӯчонанд.

Ин хабар ба тамоми атрофи шаҳру ноҳия паҳн шуд, намояндагони мардуми деҳаҳои Даштибеду Қирғизон, Заргару Кӯпрукбошӣ, Андигону Навободи ноҳияи Ленин ва даҳҳо дигар деҳаҳо ба назди эшони Махсум рафта илтиҷо намуданд, ки иҷозат фармо, кӯчатро ба деҳаи худ барем. То ки аз илму маърифати Шумо мою фарзандонамон истифода баранд.

Суханони мардуми деҳаи Навободи ҷамоаи Роҳатии калон ба Махсум маъқул афтод. Онҳо гуфтанд, ки падари бузургворатон Ҳазрати Мавлавӣ 6 сол дар Роҳатии Калон ба мардуми мо илму маърифат омӯхт ва аз деҳаи мо оиладор шуд, момятон ва амакҳоятон Мулло Сайиду мулло Яъқуб дар деҳаи Навобод зиндагӣ карда, дар ҳамин ҷо фавтиданд. Шумо бояд дар ҷои хонаи амакатон хона созеду рӯҳи онро шод кунед.

Баъди розигии Эшони Махсум, субҳи рӯзи дигар калон-шавандагони деҳаи Навобод бо сардории Бобо Тоҳиру Муҳиддин ва Шариф хари бисёреро ба мошинҳо бор карда, то ба мавзеи деҳаи Явроз оварда фаровварданд. Аз сабабе, ки то деҳаи Себара 6 км роҳи пиёдагард буду мошин рафта наметавонист, кӯчро ба харҳо бор карда, то ба назди мошинҳо овардаанду роҳи Навободро пеш гирифтанд.

Аз байн солҳои бисёре сипарӣ шуд. Дар ин давра фарзандони Эшони Махсум Ҳоҷи Саидакбар, Таваккалҷон, набераи донною бомаърифат писари нахустини Ҳоҷӣ Саидакбар Алиакбар бо меҳнати ҳалоли худ, хонаю меҳмонхонаи хубе сохтанд ва аз хоҷагии Роҳатӣ иҷозат гирифта, 10 гектар замини беоби асрҳои аср сӯхтаро об бароварда, ба боғи фирдавсмонанде табдил доданд, ки ҳар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

як роҳгузару бинанда ба меҳнати ҳалоли онҳо офаринҳо мехонад.

Дар урфият мегӯянд, ки ватанро фарзандони асилаш машҳур мегардонанд, бисёре аз одамон, Доғистонро аз рӯи Расул Ғамзатов ва Эмом Шомил мешиносанд ё ин ки шаҳри Шероз аз бузургии Шайх Саъдию Хоҷа Ҳофиз овозадори ҷаҳон гардид.

Алҳақ номи деҳаи Навобод низ ба шарофати Ҳазрати Мавлавию писараш эшони Махсуми Даҳмарда шӯҳратёри ҷумҳурӣ гардида буд.

Одамони зиёди бемору корафтода аз гӯшаҳои гуногуни ҷумҳурӣ суроғ ба суроғ роҳи деҳаи Навободро пеш гирифта, аз дуою дармони эшони Махсум баҳравар мегардиданд.

Аз соли 1990 сар карда ноороміҳо дар сар то сари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ рӯз то рӯз авҷ мегирифт, гоҳе дар Кафқозу, гоҳе дар ҷумҳуриҳои назди Балтика Осиёи Миёна гирдиҳамоиҳои бардавом ба вуҷуд меомад.

Феврали соли 1990 нахустин гирдиҳамоии сиёсӣ дар назди қасри Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон баргузор гардид.

Аввали баҳори соли 1990 Котиби якуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов дар маркази Роҳатии Калон, фаъолону донишмандони ноҳияи Ленинро даъват намуда, вохӯрӣ гузаронид.

Хусусан, бо супориши рафиқ Маҳкамов Қ.М. эшони Махсуми Даҳмардаро ба ин вохӯрӣ даъват намуданд.

Дар вақти вохӯрӣ нахустин саволи Қаҳҳор Маҳкамов бо Эшони Махсуми Даҳмарда чунин буд:

– Эшони Махсум, ман дар бораи олимию бузургӣ ва авлиёгии падари бузургворатон ҳазрати Мавлавӣ Домулло Муҳаммадсолеҳи Сурхиёнӣ аз одамон бисёр суханони хубе шунидаам ва медонистам, акнун як ҳафта пеш фаҳмидам, ки шумо фарзанди он шахси бузург будаед, барои ҳамин ман аз шумо пурсиданиям, ки оё ҳамин гирдиҳамоиҳои бенизому бемақсад ба манфиати миллати тоҷик ягон фоидае дорад ё не?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дуюмаш ҳамин, ки қисме аз намоишчиёну сарварони онҳо аз тобеи ноҳияи шумоянд ва мардуми ин ноҳия нисбати шумою падари бузургворатон ҳазрати Мавлавӣ эътиқоди калон доранд, шумо нисбати онҳо чӣ ақидае доред?

Эшони Махсум каме ба фикр ғӯтавар гардида, бо ангушти ишора пешонаашро каме молиш дода мегӯяд:

–Рафиқ Абдуқаҳҳор Маҳкамов! Банда дар бисёр китобҳо хондаам ва аз падари бузургворам борҳо шунидаам, ки мегуфт:

– Худованд собиронро дӯст медорад, Ҳазрати Алӣ (разияллоҳу анҳу) низ мефармояд, ки калиди фатҳу музаффариятҳо сабр аст, шитоб ба мардум расвоӣ меорад ва ҷанг хонахаробӣ! Ин гуфтаҳои болоро гузаштагони миллати эроннажоди мо низ пеш аз дини мубини Ислом, Бузургмеҳри Ҳакими доно бо Анӯшервони Одил гуфта буд.

Мо бояд сабр кунем, ба шитобкорӣ роҳ надиҳем, ба фикри шахсии ман душманони миллати мо аз берун ва дохил истода Аҳриману Азозилвор ба дили шахсони алоҳида васваса карда истодаанд. Охир ҳамон Аҳриман буд, ки васвасаро дар байни Эрону Турон андохт, дар дили ҳамдигар нисбати падару писар тухми кинаву адоватро парвариш кард, ки падар Рустами Достон бо дасти худ писараш – Сӯҳроби ҷигарбандашро ба қатл расонду худ дар ғами ӯ мурд.

Мо намегузорем, ки душманони миллати тоҷик аз беруну дохил ба кори мо дахолат кунанду дар байни мо – тоҷикон кинаву адоват ангезанд. Мо бояд сабр намуда, ба оянда бо чашми хирад нигарем, канӣ бинем, ки дар Қафқозу ҷумҳуриҳои назди Балтик, дар Маскаву Тошканд чӣ ҳодисаю корҳои нек рӯй медиҳанд.

Мо аз он воқеаю корҳои нек хубашро сармашқи кори худ намуда, аз бадаш ҳазар кунем, гуфта суханашро ба охир расонд.

Маҳкамов Қ.М. баробари ба охир расидани ин суханҳо бо қаноатмандӣ мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Офарин! Раҳмат, дилам гувоҳӣ медод, ки Шумо Эшони Махсум оқибати ин кашмакашиҳои бенизому бемақсадро ҳамин тавр мефаҳмед! Ва дар охир илова карда мегӯяд:

– Эшони Махсум! Илтимос, ҷавононро насиҳат кунед, фаҳмонед, ба корҳои ношоям даст назананд. Онҳо албатта, сухани шуморо рад намекунанд.

Бо ҳамин Маҳкамов Қ.М. суханашро дар байни мардум ҷамъбаст намуда, баъди видоъ ба тарафи шаҳри Душанбе раҳсипор мегардад.

Аз аввалҳои соли 1992 нишонаҳои ҷанги шаҳрвандии бародаркуш пайдо шудан мегираду рӯз то рӯз домани худро васеъ менамояд. Бо васвасаи душманони хориҷӣ миллати тоҷик, ду бародари ҳамхун ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, ҳамдигарро ба тариқи ваҳшиёна ба қатл мерасонданд хонаи ҳамдигарро ғорат карда, оташ мezаданд.

Аз гумроҳии ин ду бародари нодони ба доми васвасаи душманони миллат афтода, дуздону ҳаннотон, ғоратгарону нашъамандон, ки инҳо ҳам душманони халқу ватан ба ҳисоб мерафтанд, истифода бурда, даст ба қатлу ғорат, таҷовуз ба номусу қарз бастан (зӯран ба хона даромада пул талаб кардан) заданд. Мехостанд, аз ҳисоби мардуми бечора соҳиби пулу моли зиёде шуда савлатмандона рӯз гузаронанд.

Касе бад кард, ба бад гирифтор шуд, ки инро таърих гувоҳӣ медиҳаду хонандагони азиз шоҳиди он мебошанд.

Бо фармони хирадмандонаи вориси Сомониён сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов ва аз ҷониби органҳои ҳукуматӣ ин гурӯҳи ғоратгарон мукофоташонро гирифтанд ва гирифта истодаанд ва баъзе ононе, ки пинҳонанд, имрӯз ё пагоҳ ҷазояшонро хоҳанд гирифт. Чуноне ки Ҳофизи Шерозӣ гуфтааст:

*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, худоро,*
*Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.*

Фардо рӯзи қиёмат ҷаҳаннами асфаласофилин дар интизори қабули ин гурӯҳи авбош мебошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар давоми солҳои 1992 то 1997 деҳаҳои Хокалию Дуоба ва Навобод ба майдони ҳарбу зарби миёни аскарони ҳукуматию қувваҳои мухолифини оштинопазири тоҷик табдил ёфта буд.

Алиакбар, ки ҷавони чусту чолок, доною меҳмондӯст буд, қабули меҳмонҳо хизмати хона, нигоҳубини боғи навбунёд ба зиммаи ӯ гузошта шуда буд.

Бобояш эшони Махсум ва ҳам падараш эшони Саидакбар рафтору кирдори ин фарзанди худро ба хубӣ медонистанд ва корҳои мушкилро ба ӯ бо боварии комил месупориданду беташвиш аз паи кори худ мешуданд.

Мардум мегӯяд, ки «дӯсту рафиқи хубро дар сафар бояд шинохт». Дар ҳақиқат, банда Алиакбарро дар сафари Маскав, ки моҳи марти соли 1994 ба вуқӯъ пайваста буд, шинохта будам.

Ӯ рафиқе буд доною дилёб, барои дӯстон ҷонашро фидо мекард, дурандеш буду саховатманд, хушдилу хушчақчақ, умуман, даҳҳо хислатҳои беҳтаринро Худованд ба ӯ насиб гардонида буд.

Бобою падар бо як орзую умед ӯро хонадор намуда буданд. Саҳари рӯзи чоршанбеи 9-уми декабри соли 1996 Эшони Махсум баъди адои намози бомдоду тиловати Қуръони аззимушшаън Алиакбарро даъват намуда, бо оҳанги ғамангез гуфт:

– Алиакбарҷон, ман имшаб хобҳои нохубе дидам, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ҳодисаи нохуше рӯй медиҳад, гӯё диламро гургон тала карда бошанд. Падарат дар хона нест, ба деҳаи Даштибед рафтааст. Кори заруре баромадааст, ман ба шаҳри Душанбе рафта тез бармегардам. Марди ягонаи хона туӣ, дилам аз ту пур аст, эҳтиёт кун, писарам, лекин аз хоби дидаам дилам мушавваш аст. Зеро дар урфият гуфтаанд, ки «моргазида аз ресмони ало метарсад», замона нотинҷ аст.

Ман дар умри кӯтоҳи худ 9 нафар фарзандро дар хок супоридаам, ки аз доғи ин 9 нафар фарзанд 9 ҷои ҷигарам сӯрох аст, дигар тобу тоқати азоби ғаму ҳиҷрони фарзандро надорам, эҳтиёт кун, эҳтиёт, - гуфта даст ба дуо бардошта



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дастархонро ҷамъ намуданд ва аз ҷой хестанд. Эшони Махсум роҳи шаҳри Душанберо пеш гирифту Алиакбар бо белу каланд тарафи боғ роҳсипор гардида, ба модараш муроҷиаткунон гуфт:

– Модарҷон мебахшед, то омадани ману бобою падарам, барои нисфирӯзӣ як хуроки болаззат пазед, ҳамроҳ тановул кунем, - гуфта аз назар ғоиб шуд.

Модар барои писари азизаш, оши сергӯшту серравған пухта тайёр карду дар интизори омадани шавҳару хусуру писари ҷигарбандаш буд, ки ногаҳон соатҳои 11 садои даҳшатноки тиру тӯп баланд шуд.

Як гурӯҳи калони сарбозони ҳукуматӣ бо танку тӯп аз деҳаи Дуоба ва як гурӯҳи хурди сарбозони иттиҳоди мухолифини тоҷик аз деҳаи Мағмуруд бо тиру тӯп бар зидди ҳамдигар оташ кушоданд.

Аз ду тарафи муқобил тир монанди жола дар болои деҳаи Навободу боғи Алиакбар меборид. Ҷанг қариб панҷ соат давом карду дар охир сарбозони иттиҳоди мухолифин ақибнишинӣ намуданду сарбозони ҳукуматӣ онҳоро таъқиб карда, мушту лагадкӯб намуданд ва вориди деҳаю боғ шуданд.

Алиакбари бегуноҳро дар боғ бо белу каландаш дастгир намуданд, бо қундоқи автомат ба сару рӯи зебояш мезаданд. Ӯ ҳарчанд мехост, ки бегуноҳии худро исбот намояд, ҳайҳот, ки ба гапи ӯ гӯш намедоданд, зорию таваллои ӯро намешуниданд. Аз даҳони ярокбадастон бӯи шароб меомаду чашмонашонро хун пахш карда буд.

Оши пухтаи модари зор кайҳо хунук шуда буд, модар чун мурғи посӯхта ба чор тараф медавид. Охир ӯ надавад, кӣ медавад, фарзандаш дар даруни оташи сӯзон монда буд. Баъди хомӯш шудани садои тир модар намози пешинро хонда, аз даргоҳи Худованди Кариму Раҳим танҳо саломатии Алиакбарро таманно мекарду бас. Ногаҳон ҳамсоя Салоҳ аз дар даромада гуфт:

– Янга, Алиакбарро аз боғ ярокбадастон дастгир карда, ба шаҳри Душанбе мебаранд.

Баробари ин хабари шумро шунидани модар оҳи ҷигарсӯзе кашида, пойи бараҳна ба сӯи боғ давид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Вақте ки модар Алиакбарро дар зери дасти се-чор сарбози маст мебинад, меҳри модар дар ҷунбиш меояду додгӯён худро ба болои фарзандаш мепартояду мегӯяд, ки аввало маро парронед, тоқати дидани доғи фарзанд надорам.

Қумандон Бӯриев, ки аз таъсири шароб чашмонаш монанди хун суп-сурх шуда буд, бо алфози қабеҳ модарро дашном дода, аз дасташ гирифта ҳаво медиҳад. Алиакбар, ки ин ҳолатро бо чашмони худ медид ва ба модараш рӯй оварда мегӯяд:

– Очаҷон, дар пеши ин сагони маст худро хор макун, зорӣ макун, мон, ки маро ба шаҳри Душанбе баранд, гуноҳе надорам, ҷавобам медиҳанд, дар он ҷо одамони солим ҳастанд-ку.

Дар ин вақт қумандон Бӯриев милли таппончаро ба даҳони Алиакбар рост мекунад, ӯ боварӣ дошт, ки намепарронад, охир одами бегуноҳро чаро мепарронанд?

Ин лаҳзаро модар дида, бахри зинда мондани писари худ синаи худро сипар намуда, худро ба болои фарзанди ҷавонмардаш ҳаво медиҳад.

Дар ин лаҳза садои тири нохалаф баланд мешаваду модару писари бегуноҳ «Аллоҳу акбар»-гӯён ҳарду ба замин меафтанд.

Аз лабу даҳони модар хуни сурхи арғувонӣ ҷорӣ шуд, фақат се маротиба калимаи Аллоҳу акбарро такрор карду рӯйи зебои модар ҷониби қибла гашту хуни сурх чун ҷӯй равон шуд.

Модар акнун дар хоби абадӣ буд, дигар доғи фарзанди азизашро бо чашмони худ намедид, зеро ки ӯ худ чунин мехосту тири ин қотили хуношом рост аз дили модар гузашта, соқи пои рости Алиакбарро талқон-талқон карда буд.

Алиакбари бегуноҳи ба доми аждаҳо афтода, аз шиддати сӯзиши дарди ҷонкоҳ гаҳе ба ҳуш мешуду гаҳе аз ҳуш мерафт. Дар охир каме худро дошта, хуни равони лабу даҳони модари меҳрубонашро дида, ҷигараш пора-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пора шуда, бо як оҳанги ғамангезу изтиробомез мардона хитоб карда мегӯяд:

– Оҳ қотил, очаамро куштӣ, магар ту фарзанд, падару модари азиз надорӣ? Охир, эй сангиндили гургтабиат, онҳоро дӯст намедорӣ, шири модари зорро нахӯрдаӣ? Оҳ эй дарранда, ту бераҳм будаӣ, чунон бераҳм будаӣ, ки аждаҳою гурги тездандон дар пеши ту ҳеҷ будааст. Дар ҳақиқат, ин манзараи даҳшатноку ғамангез ҳолатеро мемонад, ки гургони масту гурусна гӯсфандеро бо баррачаи ширмасташ дар иҳота гирифта, барраро дар пеши чашми модар медаронанду хуншор намуда дилу ҷигарашро мехӯранд, шабоҳат дошт.

Ин гургони одамсурату ҳайвонтабиат калимаи раҳму шафқат, эҳсону диёнатро намедонистанд.

Қумандон Бӯриев Н. чун гурги маст аз шикори аввалааш боз ҷасуртар шуда, маротибаи дуюм милли тапончаро ба сӯи Алиакбари 23-сола рост кард.

Акнун Алиакбар яқин донист, ки аз дасти ин аждаҳои тездандон раҳоӣ нест. Ҳаёти 23-солааш чун лентаи кино, чун хобу хаёл аз синни худро шинохтан то ба имрӯз як-як аз пеши чашмонаш гузашт. Оилаи меҳрубонаш интизори фарзанди нахустинро ба ёд меовард. Ба ёд меовард, ки ку падари сайёди кӯҳгарди қавибозӯяш, ку бобои ширини муллою мушкилкушояш, ку амаки нотарсу далеру паҳлавонаш Таваккал, ки аз банди дасти ин қотили номарди масти бераҳм дошта, тапончаро гирифта мушти обдоре ба фарқи сараш занад.

Ҳайҳот, сад дареғо, касе ба ёриаш намешитобад, ғайр аз Худо касе додашро намешунид.

Ҷон ширинӣ кард, тамоми қувваашро ҷамъ карда, бо пои чапаш «Аллоҳу акбар» гӯён рост шуду ногаҳон садои тири дуюми Бӯриев Н. баланд шуд. Алиакбар маротибаи дуюму охирон исми Аллоҳро ба забон гирифта, ба пушт, рӯ ба ҷониби қибла афтоду гӯё механдид ба ҳоли ин ваҳшиён. Дар бари рухсори зебояш холи сиёҳеро тапонча осор гузошта буд. Хуни сурхи ялаққосӣ аз паси сараш ҷорӣ шуда, мӯйҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тиллорангаш сурх менамуд. Ӯ акнун аз ташвиши кори дунё эмин гашта, ба хобби абадӣ рафта буд.

Мурғони лошахӯр ҷасади модарро дар ҷояш гузошта, ҷасади Алиакбари шаҳиди бегуноҳро ба мошин бор карда, ба шаҳри Душанбе бурданд, то ки шуҷоату мардонагии худро дар назди ҳукумат нишон диҳанд ва гӯянд, ки мо на ҷавони бегуноҳ, балки муҷоҳид ё апазитсиюнро паррондем.

Овозаи шаҳодати модару писари бегуноҳи ноком дар як лаҳза ба атроф паҳн шуд.

Мо аз деҳаи Қирғизон як гурӯҳ хешу таборон бо чашмони гирёну дили сӯзон роҳи деҳаи Навободро пеш гирифтем.

Дар роҳ постгоҳи зиёде гузошта шуда буд, ки дар ҳар яки он моро аз санҷиш мегузарониданд.

Сар то сари деҳаи Навобод мотамсаро гардида буд. Саидакбар дар фироқи зану фарзанди ҷигарбанд, сар ба хоку санг зада, зор-зор мегирист, бародарону хоҳарони муштипар дар ғами модари зору бародари ғамхорашон чун абри навбаҳор менолиданду ашк мерезониданд. Ногаҳон тағоям эшони Махсум баробари маро дидан гирён шуда гуфт:

– Оҳ, хоҳарзода, Муҳаммадрасул, ту дар куҷоӣ, ки дар бари тағоят истӣ. Қомати ману тағои Саидакбаратро Алиакбару очааш шикастанд, - гуфта маро дар оғӯш кашид. Мо дер гоҳ нолидему гиристем.

Баъд тағоям ба ман гуфт, ки ту ҳамроҳи ман ба ҷустуҷӯи Алиакбар меравӣ. Ман ҳамроҳи тағоям ва раиси деҳа бобои Шариф ба мошин савор шуда, роҳи Душанберо пеш гирифтем, аввало ба кӯчаи Чехов ба назди полковники муставъфии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурӣ Раҷабов Н., рафта, воқеаро шарҳ додем. Раҷабов Н. моро рост ба мурдахонае, ки дар як гӯшаи боғи марказии шаҳр воқеъ гардида буд, овард.

То алъон тағоям ба зинда будани набераи азизаш боварӣ дошт. Ман, ки нисбати дигар ҳамроҳонам ҷавон будам, пеш аз онҳо рафта иҷозат гирифта мурдахонаҳоро аз назар гузаронидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман дар ин ҷо мурдаҳои зиёди сарбозону ҷавононеро дидаму дар ҳайрат мондам: – пои сарбоз дар мӯза, дасти ҷавоне бе тан, тане бе сар ва саре бе танро дидан мумкин буд.

Аз мо пурсиданд, ҷавоне ки шумо ҷустуҷӯяш мекунед, сарбози ҳукуматист ва ё муҷоҳид? Мо дар ҷавоб гуфтем, ки ӯ ҷавони боғбонест, ки ба ин шахсони мегуфтагии шумо ҳеҷ муносибате надорад. Онҳо дар ҷавоб гуфтанд, ки ҳар ду тарафро ҷустуҷӯ кунед.

Аз гуфтори онҳо маълум гардид, ки ҷасадҳои аскарони ҳукуматиро алоҳида ба як тартиби муайян ва ҷасадҳои муҷоҳидину шахсони бегуноҳро бо як ҳисси бадбинӣ медоштанд.

Ман дар ин ҳангом вориди хонае шудаму дар ҳайрат мондам. Тахминан 10-12 нафар ҷавони номуроди нозанин монанди ҳезум бетартибона болои ҳамдигар тал чида шуда буданд, яке риши сиёҳе базеб дораду дар гардан тӯморе овезон, дигаре мӯйлаби борик ва дар бозуяш бозубанде баста шуда буд. Савумин то ҳол ришу мӯйлаб набаровардааст. Якеро сар аз тан ҷудо, дигареро чун гӯсфанд забҳ кардаанд ва сеюмин дилу ҷигараш овезон ва ҳоказо.

Ман ин манзараю лаҳзаҳои даҳшатанегзу нанговарро то охири умр фаромӯш карда наметавонам. Охир ин ваҳшониятро мусулмон барои мусулмон, тоҷик барои тоҷик раво дидааст.

Ногаҳон дар қабати 7-ум чашмам ба Алиакбари хандон, ки гӯё тир ӯро хол монда буд ва зебо шуда буд, афтод, ӯ гӯё дар хоби ноз асту лабонаш майли табассум доранд. Аммо дар байни ҳар ду абрӯи пайвастаи зебояш гиреҳи ғаму андӯҳ аз гули орзуҳои нашкуфтааш ҳувайдо буд. Дар бари рухсори тиллоранги зебояш осори ашки сӯзони ҳасрат хушк шуда буд. Ба пушт хоб буду рӯй ҷониби қибла аз асари тири якум пои рост шикаста овезон, аз асари тири дуюм холе дар бари рухсор намоён буд.

Шояд ӯ барои он табассум мекард, ки дараҷаи олии шаҳодатро чашида, дар қабати шуҳадои Солиҳин ҷой гирифта буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои он гиреҳи ғаму андӯҳ дар ҷабин дошт, ки аз гули боғи умеду орзуҳои ҷавониаш гуле начида буд. Осори ашки ҳасрат гувоҳи он буд, ки падару бобо, хоҳару бародар ва момою хешовандон дар доғи ҳиҷронаш месӯзанду месӯзанд.

Ҷасадҳои гулгуни модару писарро бари ҳам монда, тамоми мардуми деҳаи Навобод талх-талх менолиданд.

Тағоям эшони Махсум ашки сӯзони бари рухсораашро тоза карда мегуфт, ки ҳой мардум, 5-6 сол пеш ман ба Маҳкамов Қ. М. низ гуфта будам, ки ин кашмакашиҳою болопариҳо бар сари миллати мо балое меоварад, ана имрӯз ин балои даҳшатнокро дидем.

Баъди гузаронидани маросимҳои ҳафту чил ва сол эшони Махсум аз дунёи фонӣ дилмонда шуда, аз баҳри хонаю дар, боғу роғаш гузашта, кӯч баста ба ноҳияи Кофарниҳон омад.

Дар охир хиради тоҷик ғалаба карду бо ташаббуси Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов соли 1997 сулҳи доимии байни тоҷикон ба имзо расид ва бо фармони Президенти кишвар сафҳои қувваҳои мусаллаҳ аз одамони тасодуфӣ тоза карда шуд, ки ин иқдоми одилонаи Президент ба шумор меравад.

Худованд мукофотҳои ҳар як некию бадиро медиҳад, аз он ҷумла, қумандони тасодуфӣ Бӯриев Н. низ мукофоташро дар минтақаи Кӯлоб гирифт, ӯро низ чун Алиакбар аз даҳонаш парронданду рӯҳи но

покашро ба ҷаҳаннам гуселониданд.

## ДӮСТМУРОДИ ҲАКИМ, НАЗАРКАРДАИ МАВЛАВӢ

*Онон, ки хокро ба назар кимиё кунанд,*
*Оё бувад, ки гӯшаи чашме ба мо кунанд?*
*Дардам нуҳуфта беҳ зи табибони муддаӣ,*
*Бошад, ки аз хазонаи ғайбам даво кунанд.*

Ҳофизи Шерозӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар таърихи 10 июли соли 2001 ҳамроҳи Ҳоҷӣ Сунатулло ва Мулло Алимардон дар шаҳри Душанбе меҳмони Ҳоҷӣ Алии Латиф шудем. Дар сӯҳбати мо паҳлавони номии ҷумҳурӣ Довуд, ки Аслан аз деҳаи Дубедаи ноҳияи Файзобод мебошад, низ ширкат дошт.

Дар ин сӯҳбат сухан дар бораи шоирону нависандагон, шайхону авлиёҳо ва мартабаю дараҷаи илму дониш мерафт.

Мо бо ҳамдигар баҳс намуда, ҳар кас кӯшиш менамуд, ки мувофиқи фаҳмишу дараҷаи илму донишаш, хондаю шунидаи худро, хусусан, дар бораи Ҳазрати Мавлавӣ бештар баён кунад.

Дар раванди баҳс ногаҳон Довудпаҳлавон лаҷоми суханро ба дасти худ гирифта гуфт:

– Оё шумо медонед, хеши ман Дӯстмуроди Ҳакими Раҷабзод, ки бо тахаллуси Дӯсти Бурут машҳур аст, назаркардаи Ҳазрати Мавлавӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб Худованди бахшандаи меҳрубон ба ӯ давлати беҳисобро насиб гардонидааст душманонашро хору залил.

Агар шахсе дар ҳаққи ӯ душманиеро раво бинад. Худованди Ҷаббор он шахсро ба балои азиме гирифтор мекунад. Беҳуда Хоҷа Ҳофиз нагуфтааст, ки агар авлиёҳо дар олами ғайби малакутӣ ғӯта хӯрда, ба хоки сиёҳ бо сидқ назар кунанд, он хок тилло мегардад.

Ман бо чашми худ борҳо дидам, ки душманони бадхоҳи акои Дӯстмурод ба балоҳои азим гирифтор шуданд.

Ҳоҷӣ Алӣ суханони Довуд-паҳлавонро идома дода гуфт:

– Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст. Доир ба ин масъала ман ҳам маълумоти зиёде дорам. Биёед, дар бораи назар кардан ё накардани Ҳазрати Мавлавӣ акои Дӯстмуродро шоҳиди зиндаи ин воқеа, модари 80-солаи ман Бибироҳила шунавем.

Мо ҳама сухани Ҳоҷӣ Алиро тасдиқ намуда, интизори омадани холаи Бибироҳила шудем. Баъди интизории тӯлоние ба мо муяссар шуд, ки аз суханони холаи Бибироҳила дар бораи ин воқеа маълумоти аниқ ҳосил намоем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Холаи Бибироҳила вақте ки аз мақсади мо огоҳ гашт, баъди фикру андеша сар бардошта, бо як оҳанги эҳтироми самимӣ нисбати Ҳазрати Мавлавӣ бо ҷиддият гуфт:

– Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки бетаҳорат исми бузурги Ҳазрати Мавлавиро ба забон гирад. Ман даҳҳо ва садҳо кароматҳояшонро бо чашми худ дидаам ва бо гӯшҳоям шунидаам, кадоме аз онҳоро ба шумо нақл намоям.

Ҳоҷӣ Алӣ ба саволи модар ҷавоб гардонида гуфт: – Модарҷон, ман аз забони шумо дар бораи назар кардани Ҳазрати Мавлавӣ бачаи Ҳакими Раҷабро аз деҳаи Мулло Туғмаи ноҳияи Файзобод борҳо шунида будам, ана дар бораи ҳамон нақл мекардед.

Холаи Бибироҳила боз каме ба фикр фурӯ рафта, дар охир сар бардошта, ба мо муроҷиаткунон гуфт:

– Ман духтари қадраси 16-сола будаму бо духтари Ҳазрати Мавлавӣ худораҳматии Роҳилаи ҳамномам дугонаи ҷонӣ будем.

Ман доимо дар хизмати кору бори хонаи онҳо будам. Аввали фасли баҳор буд. Ба назди Мавлавӣ омадани Ҳакими Раҷаб бо зану тифли бемораш то ҳанӯз дар ёдам ҳаст.

Дар хонаи Ҳакими Раҷаб тифле ба дунё меояд ва аз сабаби дардманду бемор ва пешрав набуданаш, чун урфу одати мардуми тоҷик аз қабили номҳои Талбак, Тешаалӣ, Табаралӣ, Хоркаш ӯро Дӯстмурод ном мекунанд, бо он орзую ҳавас, ки Худованд умри ӯро дароз кунад.

Бобои Ҳаким писари навзоди худро ҳамроҳи занаш гирифта, аз деҳаи Мулло Туғма ба воситаи роҳи кӯҳи Мазори Хоҷаи Хон назди Ҳазрати Мавлавӣ ба деҳаи Сурхиён меояд.

Ҳазрати Мавлавӣ Дӯстмуроди хурдакаки беморро аз назар гузаронида, даст ба қафаси синаю пешонаи ӯ гузошта, дер гоҳ аз ӯ чашм наканда, ба симою сураташ назар карда, баъд дар болои ҷойнамоз сар ба пеш афканда, қариб 40 дақиқа ба таваҷҷӯҳ менишинанд. Дар ин ҳангом чун шиновар дар баҳри маърифати авлиёгӣ ғӯта хӯрда, то ба олами малакутӣ расида, назар ба қисмату тақдири ояндаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тифлаки лоғару бемор карда, сар бардошта, рӯ ба ҷониби волидайнаш карда мегӯяд:

– Ҳакимбой, натарс ва ғам нахӯр. Иншоалоҳ умри писаратон дароз аст, ӯро давлати беқиёсу обрӯи бузург интизор аст, вале…

Иншооллоҳ ягон ҳасуду душмани саъб ба ӯ зарари ҷонию ҷисмонӣ расонида наметавонад. Агар шуду золиме ё душмане қасди ҷони ӯ кунад, Худованди Ҷаббор балои азимеро ба сари он кас меорад, ки гирифтори маризе гардида, несту нобуд мешавад. Дар охир Мавлавӣ аз пешонаи Дӯстмуроди хурдакак бӯсида, даст ба дуо бардошта мегӯяд:

– Ё ҳақ субҳона ва таъоло, ба ҳурмати исми бузурги Раззоқат ин тифли беморро аввало шифою умри дароз ато куну сониян, давлати беқиёсу фарзандони солиҳи бомаърифатро насибу рӯзияш гардон. Бо шарофати Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (саллаллоҳу алайҳи вассаллам) ва сӣ пири комилам, омин, - гуфта дасти муборак ба рӯй кашид ва нишастагон низ омин гуфта дастҳо ба рӯй кашиданд.

Ҳангоме ки зани бобои Ҳаким тифли беморашро ба оғӯш гирифта, аз назди Мавлавӣ ба берун баромад, дар чеҳрааш осори ғаму андӯҳ набуд, балки осори хушнудӣ ҳис карда мешуду дар рухсораҳои тифли бемор сурхӣ пайдо шуда буд. Ин гувоҳии беҳбудӣ ва шифо ёфтани тифли беморро медод. Хурсандии модар ҳадду канор надошт, зеро ки дар як муддати кӯтоҳ бо шарофати Ҳазрати Мавлавӣ Худованд тифли беморашро шифо ато кард ва назаркардаи авлиё шуд.

Бобои Ҳаким ҳамроҳи зану фарзанд шабро дар меҳмонии Ҳазрати Мавлавӣ рӯз карда, субҳи содиқ бо иҷозати Мавлавӣ роҳи Файзободро пеш гирифтанд, акнун фаҳмидаам…

Ҳоло фарзандони барӯманди акои Дӯстмурод Акбару Рустам, Меъроҷиддину Сангинмурод, Амирҳамза ва дигарон дӯстдори Ҳазрати Мавлавӣ ва авлодони ӯянд. Онҳо дар гулгулшукуфию тараққиёти Тоҷикистони азиз саҳми босазое доранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХОСИЯТИ РӮҲИ МАВЛАВӢ ДАР ХОБ

Тирамоҳи соли 1962 буд. Писари дусолаи акои Ҳокими Азим Ҳошимҷонро дарди ҷонкоҳе аз шикамаш гирифт, ки ду шабонарӯз аз шиддати дард чун мор печутоб хӯрда, чиррос мезад. Дард чунон шадид буд, ки кӯдакро лаҳзае ором намегузошт. Соат ба соат дарди кӯдак зиёд шуда, дар обу арақ ғӯтида, беҳолату бемадор мешуд. Табибону духтурон дар илоҷи дарди ин тифли оҷиз монданд. Садои чирроси тифли бемор соат ба соат пасттар шудан гирифт, ӯ то рафт ба ҳалокат наздик мешуд.



Ҳокими Азим

Акои Ҳоким ин ҳолати ногуворро дида, Сангов Тиллоро бо мошинаш барои овардани Эшони Махсуми Абдулҳақ ба Даштибед фиристод. Баъди расо се соат Эшони Махсуми Абдулҳақ вориди хона шуду садои чирроси тифли бемор сусттар шуд.

Мо ба изтироб афтода гумон кардем, ки ҳалокати ӯ наздик аст. Махсум: – Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим, дасти ман не, дасти Ҳазрати Мавлавӣ, ба ҳурмати рӯҳи пурфутӯҳи Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (саллалоҳу алайҳи вассалам) ва рӯҳи поки падари бузургворам Ҳазрати Мавлавӣ ба ин тифли бемор аз хазонаи ғайбат шифое ато намо, - гуфта даст ба пешонию шиками тифл гузошта, як дақиқа истод. Дар ин вақт кӯдак тамоман ором шуду хобаш бурд. Баъдтар дар ним пиёла равғани зард дуо хонда, ба кӯдак хӯронданд.

Кӯдаки бемор дар давоми як-ду соат тамоман шифо ёфта буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъди дар сари хон нишастан, акои Ҳоким ба Эшони Махсум рӯй оварда гуфт:

– Эшони Махсум, Шумо аз ман 8-сол калонед ва мо бо ҳамдигар аз хурдӣ дӯстони ҷонием. Ман дар синни 23-24 солагиям дар хоб рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавиро дида будам ва то ҳол ин сирро ба кассе ошкор накардаам. Акнун Шумо имрӯз рӯҳи он авлиёро ёд кардеду Худованд ба шарофати рӯҳи эшон ба ин тифли бемор шифоро арзонӣ дошт, ман хоби дидаамро ба Шумо мегӯям.

– Тахминан солҳои 1940-1941 буд. Ман бо духтаре хонадор шудаму касби муаллимиро иҷро менамудам. Шабе дар хоб дидам, ки дар боғи сабзу хуррами зебое ҳамроҳи Шумо сайру гашт дорем. Дар айёми сайр ба назди дарахти пурмеваи себ расидем, ки меваҳои сабзу сурху зард дошт. Шумо бо тезӣ ба болои шохи дарахт баромада, себҳои пухтаро ҷудо карда, чида дар бағал мекардед. Ман мегуфтам, ки ба ман ҳам себ партоед. Шумо гуфтед, ки ин себҳо аз они Шумо ҳам ҳаст, баромада чинед. Ман мехостам, ки ба шохи дарахт баромада себ чинам, аммо мӯзаҳоям маро лағжонда, наметавонистам, ба дарахт бароям. Ногаҳон дар наздам тахминан се-чор қадам дуртар пирамарди нуроние дар даст асою камзӯли сабз дар бар ва дар сар саллаи сафеди калону фаши салла ба ақиб партофтагӣ пайдо шуд. Пирамард тасбеҳи дурахшони дасташро гардонида, бо як меҳрубонӣ табассуми ширине намуда гуфт: – Ҳоким, ин дарахт аз они ту ҳам ҳаст. Ҳамон зану ҳамон касбат мӯзаҳои туро лағжонак кардааст. Аз онҳо даст кашу ба болои себ баро, чӣ қадаре ки хоҳӣ чидан гир ва ба кассе мехоҳӣ додан гир. Касбат касби хуб аст, аммо ба ту мувофиқ нест. Ногаҳон назар ба чашмонаш кардам, чашмонаш чунон зебою меҳрубон буданд, ки осмони софи беғуборро ба ёд меовард. Пирамард бори дигар табассуми ширин намуда, аз назар ғоиб шуд. Ман аз поён рӯй ба болои дарахт ба тарафи Шумо карда гуфтам:

– Эшони Махсум, ин пирамарди зебо кӣ буд? Дар ҷавоб Шумо гуфтед:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳоким нашинохтӣ, ин падари бузургвори ман Ҳазрати Мавлавӣ буд. Дар ин вақт аз хоб бедор шудам, ки субҳ дамида истодааст. Хеста, дар сари болин дергоҳ нишаста, фикр кардам.

Аз ҳамон субҳи хоби дидаам аз баҳри он зану он касб гузашта, то ҳанӯз рӯзаю намозро тарк накардаам. Ҳар балою ҳар душмани бадкирдор қасди ман кунад, рӯҳи Ҳазрати Мавлавиро ёд мекунам, Худованд он балоро нест у он душмани бадкирдорро ба балое гирифтор мекунад.

Дар ҳар дуои панҷ вақт намозам баъд аз рӯҳи Пайғамбари Худо, рӯҳи Ҳазрати Мавлавиро ёд карда, дар назди Парвардигор ӯро шофеъи худ меорам.

Дар ҳақиқат бо шарофати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ акои Ҳокими Азимро Худованди бузург ақлу фаросати Синоёна, хислату рафтори Ҳотамона дода буд, ки шӯҳраташро дар байни мардум ва сар то сари ҷумҳурӣ ва берун аз он дар хоки собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ паҳн ва маъруф гардонид, ки соли 1970 Котиби Генералии КМ Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ Л.Т. Брежнев меҳмони ӯ ва хоҷагиаш гардид. Ба ӯ баҳои ҳаққонӣ низ дода буд, лекин афсӯс, сад афсӯс, ки умр вафо накарду дар айёми гул-гулшукуфии авҷи камолот, дарахти пурсамари умраш ногаҳон хушк гардид.

Рӯҳат шоду ҷоят фирдавси бақо бод, эй марди соҳиби дилу хиради бузург ва эй дӯстдори илму маърифат ва авлиёю анбиё!

## МАВЛАВӢ МУҲАММАДСОЛЕҲ – ПИРИ УСТОДИ МАВЛАВӢ МУҲАММАДҶОНИ ХУҚАНДӢ

*Шӯълаем, аммо зи сӯзи дил сиёҳпӯшем мо,*
*Чун чароғи лола месӯзему хомӯшем мо.*

Осафӣ.

Соли 1988 Эшони махсуми Абдулҳақ дар маҳфиле чунин нақл кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Соли 1963 барои адои намози ҷумъа боре дар масҷиди ҷомеъи Хоҷа Ёқуби шаҳри Душанбе ширкат варзидам ва дар сафи сеюм ҷой гирифта будам. Баъди адои намоз хатиб аз меҳроб дуру дароз ба ман нигаристу баъди анҷоми фотиҳа аз ҷояш хеста омада, маро дар канор гирифта, вохӯрдӣ намуд. Ман ин пирамарди нуронии камришро бори аввал дидаму нашинохтам.

— Он пирамарди нуронӣ, ки пеш аз намоз амри маъруфу наҳйи мункар карда буд, ба олими бузург буданаш шакку шубҳае надоштам. Ӯ ба ман менигарист, хаёл мекардам, ки сирру асрори диламро мехонад, дар ҳақиқат ҳам чунин будаст.

Ӯ ба ман рӯй оварда гуфт : Эшони махсуми Абдулҳақ, шумо пирзодаи мо ҳастед, вақте ки намозро сар кардем, ман пайхас кардам, ки дар сафи сеюм нафаре аз пирзодагони мо нишастаанд ва баъди адои намоз сафи сеюмро пурра аз аввал то ба охир аз назар гузаронидам, фақат назарам дар шумо омада қарор гирифт.

Аз симою афту башара ва гувоҳии қалб пурра аниқ кардам, ки шумо фарзанди пири устоди ман, яъне фарзанди Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ҳастед.

Эшони Махсум, боқимондаи сӯҳбатро дар хона давом медиҳем. Хонаи мо он қадар дур нест. Дар паси хиёбони фурӯдгоҳ (аэропорт) мебошад. Имрӯз шумо меҳмони мо мешавед.

Аз сухани ин марди нуронӣ фаҳмидам, ки ин кас яке аз олимони бузурги давру замон Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуққандӣ будааст ва таклифи ӯро рад карда натавонистем.

Ҳазрати Мавлавӣ моро дар хонааш меҳмон намуда, зиёфат дод. Баъди зиёфат ба мо рӯй оварда гуфт: – Ман давоми сухани дар маҷлис оғоз кардаамро ба шумо гуфта медиҳам.

— Эшони махсум, баъди таҳсил дар назди падар, роҳи Бухороро пеш гирифтаму чандин сол дар мадрасаҳои Кукалтошу Мири Араб таҳсили илм намудам ва аз шамоли нотинҷиҳои давру замон, яъне инқилоби Русия огоҳӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ёфтаму соли 1919 барои давом додани таҳсил ба шаҳри Кобул рафтам.

Дар шаҳри Кобул дар назди олими донишманд Мавлавӣ Домулло Фақир ба шогирдӣ истодаму таҳсилро давом додам.

Домулло Фақири бузург доимо ёдоварӣ карда ба ман мегуфт:

— Ман дар Ҳиндустону Афғонистон дар назди ҳамватани шумо, ки аз хоки Аморати Бухоро буд, Мавлавӣ Халифа Муҳаммадсолех солҳои зиёде таҳсили илм намудаам, аз ҳамин сабаб ман шумо толибилмони бухороиро ҳурмат мекунам. Бухоро бузургу шариф аст, авлиёю олим, шоиру нависанда ва муарриху қутбҳои бисёре дорад.

*Қутб он бошад, ки гирди худ танад,*
*Гардиши афлок гирди ӯ бувад.*
*Ӯ чу ақлу халқ чун аҷзои тан,*
*Бастаи ақл аст, тадбири бадан.*

Мавлавӣ.

Рӯзе ҳамроҳи устодам Домулло Фақир Ҳиндустон рафта дар яке аз масҷидҳои ҷомеъи Кашмир дар маҳфили илме ширкат варзидем.

Устод набуду ман дохили маҳфилгоҳ гардидам, ҷоеро аз ҳама боло холӣ дидам, хостам дар он ҷо нишинам, аммо олимон розигӣ надоданд, ки он ҷои муқаддас аст, ҷои устоди мост. Ман дар поён ҷоеро барои худ интихоб намуда нишастам. Баъд аз 10 дақиқаи интизорӣ Домулло Фақир аз дар даромаду ҳамаи олимони ҳузурдошта аз ҷояшон хестанд, бо эҳтироми хоса ӯро дар ҳамон ҷои устодашон ҷой доданд. Баъд ман фаҳмидам, ки Домулло Фақир кӣ будаасту устодаш Домулло Муҳаммадсолеҳи Сурхиёнӣ чӣ мақому мартабае доштааст.

Касе, ки аз дасти пири Комил ҷоми майи ишқи Худоро нӯш кард, ба мақоми қутбу авлиё расид. Дар охир Мавлавӣ Муҳаммадҷон шеъри Мавлавии Балхиро хонда, суханашро ба охир расонид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Аз бахри ту афтодам, эй дӯст, ба майхона,*
*Сармасти майи ишқам, кам деҳ ду–се паймона.*
*Ту масти майӣ ҷоно, ман маст ба дидорат,*
*Мондем хароб ин ҷо моро кӣ барад хона?*

Дар рафти сӯҳбат касе ба Қорӣ Муҳаммадҷон саволи зерро дод: – Мавлоно, дар Ислом мегӯянд, ки ду дарвоза аст ва ин ду дарвоза як калид дорад, калидаш 21 дандона дорад, ин кадом калид аст? Қорӣ каме табассум намуда гуфт: – Ин калид калимаи Шаҳодат аст, ки аз 21 ҳарф иборат буда, дари исломро ба рӯи ҳар як бандаи мӯъмин мекушояд.

Пас маълум шуд, ки Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуққандӣ уламои бузург будааст. Ӯ таҳлилгару тафсиргари бузурги ғазалиёти Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Бедил низ буд. Қорӣ Муҳаммадҷон соли 1989 дар синни муборaки 97-солагӣ дунёи фониро падруд гуфт.

## МУХЛИСИ 99-СОЛАИ ҲАЗРАТИ МАВЛАВӢ

Дар ҷустуҷӯйи ёддошту саргузашти Мавлавӣ дар таърихи рӯзи 18 августи соли 2001 дар деҳаи Чуқайша вориди хонаи акои Маҳмурод Каримов шудему бо падари 99-солаи хирадманди ӯ бобои Хоҷӣ Маҳмадуллои Карим ҳамсӯҳбат гардидем.

Ҳангоме ки бобои Хоҷӣ Маҳмадулло аз мақсади омадани мо огоҳӣ ёфт, хурсандии ӯ ҳадду канор надошт, бо эҳтироми хос баъди исми Худою Пайғамбар исми Мавлавиро ба забон гирифта гуфт:

Эй наберагони ҳазрати Мавлавӣ, дар ин умри 99-солаи худ, рӯзе нест, ки панҷ-шаш маротиба рӯҳи поки Ҳазрати Пайғамбару Мавлавиро дар назди Худованди бахшандаи меҳрубон шофеъи авфи гуноҳи гузаштаи худ наорам, Худованди бахшандаи меҳрубон ба шарофати рӯҳи поки Мавлавӣ ба мани мискин тани сиҳату умри 99-солаи дарозу фарзандони обрӯманду бомаърифат ва солеҳро насиб


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гардонд, ман чӣ тавр он авлиёи бузургро фаромӯш карда метавонам?

Мо аз бобои Хоҷӣ илтимос кардем, ки дар ҷояш нишинаду аз ёддоштҳояш дар бораи Мавлавӣ нақл намояд. Ӯ аз ҳаяҷони зиёд чӣ гуфтанашро дар аввал надониста, меларзид, ки ин гувоҳи меҳру муҳаббати бепоёни ӯро нисбати пираш, Ҳазрати Мавлавӣ нишон медод. Бобои ҳоҷӣ Маҳаммадулло дар болои кӯрпача нишаста, ба мо нигариста гуфт:

— Наберагони Мавлавӣ, акнун ман шуморо шинохтам, шумо хеши ман будаед, охир завҷаи хурдии Мавлавӣ Бибӣ Саидмоҳ ба ман амма мешавад.

Акнун ман ҳам фаҳмидем, ки ин бобои Ҳоҷии 99-солаи хешзеҳну бардаму бақуввват ба мо хешигарӣ доштааст.

Бобои Ҳоҷӣ суханашро давом дода гуфт:

— Ман зиёда аз сад ҳикмату кароматҳои Мавлавиро медонам.

Яке аз кароматҳояш ин аст.



Ҳоҷӣ Маҳмадуллои Карим

Соли 1936 буд, мо дар деҳаи Миразорро зиндагӣ доштем. Рӯзе ҳамроҳи падарам ба бозор омада, барзагови алоеро барои киштукор харида, ба деҳа баргаштем. Баъдтар дар рони (пойи) ақиби барзагов ҷароҳату иззи дандони саг ва ё даррандаеро дидему ба захм аҳамият надодем.

Охири ҳамон ҳафта барзагови харида касал шуд, аз даҳонаш кафки сафеду об мерафт. Падару модарам ду–се рӯз барзаговро табобат намуда ба даҳанаш нон дода, даҳону забонашро бо намак мешустанд.

Дар рӯзи чорум маълум гардид, ки барзаговро саги девонае газида будааст ва барзаговро кушта, ба мардум (бе пул) тақсим кардем. Дар байни мардум овоза пайдо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуд, касоне, ки бо гов сару кор доштаанд ва ё гӯшти говро хӯрдаанд, ҳамаашон девона шуда мемуранд.

Ин овозаю дарвоза даҳшати падару модар, аҳли хонавода ва ҳамаи он касонеро, ки аз он гӯшт хӯрда буданд, ду чанд намуд. Шабҳо хоб намекардем, метарсидем, ҷон ба ҳама ширинӣ мекард, то ҳатто мо мегиристем. Субҳи содиқи рӯзи чоршанбе падарам ману модарамро гирифта, ба назди Мавлавӣ бурд. Дар ин вакт деҳаи Сурхиён кӯчида буд. Мавлавӣ дар деҳаи Дараи Ҳамза зиндагӣ мекард. Меҳмонони зиёде аз дуру наздик тахминан 20-25 нафар дар атрофии Мавлавӣ ҷамъ омада, хӯроки пагоҳирӯзӣ мехӯрданд. Одати Мавлавӣ чунин будааст, ки бе меҳмону ҳамдеҳагон субҳу пешину шом хӯрок намехӯрдааст. Умуман , хӯрду хӯроки ятиму камбағалони ин деҳа аз ҳисоби Мавлавӣ будааст.

Баъди хӯроки пагоҳирӯзӣ Мавлавӣ ба корафтодагону беморон бо навбат табобатҳо мефармуд. Навбат ба ману падарам расид, Мавлавӣ бо диққат ба чашмони падарам нигариста гуфт:

— Абдулкарим, натарс, саг девона мешавад, на одам! Ту ҳамроҳи зану писарат ба мазори Хоҷаи Хон рафта, зиёрат намоед ва либосҳоятонро кашида партофта, либосҳои наву тоза пӯшед, ба оби дарё ва рӯшноӣ нигоҳ намекунед. Ба падарам бо диққат назар карда илова намуда гуфт:

— Абдукарим, фаҳмидам, либосҳои зиёдатӣ ҳоло надоред, майлаш либосҳоятонро дар назди Мазор напартофта, рафта дар хона 40 шабу рӯз ҳамдигарро посбонӣ кунед, агар шумо хоб рафтед, занатон хоб нарафта дар болои сари шумо посбонӣ кунад агар занатон хоб равад шумо посбонӣ накунед.

Дар охир Мавлавӣ аз болои дастархон 7 нони тунуки калон - калонро дар як рӯймол печонда, чизе хонду ба падарам дода гуфт:

— Фаромӯш накун, ки агар аз ҳамин порчаҳои нон ҳайвоне нахӯрад, ӯ девона мешавад.

Падарам, ману модарам роҳи деҳаи Сафедорро пеш гирифта, Мазори Хоҷаи Хонро зиёрат намуда, вориди хонаи худ гардидем. Мувофиқи дастуру гуфтаҳои Мавлавӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

падарам 7 нони овардаашро ба қадри тӯмор тақсим карда, тамоми ҳайвоноту одамони хурду калони деҳ хӯронд. Модасаге хонаи амакамро посбонӣ мекард, амакам кӯчида, ба Файзобод рафта буд. Вақти куштани барзагови девона саг дар атрофи мо набуд, аз ҳамин сабаб аз он порчаи нони табаррукӣ ба он саг дода натавонистем. Модасаг 7 сагбача зоида буд. Мувофиқи гуфтаю нишондоди Мавлавӣ баъди 7 рӯз модасаги нон нахӯрда бо 7 сагбачааш девона шуд. Мардум саги девонаро бо сагбачаҳояш парронда, дар чуқурии 3 метр гӯронданд.

Он ҳайвоноту одаме, ки аз нони додаи Мавлавӣ хӯрда буданд, ба ин бемории даҳшатангез гирифтор нашуданд. Дар асоси дастури Мавлавӣ 39 шабонарӯз падару модарам дар вақти хоб ҳамдигарро посбонӣ намуданд, шаби чилум посбонӣ навбати модарам буду падарам хоб кард. Модар чарха ресида, шаб то ба дами субҳ хоб накарда, падарамро посбонӣ мекунад. Қарибии дамидани субҳ ногаҳ вақти ресидани чарха модарамро хоб мебарад ва падарам бо як даҳшати калон дод зада, аз ҷояш ҷаҳида мехезад, чашмонаш суп–сурх, тамоми андомаш дир-дир ларзида, ба модарам бо як тарсу ҳарос рӯй оварда мегӯяд:

Хоб дидам, ки дар як биёбони нопайдоканоре болои қуми сурх хобидааму ягон гиёҳу дарахт дар ин биёбон намерӯяд, аз таъсири офтоби сӯзон дар обу арақ ғӯта хӯрда хобам. Ногаҳон дидам, ки аз канори биёбон гарди сиёҳе пайдо шуд, он гард ба тарафи ман меомаду торафт калон мешуд, аввал ба сурати шер ёлҳояш алвонҷ хӯрда меомад, баъд ба сурати аспи даҳонкушода, баъдтар ба сурати ҳамон барзагови девонашудаи худамон шохҳояшро ба тарафи ман тез карда, аз чашмону бинияш оташи сурх мерехт ва ба ман ҳуҷум кард. Дар охир ба сурати саги сиёҳи бадҳайбате, гӯшҳояш монанди гӯши гург, чашмонаш суп-сурх даҳонаш кушода, аз нӯги забонаш кафки сафед ҷорӣ шуда, ҷаста, хост аз рӯям газад, ҳарчанд ҷӯбу санг мекобам, дар ин биёбон ғайри қум чизе ба дастам бар намехӯрд. Оҳи ҷонкоҳе кашидаму мурданро яқин кардам. Ногаҳон дар барам Ҳазрати Мавлавӣ пайдо шуду асоро тарвоза дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пеши синаи саг дошт ва сагро бо асо гирифта, ба ақиб ҳаво дод. Саг дод гуфта, дар ҷояш чун чархи чарха тоб хӯрду сӯхта хокистар шуд ва дудаш ба фазо баромада несту нобуд гардид. Иншоаллоҳ бо мадади Ҳазрати Мавлавӣ шифо ёфтам. Ана ин буд каромоти Мавлавӣ.

Ман дар ин 99-соли умри гузашта худ бо чашмонам даҳҳо маротиба он воқеаю ҳодисаеро дидам, ки Мавлавӣ пешгӯӣ карда буд, он дар вақташ ба вуқӯъ омад ва ё беморро аз сидқ назар кард, ӯ шифо ёфт. Даҳҳо одамани безурётро медидам, ки умрашон ба қарибии 50 ва ё 60 расида буду соҳиби фарзанд нашуда буданд, бо каромоту дорую давои Мавлавӣ соҳиби се-чор фарзанд шуданд. Хусусан, сардори хамонвақтаи НКВД-и ноҳияи Ромит Исроилов Неъматҷон, сакини деҳаи Қарағочи ноҳияи Ленин Азизов Салимбой, сокини деҳаи Муллоёни ноҳияи Файзобод Абдукарими Саломбой, собиқ котиби Кумитаи Ҳизби Коммунисти ноҳияи Орҷоникидзеобод Буригул Асоева, сокини деҳаи Сайёд Саиди Назир, ки писараш 7-моҳа таваллуд шуду Назрӣ ном дошт, дар деҳаи Личак 25 январи соли 1993 аз олам гузашт. Даҳҳо ва садҳо дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Аксарияти одамоне, ки дар солҳои 1907 то 1939 таваллуд шудаанд ва бемору нопешрав буданд, номҳои «Назрӣ» ва «Назригул»-ро доранд, ба ақидаи худи ман, онҳо назркардаи ҳазрати Мавлавианд. Дар охир бобои Ҳоҷӣ Маҳмадулло ба ёди пираш Ҳазрати Мавлавӣ оҳе кашида гуфт:

— Наберагонам, ман як умр мухлиси доимии рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ будам ва мемонам. Дунёю умри инсон бевафо будааст, дар 99 соли умри гузашта чӣ хӯрдаму чӣ пӯшидам, дар ёдам нест, фақат пандҳою каромотҳои Ҳазрати Мавлавӣ ҳар шому саҳар дар ёдам ҳаст, ки ба ман рӯҳи илҳоми тоза мебахшанд.

Бобои Ҳоҷӣ тасбеҳи аз ҳаҷ овардаашро ба болои болишт гузошта, ашки чашмонашро, ки дар ёди Мавлавӣ мегирист, бо рӯймолча пок карда, хомӯш гашт ва сар ба пеш фиканда, чун маллоҳ дар баҳри беканори фикру андешаҳои умри 99-солааш шино мекард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОБОИ НАЗИР–МУРИДУ ДӮСТИ БЕНАЗИР

*Орифон, ки ҷоми Ҳақ нӯшидаанд,*
*Розҳо дониставу пӯшидаанд.*

***Авҳадӣ***

Дар ҷустуҷӯи муридону ихлосмандони Мавлавӣ ҳамроҳи Абдулҳамид дар таърихи 10 сентябри соли 2001 роҳи кони ангишти Сайёди ноҳияи Кофарниҳонро пеш гирифтем.

Дар баробари расидан ба кони ангишт моро фарзандони бобои Назири Назар, ки яке аз ихлосмандтарин муриду дӯсти Эшони Махсуми Абдулҳақ ба шумор мерафт, Абдулмаҷиду Сафарбек пешвоз гирифтанд.

Дар баробари огоҳӣ ёфтан аз мақсаду сафари мо хурсандии Абдулмаҷиду Сафарбек ҳадду канор надошт. Сабаби ин хурсандию хушҳолӣ гувоҳи ихлоси баланди онҳо нисбати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавию фарзанди ӯ Эшони Махсуми Абдулҳақро исбот мекард. Ҳамроҳи ин ду фарзанди солеҳу барӯманди бобои Назир роҳи деҳаи Лингобаро пеш гирифтем.

Дар асони сафар аз манзараҳои афсунгари нотакрори табиати зебои кӯҳистони диёр ҳаловат бурда, худро дар осоишгоҳи Баржомии Ҷумҳурии Гурҷистон тасаввур мекардем, зеро зебогии табиати ин диёри тоҷикон ба осоишгоҳи Баржомӣ хеле шабоҳати наздик дорад.

Аз мавзеи кони ангишт то деҳаи Лингоба 3 км роҳро дар бар мегирад. Дар ду тарафи роҳ ҷангалзори сарсабзи дарахтони чормағзу дуб, дулонаю фарк қад рост карда то ба хонаи бобои Назир соя афканда, сари инсон офтобро намебинад. Боду ҳавои салқини кӯҳистон бӯи муаттари гиёҳҳои шифобахши атрофро ба машом расонида, ба кас қуввату ҳаловат ва дармони тоза мебахшад.

Бобои Назир ҳамроҳи ҳамсари бовафояш Бибиҳанифа бо дастони мӯъҷизаофарини худ боғеро бунёд карданд, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Бобои Назир

боғи фирдавсро мемонад. Ҳангоми вохӯрӣ бобои Назир Махсуми Абдулҳамидро канор гирифта, бӯсида гирист ва гуфт:

— Ба машомам бӯи муаттари пирам ва дӯсти беназирам Махсуми Абдулҳақро овардед.

Баъди огоҳӣ аз мақсади мо бобои Назир расми эшони Махсуми Абдулҳақро бӯсида ба дидагонаш молида, қариб як соат гирист. Чунон гирист, ки чашмонаш аз таъсири ашки сӯзон чун лола пурхун шуданд. Каме ранҷур буд. Мо хавф бурдем, ки бемориаш авҷ нагирад. Шукри Худо, ки чунин нашуд. Соате хомӯш гашта, дар баҳри рӯзгори умри гузаштаи худ ғӯта хӯрда, ба андеша фурӯ рафт. Баъди фикру андешаҳои дуру дароз сар бардошта гуфт:

— Соли 1990 бо ёрии ин ду фарзанди дилбандам: – Абдулмаҷиду Сафарбек ин деҳаи вайронаи Лингобаро обод намуда, боғу хонаҳоеро, ки мебинед, бунёд сохтем. Мақсадам ягона он аст, ки то охири умр аз боду ҳавои ватан - зодгоҳ нафас кашида, рӯ ҷониби оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ карда, ҳар субҳу шом ибодат созам, то ки баъди фавтам Худованди бахшояндаи меҳрубон ба шарофати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ аз хазинаи раҳматаш тараҳҳумеро барои афви гуноҳои гузаштаам раво бинад. Дар ҳақиқат, деҳаи Лингобаю хонаи бобои Назир дар рӯ ба рӯи оромгоҳу деҳаи Сурхиён ҷойгир шудааст. Дар охир бобои Назир дар бораи Мавлавию Эшони Махсуми Абдулҳақ ёдоварӣ карда чунин гуфт:

— Ман ҷавони 15 ва ё 16-солае будам. Моҳи аввали тобистон буд. Рӯзе сардори НКВД-и ноҳияи Ромит Исроилов Н. бо ду нафар муҳофизи худ ба деҳаи Лошхарф ташриф оварданд.

Мақсади ташрифи онҳо Мавлавиро аз деҳаи Сурхиён дастгир намуда, ба бадарға фиристодан будааст. Баробари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз мақсади нопоки онҳо огоҳӣ ёфтани мардуми деҳаи Лошхарф ҳама пораканда шуда, ба кӯҳу саҳро паноҳ бурданд, то ки ба он се нафар роҳбалад нашаванд. Онҳо кормандони ҷамоату колхозро наёфтанд. Тахмин соатҳои панҷи бегоҳӣ роҳи деҳаи Сурхиёнро пеш гирифтанду аз Дашти Мазор ғоиб шуда ба пастхамӣ расида, аз дарёчаи Дараи Ҳамза гузашта, дар байни дарёчаи Сурхиён монданд. Ногаҳон абри сиёҳе пайдо шуду чунон борону жола борид, ки дарёҳо сел шуду дар байни ду дарё ин се меҳмони нохонда то дамидани сабҳ тахтабанд шуданд, аз таъсири туману шамол роҳро гум карда, на ба пешу на ба қафо ҳаракат карда наметавонистанд.

Субҳи содиқ ин се нафар чекист бо чашмони варамидаю ҳушу хаёлашон парешон ба масҷиди деҳаи Лошхарф баргашта, либосҳояшонро хушк намуда, аз ҳодисаи ба сарашон омада бо даҳшати зиёде нақл мекарданд. Мо, мардуми деҳа ба онҳо гуфтем:

— Чӣ хел борону жола, чӣ хел абру туман, охир ин шаб дар ягон ҷои осмон абр набуд, осмон ситоразор ва софу беғубор буд. Аз ин суханони мо даҳшати онҳо дучанд шуду ҳайрати мо дар бораи каромоти Мавлавӣ даҳчанд зиёд гардид. Сардор Исроилов Н. ангушти ҳайрат газиду гуфт:

— Не, бо ҳамроҳии Малики Хошок бо роҳи дигар ва дар вақти дигар ба назди Мавлавӣ бо мақсади дигар рафтан даркор будааст. Бо ҳамин сардор Исроилов Н. аз роҳаш баргашта, баъди чанд вақт бо роҳи дигар ва бо мақсади дигар ба назди Мавлавӣ рафта тавба карда, бахшиш мепурсанд. Баъди нӯшидани пиёлаи чой суханашро давом дода бобои Назир гуфт:

— Баҳори соли 1980 ҳамроҳи Эшони Махсуми Абдулҳақ барои адои намози ҷанозаи бандаи мӯъмине ба ноҳияи Хоҷамастон равон будем.

Ман мошинро идора мекардаму дар паҳлуям Эшони Махсум нишаста буд. Аз ҳар як постгоҳе мегузаштем, нозирони роҳ ба Эшони Махсум нигариста салом дода, таъзим намуда, мегуселониданд. Дар мавзеи Даҳанакиик мошини моро нозири роҳ, ки миллаташ ӯзбек буду рутбаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афсарии майорро соҳиб шуда буд, нигоҳ дошт. Ман зорию илтиҷо ва хоҳишу илтимос менамудам, ки мо аз адои намози ҷаноза дер мемонем. Дар мошин Эшони Махсуми Абдулҳақ нишастааст, кори хуб намешавад, ҷавоб деҳ. Ӯ якравӣ намуда мегуфт:

— Суръати мошинро баланд кардед, ҷазо медиҳам, ман Махсум- пахсумро намедонам.

Дар ниҳояти кор баъди сӣ дақиқаи зора ва илтимос варақаи ронандагии маро сурох намуда, ҷавоб дод. Бо сари хам дари мошинро кушода паси рул нишастам. Эшони Махсуми Абдулҳақ каме табассум намуда гуфт:

— Ин нозири роҳ моро хеле ташвиш дод. Майлаш, ҷавон будааст, умри дароз бинаду баъд ба қадри пирон расад, лекин каппаи сари роҳаш сӯзад.

Ман суръати мошинро баланд кардам ва ба намози ҷаноза дер намонда, дар вақташ расида омадем. Шабро дар меҳмонии сокини шаҳрчаи Хоҷамастон Шеров Гулбой рӯз намуда, пагоҳӣ роҳи шаҳри Душанберо пеш гирифтем.

Вақте ки ба пости нозири роҳи мавзеи Даҳанакиик наздик шудем, аз тарси нозири дирӯз ҷазо додагӣ яку якбора суръати ҳаракати мошинро суст кардам. Эшони Махсуми Абдулҳақ сабаби суст кардани суръати мошинро фаҳмида, ба тарафи ман нигоҳи маънидоронае карда гуфт:

— Мулло Назир, суръати ҳаракати мошинро баланд кун, то ки аз савобияти намози ҷумъа дер намонем, иншоаллоҳ намозро дар масҷиди ҷомеъи Мавлоно Яъқуби Чархӣ мегузаронем. Аз нозири роҳ натарс. Худо худаш Кариму Раҳим аст. Дар вақти гузаштан аз роҳ, назар ба постгоҳи нозири роҳ кардам. Дар ҳақиқат, аз постгоҳ чи хеле мегӯянд « пай ҳасту ҳайдар не ». Аз хокистари сӯхтаи постгоҳ дуд мебаромад. Шӯхиомез ба Эшони Махсуми Абдулҳақ гуфтам:

— Ҳазратам, каппаи нозири роҳ дуд кард, вай чизе нагуфта ба фикр фурӯ рафт. Шеъри Мавлавии Балхӣ ба ёдам омад, ки гуфта буд:

*Ки ин дуои Шайх на чун ҳар дуост,*
*Фонӣ асту гуфтаи ӯ гуфти Худост.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Соли 1982 як аспи хуби бузие доштаму дар бузкашиҳо иштирок кардам. Ин асп ба Эшони Махсум писанд омада будааст, рӯзе аз ман хоҳиш намуд, ки аспро ба ӯ фурӯшам. Ман рад кардам, лекин аз даму нафаси ӯ метарсидам. Дар ҳақиқат, баъди ду рӯз аспи сип–сиҳат дар назди яккамех ҳаром мурдааст. Баъд пушаймон шуда, рафта аз Эшони Махсум бахшиш пурсидам. Агар ӯ ҷонамро талаб мекард, барояш дареғ намедоштам. Дар охир бобои Назир гирён шуда гуфт:

— Ана ман ҳоло беморам! Канӣ пири дӯстам, Эшони Махсуми Абдулҳақ. Ин марди шариф, дар ҳақиқат, шогирду муриди беназири фарзанди Мавлавӣ будааст. Дар ҳаққи ихлосмандони Худою Пайғамбар ва авлиёю анбиё шайх Саъдии бузург фармудааст:

*Тоат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,*
*Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.*
*Ҳазар аз пайравии нафс, ки дар роҳи Худой,*
*Мардумафкантар аз ин гӯли биёбонӣ нест.*

Хислатҳои беҳтарини бобои Назир ба фарзандонаш низ асар кардааст. Сафарбек Назаров, ҷавонмарди асили бофарҳанг ва дорандаи ҳисси баланди ифтихори миллӣ буда, барои баланд бардоштани савияи маърифатнокии халқи азизаш мекӯшад.

Ӯ ҳамчун роҳбари Маркази татбиқи Лоиҳаи Хазинаи Рушди байналмиллалии ОРЕС оид ба нашри адабиёти таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёдеро ба харҷ дода истодааст, то ки дар раванди татбиқи Лоиҳа теъдоди муайяни адабиёти таълимӣ бо сифати баланд, аз рӯйи талаботҳои меъёрҳои ҷаҳонӣ дар ҷумҳурии азизи худамон нашр гардад. Сафарбек мехоҳад, ки бо ин роҳ таъриху тамаддун ва илму маърифати оламшумули бостону муосири халқи тоҷикро ба ҳамватанону ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Иллоҳо сафи чунин ҷавонмардони ғамхору бофарҳанги миллат зиёда гардад, то ки марум аз асли хеш бохабар шаванд ва боиси рушду нумӯи кишвар гардаду ҷумҳурии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷоноҷонамон дар қатори мамолики мутараққии ҷаҳон ҷойгир шавад.

*Чун нест умеди умр аз шом ба чошт,*
*Боре ҳама тухми накӯӣ бояд кошт.*

## ИНСОНИ КОМИЛ

*Пай ба рафтори яқин сар шавад,*
*Санг ба пиндори яқин зар шавад.*
*Роҳи яқин ҷӯй ба ҳар манзиле,*
*Нест муборактар аз ин ҳосиле…*

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

Ҳар як инсонро бузургон ба гуфтору рафтору пиндораш баҳо хоҳанд дод. Инсони комилро низ бо ин се хислати некаш бояд шинохт.

Ман ин се хислати ҳамидаи инсониро бе шакку шубҳа дар қалбу симои муриди Махсуми Ҳоҷӣ Даҳмарда, Ҳоҷӣ Кокули Ҳасани Касирзода баръало ҳис намудаам.

Ӯ ҳоло ҷавон аст, ҳамагӣ чиҳилу ду сол умри бобаракат дорад. Хислатҳои инсони комилро дорост. Бузургон гуфтаанд «Бузургӣ ба хирад аст, на ба сол» ҳақ асту рост. Ҳоҷӣ Кокули Ҳасани Касирзода марди сафар аст. Бо тақозои вазифа гаҳе ӯро дар Амрико гоҳе дар Африко ва гоҳе дар Осиёи Аврупо дидан мумкин аст. Ӯ ҳамчун директори генералии Парки миллии Тоҷикистон сар то сари ҷаҳонро қадам зада, табиати зебову афсонавии нотакрори кӯҳистони диёрамон, яъне Ҷумҳурии Тоҷикистони азизро ба оламиён муаррифӣ менамояд ва диққати табиатдӯстони ҷаҳонро ба ин хоку сарзамини зебо ҷалб мекунад, ки



Ҳоҷӣ Кокул



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

онҳо омада мафтуну шайдои диёри кӯҳсорамон гаштаанд. Ӯ овозаю шӯҳрати табиати зебои ин диёрро дар миқёси ҷаҳонӣ паҳн карда истодааст.

Дар баробари ин кори масъулиятнокаш ӯ ҳамчун падари чор нафар фарзандони солеҳ буда, бо гуфтору рафтору пиндори некаш дар дилу дидаи мардум ҷой гирифтааст. Ҳоҷӣ Кокул сарчашмаи ин хислатҳои некашро аз хазинаи илму маърифати худододаи пираш Махсуми Ҳоҷӣ Даҳмарда гирифтааст. Ҳоҷӣ Кокул мегӯяд:

— Дар синни бисту чорсолагиям, яъне соли 1983 дар маҳфиле, ки ба муносибати мавлуди пайомбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) баргузор гардида буд, ширкат варзидаму нахустин маротиба бо Махсуми Ҳоҷӣ Даҳмарда шинос шудам. Аз панду насиҳатҳо, амри маъруф ва давою дармонҳои фармудааш ба беморон як ихлоси баланду як муҳаббати бепоёнеро дар замири қаблам нисбати Махсуми Ҳоҷӣ Даҳмарда пайдо кардам. Шабе дар хоб дидам, ки пири нуроние ба ман насиҳат карда мегуфт:

— Фарзанда азиз, оё медонӣ ки фарз кадом асту суннат кадом? Ман ҷавоб дода натавонистам, пас он пирамард гуфт:

— Тарки ин ду кори бузург накун ва шеъри Мавлоно Ҷомиро хонд.

*Эй, ки дар шаръи худовандони ҳол,*
*Мекунӣ аз суннату фарзам суол*
*Суннат омад рух зи дунё тофтан,*
*Фарз–роҳи қурби Мавло[1] ёфтан.*

Дар охир он пири нуронӣ илова карда гуфт:

— Суннат тарки дунё аст ва фарз сӯҳбати Мавло.

Ман ин суханонро чанде пеш дар китоби «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ хонда будам ва хаёл кардам, ки пирамарди нуронӣ Ҷомист.

Рӯй ба пирамарди нуронӣ оварда гуфтам:

— Ҳазратам, оё шумо Мавлоно Ҷомӣ нестед?

Ӯ дар ин саволи ман каме табассум намуда гуфт:

---

[1] *Мавло - пири тариқат*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Не, ман писари Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён, Махсуми Даҳмарда ҳастам. Падари бузургвори ман Ҳазрати Мавлавӣ дӯстдору мухлиси девону ашъори Мавлоно Ҷомии бузург баданд, барои ҳамин ту маро ба он ҳазрат монанд кардаӣ. Падари бузургворам Ҳазрати Мавлавӣ доимо ба ман аз номи Мавлоно Ҷомии бузург насиҳат карда, ин шеърро мехонданд:

*Мағрур машав ба мол чун бехаборон,*
*Зеро ки бувад мол чун абри гузарон.*
*Абри гузарон агарчи гавҳар борад,*
*Хотир наниҳад марди хирадманд бар он.*

Дар баробари шеърро ба охир расонидани он пири нуронӣ аз хоб бедор шудам, ки субҳи содиқ дамида истодааст. Баъди фикру андешаи зиёде роҳи деҳаи Навободи ҷамоати Роҳатиро пеш гирифтаму маротибаи дуюм ба зиёрати Махсуми Ҳоҷӣ Даҳмарда шарафёб гардидам. Баъди имтиҳонҳои сангин ӯ маро ба шогирдию муридии худ қабул намуд.

Ҳар гоҳе ки пираму рӯҳи Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиёнро ба ёд меорам ва аз Худованди мушкилкушо чӣ хоҳише, ки дорам, талаб намоям, амалӣ мешавад.

Ба касе душманӣ надорам, аз ҳамин сабаб Худованд душманиро бар ман раво намебинад ва агар рафту рақибе пайдо шавад, ба шарофати рӯҳи пиронам Худоям ӯро бартараф мегардонад.

Бо тавсияи пирам соли 1997 ҳамроҳи завҷаю фарзанди пири тариқатам Махсуми Сайидакбар азми зиёрати хонаи Худо намуда, сазовори номи муборақи «Ҳоҷӣ»-ро дарёфтем.

Ҳар як кори динию дунявиро бедастури пири ботадбирам ва мададирӯҳи поки Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён ба ҷой намеорам.

*Илоҳо, ба мастони майхонаат,*
*Ба ақлофаринони девонаат.*
*Ба майхонаи ваҳдатам роҳ деҳ,*
*Дили зиндаву ҷони огоҳ деҳ.*

***Разиюддини Артимонӣ***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳоҷӣ Кокул дар айёми авҷи камолот аст. Иншооллоҳ Худованди бахшандаи меҳрубон ба шарофати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Муҳаммадсолеҳ, яъне Домуллои Сурхиён орзуҳои аввалину охирини муриди содиқу ихлосманд ва инсони комил Ҳоҷӣ Кокулро дар ин дунёву охират амалӣ мегардонад. Омин!

## ҶӮЯНДАИ ДАСТХАТҲОИ МАВЛАВӢ

*Ҳар рӯз бомдод талабгори мо туӣ*
*Мо хобноку давлати бедори мо туӣ.*
*Ҳар рӯз з-он барори моро зи касбу кор,*
*Зеро дӯкону максабаву кори мо туӣ.*

(Мавлавии Балхӣ)

Ҳоҷӣ Кокул бо меҳру ихлоси самимӣ мегӯяд:

—Кулли он комёбию муваффақият ва баракат дар умр, ризқу рӯзӣ ва касбу корам аз мадади рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ аст. Агар сабҳи содиқ дар вақти ибодат аз сидқ рӯҳи поки он авлиёи бузургро ёд кунам ва аз Худованди Раззоқ чӣ ҳоҷатеро талаб намоям, он рӯз Раззоқи олам он ҳоҷатро бароям раво мебинад.

Ман бо тақозои вазоиф марди сафарам, хоҳ дар Амрико ё Африқо ва ё Аврупою Австралиё бошам, рӯҳи поки он уламои бузург бо ман аст ва ӯро ёд карда? барори кор мехоҳам, мушкилотам осону роҳам кушода мегардад.

Дар асоси ёддоштҳою харитаи сафарҳои Мавлавӣ, Ҳоҷӣ Кокул барои дастрас кардани маълумот ва китобу дастхатҳо сар то сари сарзамини Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Испаниё, Инглистон ва мамолики арабро давр зада, ҷустуҷӯй намудааст. Ӯ мегӯяд:

— Дар давоми солҳои 2000 ва 2001 ҳамроҳи завҷаи меҳрубонам Бибӣ Миянсар барои ҳосил кардани маълумоте оиди мусофирати Ҳазрати Мавлавӣ озими шаҳрҳои Лондон, Мадрид, Деҳлӣ, Бомбай, Калкатта ва Кашмир гардидем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Тобистони соли 2000 дар шаҳри Лондон бо ёрии шоҳи Испаниё инсони бофарҳанг (шарқшинос), дӯстдори табиат (сайёҳ) ҷаноби Хуан Карлоси IV вориди хазинаи дастхатҳои мамолики Шарқ (Ҳиндустон) гардида дар ҳайрат мондам. Кулли китобу дастхатҳои нодири ҷаҳони Исломро дар хазинаи китобхонаи ин шаҳри азим дарёфт кардан мумкин аст.



Шоҳи Испаниё Хуан Карлоси IV ва Ҳоҷӣ Кокул дар Мадрид

Бо ёрии ходимони хазина ҳуҷҷатеро дастрас намудам, ки оиди дӯстии мусулмонони Ҳиндустону масеҳиёни инглис санад тартиб дода шуда буд. Дар санад динҳои ислому масеҳиро бародардин хондаанд ва дар рӯйхати ин санад, ки аз 1 феврали соли 1887 тартиб дода шудааст, дар сатри аввал ном ва насаби Ҳазрати Мавлавӣ дар баробари гурӯҳи 22- нафараи корӣ (дипломатҳо) сабт гардидааст[1]. Ландан (феҳраст Ҷилди 2 шумораи 3057) нусхаи хаттӣ: 4250 (милли мулк) (китобхонаи марказӣ)

Дар таҳти рақамҳои дар боло зикр шуда оиди бузургии ашъори Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маълумотҳои нав ба нави илмиро ба даст овардан мумкин аст. Пас аз мутолиаи ин дастхатҳо, ёддоштҳои Ҳазрати Мавлавӣ ба ёдам омад, ки гуфтааст:

— Гӯрӯҳҳои ҳиндуҳои будпарасти миллатчӣ шабона ба масоҷиду калисоҳо ва ба маҳаллаҳои мусулмонони масеҳинишин ҳуҷум карда, мардону занон ва кӯдаку пиронро ваҳшиёна ба қатл мерасонанд. Молу амволи эшонро ба тороҷ бурда, хонаҳою масоҷид ва калисоҳоро оташ мезананд, пас маълум мегардад, ки давлати Англия ва шӯришҳои мардумони бутпарасти Ҳиндустон хавф

---

*[1] Музеи Британиё (р-Кҷ 2 с.836 Рью), шумораи 144 то 146 дафтари ҳинд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мебурдааст. Барои мустаҳкам кардани пояи ҳукмронии хеш бо мусулмонони ин сарзамин шартномаи бародарӣ баста будааст ва иҷозати амри маъруфу наҳйи мункар намуданро дар шаҳри Лондон низ иҷозат дода будаанд.

Баҳори соли 2001 озими кишвари зебоманзараи Ҳиндустон гардидам. Дар шаҳри Деҳлӣ гузаргоҳҳои Ҳазрати Мавлавӣ, масҷиди Марворид ва мазори Ҳумоюнро зиёрат намуда, маълумоти зиёде ба даст овардам. Баъди вориди шаҳрҳои Бамбаю Калкатта шуда, оромгоҳи устоди Мавлавӣ Шайх Абдулқуддусро зиёрат кардам. Дар охир Кашмири ҳамешабаҳор диққати моро беш аз ҳар чи ба худ ҷалб кард.

Дар аввал оромгоҳи пири тариқат ва устоди Мавлавӣ Ҳазрати Мир Ҳасан Абдоли Валиро тавоф намуда, сонӣ дар ҷустуҷӯи масҷиди «Шоҳи Ҳамадон» шудам ва бо ёрии ҷавонмарди форсизабони бофарҳанги кашмирӣ оқои Бедилхон вориди масҷиди «Шоҳи Ҳамадон» гардидем. Дар пештоқи масҷид ин рубоиро хондам:

*Ҳар файз, ки дар собиқаи ҷаҳон аст,*
*Дар пайравии ҳазрати шоҳи Ҳамадон аст.*
*Шоҳи Ҳамадон он ки шоҳаншоҳи ҷаҳон аст,*
*Эй хок бар он дида дар райбу гумон аст.*

Баъди тамошои масҷид ва дигар манотиқи Кашмир, дар назди сайёҳи ҷаҳонгарди 17-солаи кӯҳистоние, ки дар талаби илм гирди ҷаҳон давр задааст, яъне Ҳазрати Мавлавӣ бори дигар сари таъзим фуруд овардам ва ғазали Мавлавии Балхиро ба ёд оварда гуфтам.

*Ту он моҳӣ, ки дар гардун нағунҷӣ*
*Ту он обӣ, ки дар Ҷайҳун нағунҷӣ*
*Ту он дуррӣ, ки аз дарё фузунӣ,*
*Ту он кӯҳӣ, ки дар ҳомун нағунҷӣ*

Дар вақти бозгашт Бедилхони форсизабони кашмирӣ ҳикоят карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Кашмирро шаҳри сиёҳчашмони лоларух, яъне шаҳри ошиқон, шаҳри авлиёҳо, шаҳри сеҳргарон ва биҳишти рӯйи замин низ меноманд. Барои он шаҳри авлиёҳо меноманд, ки чандин маротиба лашкари куффор Кашмирро забт намуд ва хост, ки ёдгориҳои таърихии онро вайрон карда, шоҳкориҳоитиллокориашонро ба яғмо баранд. Дар ҳамин вақт Худованд гирдбоду тӯфони сахтро фиристод, ки дарахтон решакан шуда ба болои мошину сарбозони англис фурӯ рехт ва онҳо ҳалок шуданд. Нахустин маротиба дар сарзамиини Ҳиндустон бо мадади авлиёҳо лашкари ислом бар ӯрдуи ишғолгари англис ғолиб омад, ки дар натиҷа онҳо Ҳиндустонро абадӣ тарк карданд.



Ҳоҷӣ Кокул ва Бедилхон дар Кашмир

Дар охир ман ба Бедилхон фаҳмондам, ки ман аз Тоҷикистон, аз ватани Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳастам. Ӯ аз шодӣ бо як меҳру муҳаббати самимӣ дастонамро мебӯсид ва ба дидагонаш мемолид ва бо ҳаяҷони бузург мегуфт:

– Баъзе аз кутуб ва рисолаи Ҳазрати Амири Кабир дар шибҳи қораи Ҳинду Покистон ҷузви кутуби дарсӣ буда ва рисолаи «Авроди фатҳия»- и ӯ ҳанӯз ҳам дар Кашмир аз беҳтарин китоби авроду вазоиф мебошад, ки матни арабии «Авроди фатҳия» дар соли 1949 мелодӣ дар Қарочӣ ҳам чоп шудааст. Мо, мардуми мусулмони Кашмир Ҳазрати Сайидро фотеҳу пири тариқати хеш медонем…

Дар охир Бедилхон бо забони ширини дарӣ абёти зерро бо маҳорати воло қироат намуд:

*Ҳамадонӣ аст Сайиди Ҳамадон,*
*Исми Шодии ӯ Алии Ҳамадон.*
*Хонақоҳаш ба хиттаи Кашмир,*
*Файз бахшад ба ҳар сағиру кабир.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Марқадаш дар вилояти Хатлон,*
*Файзҳо медиҳад ба пиру ҷавон.*
*Валоди амҷади Амири Кабир,*
*Дод динро ривоҷ дар Кашмир.*
*Шуд зи нав мусулмон чунон касрат,*
*К- аз тамошош барад ҳашир ҳасрат.*[1]

Баъди хандани ин шеър ӯ каме ба фикр фурӯ рафт ва баъд сар бардошта аз забони Аллома Муҳаммад Иқбол Лоҳурӣ гуфт:

*Сайид - ус-солори Аҷам,*
*Дасти ӯ меъмори тақдири улум*
*То Ғазолӣ дарси Оллоҳ ҳува*[2] *гирифт*
*Зикру фикр аз дудмони ӯ гирифт*
*Сайиди он кишвари минупазир*
*Миру дарвешу салотинро масир*
*Ҷумларо он шоҳи дарёостин*
*Дод илму санъату таҳзибу дин*
*Офарид он марди Эрони сағир*[3]
*Бо ҳунарҳои ғарибу дилпазир*
*Як нигоҳи ӯ кушояд сад гиреҳ*
*Хезу тирашро ба дил роҳе бидеҳ*

Баъдан гуфтаҳои Ҳазрати Мавлавӣ ба ёдам омад, ки мегӯяд:

*Зи файзи хоки ту, эй Шоҳи Ҳамадон*
*Шуд ободу зебо мулки Хатлон*
*Зи нури шамъи илмат, эй Сайидӣ*
*Ҳазорон шайхи хом*[4] *пухта расидӣ*
*Бувад мир Сайид Алӣ пири мо*
*Гиреҳе кушояд, тадбири мо.*

---

[1] *Ин расм дар байни ҳинуҳо ривоҷ доштааст, ки зан пас аз марги шавҳар худро дар оташ месӯзонд.*
[2] *Ҳува - вай*
[3] *Эрони сагир - яъне Кашмирро дар назар дорад.*
[4] *Хом - ба маънои муридон омадааст.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Носири Хисрав аз соли 1045 то соли 1052 сафар кард. Дар давоми 7 сол масофаи роҳи тайкардаи ӯ 2200 фарсанг (13 200 км) буд[1]. Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ аз соли 1874 то соли 1900 сафар кард. Дар давоми сафари 26 (27)-солаи хеш тахмин зиёда аз 10 000 фарсанг (60 000 км) роҳҳои заминию баҳриро тай кардааст. Мароми мақсади сафарҳои Мавлавӣ - кашф кардани баҳрҳои беканори илму маърифати халқҳои ҷаҳон ва дар ин роҳ хизмат намудан ба халқу ватани азизаш буд.

Қиматтарин сарват барои Мавлавӣ китоб ба шумор мерафт. Ӯ дар давоми ин мусофирати тӯлонӣ гирди ҷаҳон мегашт аз молу сарвати дунё қиматтарин ва пурарзиштарин ганҷи бебаҳо китобро бо ранҷу заҳмати зиёде бо худ аз шаҳре бо шаҳре мебурд. Чунин аст бузургии фарзанди кӯҳистони тоҷик.

## КАРОМОТИ АВЛИЁ

*Мо тарки мақомоту кароиот гирифтем,*
*Дар дайри муғон роҳи харобот гирифтем.*

Аттор

Дар бораи як кароиоти Ҳазрати Мавлавӣ дар деҳаи Сорво аз забони собиқ раисони ҷамоати Ромит шодравонҳо Қулмуҳаммад Солиҳов, Хоҷамқул Раҳмонов ва сокини деҳаи Қирғизон амаки Саъдуллои Муҳаммадӣ борҳо шунида будам. Сокини имрӯзаи маҳаллаи стансия бобои Шамсиддин Назарови 97-сола, ки худ шоҳиди ин каромоту зодаи деҳаи Сорво мебошад, ёдоварӣ карда мегӯяд:

— Тирамоҳи соли 1923 орифи бузург Домулло Давлатов, Ҳазрати Мавлавиро ба меҳмонӣ даъват намуд.

— Мавлавӣ ин даъватро ба хушнудӣ пазируф. Қосиди Домулло Давлат таъкид карда гуфт:

— Ҳазрат, мо Шуморо рӯзи панҷшанбе дар деҳаи Сорво интизор мешавем.

---

[1] *Носири Хисрав, Сафарнома. «Ирфон», Душанбе. 1970. саҳ. 4-5*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баъди рафтани қосид, бо сабабҳои ба мо номаълум Мавлавӣ ду рӯз пеш, яъне рӯзи душанбе, ҳамроҳи олимону шогирдонаш азми сафари Сорво кард.

Аз ин сафари ногаҳонӣ Домулло Давлатов бохабар шуда, дар миёни намози асру шом ҳамроҳи одамони бомаърифати деҳа аз авлодони Эшони Сӯфӣ, мулло Абдурасул (падари Ҳоҷӣ Ҳабибулло) ва ҷавонон Ҳалими Сафар (падари Ҳошим) банда Шамсиддин Назаров ва даҳҳо дигарон ба пешвози Мавлавӣ баромадаем. Мардум Мавлавӣ ва ҳамроҳонашро дуртар аз деҳаи Сорво, дар мавзеи дарёчаи Соне пешвоз гирифтанд. Мавлавӣ аз асп пиёда шуда бо мардум вохӯрдӣ намуда, то ба деҳаи Сорво пиёда рафт. Домулло Давлат, ки худ зодаи деҳаи Вистан буд, мардуми деҳаи Сорворо бори дигар ба Мавлавӣ муаррифӣ карда гуфт:

— Аҷдодони мардуми Сорво аслан аз мардумони орифу бомаърифати Даҳбеди Самарқанд буда, номи муборакӣ Ҳоҷӣ Ҳофиз Муҳаммадӣ ва писараш Эшони Сӯфӣ дар байни мардум паҳн гардида, бисёр кароматҳоро ба эшон нисбат медиҳанд.

— Аз ин ташрифи ногаҳонии меҳмонон Домулло Давлат ва мардуми деҳ безобита гардида, меҳмононро дар масҷиди деҳ ҷой доданд ва дар тараддуди таом шуда, сайёдонрот ҷеғ зада, якеро ба шикори кабку мурғи ҳилол ва дигареро ба шикори оҳу фиристоданӣ шуданд.

Рӯз торик шуда буд, аз хамин сабаб онҳо ҳайрон гардида чӣ кор карданашонро намедонистанд. Дар ин вақт Мавлавӣ аз дили онҳо огоҳӣ ёфта, Домулло Давлатро ҷеғ зада гуфт:

— Домулло, узр, ки шуморо нороҳат сохтам, шумо сайёдонро заҳмат надиҳед. Мо барои заҳмат додани шумою қонеъ кардани нафси куфру саркаш наомадаем. сӯҳбатҳои илмию тарбиявӣ ва дидори муборакӣ шуморо ғанимат шумурда, ба даргоҳатон ташриф овардаем.

Иншооллоҳ, ризқу рӯзии мо бандагони гумроҳро Раззоқи олам худаш ато мефармояд.

Аз байн 10-15 дақиқа нагузашта ногаҳон уқоби азимҷуссае як села кабку мурғони ҳилолро аз кӯҳи рӯ ба рӯи деҳаи Сорво дунболагир карда, ба тарафи ошхонаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

масҷиб меронад, кабку муғони ҳилол аз тарси ҷон худро ба обхонаю ошхонаи масҷид зада пинҳон мешуданд.

Ҳозирон бо чусту чолокӣ 10 дона кабку 4 дона мурғӣ ҳилолро сайд карданд. Аз ин шикори ногаҳонӣ мардум ҳайрон шуданду Домулло Давлат, ки аз кароматӣ Мавлавӣ огоҳ буд, лаб фурӯ баста, сир бой намедод. Баъди адои намози шом кабкбирёну мурғбирёнро дар табаққҳои калони чӯбин кашида, мардум ҳама тановул карданд.

Баъди зиёфат сӯҳбатҳои илмию динӣ авҷ гирифт ва ҳама мардум ҳушу хаёлашон ба суханони илмии Мавлавӣ банд буд, чӣ тавр гузаштани вақтро касе ҳис накарда монд. Қарибиҳои соати 2-и шаб садои аккоси сагҳо баланд шуду аз болои боми масҷид ба зер афтодани чизе хаёли мардумро парешон сохт. Мардуми дар назди дари масҷид нишаста зуд ба берун баромаданд. Баъди ягон ним соат одамон якяк вориди масҷид гардида гуфтаанд:

— Ин кароматӣ дуюми Ҳазрати Мавлавист.

Маълум гардид, ки гурге аз кӯҳи баланди паси деҳаи Сорво оҳуи калонеро дунболагир мекунад. Оҳу аз тарси гург чи кор корданашро надониста, ҷони азизашро гирифта сӯи деҳа мегурезад. Масҷиди қадимаи деҳаи Сорво тарзе сохта шуда буд, ки девори паси масҷид ба замин баробар буду девори пеши масҷид бошад, қариб 3-4 метр баландӣ дошт.

Оҳуи ба тарсу ҳарос афтода аз болои боми масҷид ҷаҳида, ба санги пеши девор бурхӯрда, ҳар ду пои пешаш мешиканад. Ду ҷавони чусту чалок сайди Худо ато кардаро сар буриданд. Нисфирӯзӣ дар саҳни масҷиди деҳа, ба муносибати меҳмонони олиқадр мардуми зиёди деҳоти атроф ҷамъ шуда, аз суханони динию илмии Мавлавӣ баҳраҳои маънавӣ мебурданд. Табаққҳои калон–калон пур аз кабоби гӯшти оҳу рӯи дастархонро оро медод. Дар ҳамин вақт ногаҳон девонаи Тош пайдо шуд. Девонаи Тош дар байни мардуми деҳоти атрофи Ромиту Янгибозор ва Файзобод машҳур гашта буд. Ӯро рӯзе дар Қаротегин ва рӯзи дигар дар Ҳисор дидан мумкин буд. Мардумони тиҳимағз девонаро масхара мекардандва кӯдакони қайсари беадаб дар кӯчаҳо дунболагир карда, бо сангу гил ӯро мезаданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Девона ниҳоят гурусна буд, ки бӯи хуши кабобро ҳис карда, парвонавор дар атрофи мардуми дар гирди дастархон ҷамъ шуда, чарх мезад. Девона ҷои холиеро меҷуст, ки нишаста аз кабоби лазиз нӯши ҷон кунад, лекин мардум ӯро ба лаби дастархон роҳ намедоданд ва аз ӯ ҳазар мекарданд. Девонаро санг мезаданд ва масхара карда, ба сӯяш устухонҳои хоидашударо ҳаво медоданд.

Чашмони девона ба табақҳои пур аз кабоб банд буду ҳамоно дар атрофи мардум давр мегашт.

Мавлавӣ ин манзараро дер гоҳ назора карда, ба девона муроҷиат карда гуфт:

— Тошмуҳаммад, нази ман биё ва дар бари ман нишин.

Девона нобоварона ҳайрон-ҳайрон ба тарафи Мавлавӣ нигарист. Мавлавӣ бори дигар ӯро дилбардорӣ карда, ба сӯи хеш хонд. Ӯ оҳиста- оҳиста ва тарсону ларзон ба назди Мавлавӣ омада, лаҳзае рост истод ва якбора гирён шуд ва ба зону зада, дастони авлиёро бӯсида ба дидагонаш молид, гӯё бо оби дида дастони Мавлавиро мешуст.

Мавлавӣ девонаро аз ҷояш хезонда дар бари хеш ҷой дод ва ӯро дар табақи пур аз кабоби худаш ҳамроҳӣ намуда гуфт:

— Тошмуҳаммад, марҳамат гирифта хӯред. Девона боз як ҳисси нобоварӣ ба тарафи Мавлавӣ нигарист ва Мавлавӣ бо ҷиддият ӯро таклиф намуд. Девона, ки хеле гурусна буд, ба хурдан шурӯъ кард. Дар андак вақт табақи пур аз кабобро холӣ карда, ба хӯрдани нону меваҷот оғоз кард. Баъди дуою фотиҳа Мавлавӣ ба мардум рӯй оварда гуфт:

— Эй мардуми мусулмон, девонаро санг назанед, наранҷонед ва бо чашми кам нигоҳ накунед, зеро ки дили инсон арш ва назаргоҳи Офаридгор аст.

*Назар кардан ба дарвешон бузургиро бияфзояд,*
*Сулаймон бо чунин ҳашмат назарҳо буд бо мӯраш.*

*Ба дунё дил набандад, ҳар ки мард аст*
*Ки дунё сар ба сар андӯҳу дард аст*
*Ба гӯристон назар кун то бубинӣ*
*Ки дунё бо ҳарифонат чӣ кардаст*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАҲБУСИ БЕГУНОҲ

Саъдуллои Карими ромитӣ аз синни 21-солагӣ, яъне аз соли 1893 то соли 1915 дар мадрасаҳои шаҳрҳои Бухорои Шариф ва Самарқанд таҳсили илмӣ намуда, дар давоми 22 сол соҳиби хати иршод ва сазовори номи пурифтихори «Домулло» шуд. Домулло Саъдулло ба таҳсили 22- солаи худ қаноат накарда, роҳи махзани илму маърифат Сурхиёнро пеш гирифта, дар назди Ҳазрати Мавлавӣ шогирд истода, аз сарчашмаи илму маърифати ин олим ва орифи бузург баҳра бардошта, машҳур мегардад. Минбаъд сафи ихлосмандони Домулло Саъдулло рӯз то рӯз меафзуду аз шӯҳрати ӯ ҳасудон ва душманони илму маърифати исломӣ дар таҳлуқа меафтанд ва табъашон хира мегардад.

Аз ҳамин сабаб, махсуми Кабудакӣ нимчамулло, ки фарди ҳасуд низ буд, дар фикри нест кардани Домулло Саъдулло мешавад. Ӯ дар назди кормандони НКВД ва ГПУ (КГБ).

Домулло Саъдуллоро ҳамчун “Душмани халқ” сиёҳ карда, шаҳодати бардуруғ дод. Шабона, 21 декабри 1937, Домулло Саъдуллои бегуноҳро дастгир намуда, ба шаҳри Сталинобод бурда ва маҳбусаш карданд. Дар маҳбас ба ӯ азобу шиканҷаҳои ғайри инсониро раво мебинанд. Домулло дарду азоби шиканҷаро дар ин маҳбас фақат ба воситаи ғазалҳояш ифода мекард. Шаби 8- уми феврали соли 1938 Домулло Саъдуллоро оварда, дар Қули Гандумбирён (ҳозира кӯчаи Саҳбои ш. Душанбе) ҳамроҳи дигар бою муллоҳо мепарронанд. Фарзанди 67-солаи Домулло Саъдулло сокини деҳаи Қирғизон акои Ғуломҷон дастхатҳои падари шаҳидашро, ки аз ғазалҳои ғамангез иборатанд, хонда ба дидагон мемолад ва дар ғами падар зор- зор мегиряд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НАМУНА АЗ АШЪОРИ ҲАБСИЯИ ДОМУЛЛО САЪДУЛЛО БО ТАХАЛЛУСИ “САЪДӢ”

*Ба зиндон зиндаам ёрон, маро гуфтори шоҳид кушт,*
*Ба зоҳир захм зад бар ҷони ман, он тири шоҳид кушт.*
*Агар баъд аз вафотам бар сарам Мункар–Накир ояд,*
*Саволе раб агар гӯям, ҷавобат зулми шоҳид кушт.*
*Шафоъат гар шавад он рӯз, равам назди Расулуллоҳ,*
*Бигӯям ё Ҳабибуллоҳ, маро гуфтори шоҳид кушт.*
*Худоё, даст гир ҳолам, аз ин савдо дилафгорам,*
*Чаро гирям, чаро нолам маро ёру рафиқон кушт.*
*Надорам ҳеҷ тоқат ман, бигӯям аз рафиқонам,*
*Ҳазорон воҳу ҳасрат шуд, маро ёру рафиқон кушт.*
*На фикри молу зар дорам, на парвои дигар дорам,*
*Ки ман хоке ба сар дорам, манро фикри бародар кушт.*
*Ман аз ёрон алам дорам, на кореро хабар дорам,*
*Ку рӯ андар сафар дорам, маро шоҳиди ноҳақ кушт.*
*Ба ҷони ман сатам карданд, диламро пуралам карданд,*
*Сарамро дар кафан карданд, маро шоҳиди ноҳақ кушт.*
*Ки мо чанд кас аристонем, ними рӯз гирёнем,*
*Гуноҳи худ намедонем, маро шоҳидон ноҳақ кушт.*
*Ба гӯристон гузар дорам, ба шоҳиди сухан дорам,*
*Ки ман хавфу хатар дорам, маро шоҳиди ноҳақ кушт.*
*Ба ман гӯянд, ки Ромит ҳаст, ба чашми ман чу ҷаннат аст,*
*Ки шоҳидаш бадбахт аст, маро шоҳиди ноҳақ кушт.*
*Худо қозӣ шавад гӯяд, эй Саъдӣ, ки хунат рехт?*
*Бигирам домани махдум, бигӯям ҷабри шоҳид кушт.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## УСТО НУР ВА РОҲЗАН

Исми аслиаш Нуралӣ буд. бо сабабе, ки марди фозилу ҳунарманд будааст, ба ӯ тахаллуси «Усто Нур»-ро лоиқ дониста буданд. Фарзанди Усто Нури Лошхарфӣ, сокини имрӯзаи маҳаллаи Чутқайша акои Ҳотами 72- сола падари бузургворашро ёд карда мегӯяд:

— Солҳои пешин муллои роҳгузаре, ки зодаи деҳоти Яғноб будааст, меҳмони деҳаи Лошхарф мешавад. Он сол сербориш омада барфи зиёде меборад ва аз моҳи ноябр сар карда, ағбаҳои Яғноб пурра банд мешавад. Аз ҳамин сабаб муллои яғнобӣ дар деҳаи Лошхарф зиёда аз 6-моҳ муваққатан иқомат мекунад. Муллои яғнобӣ марди босаводу фозиле будаст. Вақтро ғанимат дониста, фарзандони мардуми деҳаро дар масҷид ҷамъ оварда, аз «Ҳафтяк» таълим медиҳад.

Падарам Усто Нур, ки «Қуръон» ва «Чоркитоб»-ро хонда буд ва аз ашъори Хоҷа Ҳофиз низ акнун сабақ меомӯхт, ҳама гуна китобҳои форсию арабиро равон хонда метавонист. Муллои яғнобӣ зеҳни баланду маҳорати фавқулоддаи ӯро дида, шабона, баъди адои намози хуфтан, падарамро аз рӯи китоби «Канзул–Ҳусайн» таълими илми кашмирӣ (сеҳр-гипноз) медодааст. Он мулло дар ҳуҷраи мо мезист, аз ҳамин сабаб падарамро бисёр эҳтиром менумуд. Дар давоми 6-моҳ падарам илми кашмириро пурра аз бар намуда будасту касе аз ин кору аз ин сир хабар надошт. Баъди 6- моҳ барфи (тарма) ағбаҳои Яғноб об нашуд, аз ҳамин сабаб, муллои яғнобӣ роҳи сафарашро ба самти ватан тағйир дода, ба воситаи Деҳнав ба роҳ даромад. Падарам ӯро то ба деҳаи Чӯянгарон мегуселонад. Бобои Сӯфӣ Нозири чӯянгаронӣ (падари Сангинмуроду Шоҳмурод ва Ҳоҷимурод), ки марди сахию меҳмондӯст буд, онҳоро шаб дар хонааш меҳмондорӣ карда, зиёфат медиҳад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурољиат намоед*

Субҳи содиқ дар вақти видоъ муллои яғнобӣ китоби «Канзул–Ҳусайн»-ро аз борхалта бароварда, ба падарам медиҳад ва мегӯяд:

— Роҳи водӣ басе дуру хатарнок аст, ин китобро бо худ нигоҳ дор, агар марг амон диҳаду Худованд хоҳад, баъди ягон сол бо роҳи ағба омада, китобро мебарам. Аз муллои яғнобӣ дигар хату хабаре нашуд, он китоб ба падарам мемонад.

Қулмуҳаммади Солеҳи ромитӣ Саъдуллои Муҳаммадии дараи ҳамзагӣ, ҳар ду аз дӯстону ҳамсафарони даврai ҷавонию пирии падарам буданд. Қулмуҳаммад ёдоварӣ карда мегӯфт:

—Усто Нур барои таъмини ризқу рӯзии аҳли хонадонаш азми сафари Самарқанд мекунад. Ӯ ҳамроҳи дигар ҳамдиёрон дар яке аз корхонаҳои шахсии ин шаҳри зебои дунё ба кор медарояд. Овозаю шӯҳрати сеҳргари ҳинду дар шаҳрҳои Тошканду Бухоро ва Самарқанд паҳн шуда буд.

Рӯзи якшанбе дар саҳни Регистони Самарқанд, мардумони сершумори синну соли гуногуни шаҳр ҷамъ омада, бо шавқ корнамоии (гипноз) сеҳргари ҳиндуро тамошо мекарданд. Баъди чандин намоишҳои аҷоиби ҳайратовар, сеҳргар ҷавони тахминан 17–18-солаеро дар болои мизи дарозе хобонда, сарашро бо теғ ҷудо кард. Баъзе аз тамошобинони сустиродаи савдои мизоҷ аз ин лаҳзаи фиребанда кам монда буд, ки девона шаванд. Рафиқони Усто Нур, ки аз сирру асрори ӯ огоҳӣ доштанд, хоҳишу илтиҷо намуданд, ки ту ҳам боре амали илми аз бар кардаи худро барои имтиҳон санҷида бин, ки рост аст ё дурӯғ. Усто Нур меранҷаду аз ҷайбаш халтаи хоке, ки аз хонаи кӯрмуш гирифта буду бо худ доимо нигоҳ медошт, чизеро хонда, бегумон ба саҳнаи сеҳр (гипноз) мепошад.

Дар ин ҳангом, сеҳргари ҳинду мехост сари аз тан ҷудои ҷавонро дар ҷояш гузораду ҷавон атса зада хезад. Ногаҳон дастони сеҳргар ба ларза даромада, оҳиста-оҳиста тамоми бадани ӯро фаро гирифта чашмонаш калон-калон кушода шуда бо тарсу ҳарос фарёд карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ҳой мардум, дар байни шумо шахсе ҳаст, ки илми кашмирироаз манбеҳтар медонад. Сеҳргаряқин медонист, ки сирраш фош мешаваду ҷавон ҳалок мегардад, бинобар ҳамин бо зорию нола илтиҷо карда боз гуфт:

— Эй донандаи илми кашмирӣ, қасам ба 99 исми бузурги Худованд ва қасам ба рӯҳи пирони илми кашмирӣ ёрӣ расон, ҳамаи маблағи ҷамъшуда бо ҳазор тангаи бухороӣ аз они ту!

Усто Нур боз каме таваққуф кард, сеҳгар боз ҳам асабонитар шуда гуфт:

— Эй мард, ҷавонмардӣ куну маро шармсори олам нагардон, ки баъди 3 дақиқа кор ба расвоӣ меанҷомад. Бори дигар қасам ёд мекунам, ки агар ёрӣ расонӣ, 3 ҳазор тангаи бухороӣ аз они ту мешавад ва ман Самарқандро тарк мекунам. Дили Усто Нури ҷавон ба ҳоли сеҳргари ҳинду месӯзаду мушти хоки дигареро дуое хонда ноаён ба саҳна мепошад. Дар ҳамин ҳангом сеҳргар, ки ба обу арақ ғӯтида буд, оҳи сабуке кашида сарро ба тан пайваст мекунад ва ҷавон чашмонашро кушода, аз болои миз мехезад. Мардуми дар ҳайрат афтода, оҳиста-оҳиста пароканда мешаванд ва касе корнамоии Усто Нури ҷавонро ғайр аз се рафиқу сеҳргари ҳинду, пайхас намекунад.

Усто нур бо се нафар ҳамватанонаш ба коргоҳ бармегарданд. Баъди се рӯз сеҳргари ҳинду Усто Нурро меёбад, ба оғӯш кашида мегӯяд:

— Самарқандро ба Шумо бахшидам, ман меравам.

— Усто Нур мегӯяд:

— Не, Шумо ба ҳеҷ куҷо намеравед, Самарқанд ба Шумо насиб кунад, шумо музди кории 10-солаи маро пардохтед, баъди 3 рӯз ба зодгоҳам бармегардам.

Аз ин суханони одилонаи Усто Нур сеҳргари ҳинду хурсанд шуда, боз 500 тангаи дигари бухороӣ ба ӯ ҳадя медиҳад

Усто Нур ба аҳдаш вафо карда, баъди 3 рӯз тарки Самарқанд карда, ба ватани азизаш бар мегардад. Бобои Қулмуҳаммад Солеҳов, ки солҳои зиёд вазифаи раиси



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷамоати Ромитро ба ӯҳда дошту аз тамоми сирру асрори дӯсташ, Усто Нур бохабар буд, ёдоварӣ карда мегуфт:

— Усто Нур устои хатна, оҳангар, ҷарроҳ низ буд, ки бо дастури ҳазрати Мавлавӣ касалиҳои хурӯсак, нувола (захми зери милку болои чашм), санги шошадон ва дигар захмҳои пӯстро бо асбобҳои махсус ҷарроҳӣ мекард ва доимо дар хизмати мардум буд.

Пирамардони деҳоти атрофи Ромиту Файзобод, ки дар қайди ҳаётанд, ёдоварӣ карда мегӯянд, ки Усто Нур дар тӯю ҷашнҳои наврӯзи барои табъи мардумро хуш кардан, ду пӯсти қоқ шудаи бузу гӯсфандро бо ҳамдигар ҷанг меандохту мардум завқ мебурданд. Пиразанон низ то ба ҳол мегӯянд, ки Усто Нур гиёҳи хушк (хас)-ро хоида баъди 5–10 дақиқа гулӯяшро афшонда, аз даҳонаш сӯзан мебаровард ва он сӯзанҳоро ба мо, духтарон тақсим карда медоду мо гулдӯзӣ мекардем. Бобои Саъдулло ёдоварӣ карда мегӯяд:

— Барзагову аспи Усто Нурро дар бозори Янгибозор фурӯхтему дар хӯрҷин аз бозор қанду чой, собуну гӯгирд харидем, ки 25-26 кг вазн дошт. Хӯрҷинро бо навбат бардошта, ба самти Ромит роҳ мепаймудем.

— Аз мавзеи деҳаи Яккатол мегузаштем, ки як ҷавонмарди азимҷусса бо мо ҳамроҳ гардид. Аз афту башараи ин ҷавон маълум буд, ки ӯ дузд ё роҳзан аст, зеро ки ба сару либос ва хӯрҷини мо чашм дӯхта нописандона мегуфт:

Эй тачик (тоҷик), эй харбачаҳо дар хӯрҷин чӣ доред? Аз ин саволи таҳқиромезӣ ӯ мо аниқ ҳис кардем, ки роҳзанест, басе нотарсу хунхор ва аз тарзи ҳарфзанияш пай бурдем, ки миллаташ тоҷик нест, зеро ки моро «харбачаҳо» гуфта масхара мекард. Дар лаби чашмаи таги деҳаи Қипчоқ, ки ҷои хилват буд, сари роҳи моро гирифта, аз таги ҷомаи дарози думетрааш шамшери ялаққосиро бароварда, ба мо ҳуҷум кард. Аз тарси ҷон хӯрчинро, ки пули барзагову асп низ дар дарунаш буд, ба пеши дузди ғуломонанд ҳаво додем. Хӯрҷинро таку рӯ карда пул мекофт. Маълум буд, ки ҳанӯз дар бозор аз дунболи мо мегаштааст ва ҳатто дар хӯрҷин пинҳон кардани пулро низ медонистааст. Дар ин ҳангом мо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аниқ кардем, ки пас аз пулро ба даст даровардан, албатта моро ҳалок мекунад. Усто Нур як ларзиду арақ сару рӯяшро пахш кард ва бо як тезӣ аз ҷайбаш халтачаи хокистарро бароварда, тез- тез чизеро хонду ба болои сари дузд пошид. Хаёл кардам, ки гирдбоди сиёҳе дар атрофи дузд давр зад ва хари бӯре дар ҷои истодаи дузд пайдо шуд. Усто Нур дар обу арақ ғӯтида, оҳи сабуке кашида, арақи ҷабинашро бо пушти даст пок кард ва гуфт:

— Хӯрҷинро ба тартиб оварда, ба пушти хар бор кун! Ман аз ин ҳодисаи ҳайратовар карахт шуда, чӣ кор карданамро намедонистам ва ба гуфтаҳои мардум дар бораи сеҳр боварӣ ҳам надоштам. Усто Нур хӯрҷинро худаш ба пушти хар бор карду аз болои он савор шуд ва ба ман низ ишора кард, ки савор шавам. Ман сар ҷунбонда, инкор кардам, аз тарс гап зада наметавонистам. Росташро гӯям, аз Усто Нур метарсидам. Усто Нур харсавору ман пиёда то ба деҳаи Чӯянгарон рафтем. Дар таги деҳа ӯ аз хар фаромаду сар ҷунбонда гуфт:

— Агар Ҳазрати Мавлавӣ аз ин кори мо хабардор шавад, чӣ мегуфта бошад? Ман аз тарс ҳайрон - ҳайрон ба ӯ нигариста,чизе гуфта наметавонистам.

Усто Нур хӯрҷинро аз пушти хар гирифта, ба замин гузошту хокеро дуо хонда, ба сари хар пошид. Ҳамон гирдбоди дар назди чашмаи Қипчоқ ба вуҷуд омада пайдо шуду ба осмон баромад ва ба ҷои хар ҳамон замон дузди думетра меистод. Ӯ ҳайрон-ҳайрон ба мо менигарист. Дар хонаи Сӯфӣ Нозири меҳмондӯстчой нӯшида, намози пешинро хондему ба роҳ баромадем. Намози шомро дар хонаи Усто Нур хондем. Хаста будем, тез хобамон бурд. Субҳи содиқ намози бомдодро хонда будем, ки фарзандхонди Ҳазрати Мавлавӣ Абдусамад аз дар даромадан замон гуфт:

— Шуморо Ҳазрати Мавлавӣ ҳамроҳи Домулло Абдураҳим даъват кардаанд. Пеш аз омадани ин қосид ҳам мо медонистем, ки ин рафтору кирдори мо чун оина дар пеши чашмони авлиёи бузург муайян шуда истодааст. Баъди як соат дар назди Ҳазрати Мавлавӣ сархам, зону зада хомӯш менишастем. Ӯ насиҳат карда, бо нармегуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Мулло Нуралӣ, Шумо хуб медонед, ки сеҳр дар шариати ислом куфру бидъат аст! Ман фаҳмидам, барои халосии ҷон аз зарурат ба ин кор даст задед. Агар он китоби Шумо ба дасти фарди дунёталабе афтад ва он илмро аз бар намояд, ба чӣ корҳои бад даст мезанад. Офарин ба Шумо, ки аз Худо метарседу ғайри сӯзанбарорӣ дигарашро истифода намебаред. Аз ҳамин рӯзу соат дар назди Офаридгор тавбаи Насиҳо куну он китоби шайтониро нест! Усто Нур аз ҷой бархеста, ду даст пеши бар оҳиста гуфт:

— Ҳазратам Шумо аз ман беҳтар медонед, ки дузди қотилро Уроз паҳлавон (личак) ном аст. Аз дасти ин дузди хунхор роҳгузарону мусофирон ба дод омадаанд. Ӯ хуни садҳо одамонро рехта, молу амволашонро ба яғмо бурдааст. Ҳазратам, ҳазорон тавба кардам, тавбаи Насиҳо кардам, китобро нест мекунам. Ҳамсӯҳбати Мавлавӣ Домулло Абдураҳими тӯдаи наскӣ, ки яке аз олимону орифони бузурги давру замон буд гуфт:

—Мулло Нуралӣ, кӯшиш намо, ки савгандро нашиканӣ, баъди ин тавба, ҳамаи он гуноҳҳоят омурзиш меёбад.

Усто Нур то дами охирини ҳаёташ ба тавбаи Насиҳо содиқ монд. Бобои Саъдулло илова карда мегуфт:

— Ман ин сеҳри Усто Нурро ба одамон нақл мекунам, баъзеҳо бовар мекунад, баъзеи дигар афсона пиндошта, бовар намекунанд. Ҳар ду ҳам дуруст аст, зеро ки мегӯянд, «Шунидан кай бувад, монанди дидан», то он вақте ки сеҳри ӯро надида будам, ман ҳам бовар накарда, афсона мепиндоштам. Усто Нур соли 1955 оромгоҳи Ҳазрати Мавлавиро зиёрат карда, баъди 3 рӯз дар деҳаи Лошхарф тарки дунёи фонӣ кард ва оромгоҳаш ҳамон ҷост.

## СЕЛИ БАЛО

Эшони Сайид Ҷаъфар ибни Эшони Сайид Икром (раҳматуллоҳи алайҳ), ки аз сайидзодагони асил буданд, доимо ёдоварӣ карда мегуфт:

– Падари бузургворам Эшони Сайид Икромро селоби бало, яъне бадарғаю тройкаи солҳои 1929-1939 ба коми



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даҳшатноки худ кашида абадӣ бе ному нишон гардонд. Пеш аз саршавии ин солҳои қурбонию нокомиҳо мо ҳамроҳи падарам дар деҳаи Мирато иқомат доштем. Деҳаи Мирато дар лаби дарёи Кофарниҳон домани кӯҳҳои сабзпӯши дараи Ромит ҷой гирифта, бо боғҳою чаманзорҳои дидаафрӯз, шаршараҳои хушсадою дилнавоз, чашмаҳои босафо, обу ҳавои гуворо ва садои хониши булбулу кабкҳои раънои худ шӯҳрати оламгир пайдо кардааст. Банда ҷавони 13-14 солаи толибилм будам. Шабу рӯз дар талаби илм китобҳои зиёдеро варақгардон намуда, роҳи ҳақро меҷустам. Бештари вақтро барои тиловати Қуръони азимушшаън сарф мекардам. Дар ҳамон айём, дар дилам ғайр аз меҳру муҳаббат Худованд чизи дигар аз умури корҳои дунявӣ ҷой надошт, аз ҳамин сабаб дилам чун осмон софу ҳамчун оина беғубор буд.

Сабоҳи рӯзи чаҳоршанбе баъди адои намози бомдодӣ ва зикру қироати Қуръон ва хондани авроди шариф дар болои ҷойнамоз, ки дар соҳили дарёи Кофарниҳон густурда шуда буд, дер гоҳ ба тавағҷӯҳ нишастам

Дар ҳолати «бехудӣ» афтода ва дидам, ки абрҳои сиёҳу тира рӯи осмони софу беғуборро фаро гирифтанд. Пардаи зулмоти торикӣ дар як мижа задан равшаниро аз байн бурд ва борону жолаи зиёде борид.

Баъди дақиқае сели азим хонаю дарахтони зиёдеро решакан карда бурд. Пас аз фано гаштани хонаю дарахтан дидам, ки бою муллоҳои номдору бомаърифати манотиқи кӯҳистонро бо аҳли оилаашон сели хунхор оварда истодааст. Онҳо барои наҷоти ҷони худу зану фарзандони ҷигарбандашон дасту по мезананд ва имдоду ёрӣ металабиданд, вале афсӯс сад афсӯс, ки дили касе ба ҳоли эшон намесӯхту фарде ҳам ба онҳо ёрӣ дода наметавонист. Аксари аз ин ғарқшавандагон ба ман шинос буданд. Ногаҳон дидам, ки падари бузургворам ғарқ шуда меояд, ӯ чун дигарон барои халосии ҷони худ дасту пой ва ҳатто барои наҷоти хеш кӯшиш ҳам намекард. Ин ҳолатро дида додгӯён давида гуфтам:

Эй падари бузургвор, дастатро деҳ, наҷотат диҳам. Ӯ табассуми ширине карда дасташро ҷунбонда ишора карда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Не, фарзанди азиз, қисмати иллоҳӣ чунин будааст, тақдирро тадбир кардан мумкин нест. Бигзор ман қурбони сели бало шаваму шумо дар амон бошед. Ман аз ин гуфтаҳои падари азизу ғамхор рӯямро бо ду даст пӯшонида, бо сӯзи ҷигар зор–зор гиристам. Чунон нола мекардам, ки гӯё аз чашмонам ҷӯйи хун равон буду кӯҳу саҳро ва дарё ҳам ҳамовоз шуда баробари ман менолиданд.

Оҳиста - оҳиста аз машрик нуре пайдо гардиду борону жола басанда шуд ва дунё равшану сели бало пасттар гардид.

Дидам се мард дар долои дарё пайдо шуд, ки ба ҳам сӯҳбаткунон ба сӯи ман меомаданд. Эшонро сару либос якранг буд. Аммомаи сафед дар сару пироҳани сабзи дароз дар тан доштанд, аммо дар дасти марди мобайн, ки аз ду нафари дигар як сару гардан баланд буд, китоби калоне варақгардон шуда меистод. Онҳо рӯ-рӯи дарё ба самти ҷараёни об меомаданд, ғарқ намешуданд ва ба ин селоби бало аҳамияте ҳам намедоданд. Чун ба бандаи оҷиз наздик шуданд, эшонро шинохтам.

Аз рост Домулло Давлати сорвой, ки оби дарё то ба буҷулаки пояш мерасид ва аз тарафи чап Домулло Абдураҳими тӯдаи наскӣ, бо душворӣ ҳаракат мекард, ки оби сели дарё то ба зонуяш пахш карда буд, дар мобайни ин ду олими забардаст Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (Домуллои Сурхиён), ки китоби дар дасташ бударо варақгардон карда, аз оби дарёи сели бало як ваҷаб боло меистоду пойҳои муборакаш ба об намерасид ва тар ҳам нашуда буд. Бандаи оҷиз, ки ҳамагӣ сездаҳ ва ё чордаҳ сол умр доштам, аз ин мартабаю мақомоти ин се орифу бузург дар ҳайрат мондам…

Дар ҳақиқат, баъди як сол, яъне аз солҳои 1929 сар карда то соли 1939, дар давоми даҳ сол дарёи сели балои бадарғаю «тройка» ҳазорон бою муллоҳои бомаърифатро, ки зиёиёни миллат ба шумор мерафтанд, ба коми худ фурӯ бурд. Дар қатори ин қурбониён, олимону шоирон ва нависандагони бузурги миллат, ки сутуни ватану чароғи равшани сарзамини азизамон буданд, дар Қафқозу Сибири



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дур ҷон ба сахтиҳо доданд. Дар ин давра тунбоди давру замон Домулло Давлату Домулло Абдураҳимро хело сарсону саргардон карда ва падари бузургвори банда, Сайиди асил Эшони Икромро ба доми худ кашид. Ин тундбоди сели бало, агарчи эҷодиёти гаронбаҳои Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳро пароканда ва бисёри онро нест карда бошад хам, ба ҷисму ҷони он Ҳазрат осебе расонида натавонист.

Ҳазрати Мавлавӣ, дар ҳақиқат, авлиёи замон буд. Аз ҳамин сабаб дуои ӯ ба даргоҳи Худованд қабул мешуд. Сӯфи Нозири чӯянгарони марди порсою сахӣ ва муриди Ҳазрати Мавлавӣ низ буд.

Рӯзе Ҳазрати Мавлавӣ ӯро дуо дода гуфт:

– Сӯфӣ Нозир аз фарзандонат ёбӣ! Ин дуои авлиёро Худованд, дар ҳаққи Сӯфӣ Нозир мустаҷоб мегардонад.

Ин марди порсою Худоҷӯро Худованд як духтару се писари солеҳ насиб гардонид.

Сангинмуроду Ҳоҷамурод ва Шоҳмурод анъанаи падари бузургворашон Сӯфӣ Нозирро давом дода, дӯсдорони роҳи Ҳақ, авлиёю анбиё буданд ва ҳастанд. Аз ҳамин лиҳоз Худованди корсоз ба эшон ба монанди Хурсандӣ, Яъқубҷон ва Темурхону Ҷамшед барин фарзандони барӯмандро насиб гардонид. Иншооллоҳ дуои Ҳазрати Мавлавӣ абадӣ мустаҷоб мегардаду авлодони минбаъдаи Сӯфӣ Нозир чун ҷадди бузургворашон доимо порсоию саховатмандиро аз даст надода, аз насл ба насл мерос мегузоранд.

*Саховат кун, ки ҳар кас к-ӯ сахӣ буд,*
*Раво набвад, ки гӯянд дузахӣ буд.*
*Меҳрубонӣ кун, ки марди меҳрубон,*
*Дорад аз асли ҷавонмардӣ нишон.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ИХЛОСМАНД

*Тоат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,*
*Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.*

Шайх Саъдӣ

Бобои Ҳоҷӣ Қурбоналии Одина зодаи деҳаи Кишти Болои ноҳияи Шӯрободи вилояти Хатлон аст.

У дорандаи эмони комилу ихлосманди авлиёю анбиёст. Аз ҳамин лиҳоз, ӯ доимо дар зиёрати оромгоҳҳои орифони бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ ва Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (Домуллои Сурхиён) буда, рӯҳи поки онҳоро ёд карда, аз даргоҳи Худованд роҳи наҷоти фарзандонашро баҳри




1 *Зарринкамар -Заркамар, дар мавзеи хушбоду ҳаво дар деҳаи Миршикоррони ҷамоати деҳоти Сарчашмаи Шӯробод ҷойгир аст.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

расидан ба саодатмандӣ дар ҳар ду олам хоҳон аст. Ӯ мегӯяд:

– Соли 1990 дар маҳфиле шунидам, ки махсуми Абдулқуддус (Даҳмарда) фарзанди Ҳазрати Мавлавӣ Домуллои Сурхиён ҳасту Домуллои Сурхиён наберагони Домулло Ҳусейни Зарринкамар[1] ва Домулло Ҳусейни Зарринкамар бошад аз шаҷараю силсилаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Мир Сайид Муҳаммади Нурбахш мебошад. Дар дилам меҳри орзуи дидори муборaки фарзанди авлиёи бузург эшони Махсуми Абдулқуддус аланга зад. Ҳамон сол ба ёрии фарзанди барӯмандам Нуралӣ роҳи деҳаи Навободи ноҳияи Ленинро пеш гирифта, ба зиёрати ин марди ҳалиму хоксор мушарраф гардидам. Аз сӯҳбату амри маъруфи Махсуми Адбулқуддус баҳраҳои маънавию рӯҳӣ гирифта, ба хулоса омадам ва дарк кардам, ки ӯ донандаи таъриху адабиёти форси тоҷик ва илми тиб буда, рӯҳи поки авлиёи бузург, – падари бузургвораш ӯро мадад мекунад. Табибону гиёҳшиносон бисёранд, лекин роҳу услуби табобати ӯ аз илми падари бузургвораш сарчашма мегирад, ӯ бо мадади авлиё машҳур гаштааст. Бобои Ҳоҷӣ Қурбоналӣ бо меҳру ихлоси самимӣ мегӯяд, ки шабе рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавиро дар хоб дидам, ки ба ман тавсия дода мегуфт:

– Қурбоналӣ азми сафари қибла кун ва ба ин гуфтаҳои пири тариқат Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ амал намо!

*Дили ту хилвати муҳаббати ӯст,*
*Ҷонат оинадори талъати ӯст.*
*Оина пок дору дил холӣ,*
*Ки назаргоҳи хоси ҳазрати ӯст.*

Субҳи содиқ ҳамроҳи писарам Нуралӣ ба зиёрати пирам Махсуми Абдулқуддус шитобидаму хобамро ба ӯ гуфтам. Ӯ дар таъбири хоб ба ман тавсия дод, ки азми зиёрати хонаи Худо намоям. Бо тавсияи пирам 1999 азми сафари Байтуллоҳ кардаму сазовори номи шарифи «Ҳоҷӣ» шудам. Баъди адои ҳаҷ қалбам пур аз меҳру муҳаббати Иллоҳӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гардиду эмонам қавитар шуд. Аз ин сӯҳбатҳою вохӯриҳои пай дар пай ихлоси банда нисбати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ даҳчанд гардиду Махсуми Абдулқуддусро ҳамчун пири тариқат пазируфтам.

Дар айни замон банда тез-тез дар сӯҳбатҳои пур аз ҳикмати пирам хозир шуда, ба фарзандонам Сабзалӣ, Файзалӣ, Нуралӣ ва Умаралӣ доимо таъкид карда мегӯям, ки доимо дар маҳфилҳои эшон иштирок намуда, аз панду ҳикматҳои фарзанди ҳазрати Мавлавӣ бахраҳои рӯҳию маънавӣ гирифта, дар кору зиндогиятон истифода баред.

*Қутби олам нуктаи паргори рӯҳ,*
*Шайхи мо сармояи ганҷи футӯҳ.*

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ

Ин сидқу ихлоси самимии Ҳоҷӣ Қурбоналии Одина ба фарзанди барӯмандаш сарсипаҳсолори ҳомии ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон Одинаев Нуралӣ Қурбонович, ки дар айни замон сарвари шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Кофарниҳонро ба ӯҳда дорад, низ асар кардаст. Инсони поку ҳақпарастро халқу Худо дӯст медорад. Нуралӣ инсони комилу поку ҳақпараст аст. Насиҳатҳои падари бузургворашро ба инобат гирифта, мувофиқи дастуру тавсияи пири падараш Махсуми Абдулқуддус дар кори шахсию тартиботи ҷамъиятӣ ба комёбию муваффақиятҳои калони беназир муваффақ гардидааст.

Ин ҷавонмарди бомаърифат ба доди мардумони ҷабру ҷафо кашида хайрхоҳона мерасад. Шаҳодати ин муваффақиятҳо дар он аст, ки аз рӯзи ба кор омаданаш сар карда сафи қонунвайронкунандагон дар шаҳру ноҳияи Кофарниҳон рӯз то рӯз кам шуда истодааст.

Дар айни ҳол ба шарофати кордонии хирадмандонаи ӯ вазъи шаҳру ноҳия ором гардида, мардумон дилпурона шабонаю рӯзона дар кӯчаҳо рафту омад мекунанд ва ба корҳои дилхоҳашон машғуланд.

Ба зимми корҳои ниҳоят масъулиятноку муҳими давлатӣ Нуралӣ ҳамчун инсони асил ихлосманду дӯстдори назми



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

чаҳонгири форсу тоҷик буда, дар асоси гуфтаҳои олимону орифани бузургамон зиндагиро ба роҳ мондааст.

Ӯдонандаи хуби ашъори Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию, Саъдӣ ва Хоҷа Ҳофизу Ҷомӣ мебошад.

*Ҳар ки ихлос қадам мезанад,*
*Исии вақт аст, ки дам мезанад.*

Ҷамъияти имрӯзаи мо ба чунин ҷавонмардони фидокор ва кордон ниёз дорад. Иншооллоҳ ба шарофати меҳру ихлоси баландаш нисбати илму маърифат ва авлиёю анбиёҳои бузург худованд орзуҳои аввалину охиринашро амалӣ мегардонад.

## БОЗУБАНД

Домоди ҳазрати Мавлавӣ Асо Сафари даштибедӣ апааш Назираро бо орзую умед ба Гули ҳисорӣ хонадор карда буд. Онҳо аз зиндагонии тӯлонии якҷоя 12 нафар тифлакони навзодро аз синни серӯза то ба сесола бо сабаби бемориҳои гуногун ба хок супоридаанд. Назираю Гули ҳисорӣ дар ғами ҳиҷрони ин тифлакони маъсуми ҷигарбандашон обу адо гашта, ба даргоҳи худованд муноҷот намуда менолиданд.

Баҳори соли 1945 Худои бузарг ба эшон тифли 13-умро насиб гардонид. Чуноне ки халқ мегӯяд: - «моргазида аз ресмони ало метарсад» Падару модари ноком, ба зинда мондани охирини фарзанди ҷигарбандашон боварӣ надоштанд. Онҳо чун мурғони пойсӯхта ба чор тараф медавиданду чи кор карданашонро намедонистанд. Фақат ба Холиқи арзу само умед мебастанду бас.

Духтари Ҳазрати Мавлавӣ–Бибироҳила (завҷаи Асо Сафар), дилаш ба ҳоли онҳо месӯзад ва бозубанди худро, ки аз падари авлиёаш ба ӯ ҳамчун мерос ёдгорӣ монда буд, ба бозуи рости тифлаки навзоди серӯза мебандад ва мегӯяд:

– Ба шарофати ин бозубанд, Худои бузург умри ин тифлаки покро иншооллоҳ дароз мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Бо тавсияи Бибироҳила кӯдакро ба Сурхиён мебаранд ва дар гирди оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ мегардонанду оварда дар даруни меҳроби масҷиди деҳа лулапеч карда мехобонанд.

– Дар ҳамин вақт Махсуми Аслам пеш-пешу Махсуми Абдулҳақ дунболи ӯ барои адои намози пешин вориди масҷид мегарданд. Назираю Гули Ҳисорӣ гирён шуда, сабабҳои фавти 12 нафар тифлаконашонро бо сӯзу гудоз аз дили пурҳасрату ҷигари 12–порагашта баён мекунанд. Дили эшон ба ҳоли онҳо месӯзад.

Махсуми Аслам хам шуда кӯдаки лулапечро бо ду даст аз меҳроб гирифта сарашро силла мекунад, ба Махсуми Абдулҳақ нишон дода мегӯяд:

– Эшони Махсум, иншооллоҳ Худованд ба шарофати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ умри ин Мачитиро дароз мекунад.

Аз ҳамон дақиқаю аз ҳамон соат ин тифли навзод ба худ исми хоси Мачитиро мегирад ва оҳиста-оҳиста тандуруст мешавад.

Соли 1948 ба сари Назира бадбахтии нави ногаҳоние меояд. Ӯ орзуҳои ширинашро барбод медиҳад.

Шавҳари бовафою пушту паноҳаш, шавҳаре, ки як умр дар ғами фарзанд сӯхта, обу адо шуда ва орзуи тӯй кардану хатна намудани Мачитии хандонрӯякро дар дил орзу мекард, дилаш яку якбора аз тапиш монд. Дунё дар назари Назира гӯё торикистони зулмотро мемонд. Тарбияи ин тифлаки дӯстрӯяки чусту чолоки акнун роҳгардонаш ба зиммаи Назираи муштипар афтода буд. Гарчанде ки тағояш Асо Сафар ӯро бо ноз мепарварид, аммо ҳеҷ гоҳ ҷои навозиши падари азизу ғамхорро намегирифт.

Соли 1950 мурдуми деҳоти манотиқи кӯҳистонро муҳоҷир намуданд. Кӯчи Махсуми Аслам ва Махсуми Абдуҳақро ба тавсияи Асо Сафар ба деҳаи Даштибеди Калон оварданд.

Мачити панҷсола то ба синни балоғат дар тарбияи фарзандони Ҳазрати Мавлавӣ Махсуми Аслам ва Махсуми Абудҳақ монд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Махсуми Аслам ва Махсуми Абдуҳақ, ки аз тарафи падари Сайид ва аз тарафи модари амирзода, яъне наберагони амирони бузурги Афғонистон, амир Ҳайдару амир Абдураҳмонхон буданд ва аз тарси сиёсати баъзе аз аъзоёни ҳизби коммунист, номгум мегаштанд ва чи кас будани худро ошкор намекарданд.

Ба шарофати ҳазрати Мавлавӣ ва дуоҳои Махсуми Асламу Махсуми Абдулҳақ ин тифли ятимро Худованд соҳиби илму маърифат гардонид. Маҷитӣ Гулов баъди хатми риштаи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон вазифаи раиси суди ноҳияи Кофарниҳонро ба ӯҳда дошт.

Баъзе ашхоси тангназари тасодуфие, ки сафҳои ҳизби коммунистро банд карда буданд ва дар ниқоби коммунист амал намуда ба номи ҳизб иснод меоварданд, ӯро чашми дидан надоштанд, зеро ки инсони ҳақпарастро афроди тангназар ҳеҷ гоҳ дӯст намедорад. Аз ҳамин сабаб бо баҳонае, ки падарарӯсаш Ато Нозиров дар маҳбас нишастаасту доғи судӣ дорад, ӯро аз вазифаи басе масъулиятноки давлатӣ дур карданд. Маҷитӣ бо як меҳру ихлоси самимӣ изҳор карда мегӯяд:

– Ҳар замоне, ки мушкилие ба сарам ояд ва ё душмани саъбе қасди ман кунад, он бозубанди ёдгории Ҳазрати Мавлавиро, ки бо худ нигоҳ медорам, гирифта, рӯҳи поки он авлиёи бузургро аз сидқ ёд мекунам. Худованд мушкиламро мекушояду он душмани бадро ба балое гирифтор карда аз ман дур месозад. Маҷитӣ Гулов ҳоло сарварии бозори марказии шаҳри Кофарниҳонро ба ӯҳда дорад. Худованд ихлосмандонро аз ҳар балою офатҳои дунявӣ нигоҳ медорад ва ризқу рӯзияшонро кушода, баракат дар касбу корашон ато мекунад.

## ЁДЕ АЗ ТАЪРИХИ СУРХИЁНИ КӮҲАНБУНЁД

Одамони зиёде суол карда мепурсанд, ки Сурхиён шаҳр аст ё деҳ он дар куҷо ҷойгир аст.

Фарзандони бузурги боилму фарҳанги худод, номи ватану миллат ва зодгоҳашонро маъруфу машҳури ҷаҳониён мегардонанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сурхиён бо шафоати бузургии илму ирфони орифи бузург Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (Домуллои Сурхиён) дар байни мардум машҳур гашта бошад ҳам, ӯ ҳамчун деҳаи кӯҳан таърихи қадима дорад. Аз мавзеи чукидаи Сурхиёни кӯҳан сокинони деҳаҳои атрофи он, осорҳои таърихиро, аз қабили тангаҳои гуногуни металӣ бо нишонаҳои давраҳои қадим мӯҳр дода шуда, расмҳои хурӯс ва оҳую шерро, ки аккосӣ намуда буданд, ёфтанд, ин шаҳодати давраҳои қадими давлатдории тоҷикон ва кӯҳанбунёд будани деҳаи Сурхиёнро исбот мекунанд.

Дар «Ёддоштҳои тарҷумаҳоли»-и худи Ҳазрати Мавлавӣ оварда шудааст:

– Баъди мусофирати 27-солаи хеш аз сарзамини Ҳиндустону Афғонистон ва мамолики Араб баргашта зиндагии доимиро дар деҳаи Роҳатии Калон ихтиёр намуда, дари илму маърифатро барои мардумони ин диёр кушодам.

Рӯзе ҳамсаф ва ҳамсабақам Домулло Муҳаммадсалим дари масҷидро кушоданду вориди он гардиданд. Баъд аз ҷудоии 19-сола ҳамдигарро ба оғуш кашида, ба ёди рӯзҳои гузашта дар мусофират, гоҳ аз шодию гоҳе аз ғам ашк аз чашмонамон равон гардид.

Домулло Муҳаммадсалим аз ҷудоии соли 1888 дар Кобул ба вуқӯъ омада, нақл карда мегуфт:

–- Вақте ки Шумо бо хоҳиши амири Афғонистон амир Абдураҳмонхон барои табобат намудани амирзодаи мариз Ҳабибуллохон дар Кобул мондед, банда ҳамроҳи Домулло Абдукарим азми тавофи конаи Каъба намуда, бо лутфу марҳамати Худованд ба зиёрати Байтуллоҳ шарафёб гардидем. Расо ҳафт сол дар шаҳрҳои Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара истиқомати доимӣ доштем.

– Дар давоми ин ҳафт сол, соле як маротиба ба миқдори чил рӯз, дар ғори Ҳиро (ғоре, ки ҳазрати пайғамбарамон Муҳаммад (с) ба Худованди Ломакон муноҷот мекард ва Ҳазрати Ҷабраил ба ӯ ваҳӣ меовард), чилла нишаста, ибодат намудем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шабе дар хоб дидам, ки мӯйсафеди нуроние ба ман хитоб карда гуфт:

– Эй аҷамӣ, аз хоб бархезу бар ватани хеш баргард, дар деҳаи Сурхиён мадраса бунёд кунед ва чароғи илму маърифатро дар кӯҳистон биафрӯзед! Дар ҷавоби ин пирамарди нуронӣ, ки бо лафзи ширини дарӣ ҳарф мезад, дар тааҷҷуб монда гуфтам:

– Чаро дар Сурхиён, охир он деҳ зодгоҳи ман нест? Ӯ дар ҷавоб гуфт:

– Сурхиён деҳи муқаддас аст. Агар дар он деҳ нури чароғи маърифат афрӯхта шавад, пас ҳама деҳоти атрофи он ҳатто сарзамини кӯҳистони Мовароуннаҳр бо шарофати нурҳои пурмаърифати ин чароғ мунаввар мегардад.

Банда аз суханони ширину пандомези ин суханвари фарсигӯ дар кишвари араб ба ваҷд омада, бо тааҷҷуб аз ӯ пурсон шудам. Эй пири тариқат, Шумо чӣ касед, ки бо забони ширини модарии мо дар ин сарзамини араб ҳарф зада, воъизӣ мекунед?

Он пири тариқат каме табассуми ширине карда, бо шевои ширини дарӣ гуфт:

– Магар аз саргузашти аҷоибу ғароиби Салмони Форс огоҳӣ надоред?

Пас фаҳмидам, ки ин пири тариқат яке аз саҳобагони наздиктарину беҳтарини пайғамбарамон Ҳазрати Муҳаммад (с) ва пешвою раҳнамои мардумони форсизабони дунё, Ҳазрати Салмони Форс будааст. Меҳри ҳамватанам Салмони Форс бори дигар дар замири қалбам шӯълавар гардиду бо як меҳру муҳаббати самимии ватанхоҳона ба пеш ҳаракат намудам, то ки дастони муборакӣ он Ҳазратро бибӯсаму ба дидагонам бимолам. Лекин афсӯс сад афсӯс, ки аз хоб бедор шудам.

Сипас бо дастури рӯҳи поки пешвои форсизабонони дунё, яъне Ҳазрати Салмони Форс ба ватан баргаштаму бо лутфи Худованд ба кӯмаки ёрии беғаразонаи мардумони илмдӯсти кӯҳистон, дар деҳаи Сурхиён мадраса бунёд намудем ва чароғи илму маърифатро бо дастури он Ҳазрат афрӯхта равшан кардем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сурхиён дар чорсӯ воқеъ гардида, дар атрофии он зиёда аз 60 деҳаҳои хурду калон аз Ромит то ба Файзобод ҷойгир шудааст. Мардуми бомаърифати деҳоти ин минтақа ба даргоҳи илму маъонӣ, яъне Сурхиён рӯй оварданд. Инак, чандин сол мешавад, ки мардумони ин диёрро роҳнамоӣ мекунам.

Як ҳафта пеш аз беки Ҳисор нома гирифтам, ӯ бандаро ба вазифаи имомхатибию мударрисӣ ба масҷиди Сари Осиё даъват намудаанд. Шаби гузашта баъди зикру фикри бисёр дар хоб боз рӯҳи поки Ҳазрати Салмони Форсро дидам, ки мегуфт: – Ҳоҷӣ! Чароғи афрӯхтаатро хомӯш масоз, модоме, ки Шуморо ба кори хайр даъват карданд, иҷозат ва роҳи сафед, аммо пеш аз рахти сафар бастанатон Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳро барои зикру фикр ба Сурхиён даъват кунед, то ки нури чароғи маърифаташон атрофро боз ҳам равшантар гардонад. Баъди як соли даъвати Ҳоҷӣ Домулло Муҳаммадсалим, Мавлавӣ ба Сурхиён ташриф меоварда ва то охири умр, яъне то соли 1939, ба абрҳои зулмоти сиёҳу тираи давру замон нигоҳ накарда чароғи илму маърифати ирфонию дунявиро хомӯш намекунад. Исми мубораки Мавлавӣ бо исми Сурхиён пайваст мегардаду он машҳур мешавад ва номи «Домуллои Сурхиён»-ро мегирад. Оромгоҳи оддии Ҳазрати Мавлавӣ ҳоло дар деҳаи Сурхиён мавҷуд аст. Бо тавсияю дастури худи Мавлавӣ он манзилро оддӣ нигоҳ доштанд. Зеро дар он давру замон пеш ва пас аз реҳлати он Ҳазрат баъзе ашхоси аз маънавиёт дур ва бандаи ҳирсу сарвату вазифа хонақоҳу масҷидҳои зебою таърихӣ ва ҳатто оромгоҳҳои олимону орифони бузург, ба монанди оромгоҳи Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ ва даҳҳо ёдгориҳои таърихиро қасди вайрону хароб кардан доштанд. Лекин бо мадади Худованд ва бо шарофати рӯҳи поки ин алломаҳои Машриқзамин нияти нопоки он ашхоси сиёҳдил пурра амалӣ нагардид. Аз ҳамин сабаб оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ оддӣ нигоҳ дошта мешуд, ки шоир дар ин бора бо ҳасрат мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Афсӯс, ки аз ҷаҳон гузаштем дареғ,*
*Бо дидаи хунфишон гузаштем дареғ.*
*Аз ваҳшати ин абр ба монанди ҳилол,*
*Хам гаштаву нотавон гузаштем дареғ.*

Шукри ваҳдати миллии пойдору шукри истиқлолияти кишвари азизамон, Тоҷикистон мекунем, ки таърихи бойи ниёгони бомаърифатамон аз нав зиндаю боз варақгардон гардид. Бо ёрию кӯмаки ҷавонмарди бофарҳанги саховатпеша раиси суди оллии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Убайдулло Давлатов манзили абадии Ҳазрати Мавлавӣ обод гардид ва мақбараи зебои таърихие дар болои манзилаш қомат рост кард, ки ин корест ниҳоят оллию хайр. Иллоҳо рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ мададгораш бошад!

Солҳои 1949–1950 мардуми бомаърифати Сурхиёнро муҳоҷир карда, ба деҳаи ҳозира «Якуми май» оварданд. Мардуми заҳматкашу бунёдкори Сурхиён дар ҳамкорӣ бо мардумони аз деҳаҳои дигари сарзаминамон муҳоҷиршуда омада, ин қамишзори ноободро обод карда ва ба Сурхиёни кӯҳанбунёд монанд карданд, ки ин деҳаро Сурхиёни нав гӯем хато нахоҳем кард.

## МАҲФИЛИ ДӮСТОН

Дар дафтари кории роҳбари матбааи шаҳри Кофарниҳон Хайриддин Садриддинов чанд тан дӯстони дерин гирд омада, аз аҳамияти қиматтарин ва бебаҳотарин сарвати дунё дар тараққиёти ҷаҳони башарӣ–китоб ҳарф мезаданд.

Сӯҳбати онҳо ба маҳфили адабӣ шабоҳат дошт.

Сӯҳбатороии давраи ороста ба зиммаи шоири шинохтаи миллат, сардабири рӯзномаи «Шаҳриёр» Мирзо Файзалӣ гузошта шуда буд. Сараввал Мирзо Файзалӣ аз ашъори ба тозагӣ эҷодкардаи хеш чанд порчаи шеърӣ қироат намуд ва завқмандони ҳозирбуда, баромади устодро бо кафкӯбиҳо пазируфтанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар маҳфили ҳаводорони назму наср, ташнагони илму адаб, ҷӯяндагони таъриху тамаддуни оламшумули халқи тоҷик ширкат доштанд.

Олими шинохтаи фанни риёзӣ, ғолиби чандин озмунҳои ватанию байналмиллалӣ, дорандаи ҷоизаҳои ҷумҳуриявию иттифоқӣ ва хориҷӣ, муаллифи якчанд китобҳои дарсӣ, устоди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон Боймурод Алиев, шоир ва рӯзноманигор Нуриддини Амриддин, мардони оқилу фозил, хирадманду маърифатдӯст, устод Вайсиддин Зайниддинови файзободию Хайриддин Садриддинов, собиқадори меҳнат,пири барнодил Бобоқули Меликзода, шавқманди таърихи ниёгон Сайид Акрам ва чанд нафари дигар иштирок доштанд.

Боймурод Алиев: -Чанд соли охир маро торҳои асабам нороҳат мекард. Пас аз мутолиаи нахустнашри китоби «Офтоби паси абрҳо ва ё Мавлавӣ Домуллои Сурхиён» ноҷурии торҳои асабро дигар ҳис намекунам ва ором шуда шифо ёфтам. Ростӣ ангушти ҳайрат ба лаб бурдам ва китобро ба чанде шиносҳоям баҳри хондан тавсия додам. Охир онҳо низ аз ноорамии асаби хеш шикоят доштанд. Онҳо низ чун камина пас аз варақгардон кардану мутолиаи китоби «Офтоби паси абрҳо» нохунзаниҳои торҳои асабро аз худ дур сохтанд ва шифо ёфтанд…

Вайсиддин Зайниддинов: -Соли 1972 буд. Ман духтаракеро аз шаҳраки Ромит дӯст медоштам. Волидони зебочеҳра бошанд намехостанд, ки азизаашонро ба ман диҳанд. Сабаб дар он буд, ки синну соли ман назар ба олиҳаи ҳусну ҷамол каме калонтар буд. Тобистони ҳамон сол банда дар деҳаи Лошхарф меҳмон будам ва аз он ҷой ба зиёрати оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ рафтам. Аз рӯҳи авлиё зорию илтиҷо намудам, ки мушкиламро осон намояд. Рӯҳи поки Мавлавӣ мадад расонду пас аз ду моҳ ба висоли маҳбубаам расидам…

Боймурод Алиев: -Саргузашти ман ба қисме аз саргузашти Шумо ошно аст. Ман хеле барвақт аз падару модар ятим мондам. Аз навозиши волидону наздикон баҳрае набардоштам. Дар парваришгоҳи ҳукуматӣ тарбия ёфта, ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

воя расидам. Аз дини ислом дар аввал хабаре надоштам. Намедонистам, ки рӯзаю намоз чист, ягон маротиба садои азонро дар парваришгоҳ нашунида будам. То ҳол тӯморе дар гардан наовехтааму бисёре аз диндороноро хурофотпарастони содда мепиндоштам. Ҳоло бошад, пас аз мутолиаи ин китоб ақидаам тамоман дигар шудааст…

Нуриддини Амриддин: -Шодам, ки дар сӯҳбати шумо барин устодон шарик ҳастам. Рӯзе мерасад, ки ману устод Мирзо Файзалӣ ба зиёрати оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ шарафёб мегардем. Шояд дар дил гуфтаниҳое дорему ба риштаи назм даровარда рӯҳи Мавлавиро шод мегардонем…

Мирзо Файзалӣ: -Кошкӣ… Хайриддини Садриддинро низ ҳамроҳ мебарем…

Бобокули Меликзода: - маро низ хабар кунед…

Шояд сӯҳбати оқилмардон поён намеёфт, лекин қисме аз иштирокдорони маҳфил ба зиёрати шоири маҳбуб, лаурети мукофоти давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ Бозор Собир мешитофтанд. Бозор Собир пас аз мусофирати тӯлонӣ аз ИМА ба ватани азиз баргашта буд.

Ана, ҳамин тавр маҳфили олию судманди дӯстон ҳусни анҷом гирифт.

## ЁДДОШТҲОИ МАВЛАВӢ ВАҚТЕ КИ АЗ ДАРЁИ ПАНҶ МЕГУЗАШТЕМ

Баҳори соли 1874 ҳамроҳи Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим дар тараддуди гузаштан аз дарёи Панҷ будем. Мо се нафар толибилм як аспи сафед доштем, ки дар он анҷоми сафарро бор карда, бо навбат аз болои бор ба асп савор шуда роҳи мақсудро тай менамудем.

Дар соҳили дарёи Панҷ маллоҳону кемаронони афғонӣ барои гузаштан бо кема[1] аз мо пули зиёдеро талаб намуданд. Мувофиқи талаби онҳо пули мо ба се нафар мерасиду барои гузаронидани асп намерасид. Ҳарчанд

1 *Кема - қаиқи аз пӯсти аспу гов сохташуда.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зорию илтиҷо мекардем, ки толиби илмем барои хондан ба Кобул меравем, сеи моро ҳамроҳи асп гузаронеду ба ивазаш 7 тангаи бухороиро гиред, онҳо розӣ намешуданд. Кемаронон ба мо эътиборе надода, мусофирони серпулро аз соҳил ба тарафи муқобил мегузаронидацд. Қариб як шабонарӯз интизорӣ кашида, илтиҷо намудем, аммо дили кемаронон ба ҳоли мо насӯхт.

Баъди фикри бисёр дар охир ман ба хулосае омадаму ба рафиқонам гуфтам: – Ба ивази панҷ танга ҳардуи шумо ба кема савор шуда гузареду ман аспро савор шуда аз дарё мегузарам. Онҳо баробар гуфтанд:

– Не, не. Охир дарёи сели хунхор дар ин фасли сол филро ҳам ғарқ карда нобуд месозад. Ту чӣ тавр ва чӣ гуна ин корро фикр карда баромадӣ? Худату аспат ғарқ мешавед, мо дар назди падару модарат чӣ мегӯем?

Дар охир ноилоҷ рафиқонам илтиҷо карда гуфтанд:

– Пуламон намерасад, гашта ба Бухорои Шариф рафта, дар мадрасаҳои он ҷо таҳсили илм мекунем. Ман сухани онҳоро рад карда бо ҷиддият талаб кардам, ки аз роҳи сафар намегардем, зеро ки насиҳатҳои дар хоб кардаи Ҳазрати Амири Кабир дар Кӯлоб ҳар лаҳза дар гӯшҳоям садо медод, ки мегуфт:

– Дар Кашмир ба мақсад мерасӣ!

Дар ниҳояти кор аз ноилоҷӣ Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим розӣ шуданду асбобу анҷоми сафар ва зину афзоли аспро ба кема бор карданду худ дохили кема гардиданд. Банда аспро пушти луч савор шудаму ҷониби дарё рондам. Вақте ки оби дарё то шиками асп боло шуд, маллоҳону кемарононии афғонӣ бо як ҳисси тааҷҷуб хитоб карда, бо шеваи афғонӣ гуфтанд:

– Ҳай, бачук, магар девона шудастӣ ва аз ҷони ҷавонат сер шудӣ, ки охир ин дарё ба замми чуқуру тезҷараён буданаш наҳангу лаққамоҳиҳои даррандае дорад, ки аспу говро фурӯ мебарад. Аз дарё баро, худатро ҳамроҳи асп бе пайса мегузаронем.

Зорию илтиҷои якшабу якрӯзро дар назди онҳо ба хотир оварда, ба суханони онҳо эътиборе надода, лаҷоми аспро ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳоли худ гузошта, ҳарду дастро маҳкам ба ёли асп печонда гуфтам: – Қодиро, Каримо, Раҳимо, дар талаби илму эмон ғайр аз ту касе надорам, даст гир! Ё Сайид-ул-мурсалин ва ё пири ғоиби дар хоб дидаам Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки Амири Кабир ҳастӣ, худат маро ба ин роҳи Ҳақ ҳидоят кардӣ, мадад расон. Аллоҳу Акбар, гуфта сари аспро ба дарё рондам. Асп чун мурғи обӣ шино карда ба дарё ғӯта хӯрд. Фақат сари асп аз об берун буду сари ман дигар ҳам зери об буд. Асп гӯшҳояшро об надароянд гуфта ба боло сих карда, бинияшро барои ҳаво гирифтан аз об берун монда, тез-тез нафас гирифта чун шиновари асил дасту пой зада, шино мекард ва мехост, ки ҳарчи тезтар ба соҳил наздик шавад.

Дарёи сели тезҷараён ману аспро ба қаъри худ мекашид. Оби сел балои азимеро мемонду даҳшат маро зер карда, фақат дар ёди Аллоҳу пирони комил ба зинда будан умед мебахшидам. Аз ҷои убур ба самти ҷараён тахминан чоряк фарсах роҳ дарё маро ҳамроҳи асп бурд. Дар охир асп ниҳоят монда шуд, дасту пойзанияш суст гашт. Аз таъсири хунукӣ пою дастони ман карахт шуда қариб буд, ки дастонам аз ёли асп ҷудо шавад. Асп ба соҳил хеле наздик омада буд. Дар ин вақт охирин маротиба номи Худоро ёд кардаму Ҳазрати Пайғамбару Амири Кабирро шафеъ овардам. Аллоҳу Акбар гуфта будам, ки ногаҳон бо ҳамроҳии асп ғарқ шуда, ба зери дарё рафтам, пойҳои ақиби асп ба таги дарё бархӯрду бо як қувваи бузург ба боло ҷаҳид. Ба рӯи об баромадан замон дар соҳил расидем. Асп охирин қувваташро сарф карда, се-чор қадам дуртар аз соҳил рафту шиҳа кашида бо шикам ба замин хоб рафт. Ман ҳам ба замин ғелидам. Аз таъсири хунукии дарё дасту пойҳоям карахт шуда, аз ҷоям ҷунбида наметавонистам. Дастонам дар ёли асп печида карахт шуда, қариб 20 дақиқа беёд хобидам. Баъди 20-25 дақиқа ҳамроҳону маллоҳони афғонӣ расида омаданд. Дар чашмони Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим осори гиряю тарсу ҳарос ҳис карда мешуд. Аз чӣ бошад, ки дар вақти гап задан дастҳояшон ларзида гап мезаданд. Маллоҳону кемаронони афғон узри гуноҳ хоста, бо шеваи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афғонӣ мегуфтанд: – Шумо, бачук, беназари Худо нестед, зеро ки мо дар умри худ ин дарёи балоро бо асп шино карданро нахустин маротиба мебинем.

Баъди аспро хезондану дасту пойи маро молиш додан, хело ба худ омадам. Аз байн қариб як соат вақт гузашт.

Сардори маллоҳон дуртар рафта тобеонашонро ҷамъ карда, 5-10 дақиқа ба ҳам машварат карданд, баъд ба назди мо баргаштанд. Сардорашон ба тарафи ман чизеро дароз карда гуфт:

– Бачук, ту назаркардаи Худо буда, мана ин тангаи додаи кироятонро гиру бо ин 25 тангаи ҳадяи мо роҳатонро ба сӯи мақсуд давом диҳед. Маллоҳон видоъ намуда, ба сӯи дарё рафтанду мо дар талаби илм ба сӯи Кобул раҳсипор гардидем.

## ХОҶА СУЛАЙМОНБОЙИ АФҒОН-МАРДИ САХОВАТМАНД

Вақте ки вориди шаҳри Кобул шудем, шаш шабонарӯз сарсону саргардон, дар кӯчаю бозорҳои бегона гашта, шабро дар масҷидҳо рӯз мекардем ва чӣ кор карданамонро намедонистем. Шаби ҳафтумин, ки хеле хаста шуда будем, дар масҷиди калони ҷомеаи назди қасри Амири Афғонистон меҳмон шудем. Пас аз адои намози хуфтану тиловати Қуръони маҷид даст ба дуо бардошта, ба Худованд муноҷот намуда гуфтем:

— Худовандо, пушту паноҳ ва раҳнамои мо — ғарибон дар ин шаҳри бегона ту ҳастӣ. Ғайр аз ту касе надорем ва касеро ҳам намешиносем. Худоё, хор гаштем, ба ҳурмати рӯҳи Ҳазрати Муҳаммад Мустафо (салаллоҳу алайҳи васаллам) ва рӯҳи пирони комил ва хусусан рӯҳи Амири Кабир роҳи мақсудро кушода гардону ба даргоҳи умед бирасон.

Пеш аз хоб рафтан аз азобу шиканҷаҳои кашида бо ҳамдигар рози дил гуфта, ба даргоҳи Аллоҳ Таъоло муноҷот намуда дергоҳ гиристем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шаб дар хоб дидам, ки пирамарди нуроние, ки пештар дар Кӯлоб дар хоб дида будам, либоси сабз дар тану асо дар дасту кулоҳи сабз дар сар, бо табассуми ширине наздам пайдо шуду гуфт:

— Чаро шикоят мекунед, ҳеҷ ганҷе бе ранҷ ба даст намеояд, ба тамоми сахтиҳои дунё шукри Худойро ба ҷой оварда сабр кунед, бо сабр гули мақсудро мечинед, - гуфта буд, ки аз хоб бедор шудам, субҳ дамида истодааст. Бо тезӣ Домулло Салиму Домулло Абдукаримро бедор кардам. Вузӯъ намуда, намози бомдодро ба охир расонида будем, ки имомхатиб аз сафи пеш садо баланд карда гуфт:

— Бародарони аҳли ислом, оё дар байни шумо мусофироне аз хоки Аморати Бухоро дар ин намозгоҳ ширкат доранд? Касе ҷавоб нагардонд. Мо дар аввал ҳайрон шуда, чӣ гуфтанамонро надонистем. Гумон бурдем, ки касе гуноҳе кардаасту ӯро меҷӯянд, то ба балое дар ин шаҳри бегона гирифтор нашавем. Зеро ки ҷоҳилию бадхашмии марди афғонро дар бозори калони шаҳри Кобул дида, маро тарсу даҳшат зер карда буд. Онҳо ҷавони тахминан 25-26-соларо, ки аз дӯконе дуздӣ карда буд, дасти росташро дар байни бозор рӯи кунда гузошта, бо табарзин зада калта карда буданд, ки ҷонкании он ҷавон ҳар лаҳза дар пеши чашмонам ҷилвагар мешуду моро тарсу даҳшат зер мекард. Мо хомӯш будем, то ки моро ба ягон гунаҳгор монанд накунанд.

Имомхатиб се маротиба такрор ба такрор хитоб мекард. Дар охир ман ба рафиқонам нигоҳи маънидоронае намуда, таваккал ба Худои бузург намуда гуфтам:

— Бале, Ҳазрати Домулло, мо аз хоки Аморати Бухоро ҳастем.

Домулло ба мо муроҷиат карда гуфт: — Мусофирон, шумо чанд нафаред ва чанд рӯз мешавад, ки дар шаҳри Кобул мусофират меварзед? Аз ин саволи Домуллохатиб маро тарсу даҳшат зер кард ва бо як оҳанги ҳайратовар гуфтам:

— Ҳазратам, мо мусофирон се нафар ҳастем ва ин субҳи 7-умини мусофиратро дар Кобул паси сар мекунем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Домулло моро ба назди худ даъват карда, баъди вохӯрию пурсупос, ҷавони 25-26-солаи афғонро, ки дар пешаш рост меистод, нишон дода гуфт:

— Ин кас яке аз ходимони Хоҷа Сулаймонбой аст. Он Хоҷаи бузург хеши шумо будааст ва аз ҳамин сабаб ходимашро ба суроғи шумо фиристодааст. Шумо ҳамроҳи ин ходим ба хизмати Хоҷаи бузург равед.

Мо дар ҳайрат монда ба ҳамдигар нигариста, ноилоҷ аз думболи ходим ба сӯи хонаи Хоҷа Сулаймонбой равон шудем.

«Охир дар ин диёри бегона мо касеро намешиносем, чӣ тавр хеш пайдо кардем» гуфта, пинҳонӣ аз ходим дар роҳ бо ҳамдигар пичиррос мезадем.

Ба хонаи Хоҷаи бузург расидему ходимонаш моро ба ҳаммом бурданд. Баъди шустушӯй сару либосҳои моро иваз карда, ба меҳмонхонаи зебои пур аз қолинҳои пурнақшу нигор, ки мо дар умри худ ин хелашро ҳаргиз надида будем, даровардан. Дар назди мо хон густурданду таомҳои лазизеро гузоштанд. Аз сабабе, ки дер боз мо чунин таомҳоро нахӯрда будем, мувофиқи иштиҳо тановул намуда, баъд се-чор соат истироҳат кадем. Аз сабаби сарсону саргардонӣ, ки хело монда шуда будем, хобамон бурд. Баъди ду-се соати хоб ҳамон ходим моро бедор кард, баҳри намоз хондан вузӯъ намудем.

Баъди адои намози зӯҳр (пешин) моро Хоҷаи бузург, яъне Хоҷа Сулаймонбой ба ҳузураш пазируфт. Баъд аз пурсупос Хоҷаи бузург ба мо рӯй оварда, бо як ҳисси тараҳҳуме гуфт:

— Эй толибилмони бухороӣ, Шумо одамони худодод будаед ва дар паси шумо пири комиле ва ё авлиёи бузурге истодааст, ки қосиди хушхабари ӯ маро огоҳ намуд.

Се рӯз пеш ман хобе дидам, ки пири нуроние дар даст асою дар сар кулоҳи сабз ба ман хитоб када гуфт: — Ҳой Хоҷаи бузург, марди сахоюю каримӣ, чаро аз ҳоли се толибилми бухороӣ, ки чор рӯз шуд сарсону саргардонанд, хабар надорӣ? Ба саволаш хостам, ки ҷавоб гӯям ё саволе диҳам, лекин сад афсӯс, садои азони бомдод маро бедор кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Се рӯз мешавад, ки ходимони ман дар растаю бозор ва масҷидҳои шаҳри Кобул шуморо бо нишонаҳои гуфтаи он пири комил меҷӯянд. Шукри Худо, ки имрӯз нишонаҳои он хоби дидаам ба Шумо рост омад.

Дар охир Хоҷаи бузург илова карда гуфт:

— Эй толибилмони бухороӣ, ба Шумо чӣ тавр хизмат кунам? Мо аз хурсандӣ чӣ гуфтанамонро надониста, аз ҷой бархоста, бо як ҳисси эҳтироми самимӣ таъзимкунон арзи сипос карда гуфтем:

— Хоҷаи бузург, мо дар талаби илм ба ин кишвар омадаем, Шумо чӣ хизматеро ба мусофирон раво бинед, мо сипосгузорӣ мекунем.

Аз ин тараҳҳуми Хоҷаи бузург дар чашмони рафиқонам ашки шодӣ ҷорӣ гашт. Хоҷаи бузург ба чашмони рафиқонам нигариста, сар ба пеш афканд, баъди андешаи кӯтоҳе сар бардошта бо як ҳисси дилсӯзӣ ба мо гуфт:

— Ман ба зиёда аз 1000 нафар толибилмони мадрасаҳои шаҳрҳои Кобулу Қандаҳор ва Ҳирот кӯмак расонида сарпаноҳ додаам. Хоҷа сарходимро даъват карда фармон дод:

Дар айни ҳол аз ҳуҷраҳои мадрасаи калони назди даргоҳи Амир барои ин се нафар ҳуҷраи хубе ҷудо карда, бо сару либос, асбобу анҷоми рӯзгору рахти хоб таъмин намоед. Ҳар ҳафтае рӯзҳои ҷумъа як гӯсфандро зинда ба ихтиёри эшон бо қассоб вогузор намуда, ба ҳар яки онҳо маоши ҳафтаина ба миқдори 100 пайса (танга, афғонӣ) муқаррар намоед. Музди мударрисон ба зиммаи ман – гуфта бо мо хайрухуш намуд. Сарходим ду ходимро дар хизмати мо вогузор намуд.

Супоришҳои Хоҷаи бузургро ходимон бо тезӣ иҷро намуданду моро дар мадрасаи калони шаҳри Кобул ба таҳсил фаро гирифтанд. Домулло Наврӯзро устоду мураббии мо таъин намуданд. Ҳамин тариқ, супоришу фармонҳои Хоҷаи бузургро ходимонаш бе чуну чаро ҳар рӯзу ҳар ҳафта дар вақташ иҷро мекарданд. Бо шарофати дасти саховатпешаи Хоҷа Сулаймонбойи афғон мо се нафар мусофир дар муддати 4 сол дар мадрасаҳои шаҳри



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кобулу Қандаҳор ва Ҳирот таҳсили илм намуда ва дар охир бо кӯмаку дастгирии ин марди фозили ҳотамтабиат ба мо муяссар гардид, ки таҳсилро дар мадрасаҳои шаҳрҳои Деҳлию Бамбай ва Кашмир, дар назди олиму авлиёҳои бузурги шӯҳрати ҷаҳонӣ дошта давом дода, соҳиби илму маърифат гардем.

Баъдтар маълум гардид, ки Хоҷа Сулаймонбой яке аз бойҳои калони Афғонистон буда, соҳиби 60 ҳазор сар гӯсфанду 12 ҳазор сар асп ва 10 ҳазор уштур будааст. Замини кораму дӯконҳои зиёди тиҷоратӣ дар Ҳиндустону Эрон ва Арабистон доштааст. Ӯ ҳазор толибилмонро ба тарбияи худ гирифта буда, 30 маротиба рукни панҷуми дини мубини ислом, яъне тавофи Байтуллоҳро ба ҷо оварда, соле дар Маккаю Афғонистон 1000 сар гӯсфанду 300 сар уштурро қурбонӣ мекардааст. Закоти Хоҷа Сулаймонбой дар як сол 1500 сар гӯсфанду 840 сар асп ва 700 сар уштурро, ғайр аз дигар молу амволаш дар бар мегирифт, ки дар вақташ адо мекард. Ӯ аз ин давлати азим мағрур нашуда, ҳамчун инсони оддӣ, ғамхори ятимону бечорагон буда, панҷ рукни исломро мувофиқи шароити ислом дар вақташ иҷро менамуд. Ӯ хонандаю донандаи «Қуръони Маҷид» буда, шабҳои дароз ба даргоҳи Холиқ ибодат ва муноҷот мекардааст… ба шарофати кӯмаки ӯ ҳазорон толибилмон соҳиби илму маърифату олиму авлиё гардиданд. Аз ҳамин сабаб, Худованд дар ҳар ду олам ӯро сарбаланд офарид. Илоҳо ҳамаи моро Худованд аз махзани ғайбаш имони комил ато кунад, ба нависандаю хонандаю шунавандаи ин номаи мухтасар, аввало авфи гуноҳҳои содиршуда, баъдан тавфиқи дарбандӣ, дар охир монанди Хоҷаи бузург — Хоҷа Сулаймонбой сарбаланди ҳарду олам гардонад. Омин.

## ҶАНГИ МОРУ НАҲАНГ

Баҳори соли 1885. Шаҳри Бомбай манзараҳои аҷоибу ғароиби зебою такрорнашавандае дорад. Мо, толибилмон рӯзҳои ҷумъа ба соҳили уқёнуси Ҳинд рафта, сайру гашт



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намуда, моҳидории моҳигирони Ҳиндустонро тамошо мекардем.

Занону кӯдакон, ҷавонону пирамардони Ҳиндустон тӯрҳои моҳигирӣ дар даст, нимбараҳна моҳӣ медоранд. Аз таъсири нурҳои офтоб ранги пӯсти моҳигирон чун зангӣ сип-сиёҳ ва сурху зард гаштааст. Баъзеашон чунон лоғару харобанд, ки аз дур қабурғаҳояшонро ҳисоб кардан мумкин аст.

Баъзе камбағалону бехонумонҳо шабу рӯз дар соҳили уқёнус зиндагӣ карда, хӯрду хӯрокашон моҳӣ мебошад. Баъзе моҳигирон бо шасту тӯр, баъзе дигарашон бо қаиқ шикор мекунанд.

Рӯзе вақти сайругашт ногаҳон садои доду фарёди моҳигирон баланд шуду хурду калон қаиқу тӯрҳои худро дар лаби дарё партофта ба сӯи шаҳр фирор карданд. Касе дар лаби дарё намоён набуд. Мо, толибилмон ҳам, ҳамроҳи моҳигирон ба тарафи маркази шаҳри Бамбай фирор кардем. Сабаби ин доду фарёд ва фирорро аз пирамарди тахминан 70-солае пурсидем. Пирамард бо тарсу ваҳм чунин гуфт:

— Бачаам, соате пеш наҳанге, ки зиёда аз 60 газ дарозӣ дошт, бо море, ки зиёда аз 100 газ дарозӣ дорад, ҷанг карда ба самти шимол рафтанд. Агар мор ғолиб ояд, вой бар ҷони мо, моҳигирон ва агар наҳанг ғолиб ояд, мо осуда мегардем. Аз пирамард пурсидам, ки кадоме аз онҳо ғолиб омаданро аз куҷо медонед? Ӯ ҷавоб гуфт:

Агар наҳанг ғолиб ояд, аз шимол ба ҷануб дар рӯи об хун меояд. Агар шуду Худо накунад, мор ғолиб ояд, рӯи баҳрро кафки сафеду зард фаро мегирад. Ҳамин тариқ, се шабонарӯз ягон нафаре ба соҳил наздик нашуд. Ҳиндувони бутпараст дар бутхона, зардуштиён дар назди оташкадаҳо, мусулмонон дар масҷидҳо ибодат намуда, аз даргоҳи Худованд талаб мекарданд, ки наҳанг ғолиб ояду онҳо аз балои азими даҳшатовар халос шаванд. Рӯзи сеюм қосиди хушхабаре аз соҳили баҳр хабар овард, ки рӯи баҳрро хуни сурх фаро гирифтааст. Мардуми гуногунмиллату гуногундини Ҳиндустон, ҳар кас мувофиқи ақоиди дини худ, ибодату хайру худоӣ мекарданд ва дар лаби баҳр рақсу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бозии аҷиберо низ ташкил намуданд. Мо, толибилмон ҳам барои тамошо ба соҳил рафтем ва бо ҳамон пирамарде, ки се рӯз пеш бо мо сӯҳбат карда буд, вохӯрдем. Ӯ бо хурсандӣ гуфт:

— Ана дидед, ки мо дар бутхона ибодат кардем. Худо ба наҳанг мадад кард, ки морро кушту мо аз балои азиме халос шудем.

Пирамард суханашро давом дода ба мо муроҷиат карда гуфт: 20 сол пеш, вақте ки ман 50-сола будам, ҳодисаи даҳшатовар рӯй дода, ба нокомӣ анҷом ёфта буд. Ҷанги мору наҳанг қариб чор рӯз давом карда рӯи баҳрро кафки сафеди зардчатоб фаро гирифта буд.

Баъди се рӯзи ин ҳодиса мори азими даҳшатовар худро ба киштие печонида, 40 нафар садрнишинони киштиро фурӯ бурд. Дар муддати як моҳ зиёда аз 200 одамро несту нобуд кард, дигар касе ҷуръат карда ба соҳил рафта наметавонист. Моҳигирон аз гуруснагӣ мурданд. Шукри Худо, ки сарбозони англис пайдо шуданду се рӯз ба воситаи тӯпу туфанг аз киштии калони Англия бо ин мори азим ҷангиданд ва морро дар охир парронданд. Ӯро ба киштӣ баста, ба соҳил бароварданд. Пас маълум гардид, ки дарозии мор 100 газ будааст ва аз захми 500 тири тӯп ҳалок гардидааст. Морро ҷарроҳӣ карда, аз дохили ӯ ҷасади обшудаи 10 одаму 4 говро ёфтанд. Аз ҳамон вақт то ин замон 20 сол гузашта бошад ҳам, тарсу ваҳми он мори азим аз дили шахсоне, ки он фоҷиаи даҳшатоварро дида буданд, нарафтааст. Ана боз ин ҳодиса рӯй дод, сад шукри Худо, ки дар ин муҳориба мори хунхорро наҳанги некӯкор мағлуб карда кушт.

Баъди шунидани ин ҳодисаи аҷоибу ғароиб мо, толибилмон, ба сӯи мадрасаи худ равон шудем.

Дар шаҳрҳои калони Ҳиндустон мусулмон ва ё бутпарасту зардуштиро аз ҳамдигар фарқ кардан хеле мушкил аст, на ба либос, на ба забон, на ба миллат ва на ба афту башараю ранги пӯст. Ҳангоме ки садои азон баланд мешуд, мусулмонон ҷудо шуда, ба сӯи масҷидҳо барои адои намоз мешитобанд ва дар ҳамин вақт мусулмононро шинохтан мумкин аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ПЕШГӮИҲО ДАР БОРАИ БАЪЗЕ ҲОДИСОТИ ОЯНДАИ АФҒОНИСТОН

Ҳазрати Мавлавӣ дар дастхатҳои тарҷумаиҳолии хеш соли 1879 дар шаҳри Деҳлӣ оиди баъзе ҳодисоти ояндаи Афғонистон пешгӯиҳои зиёдеро дар асоси илми нуҷум баён намудааст[1].

Дар охир он пешгӯиҳоро ӯ дар зимни чанд абёти Неъматуллои Валии Ҳиндустонӣ ҷамъбаст мекунад.

**_Абёт_**

*Чун охири замона ояд, ба ин замона,*
*Шаҳбози садр бинӣ додаст ройгона.*
*Бинӣ ту исавиро дар тахти подшоҳӣ,*
*Гиранд мӯъминонро бо ҳиллаю баҳона.*
*Бешармӣ, беҳаёӣ, дар мардумон физояд,*
*Модар бо духтари худ созад басе баҳона.*
*Бинӣ  ту қозиёнро дар маснади ҷаҳолат,*
*Гиранд ришва аз халқ аълонаю ниҳона.*
*Аҳкоми дини ислом чун шамъ шуда хомӯш,*
*Созанд ҳилла, афсӯс, номаш ниҳад низоми[2].*
*Бинӣ  ту амри маъруф, пинҳон шуда зи олам,*
*Олам ҷуҳул гардад хирсон шаванд аллома.*
*Дар мактабу мадорис илми нуҷум хонанд,*
*Ҳам эътиқод бинӣ бинҳода дар карона.*
*Шайхони пирмонанд, тазвир менамоянд,*
*Бо дилбарон нишинанд пинҳон даруни хона.*
*Ҳам суд меситонанд аз мардумони мискин,*
*Сад бар ғурур лаънат бар сар ниҳад амома.*[3]
*Расму русуми тарсо бинҳона одат онҳо.*
*Тасбеҳу хирқа расво, дар сар кашида ҷома.*

---

*1 Бо ьаъзе сабабҳо он пешгӯиҳои Мавлавиро баён наҳохем кард.*
*2 Низома - Низомнома.*
*3 Амома - салла, кулоҳ*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Он муфтиёни фатво афтодаанд ин ҷо,*
*Аз ҳаққи шаръ бурун созанд сад баҳона.*
*Андар намозу тоъат мардум шаванд таммат,*
*Дар ҳалқаи муноҷот, афтад дар амома.*
*Аз подшоҳи ислом султон Ҳамид номе,*
*Баъд аз Азизи Мисри султони хосу омма.*
*Бошад Ҳамиди Ҳомид султони дини Ислом,*
*Чун Кайқубоди Кисро бо ҳукми одилона.*
*Ҷумла насоро якҷо чун аҳдҳо намоянд,*
*Созанд мӯъминонро мағлуи бедилона.*
*Гардад зи нав Сулаймон ғолиб ба фазли раҳмон,*
*Яъне, ки қавми афғон бошанд ғолибона.*
*Охир Ҳабиби Аллоҳ соҳибқирон Миналлоҳ.*
*Гирад за насри Аллоҳ шамшер аз миёна,*
*Рӯди Амуй се бор аз хуни аҳли куфор.*
*Пур бишавад ба як бор ҷарёну ҷориёна,*
*Созанд аҳли одат, бо дилбарон ҳақорат.*
*Бар қавми бебасорат оянд ғолибона.*
*Аз духтарони маҳрӯ в-аз дилбарони хушрӯ,*
*Гарданд молики ӯ он халқи хосу омма.*
*Баъд аз ақиби ин кор, мағлуби аҳли куффор,*
*Матлуби қавми ҷаррор карданд солимона.*
*Чун мардумони атрок[1] ин муддао биёранд,*
*Якбора ҷамъ оянд дар боби ориёна.*
*Он қавми насороро барҳам намуда аввал,*
*Ҳам инглис, итолиё созанд ҷангнома.*
*Аъроб низ оянд аз дашту кӯҳу ҳомон,*
*Селоби оташин ҳам аз ҳар тараф раволна.*
*Он гоҳ ба мавсими Ҳаҷ Маҳдӣ хуруҷ созад,*
*Он шӯҳрати хуруҷаш машҳури хосу омма.*
*Аз хосу омӣ аъроб оянд гирди ӯ ҷамъ,*
*Бар кофирон физояд сад гуна ғам садона.*
*Он ғазва[2] то ба се сол пайваст ба дунбол,*
*Эй кош ман дар он сол бошам дар миёна.*
*Хомӯш бош Неъмат (Аллоҳ) асрори ҳақ(ро) макун фош,*
*Дар соли «кунту канзан» бошад чунин баёна.*

---

*1 Атрок - Қавми Туркнажодро гӯянд.*
*2 Ғавза - ғазо, ҷанг.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ФОҶИАИ РӮЗИ ТӮЙ

Тобистони соли 1880 мелодӣ охирин сол таҳсилу хатми мадраса дар шаҳри Деҳлӣ ба шумор мерафт. Банда ҳамроҳи домулло Муҳаммадсалим ва домулло Абдукарим пас аз фориғи дарси мадраса ва зикру такрори сабақҳои гузашта, ба масҷиди Марворид[1], ки дар шафати мадраса ҷойгир буд, ташриф овардем. Пеш аз адои намоз ва пас аз он ба корҳои устодонамон, Шайх Абдулҳақ ва Мирзо Абдулазиз ёрӣ мерасондем. Шайх Абдулҳақ ба бузургии илму донишаш дар шаҳри Деҳлӣ машҳур гашта буд, бинобар ба замми сармударриси мадраса буданаш вазифаи имомхатибии ин масҷиди калонтарини шаҳрро ба зиммаи ӯ вогузор карда буданд.

Ин ду устоди бузургвор нисбат ба мо – мусофирони бухороӣ (дар Афғонистон ва Ҳиндустон моро чунин ном мебурданд) ҳусну таваҷҷӯҳи зиёде доштанд, бинобар ҳамин эшон ба мо иҷозаю дастур дода буданд, ки азонро дар панҷ вақт намоз бо навбат иҷро намоем.

Рӯзи одина буд, баъди ба охир расидани наҳйи мункар ва амри маъруф ва пеш аз саршавии намози ҷумъа, устоди бузург Шайх Абдулҳақ ба намозгузорон, ки бештарини эшон толибилмони мадрасаҳои шаҳри бузург буданд, хитоб карда гуфт:

– Эй аҳли ҷамоаи муслимин! Огаҳ бошед, ки дар ғоиби банда ва дигар устодони мадрасаҳои шаҳр танҳо ба Муҳаммадсолеҳи бухороӣ иҷозат дода мешавад, ки вазифаи имомхатибиро дар масҷиди ҷомеи Марворид иҷро кунад. Зеро ба банда маълум аст, ки ӯ донандаи хуби луғоти арабу урду ва форсу турку ҳинду буда, диққати сомеону бединонро ба сӯи дини хеш (Ислом) кашида метавонад.

---

*1 Масҷиди Марворид - Қадимтарину калонтарин ва зеботарин, масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Деҳли. (дар асри XV бино ёфтааст).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо боварии комил гуфтаниам, ки иншоаллоҳ ӯ ҳамчун воизи оташинсухани ҷаззоб аз ӯҳдаи наҳйи мункар ва амри маъруф ба хубӣ баромада метавонад.

Банда аз ин вазифаи ниҳоят сангину душвор додаи Шайх гаҳе шод ва гаҳ ғамгину ҳайрон будам. Шод аз он будам, ки устод боварии комил дорад, ки ин вазифаи ниҳоят пурмасъулиятро ба бандаи оҷиз супорид. Ва боз шод, аз он будам, ки ба шарофати ин вазифа Худо хоҳад дар дили бандаи мӯъмине, муҳаббати дини мубини Исломро мустаҳкам намоям, ва ё дар дили номусулмоне нури ишқи ин дини поку ҳақро шӯълавар гардонам, то ки ӯ мусулмон гардад. Ғамгину ҳайрон аз он будам, ки рафту дар иҷрои ин вазифаи бузург ба саҳву хатое роҳ диҳам, дар назди Худою устодонам чӣ ҷавоб медода бошам. Баъдтар фаҳмидам, ки ин иҷозаю дастури Шайх ба бандаи оҷиз бесабаб набудааст.

Сабоҳи рӯзи чорум баъди адои намоз ва зикру фикр устодон Шайх Абдулҳақу Мирзо Абдулазиз бандаро ба назди хеш даъват намуда, бори дигар оиди иҷозаю дастури се рӯз пеш додаашон таъкид карда гуфтанд:

– Мо ва дигар устодони мадрасаҳою имомхатибҳои масҷидҳои ҷомеи шаҳри Деҳлиро барои ширкат варзидан дар кунгураи (конференсия) исломӣ ба шаҳри Калкатта даъват карданд. Аз ҳамин соат то бозгашти мо вазифаи имомхатибиро танҳо Шумо иҷро мекунед. Баъд аз гусел намудани устодон вазифаи имомхатибиро иҷро мекардам. Ҳар рӯз пеш аз саршавӣ ва баъд аз адои намози зӯҳр (пешин) дар даромадгоҳ ва саҳни масҷид сафи гадоён ниҳоят зиёд мешуд. Хусусан, рӯзҳои одина (ҷумъа), ки теъдодашон қариб ба теъдоди намозгузорон баробар буд. Аксарияти ин гадоёни сиёҳчурдаи харобу хазони нимбараҳнаро намояндагони динҳои зардушту бутпараст ташкил мекарданд.

Рӯзи чоруми имоматӣ буд. Баъди наҳйи мункару амри маъруф ва адои фарзияти намози ҷумъа дар саҳни масҷид бо пирамарди қоматхамидаи ҳинду рӯ ба рӯ омадам. Ӯ бо дастони ларзони пур аз осори захму чашмони бенури



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нимроғ ва рӯи пурожанг ба асое такя карда, ба забони начандон равони форсӣ бо оҳанги ғамангези гиряолуди имдодталабона ба банда муроҷиат намуда гуфт:

– Ай муслим, ай пешвои мусулмонон, се рӯз мешавад, ки ман ба ибодатгоҳи Шумо ташриф оварда, суханони ширину ҷозибаноки Шуморо гӯш мекунам. Аз суханони Шумо бӯи ҳақиқат меояд. Ман гадо нестам, молу амволи дунё барои ман арзише надорад. Пеш аз суханони пирамарди ҳинду гумон бурда будам, ки ӯ гадо аст, бинобар даст ба ҷайб бурда хостам, ки чанд рупияе садақа кунам. Ҳангоме ки пирамард гуфт, ки ман гадо нестам, худдорӣ намуда, ба суханони ӯ бо диққат гӯш додам. Ӯ аз сӯзиши қалоб ва бо як ҳасрату ҳаяҷони аҷоиб аз саргузашти талхи фоҷиавори аҳли хонаводаи хеш нақл карда мегуфт:

– Ман марди рустоиям (деҳотӣ). Дар русто дуртар аз Деҳлӣ дар самти ҷангалзори назди дарёи Ганг зиндагонии бофароғате мекардам. Як писару як духтар доштам, номи писарам Такур ва номи духтарам Радха буд. Мо зану шавҳар чун гаҳвараки чашм нигоҳубин мекардем ва ҳама ёфту ноёфти рӯзгорро барои хонадор намудани онҳо ҷамъ менамудем. Бо орзую умед дороии чандинсолаи хешро сарф карда писарам Такурҷони 20-соларо бо духтари ҳамсоя Камолаҷон, ки ҳамдигарро аз тифлӣ дӯст медоштанд, тӯй карда, хонадор намудам. Рӯзи тӯй дар айёми базму авҷи сурудхонию рақсу бозӣ ногаҳон садои ваҳмангези даҳшатноки фили девонаи ваҳшӣ баланд садо дод. Мардуми дар тӯй ҷамъ шуда ба тарсу ҳарос афтода, ҳар кас барои наҷоти ҷони худ ба чор тараф фирор карданд.

Тез–тез хабарҳои нохуши фоҷиаовареро меоварданд ва мегуфтанд:

– Фили девона фалон хонаро ба хок яксон кард, фалон зани ҳомила ва ё фалон тифли ширхорро бо пояш пахш кард. Шумораи қурбониён ба 10–12 ва шумораи хонаҳои ба хок яксон шуда ба 20-25 расид. Мо, аҳли хонавода, аз ин овозаҳои даҳшатовар тарсида, ба ҷое фирор накардем. Ману завҷаам, писарам Такур, келинам Камола ва духтари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зебои 16- солаам Радха, ҳама дар либоси тӯёна дар хонае, ки он ҷо Модарбутро мепарастидем, ҷамъ омадем.

Мо 5 нафарон ба зону нишаста, ду даст ба синаю пешона гузошта, дар назди Модарбут соатҳо ибодат намуда, аз ӯ мадад мепурсидем, то ӯ моро аз чанголи марги даҳшатовар наҷот диҳад.

Охир 50 сол ин ҷониб ману завҷаам ин Модарбут ва дигар бутҳоро мепарастем ва ба ин худоҳо саҷда меовардем. Ман парвои ҷони худ надоштам, зеро умрам ба ҷое расида буду талхию ширинии ҳаётро чашида будам. Аз Модарбут ва дигар бутҳо наҷоти писару духтар ва келинамро муноҷот намуда, талаб мекардам, ки онҳо ҳоло лаззати ишқу ошиқӣ, талхию ширинии ҳаётро начашидаанд.

Ногаҳон хона як такони сахте хӯрду чангу хок ба осмон баланд шуд ва садои даҳшатовари фили девона аз наздик моро беёд кард.

Замоне ба худ омадам, ки дар болоям хоку чанг ва чӯбу хаси боми хона хоб асту мо дар зери он мондаем. Ба як азобу машаққат чашмонамро кушода, хоку чӯбу хасҳоро яктараф намуда, аз ҷоям хестам ва манзараи риққатовареро бо чашми хеш дидаму беҳуш шуда, боз ба замин афтодам.

Вақте ба ёд омадам, сарамро дар канори завҷаам дидам, ки молида навҳа кашида оҳу фиғон мекард ва аз дидагонаш оби хунолуд ба рӯям мечакид ва рӯю мӯй меканд. Оби дидааш ҳангоме ба рӯям мечакид, рӯямро месӯзонд. Ин сӯз сӯзи доғи фарзанд буд, аз таъсири фироқ ӯ ба инсон монанд набуд, мурғи бе болу пареро мемонд, ки луб–луч ҷонбозӣ мекард.

Сар бардошта бори дуввум ба манзараи ғамангезтарини дунё назар афкандам, ки чунин буд:

Писари ҷигарбандам Такурҷони шаҳбача ҳамроҳи арӯсаш Камолаи ноком даст дар гардани хамдигар ҳалқа кардаанду ба хоби абадӣ рафтаанд.

Духтараки якаю ягонаи ба ноз парварида Радхаҷони арӯси 16- солаам дар поёни бародари ба ҷон баробараш ва янгаи сиёҳбахти ба мақсад нарасидаи ғарқи хоку хун дар тан либоси сафеди тӯёна хоб аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хуни сурх аз даҳону бинӣ ва аз чашму гӯши онҳо равон гашта, пероҳани тӯёнаи арӯсию домодиро «зинат» медод. Лабҳои ин се гулгункафан ба ханда моил буданд, ки сабабашро дар бегуноҳии онҳо ҳис мекардам.

Гиреҳи ғаму андӯҳи бузургеро дар ҷабини ин 3 нафар ҷавонмарги ноком дидам ва сабаби ин гиреҳи ғами ҳиҷрон он буд, ки онҳо ба висоли ишқи поки ҳамдигар расида бошанд ҳам, аз он гулзор гуле чида натавонистанд. Радхаҷон бошад, на ба гулзори висол расида буду на гулеро аз гулзори висол чида буд, аз ин дунё чизеро надид ва бо худ набурд.

Баъдтар огаҳӣ ёфтам ки ин фоҷиа чунин сурат гирифта будааст.

Ҳагоме ки фили девона хонаро бар болои мо чаппа карданӣ мешавад, аз садои даҳшатноки фил ману завҷаам аз тарсу даҳшат ақл гум намуда ба беруни хона фирор мекунем ва хона чаппа шуда, чӯбу хасу хоки он ба болои ману завҷаам меафтад. Мо дар зери он монда беёд шуда, соатҳои дароз мехобем ва фил моро намеёбад.

Ҷигарбандонам Такурҷону Радхаҷон ва Камолаҷон аз тарси ҷон фирор накарда, ба Модарбут умед мебанданду наҷоти худро аз ӯ мебинанд. Онҳо Модарбутро ба оғӯш гирифта, аз ӯ ҷудо нашуда, мадад мепурсанд.

Филидевона Такурҷону Камолаҷонро ҳамроҳи Модарбут ба хартумаш печонида, ба осмон бардошта, гашта ба замин мезанад, ки дар натиҷа пеш аз ҳама Модарбут ба хок яксон мешавад. маълум мешавад, ки фили девона аз Модарбут (модар Худо) зӯртар будааст?...

Такурҷону Камолаҷон ва Радхаҷон ҳар кадом дар халосии ҷони худ мешаванд, дар ҳамин ҳолат фил пои росташро ба сандуқи синаи Такурҷон ва пои чапашро дар миёни ҳарду пистонҳои зебои Камола гузошт бераҳмона пахш мекунад. Дареғ, сад дареғ аз ин марги нобаҳангом. Ин лаҳзаи ғамангези риққатоварро Радхаҷон дида чи кор карданашро надониста, барои наҷот додани бародари ба ҷону дил баробараш, дасташро дароз карда ӯро аз зери пои фил кашида наҷот доданӣ мешавад. Дар ҳамин ҳолат фили девона ба газаб омада Радхаҷони нозанини



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бо ноз парваридаи маро ба хартумаш печонида, ба осмон бардошта сарозер ба замин мезанад ва пои чапи ақибашро ба сундуқи синаи ӯ гузошта пахш мекунад.

Бо ҳамин 3 ҷигарбанди нокоми ман, дунёи пурфоҷиаро тарк карда, ба хоби абадӣ мераванд. Ана ин буд марги даҳшатноктарин дар рӯзи тӯй.

Баъди ин суханони ғамангези имдодталабона пирамард дергоҳ талх–талх гирист, ки аз гиряҳои талхи ӯ мо ҳам гирён шудем. Дар охир ӯ оби дидагонашро пок карда, оҳи чуқуре аз дили пурдард кашид, ки гӯё ӯ дарун–дарун месӯхту аз даҳону биниаш дуди ғаму андӯҳҳои кашидааш берун меомад ва илова карда гуфт:

– Пиру кампир дар ғами он ҷигарбандони ғӯррамаргамон нолидем, обу адо шудем, аммо ҳеҷ кас ва ҳеҷ ҷиз ба додамон нарасид, ҳатто Модарбуту дигар бутҳо, ки мо 50 сол ин ҷониб онҳоро Худо гуфта мепарастем. Дар пеши онҳо саҷда карда, аз онҳо наҷоти хешро талаб мекардем, ҳеҷ фоидае аз онҳо ба мо нарасид. Пирамард ногаҳон афзуда гуфт:

– Ман акнун 55 сол умр дорам. Аз ғаму дарди ба сарам омада обу адо шуда, ба пири фартути 100- сола монанд шудаам, наход ки аз синни 5- солагӣ он Модарбуту дигар бутҳоро парастиш ва тавоф кунию онҳо туро мадад карда натавонанд. Модарбут худро аз ҳамлаи фили девона наҷот дода натавонист, аз ҳамин сабаб доири Худо будани Модарбут ва он бутҳо дигар дар дилам шубҳае пайдо шуд. Акнун дар ҷустуҷӯи Худои ҳақиқию ягонаам, то ки ӯро аз куҷо ёбам?

Аз ғами ҳиҷрони ҷигарбандонам дигар дар хона танҳо нишаста наметавонистам.

Рӯзе азми сафари Деҳлӣ намудам, дар кӯчае аз назди хонае баланду бошукӯҳ мегузаштам, ки садои ширине аз даруни он хонаи бошукӯҳ шунида шуд. Садо монанди овози паррандагон латифу дилнавоз буд. Дохили бино гардидаму хуб диққат кардам, дидам, чанд нафар сурудеро ҳамоҳанг бо яксадо мехонанд. Садо ба рӯҳи ман таъсири ногаҳонӣ бақо гузошт. Зери як сақфи баланд, ки бо наққошиҳои зебо тазйин шуда буд, мардум дар сафҳо муназзам пушти сари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳам истода буданд ва овоз мехонданд ва сипас зону бар замин мезаданд. Ба чашми ман ин манзара воқеан зебо буд.

Соатҳо ин ҷо истодам ва пас аз тамом шудани маросим назди яке аз ҳозирон рафта аз ӯ пурсидам:

– Шумо киҳоед ва ба чӣ коре машғулед? Вай пасух дод, ки мо пайравони Ҳазрати Исои Масеҳ ҳастем ва тибқи оини хеш намоз мехонем ва ибодати Худоро ба ҷой меоварем. Он гаҳ ба тафсил аз дини худ сухан гуфт:

– Пас аз шунидани суханони он мард, андешидам, ки дини онон ба ҳақиқат наздиктар аст. То торик шудани ҳаво он ҷо будаму меандешидам ва фикрҳои тӯлонӣ мекардам. Дар торикии шаб ба хона баргаштам.

– Завҷаам сабаби дер омаданамро пурсон шуд, ман посух додам:

– Дар Деҳлӣ аз канори калисои тарсоён мегузаштам, ибодату ниёиши эшон ба дилам асар кард. Ба тамошо машғул гаштам ва туро фаромӯш кардам.

Ба назар мерасад, ки масеҳият ба ҳақиқат наздиктар бошад, то ойини бутпарастӣ. Худои воқеӣ бояд яке бошад, ки ҳама чизро халқ кунад, на ду чиз, на Худои хайр ва Худои шарр. Ман эҳсос мекунам, ки он роҳи парастиши Худо ҳақиқату наздику саҳеҳтар аст.

Ба завҷаам гуфтам:

– Дини аҷдодони мо ҳаргиз аз дини эшон беҳтар нест.

Баъдан ду маротибаи дигар ҳамроҳи завҷаам ба калисои масеҳиён рафта, бо ходимону роҳибон хеле сӯҳбатҳо кардем. Роҳиби масеҳӣ Ҳазрати Исои Масеҳро фарзанди Худои яккаю ягона мехонад, барои ҳамин бо завҷаам машварат намуда, ба назди Шумо, мусулмонон омадам. Аз Усқуфи[1] Масеҳӣ огоҳӣ ёфтам, ки Худои шумо, мусулмонон ва Масеҳиён якест ва ҳақиқату бартарӣ дар кадоме аз динҳои Шумо бинам, аз ҳамин сабаб се рӯз мешавад, ки ибодати Шуморо гӯш карда, бартарии онро аз ибодати масеҳиён дар тарозуи ақл бар мекашам, -гуфту пирамарди доно гӯш ба суханони мо дода интизор шуд.

---

*1 Усқуф – Рӯҳонии Масеҳиён.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Банда суханро бо зикри исми Аллоҳ саловату мадҳи Пайғамбари Ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) оғоз намуда гуфтам:

– Дар сураи ал-Ихлос, сифатҳои зоти пок Субҳона ва таъоло, Аллоҳ оварда шудааст, ки мегӯяд: Худо ягона аст, назодааст ва на зода бошад, бе ниёз аст, нест ӯро ҳеҷ кас ҳамсар (1- 4)…

Гӯянд, ки самад (бениёз ба чизе) он аст, ки ҳар чи хоҳад кунад, бар ӯ ҷоиз нест, иллату маълул ва шакл.

Яҳуду тарсо гӯянд, ӯро зану фарзанд ҳаст, мӯътақиди муғон[1] он аст, ки ҳамсар дорад ва бандаи мӯъмин гуфт: «Ҳува» ва аз таътиле безор шуд, гуфт «Аллоҳ» аз гуфтори фалосифа мубарро гашт ва гуфт «аҳад» аз равиши санавия бироат намуд, гуфт «Аллоҳу Самад» аз мушобаҳа дур шуд, «Лам ялид ва лам йулад» хонд яҳуду тарсо безорӣ кард ва чун «Лам якуну лаҳу куфуван аҳад» калимаи «ҳува» қасам ба алҳон аст, Лафзи «Аллоҳ» бахри донишварон номи «аҳад» хати муҳибон «Аллоҳу Самад » насаби орифон «Лам йалид ва лам йулад» бахши оқилон, алфози «Лам йакун лаҳу куфуван аҳад» азони оммаи Мӯъминон аст (Тафс. Ҳус с. 967 ҳ) …

Баъд аз сифоти зоти поки Худованд пирамард саволҳои зиёдеро паиҳам медод ва ба ҳар як саволи ӯ ҷавобҳои пухтаю далелнок ёфта, ӯро қаноатманд мекардам. Дар охир, пирамард ба дини ҳақ боварии комил ҳосил карду чеҳраи ғамгинаш кушодатар шуд ва ӯ ба мо ваъда дод, ки баъди се рӯз ҳамроҳи завҷааш омада Исломи поку ҳақро қабул менамояд.

Дар воқеъ субҳи содиқи рӯзи дигар пеш аз адои намози бомдод пирамарди ҳиндуи бутпараст ҳамроҳи завҷааш ба масҷиди Марворид омада, калимаи Шаҳодатро ба забон оварда, муслим гардиданд. Мо се моҳи дигар пирамарди ҳиндуро таълими Ислом мекардему ӯ завҷаи худро таълим медод.

Исми пирамард Гандӣ ва исми завҷааш Чандра буд. Онҳо аз бахри исми будпарастӣ гузашта, бо як сидқу ихлоси

---

*1 Муғон – Зардуштиён – оташпарастон.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

самимӣ имсҳояшонро бо ҳурмати волидайни пайғамбари ислом Абдулло ва Омина гузоштанд. Дигар аз масҷид дур нашуда, доимо дар тоъату ибодати даргоҳи Иллоҳӣ буданд ва моро чун наҷотдиҳандагони хеш аз зулмоти дунёи башарӣ шумурда, бо як меҳру муҳаббати бепоён эҳтиром мекарданд.

Баъди се моҳи сипаришуда, бобои Абдулло ва момои Омина ҳамроҳи устодони азизу ғамхорамон, Шайх Абдулҳақ ва Мирзо Абдулазиз барои таҳсили минбаъда моро ба шаҳри Бомбай ба назди Мавлоно Абдулқуддуси бузург гуселониданд.

Дар вақти гусел бобои Абдулло моро ба оғӯш кашида, бо як меҳри падарона аз пешониамон бӯсиду ҳамроҳи завҷааш гирён шуданд. Онҳо аз мо ҷудо шудан замон се ҷигарбанди дар рӯзи тӯй қурбони зери пои фили девона шудаашонро ба ёд оварда, зор–зор ва талх–талх гириста мегуфтанд:

Аз он менолем, ки Шуморо гум мекунем, он се фарзанди гумкардаамонро дар симои Шумо дида ба ёди онҳо зинда мегаштем.

*Мазҳаби ошиқ зи мазҳабҳо ҷудост,*
*Ошиқонро мазҳабу миллат Худост.*

Мавлавии Балхӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РОҲ БА СӮИ ЛОНДОН

Махзани илму маърифат, яке аз шаҳрҳои калону зебои сераҳолӣ, қадима ва тараққикардаи Ҳиндустон шаҳри Бомбай дар соҳили баҳри Араб ҷойгир шудааст, ки онро «Дарвозаи Ҳиндустон» низ меноманд. Бомбай ҳамчун бандаргоҳи калонтарини ҷаҳон бо ёдгориҳои таърихӣ, ба монанди коху масҷид, китобхонаю чопхона ва корхонаҳои азими саноатиаш машҳур гардидааст.

Аз баҳори соли 1880 то тобистони соли 1887, яъне 7 сол дар ин шаҳри зебо таҳсили илм намуда, аз баҳрҳои беканори илмҳои риёзиёт, ҳандаса, ҷуғурофиё, нуҷум, таърих, кимиё, табииёт, фалсафа, илоҳиёт ва тиб қатрае баҳравар гардидам.

Дар ин давра дар сар то сари сарзамини Ҳиндустон давлати подшоҳии Британияи Кабир ҳукумрон буд ва дар шаҳри Бомбай дафтари сафорати Англия амал мекард. Сафорати Англия ҷамъияти навташкили «Ихвон–ул-муслимин»-и мусулмонони Ҳиндустонро ба расмият шинохту барои яке аз дафтарҳои ин ҷамъиятро дар шаҳри Лондон кушодан иҷозат дод. Ба супориши ин ҷамъияту тавсияи сафорати Англия барои бо тарзи дуруст ба роҳ мондани дафтари (филиал) ҷамъияти «Ихвон–ул-муслимин» гурӯҳи олимону толибилмони донишмандро интихоб карданд, ки шумораашон аз 22 нафар иборат буд. Дар рӯйхати ин гурӯҳи 22 нафара исми бандаи оҷиз низ сабт гардид. Аз ин гаҳе шод будаму гаҳе ғамгин, шод аз он будам, ки пандҳои бузургон дар гӯшҳоям садо медод. Сафар кун, сафар, ки аз сафар пухта гардад хоме, ғамгин аз он будам, ки муваққатан аз дидори мубораки дӯстони ҷониам Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдулкарим ҷудо мешавам. Ҳукуматдорони ишғолгари англис мехостанд, ки бо воситаи ҷамъияти «Ихвон–ул-муслимин» дӯстии байни мусулмонон ва масеҳиёнро дар Ҳиндустон мустаҳкам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намоянд, зеро ки онҳо аз шӯришҳои озодихоҳии мардуми Ҳиндустон метарсиданд. Қисми зиёди аҳолии Ҳиндустон халқҳои бутпараст буданд ва онҳо бар зидди масеҳиёну мусулмонон ва халқиятҳои дорои мазҳаби дигар мубориза мебурданд. Ҳокимони англис мақсад гузошта буданд, ки бо воситаи дӯстӣ бо мусулмонон пояи ҳукумронияшонро дар ин сарзамин мустаҳкам намоянд.

Рӯзи чоршанбе аввали моҳи феврали соли 1887 мелодӣ киштӣ аз бандаргоҳи шаҳри Бомбай ба самти баҳри Араб шино намуд.

Устоди бузургворам Ҳазрати Шайх Абдулқуддус ва Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим аз саҳни бандаргоҳ ба сӯи киштии ба ҳаракат даромада дастфишонӣ карда, бо мо видоъ мекарданд. Ҳаяҷони ногаҳонӣ маро фаро гирифта буд, зеро ин нахустин сафари баҳриям ба шумор мерафт. Шукри Худои бузургро ба ҷой оварда мегуфтам:

– Худоё, шукр аз он дорам, ки фарзанди кӯҳистон будаму ғайр аз хару асп дигар ба чизе савор нашудаам, имрӯз бо мадади Худованду шарофати пирони комил савори каштӣ гирди ҷаҳон мегардам. Дар ин сафар аз олами сирру асрори баҳру бар бохабар хоҳам шуд. Мавҷҳои баҳри азим киштиро алвонҷ медод ва гоҳе тӯфонҳои чандинсоата оби баҳрро ба осмон бардошта, моро метарсонд. Он шахсоне, ки бори аввал дар киштӣ нишаста шино мекарданд, аз ин хел тӯфонҳо метарсиданд.

Одамоне, ки миҷозашон савдоӣ буд, ба касали баҳрӣ гирифтор шуда тез–тез қай мекарданд. Банда дар баробари дигар вазоиф, вазифаи табибиро низ ба ӯҳда доштам, аз борхалта дору гирифта онҳоро табобат мекардам.

Сафар дуру тӯлонӣ ва хатарнок буд, шабу рӯз киштӣ ҳаракат мекард. Рӯзҳою ҳафтаҳо сипарӣ мегардиду соҳил дида намешуд, ҳама ҷо каб–кабуд менамуд, ки ин аҷоибот барои ҷаҳонбинии мо, мусофирон аҳамияти калони илмӣ дошт. Баъди чандин ҳафта киштӣ шинокунон баҳрҳои Арабу Сурхро паси сар карда, дохили баҳри Миёназамин гардид. Чаро ин баҳрро Маёназамин номидаанд?

Беҳуда ин баҳрро Маёназамин ном нагузошта буданд. Баҳри Маёназамин, баҳри дохили уқёнуси Атлантик буда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар байни қитъаҳои Аврупо, Осиё ва Африқо ҷойгир шудааст. Баҳри Миёназамин дар мағриб бо гулӯгоҳи Гибралтар бо уқёнуси Атлантик, дар шимолу машриқ гулӯгоҳи Дарданелл пайваст мешавад. Роҳҳои муҳими баҳрие, ки Аврупо, Африқо, мамолики Осиёи Ҷанубӣ ва Машриқӣ Австралияро мепайванданд, ба воситаи баҳри Миёназамин мегузаранд. Бандарҳои асосии Барселона (Испания), Марсел (Франсия), Генуя, Неопал (Италия), Пирей (Юнон), Бейрут (Лубнон), Порт- Саид, Искандария (Миср), Тунис ва Алҷазоирро рафта мегузарад.

Дар баҳри Миёназамин киту наҳангҳои азимҷуссаи дарранда ба киштӣ ҳуҷум мекарданд ва ба сипарҳои пӯлодини шамшер монанд бар хӯрда, захмин гардида, ақиб мегаштанд. Бори нахуст, ин ҳодисоту воқеоти аҷоиби баҳриро бо чашмони худ медидам, баъзе аз ҳамсафарон ба даҳшат афтода, аз тарс дир–дир меларзиданд ва калима арз карда, аз худованд мадад мепурсиданд. Қарибиҳои намози аср буд. Нурҳои тиллоранги офтоб ба мавҷҳои каб–кабуди баҳр бар хӯрда, як манзараи аҷоиби дилрабоеро мемонд. Наҳангу китҳои азими кабуд дар атрофи киштӣ ҷасту хез карда, гоҳе ба киштӣ наздик мешуданду гаҳе ақиб мерафтанд. Ногаҳон садои доду фарёди сарбозони англис хомӯширо вайрон кард ва монанди мӯрчагони ба хонаашон об даромада, дар даву ғеҷ шуда, дод мезаданд. Мо ҳам ба воҳима афтода, ба саҳни киштӣ баромадем ва шоҳиди воқеаи аҷоибе гардидем. Сарбозони англис ба сӯи наҳанги азимҷуссае, ки дар саҳни киштӣ ҷасту хез мекард, оташ мекушоданд. Дар даҳони наҳанг сарбози англис ғарқи хун дар талвосаи ҷон буд. Сарбозон бо эҳтиёт оташ мекушоданд, то ки тирҳо ба сарбоз бар нахӯранд ва бо тамоми қувваю ҳиссиёт мекӯшиданд, ки сарбози ба доми балои азим афтодаро наҷот диҳанд. Ин ҳодиса қариб даҳ дақиқа давом кард, тирҳои сарбозон ба бадани наҳанг бархӯрда, хуни ӯ бо хуни сарбоз омезиш ёфта, ҷорӣ шуда саҳни наҳанги гурусна фурӯ рафтаи ғарқи хун барои халосии ҷон то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ дастак зада, бо дастонаш аз лаби тагу болои наҳанг дошта, даҳани наҳангро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷағонданӣ (кушоданӣ) мешуд, лекин қувваташ намерасид. Наҳанги тирхӯрдаи гурусна бори охирин даҳонашро кушода, сарбозро якбора фурӯ бурду худро ба баҳр ҳаво дода, хунаш ранги кабуди баҳрро сурхчатоб намуда, аз назарҳо ғоиб шуд. Аз ин ҳодисаи даҳшатангез ҳама аҳли киштӣ дар тарсу ҳарос буданд ва чи кор карданашонро намедонистанд. Мо ҳам аз тарс ҳайрону парешонҳол ба сӯи сарбозони англис менигаристему барои соқу саломат мондану ба манзил расиданамон муноҷот намуда, аз даргоҳи Худованд мадад пурсида, рӯҳи пиронамонро ёд карда, илтиҷо мекардем. Охир фарзанди кӯҳистон чунин сафару чунин ҳодисаю воқеаҳои аҷоиби баҳриро бори аввал бо чашмони худ медидам. Баъдтар асли ин воқеаро аз забони сарбозони англису маллоҳон фаҳмидам, ки мегуфтанд:

– Ин хел ҳодисаҳои даҳшатовар дар ҳамин мавзеи баҳри Миёназамин дар фасли баҳор тез–тез рӯй медиҳад. Наҳангҳои азимҷуссаи ба гӯшти одам одаткарда дар ҳамин мавзеи баҳр макон доранд. Онҳо ба киштиҳои хурди сайёдону тоҷирон ҳуҷум карда, одамонро аз саҳни киштиҳо дошта, тӯъмаи худ мекунанд. Гӯшти одам барои онҳо луқмаи аз ҳама лазизтарин ба шумор меравад, бинобар ин онҳо ба киштиҳо ҳуҷум мекунанд. Ин сарбози марҳум, ки вазифаи навбатдорро ба ӯҳда дошт, дар саҳни киштӣ гашту гузор мекард. Сарбоз, ки соли аввал хизмати ҳарбиро ба ҷой меовард, аз ин ҳодисаю аз ин наҳангони одамхӯр бехабар буд. Бо нурҳои тираранг офтоб, ки ба мавҷи каб–кабуди баҳр омезиш ёфта, ба тиру камон шабоҳат дошт, нигариста завқ мебурд. Дар ҳамин вақт ногаҳон мавҷи калоне пайдо шуду наҳанги гуруснаи даррандае тақрибан панҷ–шаш метр ба осмон ҷаҳида, худро дар саҳни киштӣ гирифт ва даҳонашро кушода, ин сарбози навхизматро ба коми худ то миён фурӯ бурд. Мо бо як чусту чалокӣ аз тарс ба ақиб гурехта, ба сӯи наҳанг эҳтиёткорона оташ мекушодем, то ки ба сарбоз нарасад.

Маллоҳи кӯҳансоле мегуфт:

– Ин пирнаҳанг ба ман 10 сол боз ин ҷониб шинос аст, ӯ даҳҳо ва садҳо одамонро тӯъмаи худ гардонидааст у садҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тир бадани ӯро сӯрох карда бошанд ҳам, ӯ то ҳол ҳалок нагардидааст.

Сардори корвони баҳрӣ моро даъват карда гуфт:

– Ғайр аз сарбозон дигар ба касе иҷозат дода намешавад, ки дар муддати як шабонарӯзи дигар ба саҳни киштӣ бароянд, зеро ин мавзеъ хатарноктарин мавзеи баҳри Миёназамин аст. Мо як шабонарӯз аз тарси наҳанги одамхӯр ба саҳни киштӣ набаромадем.

Дар ниҳояти кор баъди якчанд ҳафтаи дигари сафар ба воситаи уқёнуси Атлантика озими шаҳри Лондон гардидем. Лондон яке аз шаҳрҳои сераҳолитарин буда, дар маркази ҳавзаи Лондон ба ду тарафи соҳили резишгоҳи дарёи Пемза аз соҳили бахр дар баландии 5 метр воқеъ гардидааст. Лондон яке аз бандарҳои калонтарини баҳрии дунё ба шумор меравад ва маркази калонтарини тиҷоратии ҷаҳон мебошад. Хонаю коххои бисёрқабатаи сар ба авҷи фалак кашида ҳусну таровати шаҳрро даҳ чандон зебою дилрабо мекунанд. Калисою китобхонаҳои калонтарини ҷаҳон дар ин шаҳр сохта шудааст.

Дар китобхонаҳои шаҳр осорҳои хаттӣ, хусусан, дастхатҳои ҳозираю қадимаи олимону адибон ва шоирони тамоми миллату қавму халқиятҳои мамолики ҷаҳонро пайдо кардан мумкин аст. Пас маълум мегардад, ки давлати Британияи Кабир аксари мамолики дунёро мусаххар карда, боигарӣ ва ёдгориҳои таърихӣ, аз қабили дастхату зарф ва асбобу лавозимоти дорои аҳамияти бузурги ҷаҳонӣ доштаро ғанимат гирифта, дар мамнӯъгоҳҳояшон нигоҳ медоранд. Дар ин китобхонаҳо боигарии маънавии миллатҳои гуногуни ҷаҳон, китобу дастхатҳои нодири олимони арабу форс, турку ҳинду гирд оварда шудааст. Дар ин айём мо бо дастхатҳои олимону адибон ва муаррихону шоироне шинос шудем, ки ном ва осори онҳоро дар хоки аморати Бухорою Афғонистону Эрон ва Ҳиндустон надида ва нашунида будем. Дар байни ин дастхату осорҳои гаронбаҳо дастхату осорҳои ба забони ширинтарини ҷаҳон–забони тоҷикии форсӣ навишта шуда ҷои аввалро ишғол мекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ин шаҳр бо осори гаронбаҳои шоир ва олими форсизабони соҳаи илми нуҷум Дақоқи Сино вохӯрдам, ки тамоми ҳодисоту воқеаҳои дунёро аз гардиши сайёраҳо муайян карда, он воқеаю ҳодисоти ба вуҷуд ояндаро пеш аз вуқӯъ пешгӯӣ мекардааст, аз ин осори гаронбаҳо каме бохабар гардидам. Пас ба хулосае омадам, ки осори гаронбаҳои илмию бадеӣ ва таърихии мардумони Осиё ва Африкоро англисҳо дар шаҳри Лондон ҷамъ овардаанд ва олимони англис аз он осорҳои илмию адабӣ ва таърихӣ истифода бурдаанд, аз ҳамин сабаб илму техникаи англисҳо ба дараҷаи олӣ тараққӣ карду онҳо ҳукмрони ҷаҳон гардиданд.

Дар айёме, ки мо дар шаҳри Лондон иқомати муваққатӣ доштем, олимони англис ба сохтани «Мурғи оҳанин», аэроплан машғул буданд. Дар озмоишҳои аввалин аэропланҳо бе одам парвоз мекарданд, он аэропланҳо чун мурғон парвоз карда, ба талу теппаҳо бар хӯрда, пора–пора мешуданд. Баъдтар озмоишро бо одам гузарониданд, ки дар ин озмоишҳо чандин одамон қурбон гардиданд. Ҳукуматдорон ва олимони англис барои забт кардани мамлакатҳои Осиё ва Африко кӯшишҳои беандоза намуда, барои сохтани яроқу аслиҳаҳои навтари харбӣ маблағҳои зиёдеро харҷ мекарданд. Барои ҳайати 22-нафараи мо дафтари кориеро тайёр карданд ва мо то охири моҳи июли соли 1887 ҳамроҳ бо кормандони сафорати Ҳиндустон кор бурда, баъди иҷрои вазоиф боз бо роҳи омада боз гаштем. Дар бозгашт барои бехатарии одамон аз хавфи киту наҳангҳо дар тагу пеш ва атрофи киштӣ сипарҳои шамшермонандро пайваст карда буданд. Бо мадади Худованд, соқу саломат аз баҳри Миёназамин гузашта, ба воситаи баҳрҳои Сурху Араб дар таърихи рӯзи 25 июли соли 1887 озими шаҳри Бомбай гардидем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ФАТҲИ ИСЛОМ ДАР КАЛКАТТА

Соли 1887. Бозгашти мо аз Бомбай ба шаҳри Калкатта ҳангоме ба вуқӯъ пайваст, ки дар тамоми сарзамини Ҳиндустон низоъҳо (мубориза) байни ҳиндувону сарбозон ва саркардагони англис АВС мегирифт.

Ӯрдуи англис ин низоъҳоро бераҳмона пахш менамуд. Мардуми гуногуннажоду гуногунмиллат ва гуногундини ин сарзамин аз ҳад зиёд бенавою қашшоқ гардида, аз таъсири гуруснагию маризиҳои гуногун мефавтиданд.

Аз ин вазъи бенавою қашшоқии мардум ҳокимону диндорон, хусусан, намояндагони динҳои калонтарини ҷаҳон–ислом, масеҳӣ ва бутпарастон истифода намуда, байни ҳам мубориза бурда, кӯшиш менамуданд, ки бо роҳу усулҳои гуногун, аз қабили амри маъруф ва наҳйи мункар (ташвиқоту тарғибот) ва расонидани кӯмак, аз қабили пайса, молу амвол ба бенавоёни мардуми ҳинд, сафи пайравони худро зиёд намоянд. Хусусан, ҳокимони англис бенавоёни бедини бутпараст ва оташпарасту говпарастро бо кӯмакҳои хайрия таъмин намуда, ҳар чӣ бештар сафи диндорони месеҳиятро аз ҳисоби ин гуна мардум зиёд менамуданд, то ки пояи ҳукмрониашонро дар ин гуна кишвар мустаҳкам гардонанд.

Шаҳри Калкатта калонтарин ва зеботарин шаҳри бандаргоҳи баҳрии ҷаҳонист. Бисёре аз хонаю кохҳои зебои бисёрқабатаи ин шаҳр, ки сар ба авҷи фалак кашидаанд, дар болои баҳр сохта шудааст, касро ба ҳайрат меоварад. Дар шаҳр одамони зиёдею кункаҳо (мошин)-ҳои англисӣ чун мӯрчагон дар рафту омад буданд. Калкатта пойтахти Ҳандустони англисӣ ба шумор мерафт, ки шумораи мардумаш ба 6 миллион нафар мерасид.

Пирамардону пиразанон ва тифлониноболиғ, занону ҷавонони бемору гуруснаи бехонаю дари ҳиндунажодро дар партовгоҳҳои шаҳр дидан мумкин буд, ки сарқутҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

партофтаи сарбозони англису давлатмандони таҳҷоиро, аз қабили устухонҳои нимхоидашуда, моҳию себу афлесунҳои бӯйгирифтаю пӯсида ва нонҳои қоқу мағорбастаро дар халтаҳояшон ҷамъ намуда, қути лоямут мекарданд, ки дар натиҷа ба маризҳои гуногуни сирояткунанда мубтало гардида, мефавтиданд.

Ҳар сабоҳ пеш аз дамидани субҳи содиқ ходимони ҳиндунажод савори фойтунҳо, партовгоҳҳои шаҳрро аз назар гузаронида, ҷасадҳои беҷони сахт (карахт) шудаи пирону тифлон ва занони ҳомилаи аз таъсири гуруснагию бемориӣ вафтидаро ба фойтунҳо бор карда, ба соҳили уқёнуси Ҳинд (халиҷи Бангола) оварда, болои ҳам чун ҳезуми тар тал чинда, оташ мезаданд ва хокистари онро ба уқёнус ҳаво медоданд.

Занони ҳомилаеро низ дар тангкӯча, канори роҳҳо ва ҷойҳои хилват дучор омадан мумкин буд. ки дар вақти ҳамли таваллуди фарзанд ҷонбозиҳо карда, ба сахтию азоби алим ҳамроҳи тифлашон ҷон медоданд, касе парвои онҳо надошт ва ба додашон касе ҳам намерасид.

Шаб дар осмони софи шаҳр ногаҳон порчаи абре пайдо мешавад ва боди сахте мевазаду раъду барқ ба вуҷуд меояд, ки шаби торикро чун рӯз равшан намуда, садои раъд гӯшро кар мекунад ва дар лаҳзае аз замин оби борон чун наҳр дар кӯчаҳо равон мегардад, ки дар натиҷа аҳволи вазнини мардуми бехонаю дар боз ҳам вазнинтар мегардад.

Солҳои пешин аз ин раъду барқ мардуми ин шаҳр зарари моддию ҷонӣ медиданд ва дар солҳои охир ҳукмронони англис дар болои ин коххои баланду хонаҳои бисёрқабатаи сар ба авҷи фалак кашида асбоберо гузоштанд, ки зарби раъду барқро мегардонд ва ба мардум зарар намерасид.

Наҷоти ин мардуми гумроҳи ғайри динро фақат дини мубини ислом кафолат дода метавонист. Зеро ки дар китоби Қуръони Азимушшаън оварда шудааст: «Мӯъмин бародари мӯъмин аст». Аз ҳамин лиҳоз, мусалмон хоҳ вай шоҳ бошад, хоҳ гадо, сиёҳпӯст бошад ва ё сафедпӯст бародари ҳамдигаранд ва дар назди Худованд ҳама яканд, яке аз дигаре бартарӣ надоранд. Мӯъмини доро бояд дасти мӯъмини афтодаю мӯҳтоҷро бигирад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бандаю Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим суроғ ба суроғ шарафёби ҳузури дидори муборaки муфтии мусулмонони шаҳри Калкатта Шайх Исмоилхон гардидем. Шайх Исмоилхон бо як лутфу марҳамати хоса моро қабул намуд. Баъд аз сӯҳбатҳои тӯлонӣ ва огаҳ ёфтани Шайх Исмоилхон аз аҳволу мақсаду мароми мо бо як муҳаббату ихлоси самимӣ аз шарҳи ҳоли худ моро огоҳонида гуфт:

– Раҷив бобоям бутпараст буда, дар синни муборaки 40-солагияш хобе дида бутҳоро шикаста, Исломи бузургро қабул намуд ва исмашро Раҷаб гузошта будааст. Бо кӯшиши зиёди падари марҳумам Иброҳимхон, ки марди ғаюри низомию сарватманде буд, тамоми мардуми қабилаамон, ки аз халқҳои банголӣ иборат буданд, аз бутпарастӣ рӯй гардонида, Исломи поку ҳақро қабул намуданд. Бо лутфи Худованди ломакон ва хоҳиши падари меҳрубон ман соҳиби хати иршоди ирфонӣ гардидам ва аз махзани маърифати исломӣ бохабар шуда, ба ин мартабаю мансаб расидам. Шукр ва сипоси беҳад ба Парвардигори олам ва дуруди бепоён ба Пайғамбари ӯ ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу ъалайҳи васаллам). Қарзи мо дар назди Маъбуд (Худо)-и барҳақ ва пайғамбари баргузидааш, пеш аз ҳама, ин зиёд намудани сафи мусалмонон аз ҳисоби мардуми дар ҷаҳолатафтодаи бедину бутпараст ва оташпарасту говпарасти ин сарзамин аст.

Исломи ҳақ бояд бар динҳои ботил фатҳу зафар кунад. Меҳмонони бухороӣ, мардуми мусалмонони Ҳиндустон кадом қавму халқияте набошанд, аз аҷдодони бофарҳангу бомаърифати Шумо миннатпазиранд. Ба шарофати ташрифи амирону лашкаркашон ва олимони бузурги сарзамини мӯъҷизаофарини Хуросону Мовароуннаҳри Шумо ин сарзамини торикистони зулумот аз нурҳои рахшандаи хуршеди Исломи ҷаҳонгир равшан гардид ва ин мардуми гӯлу гумроҳ Офаридагору Пайғамбари барҳақи худро шинохтанд.

Акнун, ки Шумо аз он макони илму маърифати исломӣ ва авлиёю анбиёҳо бо лутфи Худованд ба ин сарзамин ташриф овардаед, иншооллоҳ бо шарофати марҳамати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шумо сафи мусалмонони мо боз ҳам меафзояд. Мо панҷ шабонарӯз дар меҳмонии Шайх Исмоилхон будем ва панҷ вақт намозро дар масҷиди калони ҷомеи назди бандаргоҳ адо менамудем.

Дар ин ҳангом мо шабу рӯз дар атрофи илмҳои гуногун баҳсу мунозира намуда, аз илму маърифати андӯхтаи ҳамдигар бахра мебурдем.

Пеш аз бастани рахти сафар Шайх Исмоилхон бо як оҳанги илтиҷоомез ва имдодталабона бо ҷиддият рӯй оварда гуфт:

– Пагоҳ баъди адои намози ҷумъа дар назди масҷиди бандаргоҳ аз ҳисоби ҷамъияти «Ихвол–ул–муслимин» ба бечораю ятиму бенавоён оши хайрия дода мешавад.

Баъди хӯрдани оши хайрия, мо дар назди ин мардуми бедину бутпараст, оташпарасту говпараст, ки кулли онҳо қашшоқу бекоранд, амри маъруфу наҳйи мункар мекунем. Ду сол мешавад, дар баробари англисҳо, ки онҳоро ба масеҳият мехонанд, мо ҳар ҳафта рӯзҳои ҷумъа оши хайрия дода, амри маъруфу наҳйи мункар намуда, онҳоро ба дини ҳақ яъне Исломи бузург даъват менамоем. Дар ин рӯзҳо даҳ–дувоздаҳ нафар дини моро қабул мекунанд ва мо онҳоро ба масоҷиди ҷойҳои зисташон даъват намуда, илми ислом меомӯзем. Меҳмонони аз Бухорои Шариф омада, пагоҳ ҳамроҳи мо дар ин маҳфили исломӣ ширкат варзида, амри маъруфу наҳйи мункар мекунед, шояд бо мадади Худованд ва шарофати воъизии Шумо каме бошад ҳам, сафи мусулмонон дар ин кишвари бутпарастон зиёд гардад!

Мо ба дархости Шайхи меҳмоннавоз розӣ шудем. Ҳаяҷони ногаҳонӣ бандаро фаро гирифт. Шаб то ба субҳи содиқ китобҳои лозимаро варақгардон карда, ба даргоҳи Худованди мушкилкушо муноҷот намуда, дар назди Офаридагор, рӯҳи пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) ва пирони тариқатамро шафеъ оварда, дуо карда, мадад хостам. Баъди адои намози ҷумъа ба саҳни масҷид баромадем, зиёда аз ҳазор нафар мардуми харобу лоғари нимбараҳнаи сиёҳҷурда ҷамъ шуда буд. Онҳо баъди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тановули оши хайрия бесаброна интизории суханони моро мекашиданд.

Шайх Исмоилхон ба минбар баромада рӯй ҷониби халқ оварда, ба зикри исми Аллоҳу Пайғамбар қариб ду соат амри маъруфу наҳйи мункар намуд.

Дар вақти воъизии Шайх ин мардум бо забонҳои гуногун ба ӯ саволҳои мушкилеро медоданд. Шайх ва шогирдонаш ҳар як саволи онҳоро бе ҷавоб намонда, бо далелу ҳуҷҷатҳои илмии шаръӣ ҷавобҳои пухтаю пурра мегардонданд.

Дар ин ҳангом вазъият хеле нозук буд, рафту агар ҷавоби ягон савол каме нопурраю бе таъсир бароянд, мақсаду мароми дар пеш гузоштаи мо, воъизони Ислом барбод мерафт.

Аз ҳамин лиҳоз, маро як ҳаяҷони ногаҳонӣ фаро гирифта бошад ҳам, аз тарафи дигар қувваи боварибахши раҳмониро Худованди мушкилкушо ба лутфи худ дар қалби хираду забони мо чун ҷавшани фӯлодину чун шамшери бурранда ато фармуда буд, аз ҳамин сабаб ҳар як тири маро Офаридгор бе хато ба нишон мерасонд.

Дар охири суханрониаш Шайх Исмоилхон маро ба мардуми ҷамъомадаи ташнаи суханҳои ҳақ муаррифӣ намуд, дар вақти муаррифӣ ҳангоме, ки Шайх номи Бухорои Шарифро ба забон мегирифт, бо сабабҳои ба мо номаълум онҳо бо як ҳаяҷон сӯи мо дастафшонӣ  намуда садо баланд мекарданд. Ин садоҳо арзи  сипосе буд, ки шӯҳрати баланду маърифати ҷаҳонгири аҷдодони бузурги моро ифода мекард. Навбати воъизӣ ба банда расид. Ин нахуст имтиҳони сангини дар назди Худову Пайғамбар ва пирони тариқатам буд. Худ ба худ савол медодам ва сабақҳои додаи ҳар як пири тариқатамро пеши назар оварда гӯё бори дигар варақгардон мекардам. Ногаҳон дар самъу қалбам садои пири ғоибам Мир Сайид Алии Ҳамадониро ҳис кардам, ки мегуфт:

– Воъиз шав! Воъиз шав, ки фатҳи ислом наздик аст. Дар ин ҳангом қалбамро қувваи ногаҳоние фаро гирифт, ки бар се забони ин халқи гуногунзабон, баъди такрор ба забони Қуръон (арабӣ) исми Аллоҳу Пайғамбар ва калимаи Шаҳодатро хондам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳангоми амри маъруфу наҳйи мункар намуданам, бо шарофати рӯҳи Ҳазрати Муҳаммад (с) ва пирони тариқатам, Худованди Раҳмону Раҳим лутфу марҳамати хешро бар бандаи оҷиз чунон арзонӣ дошт, ки забонам чун теғи бурро дар ҳар як мавзӯе, ки воъизӣ мекардам, он бобу он саҳифаи китоб гӯё дар пеши чашмам варақгардон мешуду онро бо қалби саршор таъсирнок аз ёд мехондам. Ба мисли он сайёде, ки таваккал бар Худо карда, тир меандохту Худованд тири ӯро ба нишон мерасонд.

Расо чаҳор соат воъизӣ намудаму аз чӣ тавр сипарӣ шудани вақт бехабар мондам.

Ҳангоме ба худ омадам, ки Шайх Исмоилхон ба ҳаяҷони бузург мегуфт:

– Офарин! Офарин! Тир ба ҳадаф расид! Бо ишораи Шайх оятеро аз Қуръони Маҷид, бо овози баланд қироат намуда «Омин» гуфта будам, ки қисми зиёди ҷамъшудагони саҳни масҷид аз ҷойҳои худ бархеста, ду даст дар болои сина гузошта «Калимаи шаҳодат»-ро бо як овози баланду ҳаяҷони бузурги осмонӣ ҳамроҳи мо воъизон се маротиба такрор намуда гуфтанд:

– «Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу». Ва дар ҷойҳои худ сар ба пеш афканда интизор нишастанд.

Садои «Калимаи шаҳодат» чунон баланду ҷозибанок буд, ки акси садояш ба коху биноҳои бисёрқабатаи лаби баҳру болои баҳр бар хӯрда, дучанд мегардид, ки гуё заминро дар ларза меоварду гӯши фалакро кар мекард ва ба мардуми бе дини шаҳри Калкатта муждаи фатҳи Исломи ҳаққу покро мерасонд.

Нисфи ками ҷамъшудагони саҳни масҷид, ин маҳфили исломиро тарк намуда, ба чор тараф пароканда гардида, аз паи кори худ рафтанд. Шайх Исмоилхон ва шогирдонаш моро бо самимият дар канор гирифта, аз ҷабинамон мебӯсиданд ва бо як хушнидию ҳаяҷони бузург мегуфтанд:

– Офарин, эй фотеҳони бухороӣ, бо лутфи Худованду шарофати наҳйи мункари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шумо ин мардуми сар ба пеш фиканда Исломи поку ҳақро пазируфтанд, ва он касоне, ки ба чор тараф пароканда шуданд, имон наоварданд.

– Шогирдони Шайх имоновардагонро шумурда, миқдорашонро ба 600 (шашсад) нафар муаррифӣ намуданд.

Шайх Исмоилхон ва шогирдонаш хурсандӣ намуда, шукри Офаридгорро ба ҷой оварда мегуфтанд:

– Коре ки Шумо кардед, мо дар ду сол накарда будем. Шайх Исмоилхон қисми зиёди шогирдонашро барои таълими имоновардагон фиристоду худаш се шабонарӯзи дигар бо як иззату эҳтироми хоса моро меҳмондорӣ намуда, аз сӯҳбатҳои илмии ҳамдигар баҳравар гардидем. Шайх Исмоилхон се аспи аз Бомбай овардаи моро бо қимати гарон фурӯхта, пайсаашро ба мо баргардонданд ва аз ҳисоби худ барои мо роҳкирои оташаробаро (қатора) аз шаҳри Калкатта то ба Деҳлӣ пардохт. Мо се нафар мусофирон ба оташароба савор шуда, ба самти Деҳлӣ равон шудем.

Шайх Исмоилхон дар саҳни истгоҳ истода, бо як меҳру муҳаббат ихлоси самимӣ ба сӯи мо дастфишонӣ мекард. Шодию хурсандии ӯ ҳадду канор надошт, шодию хурсандии ӯ аз Фатҳи Ислом дар Калкатта буд.

## САЙЁДОНИ БУХОРОӢ ВА МОРИ ОШИҚ

Моҳи миёнаи фасли гармои тобистони соли 1887 мелодӣ буд, дар ин айём мо, мусофирон бо ризогии Офаридгор савори оташароба (қатора) аз шаҳри Калкатта озими шаҳри Деҳлӣ гардидем.

Аз таъсири гармою дурии роҳ хастагӣ бар мо асар карда буд. Домулло Абдукарим, ки табиатан дардманд буд, мариз гардид ва дар ҷисму симои ӯ хастагӣ бештар пайхас карда мешуд. Чоштгоҳи рӯзи чоршанбе вориди Деҳлӣ гардида, намози пешинро дар масҷиди Марворид адо намуда, аз дидори муборакӣ устодонам шайх Абдулҳақу Мирзо Абдулазиз, ки ҳафт сол пеш аз хазинаи илму маърифати онҳо таълим гирифта баҳра бардошта будем, шарафёб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гардидем. Се шабонарӯз дар Деҳлӣ таваққуф карда, мазорҳои Пири Ҳумоюн ва Ҳазрати Мирзо Абдулқодири Бедилро зиёрат намуда, аз сӯҳбатҳои устодонамон оиди мавзӯъҳои ғазалиёти ирфонии Ҳазрати Бедил ва дигар орифони бузурги тасаввуф баҳраҳои маънавӣ мегирифтем.

Устод Шайх Абдулҳақ дар мавзӯъҳои асарҳои бузурги Мирзо Бедил «Ирфон» «Чор унсур» ва ғазалиёти дигар орифони бузурги аҳли тасаввуф ҳарф зада, баъзе порчаҳои шеъриро аз эҷодиёти ин бузургон мисол оварда, шаҳру тафсир дода мегуфт:

*Дар миёни чор дарё тахтабандам кардаӣ,*
*Боз мегӯӣ, ки доман тар макун, ҳушёр бош!*

Орифони бузурги аҳли тасаввуф пайдоиши ҳаёт ва одамро дар рӯи замин, аз чаҳор нахустунсур–хоку об ва боду оташ мансуб дониста, маънидод карда, тақдиру қисматиояндаи инсонро низ чун одами дар болои чор дарё тахтабандшуда нишон дода, тасвир мекунанд. Дарёҳои аввалу сонӣ, ин дарёҳои лутфу нури Ҳақ (Худо), яъне дарёҳои ақл ва эмон, дарёҳои саввуму чаҳорум, ин дарёҳои зулмот (торикӣ), яъне дарёҳои нафси куфр ва шайтони раҷим ҳаст.

Агар одам ҳушёр бошад, бо мададу лутфи Худованди бениёз, дарёҳои ақлу эмони ӯ сероб гардида, ғолиб меояд ва ба водии хушбахтӣ шино карда, рафта мерасаду дар ҳар ду олам саодатманд мегардад.

Агар рафту одам ҳушёрӣ накунад ва дарёҳои ақлу эмони ӯ заиф гардад, он гоҳ дарёҳои нафс ва шайтон сероб мегардад ва ба дарёҳои ақлу эмони ин одами бадбахт ғолиб омада, ӯро ба оғӯши хеш кашида, ҳамнишини шайтони раҷим мегардонанд. Ин инсони гӯлу гумроҳ, мағрур ба сарвату бандаи нафс, ҳамнишини шайтон шуда, дунёи абадиро ба як маишати чандинсоатаба ин дунёи фонӣ иваз мекунад. Он гоҳ ин одам, бахту саодатро дар молу сарвати зиёд ва ишрату маишат гумон карда, аз олами илму маърифату



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маънавиёт дур мешавад. Охирати хешро абадӣ сӯзонда, фардо, рӯзи қиёмат, ҳамнишин бо шайтони раҷим, дар назди Офаридгор саволу ҷавоб мекунад.

*Як дили огаҳ аз сад хирмани зар беҳтар аст,*
*Дидаи пурнам зи оби ҳавзи Кавсар беҳтар аст.*

Мо аз ин сӯҳбатҳои навбатии устодон сирру асрори нав ба нави назми бузурги тоҷикӣ – форсиро ҳарҷӣ бештар кашф мекардем.

Мувофиқи дастури устод Мавлоно Абдулқуддуси Бомбай ва саҳму кӯмаки устодони деҳлигӣ Шайх Абдулҳақу Мирзо Абдулазиз сабоҳи рӯзи чаҳорум озими бозори шаҳр гардида, бо қимати хеле арзон чор аспи арабизод харидему анҷоми сафар, ки кулли онро китобҳои нодири илмӣ ташкил медод, бор намуда, бо устодони худ алвидоъгӯён роҳро ба самти Кашмир тай менамудем. 14 сол дар мусофират гирди ҷаҳон мегаштем, қиматтарин сарвати дунё «кутуб»-ро захира карда ва бо худ аз шаҳре ба шаҳре мебурдем.

Сарзамини Ҳиндустон дар баробари табиати ҳамешабаҳори зебои биҳиштмонандаш марғзору бешазорони анбӯҳи торику касногузаре дорад, ки агар фарсаххо роҳи даруни ҷангалзорро тай намоӣ, аз ҷиҳати зичии дарахтонаш сарат офтобро намебинад. Дар ин гуна ҷангалзорҳо даррандагону хазандагони бадафту даҳшатовар ва зиёновари хунхор, ба монанди фили ваҳшии девона, шеру бабру паланг ва мору аждарҳои ниҳоят калони одамхӯрро дучор омадан мумкин аст. Ҳар сол филони девона ба деҳаи наздики бешазорҳо ҳуҷум карда, хонаҳои аз гилу чӯбу хас сохтаи мардуми қашшоқу бечораро ба хок яксон намуда, садҳо кӯдакону занон ва мардони нимбараҳнаи ҳиндуро дар зери пойҳои сутунмонанди ин филҳои девона маҷақ шуда, ба сахтӣ ҷон медоданд, ки инро ҳиндуҳо марги даҳшатноктарин меноманд.

Шеру бабру палангон бошанд, ба шикору хӯрдани ҳайвоноту паррандагони дар бешазор Буда қаноат накарда, шабона гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба деҳаҳои назди ҷангалзорҳо ҳуҷум намуда ҳайвоноти хонагӣ, аз қабили гову хар, бузу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯсфандонро аз оғилҳо бароварда дарронда мехӯрданд, ҳатто одамони беяроқи аз пешашон мебаромадагӣ низ тӯъмаи лазизтарини онҳо мегардад.

Агар рафту шеру бабру паланг ва мору аждарҳои калон ба хӯрдани гӯшти одам одат кунанд, аз кадом сабаб бошад, ки онҳо дигар ҳайвоноту паррандагонро шикор накарда, аз дунболи шикори одам мешаванд.

Мо дар муддати як шабонарӯз ҳашт фарсах роҳро тай намуда, дохили ҷангалзори анбӯҳи торике гардида, дар соҳили дарёи Ганг рӯ ба ҷониби шимол ҳаракат мекардем.

Роҳ басе дуру мушкилу хатарнок буд, аз даруни бешазори торик садоҳои воҳимаангези паррандагону даррандагон ва дигар ҳайвоноти ваҳшӣ ба монанди садои фили ваҳшии девона, наъраи ғул-ғуладори шеру бабру паланги тездандон ба самъи мо мерасиду тарсу даҳшат қалби моро даҳчанд зиёд мекард. Мо таваккал бар Худои роҳнамои мушкилкушо карда, бо мадади рӯҳи поки пайғамбару пирони тариқат ба пеш мерафтем.

Ин роҳ ба мо шинос буд, зеро ки нӯҳ сол пеш- соли 1878 дар талаби илм аз ин роҳ гузашта, вориди Деҳлӣ шуда будем.

Дар ҳамон вақт ҳамроҳи мо ду нафар бозаргони мусулмони банголӣ ҳамсафар буданд, ки ба лафзи зебои ширини форсӣ ҳарф мезаданд. Онҳо мавзееро дар соҳили дарёи Ганг ба мо нишон дода гуфта буданд, ки дар ҳамин мавзеъ, дар даруни бешаю қамишзори соҳили дарёи Ганг макони ду мори (аждаҳори) калони ошиқи бо ҳам печидааст, ки сарашон ба монанди сари уштур буда, дарозияшон тахминан 20–25 газ ба шумор меравад.

Онҳо ба одамону ҳайвонҳои хонагӣ зиён намеоранд, танҳо маймуну хирсу гургони зараррасонро тӯъмаи худ мекунанд.

Чандин морбозону афсунгарони номии Ҳиндустон омада, ба онҳо наздик шуданд ва афсун хондаю найнавозӣ карданд. Он ду мори ошиқи печон сар бардошта, бо як навозиши сулҳҷӯёна забонашонро бароварда, сарҳои худро ҷунбонда, гӯё гуфтанӣ мешуданд, ки ишқ ин мӯъҷизаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Офаридгор аст ва ба ин мӯъҷиза содиқем ва дар партави ишқи худ масту мадҳушем, ба шумо одамон коре надорем ва шумо ҳам ба мо кордор нашавед. Моро гузоред, дар дунёи бевафою сарсонию саргардонӣ, каме бошад ҳам, аз лаззати ишқи пок баҳра бардорем. Аз ин ҳикояти бозаргони бангол ӣ мо ҳайрон монда будем.

Корвони мо ба макони он морони ошиқ наздик шуда буд, ки сари роҳамонро сарбозони бешуморе аз ӯрдуи англису ходимони камшуморе аз амалдорони Ҳиндустон гирифта, огоҳ карда монданд, ки роҳ банд асту басе хатарнок ва касеро иҷозати ба пеш рафтан нест.

Сарбозони англису ҳокимони Ҳиндустон дар хаймаҳо зиндагӣ карда, аз чӯб манораҳои баланде сохтанду аз болои он манораҳо бо дурбин ба даруни ҷангалзори соҳили дарёи Ганг нигариста, ба воситаи сим (телефон) аз дидаю шунидаашон тез-тез ба ҳамдигар хабар медоданд. Мо, мусофирон бори аспҳоро фароварда, дар интизори кушодашавии роҳ нишастем. Соат ба соат сафи мусофирони ҷамъшудаи роҳгузар меафзуд, аммо ҳеҷ маълум набуд, ки кай роҳ кушода мешаваду мо ба роҳ мебароем.

Баъдтар ба мо маълум гардид, ки роҳ аз чор самт– аз ҷанубу шимол ва аз машриқу марғиб баста шуда, макони морони ошиқ дар муҳосира гирифта шудааст. Сабаби басташудани роҳ ба мо маълум гардид, моҳе пеш сарбозони англис бо тиру туфанги зиёде ба сӯи он морони ошиқ оташ мекушоянд. Мори модинаро маҷрӯҳ мекунанд ва мори нарина қариб як ҳафтаи дар болои ҷасади нимҷони маҷрӯҳи ёри бовафояш азодорӣ намуда мехоҳад, ки ӯро табобат кунад. Баъди як ҳафта маҷрӯҳи мори модина бо азобе ҷон медиҳад. Мори нарина бошад зиндагиро бе ёри меҳрубонаш бар худ раво надониста, ба қаҳру ғазаб омада, гӯё аз забони шоир мегуфт:

*Ҷонон, агар аз ҷафои ту хоҳам мурд,*
*Ҳам дар талаби ризои ту хоҳам мурд.*
*Гар ман мемирам, ба меҳри ту хоҳам зист,*
*В-ар ман бизиям, барои ту хоҳам мурд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мори нарина аз шиддати қаҳру ғазаб дар муддати се ҳафтаи охир 30 нафар сарбозони англис ва дигар одамони ба домаш афтодаро зинда ба зинда якбора фурӯ мебарад, баъди ду-се соат одами дар шиками мор буда об шуда, аз ӯ дигар асаре боқӣ намемонд. Мори ошиқ ба ғазаб омада дигар ба ҳайвоноту паррандагони ваҳшии ҷангалзор коре надошт, фақат аз дунболи шикори одам буду бас, зеро, ки одам ба ӯ хиёнат карда буд. Охир кирдору рафтори бадро холиқу махлуқ намебахшад.

Рӯзи сеюми интизорӣ буд, ҳангоми чоштгоҳ ногаҳон садои сарбозони англис аз болои манораҳо баланд шуд. Онҳо бо дурбин ба макони мор нигариста мегуфтанд:

– Ана боз қурбонӣ се нафар одами яроқнок ба мокони мор наздик шуда истодааст, онҳо киҳо бошанд ва чӣ тавр ва чӣ хел чашми посбононро хато карда, дохили ҷангалзор гардидаанд?

Афсӯс, сад афсӯс, ки имрӯз шумораи қурбониён ба 33 нафар мерасад. Онҳо ба таҳлука афтода тез–тез ба болои манораҳо баромадаю фаромада, бо ҳамдигар сим зада, маслиҳату мадад мепурсиданд.

Аз даҳшату ҳаяҷони сарбозон мо ҳам ба ваҳм афтода ҳар сеямон ба дарахти азиму баланде часпида ба боло баромадем. Аз он дарахт макони мор дида мешуд. Дар қатори сарбозону дигар мусофирон мо ҳам ҳодисаи даҳшатнокро бо диққат тамошо мекардему дар қалбамон гумонҳои ваҳмангези баде пайдо мешуд.

Он се одами яроқнок аз паси дарахте ба паси дарахти дигаре ҷаҳида, пинҳон шуда, ба макони мор наздик мешуданд ва дар охир дар паси санги сафеди калони назди соҳили дарёи Ганг камин гирифта, мили камонҳои худро ба тарафи қамишзори соҳили дарё гардонда, нишон гирифтанд ва сангеро ба сӯи он нишон ҳаво доданд. Дар ин вақт садои фишшос задани мор баланд шуду қамишзор ду фарх гардид ва нисфи мор дар соҳилу нисфи дигараш дар даруни дарё ба ҳаракат даромад, ки балои азимеро мемонд.

Мори (аждар) ниҳоят калони бузург, ёли гарданаш ба монанди ёли маркаб, пӯсти гарданаш ба монанди қарқи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

(пӯсти) дарахти чормағзи пир Буда ба сӯи одамони яроқнок хазида, ба ҳаракат даромад.

Мор ба одамон наздик шуду сарашро ба миқдори даҳ газ баланд бардошт, забонашро аз даҳонаш баровард, сараш ба сари барзагов шабоҳат дошт, ду дандонҳои шикории заҳрдори пешаш дандонҳои филро мемонд.

Дар баробари даҳонашро кушодан чунон фишшоси даҳшатовару баланд садо дод, хаёл кардем, ки аз даҳонаш оташи сӯзон чун барқ пайдо шуду он се одами нокоми яроқнокро сӯзонд.

Ин даҳшатро дида, аз тарс чанд нафар мусофири заифи сустиродаю маризи камқувват аз болои дарахтон ба зер ба замин афтиданд. Гӯё мор гуфтанӣ буд, ки Одам, дигар ба ту боварӣ надорам, аз ин рӯ, дигар ба ту раҳм нахоҳам кард. Қасоси ёри нокомамро аз ту меситонам!

Ногаҳ садои се камони одамони яроқнок баланд шуду паси ҳам аз се камон зиёда аз сӣ тири ба нишонгирифта садо дод. Мор ба замин афтоду худро ба дарахте, ки ба миқдори миёни одам буд печонд, аз шиддати зӯрии ҷароҳат буд, ки он дарахт дар зери фишори мор пора – пора шуд ва садои порашавиашро мо бараъло шунидем.

Баъди ҷонкании сесоата мор ором шуд. Маълум гардид, ки ӯ бо азобе чун маъшуқаи нокомаш ҷон додааст.

Баъди чанде сарбозони англис дар кунка (мошин)–ҳои англисӣ нишаста, ба макони мору он се марди яроқнок наздик шуданд. Мо мусофирон пеш аз намози аср ҷуръат пайдо кардем, ки ба ҷои воқеа оему аз он ҳодиса огоҳ гардем. Баъдан маълум гардид, ки он се одами яроқнок аслан аз амирзодагони Бухорои Шариф будаанд.

Якеро Амирасллам, дигареро Амирабдулқаюм ва сеюминро Сайёд Мерган мекуфтанд. Онҳо сайёҳию шикорро хеле дӯст медоштанд, аз ҳамин сабаб овозаи олами ҳайвоноту паррандагони шикории кишвари Ҳиндустонро шунида, шаш моҳ пеш бо мақсади саёҳату шикор ба ин сарзамин ташриф оварда буданд. Ҳангоме ки онҳо овозаи пайдо шудани ин мори (аждарҳо) бағазабомадаро мешунаванд, мақсад мегузоранд, ки ба лутфи Худованди бузург, мадади рӯҳи пайғамбари барҳақаш ва пирони



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тариқати Бухорои Шариф Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, Сайид Амири Кулол ва Баҳоваддини Нақшбанди Балогардони Бухорой ин балои азими бар сари ин мардум омадаро нобуд созанд.

Ба ҳамин мақсад чандин маротиба ба сарбозони ӯрдуи англис ва амалдорони Ҳиндустон муроҷиат менамоянд, аммо онҳо ба корнамоию ҷасорати онҳо боварӣ надошта, ризо намешаванд, ки онҳо ба мор наздик шаванд. Аз ҳамин сабаб ин сайёдони бомаҳорати бухорой фурсати қулай ёфта, панҳонӣ аз ҳалқаи муҳосираи сарбозон гузашта, бо як эҳтиёту чусту чолокӣ ба макони мори азим наздик шуда дар паси санги бузурге камин мегиранд. Бо тирҳои таркандаи заҳролуд миёни ҳар ду чашми морро ба нишон гирифта, оташи пай дар пай мекушоянд. Тирҳо ба нишон расида метарканд, ки дар натиҷа мори азим ҳалок мегардад.

Сарбозони англис бо супориши қумандонашон сари мори мурдаро ҷудо карда, чор нафар ба як душворӣ ба кунка (мошин) бор карда, барои намоишу тадқиқот гузарондан ба Деҳлӣ бурданд. Дарозии тани 40 газаи морро ҷароҳӣ намудан, ки дар натиҷа аз дарунаш ҷасади обшудагии чор–панҷ нафар одамро пайдо карданд, ҷасади калонаш ба монанди одами бутун бошад, хурдаш аз таъсири ҳарорати баланду заҳри қотил об шуда, ба кӯдаки норасиди шашмоҳаи аз батни модар афтода монанд буд.

Ҳокимони англису амалдорони Ҳиндустон он се сайёди бухороиро иззату эҳтиром намуда, рупияю тангаю тиллои бисёре ҳадя доданд ва арзи сипосу минатдории калоне изҳор карда ба шаҳри Деҳлӣ даъват намуданд.

Мо, мусофирон бо ҳамдиёрони худ Амирасламу Амирабдулқаюм ва Сайёд Мерган соатҳои тӯлонӣ ҳамсӯҳбат шуда, аз вазъи ватани азиз огоҳ гардида, хеле осуда шудем. Аз сабабе ки рӯз торик шуда буд, шабро дар бошишгоҳи англис рӯз кардем ва сабоҳ бо ҳамдиёрони худ алвидоъ намудем. Онҳо ҳамроҳи ҳокимони англису амалдорони Ҳиндустон ба самти Деҳлӣ ва мо рӯ ҷониби Кашмири ҳамешабаҳор азми сафар кардем ва бо лутфу марҳамати Офаридгор роҳамон кушода мегардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШОҲИ ҲАМАДОН ДАР КАШМИР

Моҳи гармои тобистони соли 1887 корвони мусофирон ба сарзамини Кашмир расид.

Сарзамини Кашмир, ки онро Эрони Сағир ҳам меномиданд, бо боғҳою чаманзорҳои дидаафрӯз, рӯдхонаҳои хушсадою дилнавоз ва обу ҳавои фораму гуворои худ шӯҳрати оламгир пайдо карда меояд. Бисёре аз сайёҳону суханварони барҷастаи мамолики гуногун манзараҳои дилрас ва ҳусни хубрӯёну сияҳчашмони Кашмирро сутуда, ҳатто онро «биҳишти рӯи замин» гуфтаанд.

Толиби Омулӣ, ки Малик-уш–шаурои аҳди Ҷаҳонгир (1605–1672) буд, аз дидани Кашмир хеле ба ваҷд омада, онро чунин таърифу тавсиф намудааст:

*Фоизи пиёла бахшад обу ҳавои Кашмир,*
*Аз хишти хум ниҳоданд гӯё бинои Кашмир*
*Чун хоки ишқбозон ҳар лаҳза дар машомам*
*Бӯи муҳаббат ояд аз кӯчаҳои Кашмир*
*Кашмир меситонам, аз ҳақ ба ҷои ҷонат*
*Аммо намеситонам, ба ҷои Кашмир ҷонат*
*Васфи биҳишти ҷовид аз ошиқони ӯ пурс*
*Моро забон нагардад ҷуз дар санои Кашмир…*

Дар қарнҳои гузашта бо сабабҳои таърихӣ гурӯҳ–гурӯҳ мардумони кишварҳои форсизабон вориди Кашмир шуда, дар он ҷо зиндагӣ намуданро ихтиёр мекунанд, ки дар байни онҳо санъаткорон, шоиру нависандагон ва олимону пирони тариқат кам набуданд. Ана ҳамин муҳоҷирон аз аввалин ривоҷдиҳандагони дину мазҳаби исломӣ ва забону адабиёти ҷаҳонгири форсӣ–тоҷикӣ дар Кашмир буданд.

Дар Кашмир ба шарофати паҳншавии дини мубини ислом, забони шаҳдбори тоҷикӣ паҳн гардида инкишоф ёфта буд. Ҳатто баъзе аз адибону олимони донишманди



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ин сарзамин, ба монанди Шайх Довуд (Бобо Хокӣ), мулло Фирӯз, мулло Мазҳар, Шайх Яъқуб, Фуруғӣ, Шоҳ Содиқ, Мирзо Қаландар ва садҳо дигарон китобҳои худро дар қарнҳои гузашта бо забони ширини форсӣ–тоҷикӣ эҷод карда буданд.

Дар паҳншавии дини мубини ислому забони дуюми ин дин, яъне забони форсӣ–тоҷикӣ, ҳиссаи Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бе андоза будааст.

Дар ин давра шӯҳрати илмӣ маърифати орифи бузург Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол дар кулли сарзамини Ҳиндустон ва берун аз он паҳн шуда буд ва он Ҳазрат худ ва аҷдодонашро аз силсилаи муридони Сайид[1] ва Сайидро аз силсилаи пирони футуввати (тариқат) хеш мешумориданд.

Баъди 12 рӯзи доштани рӯзаи Марям, ки ин барои мо имтиҳони сангину аввалине буд, бо каромату лутфи Худованд ба зиёрати дидори муборакӣ Ҳазрати Ҳасан Абдол мушарраф гардидем. Ҳангоме ки он Ҳазрат аз аҳволу шаҷараи (авлоду аҷдод) мо огоҳӣ ёфт, дар баҳри беканори абдолӣ (авлиёгӣ) чун шиновар ғӯта хӯрда, аз олами сирру асрор ва мақсаду мароми бандагони гумроҳ бохабар гардида, бо як ҳаяҷони ногаҳонӣ хитоб карда гуфт:

– Модоме ки Шумо аз силсилаи шаҷараи пири футуввват, Ҳазрати «Шоҳи Ҳамадон»[2] будед ва худро муриди ғоибу авлоди он Ҳазрат муаррифӣ мекунед ва аз хоки муқаддаси Хатлон бо дастури рӯҳи поки он Ҳазрат ба ин сарзамин мусофират кардед, аввалин шуда, шуморо ба муридӣ қабул хоҳам кард. Дар замири қалбу нури чашмонатон заҳматҳои чандинсолаи кашидаи шумою устодони бузургатон барои роҳи ҳақ дар мусофират ҳис карда мешавад.

Шумо ба монанди хамири шӯридаи тайёр шудаед, ки барои ба қиём расиданатон вақти каме лозим аст, ин вақт сабру тоқатро тақозо дорад.

*Сабр беҳтар мардро аз ҳарчӣ ҳаст,*
*То биёбад бар муроди хеш даст.*

---

*1 Сайид - Мир сайид Алии Ҳамадониро дар назар дорад.*

*2 Шоҳи Ҳамадон - мурги бахтовар.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Иншооллоҳ роҳҳои сабру тоқатро бо лутфу мадади Худованд бандаи оҷиз ба Шумо нишон хоҳад дод.

Аз ин суханҳои ҷозибаноки шайхи бузург, гӯё болу пар бароварда, чун мурғи ҳумо[1] ба сӯи қуллаи мурод парвоз мекардем,

*Субҳи зафар аз машриқи умед баромад,*
*Асҳоби ғаразро шаби савдо ба сар омад.*

Мо дубораю себора вориди зикру хилват шуда, бо мадади Худованд ва бо раҳнамоии шайхи комил кам–кам лаззати «ҳузур»-ро ҳис мекардем. Чанде баъд ӯ дар зикр ин қадар мустағроқ шуд, ки тоқати зикр шунидан надошт.

Шайх ба мо дастур дод, ки дар наздаш зикрро бо овози баланд нагӯем, зеро ки хавфи « азҳоқ »- и рӯҳи ӯ буд.

Дар ин муддат таъом ба мо хеле кам ва барои рамақи ҷон медоданд ва баъди ояти адои намоз ба ҷуз зикру фикр сухане аз умури дунё ба забон намеовардем.

Баъди гузаронидани авроди субҳгоҳӣ даровиш бо фармони Шайх корҳои вазнини сахту пурмашаққати ҷисмонӣ анҷом медодем, ин буд озмоиши сахте дар ҷиҳод (мубориза) алайҳи нафси куфру саркаш. Нахустин рӯз ҳамроҳи Шайх вориди масҷиди «Шоҳи Ҳамадон» шудем. Баъди тиловати раҳмат аз Каломи Раббонӣ назаре бар ин масҷиди бошукӯҳ намуда, дидам аз чӯбдевори санавбар сохта шуда ва сабки махсус дорад ва бо забонҳои форсию урду абёте чанд дар пештоқҳо оиди санади реҳлати Ҳазрати Шоҳи Ҳамадон навишта шудааст. Яке аз ин абёт санаи реҳлати Ҳазрати Сайидро ба соли 786 ҳиҷрӣ муаррифӣ мекунанд, ки ин аст.

*Ҳазрати Шоҳи Ҳамадони Карим*
*Ояи раҳмат зи каломи қадим*
*Гуфт дар дами охиру таърих шуд*
*«Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим»-786*

---

*1 мурғи ҳумо - мурги бахтовар*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар болои меҳроби масҷид рубоии зер маҳфуз аст:

*Шоҳ зи карам бар мани дарвеш нигар*
*Бар ҳоли мани хастаи дилреш нигар*
*Ҳарчанд наям лоиқи бахшоиши ту,*
*Дар ман манигар бар карами хеш бингар.*

Ҳазрати Шайх Мир Ҳасан Абдол рӯй ҷониби мо гардонида, бо ангушти ишора навиштаҷот ва зебу зинати ин масҷиди бошукӯҳро нишон дода, чун сабақе аз таърихи рӯзгори Ҳазрати Сайид дар Кашмир ба мо гуфт:

– Ҳазрати Алии Ҳамадонӣ аз авлоди Расул (с) аст ва бар ин амр муталеъ ва муфтахор буда ва медонем, ки нисбати хирқаи ӯ ҳам ба ҳазрати Расул (с) пайваста аст.

Дар Ҳамадон чаҳорсад бузургон ба Сайид ҳадис ёд доданд, ба 33 ё 34 тан аз эшон ба ӯ иҷозаи иршод ва хирқа доданд. Вале Сайид он мавқеъ хирқаҳоро қабул накард, зеро аввал мехост мусофирати худро ба анҷом бирасонад. Аз Алии Ҳамадонӣ роҷеъ ба самоъ (рақси сӯфиён) пурсиданд, ки асл чӣ аст? Гуфт, ки аз рӯи шаръи ислом он бидъат аст ва нодуруст ва барои нопухтаҳо ва норасоиҳо ба куллӣ мамнӯъ аст. Изофа намуд, ки самоъ амре аст, ки бидуни ихтиёр аз шиддати ҷаззоб сар мешавад ва оташе аст, ки сӯзиши ишқу муҳаббати илоҳиро тезтар ва шӯълавартар месозад. Самоъ марбут ба ишқ аст ва ақл далел ба бурҳони мантиқ надорад.

Муҳоҷирати Сайид ба Кашмир тибқи дастури Ҳазрати Расул (с) будааст, ки соли 740 (ҳиҷрӣ) бори аввал вориди Кашмир шуда ва муддате чанд рӯз авзои он хиттаро мутолиа карда буд. Он мавқеъ дар ҳудуди 10 сол мегузашт, ки дини мубини ислом дар он ноҳия роҳ пайдо карда буд.

Подшоҳи Кашмир Султон Алоуддин (748–755) дар хоб дида буд, ки офтоб аз ҷануб тулӯъ кардааст. Дар таъбири он хоб роҳиби будоӣ гуфт:

– Шахсе аз замини Моварроуннаҳр (Хатлон) меояд ва моро мусулмон месозад.

– Пас тибқи ҳамон пешбиниҳо ин кор аз дасти Алии Ҳамадонӣ амалӣ шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳазрати Алии Ҳамадонӣ бо уламо, бо мусофирону коҳинонимазоҳибидигариКашмир(чунҳиндуҳовабуддоиҳо) мунозираҳои сахт анҷом медод ва бештар ғолиб меомад. Дар давраи иқомити ӯ дар Кашмир сию ҳафт ҳазор тан дасти ӯ мусулмон гардид ва бинобар нуфузи фавқулоддаи ӯ ислом дар он хитта густариши зиёде ёфт. Манзиле, ки Сайид дар Кашмир дар он намоз мегузорид ва маъмулан вазъ мегуфт, муҳимтарин фаъолияти таблиғӣ ва тадриси вай дар он анҷом мегирифт, баъдҳо бинои бошукӯҳи ёдбуде дар он сохта шуд, ки хонақоҳи маҳаллӣ ё масҷиди Шоҳи Ҳамадон ном дорад, ана ҳамин масҷид аст.

Номусулмонони Ҳинд низ ин қадамгоҳи Сайидро эҳтиром мекунанд, зеро ки хадамоти мантӯъи Сайид дар назари онон ҳам дархури эҳтиром аст. Дар ҷавори масҷид мебинед алами Алии Ҳамадонӣ, ки аз Шайх Муҳаммад бинни Муҳаммад Азконӣ гирифта ва чандин бор бо худ ба Ҳарамайни Шарафайн бурдааст, то муддате дар эҳтироз буда ва барои зиёрати он, мардум аз нуқоти дуру наздик меомаданд. Сайид бунёдгузори тариқат ва мактабе аст, ки пайравону пешравони он чӣ дар рӯзгори Сайид ва чӣ пас аз он намунаҳои олӣ дифоъ аз ҳақ ва набард бо бедоду ситам буданд ва дар ин роҳ аз дифоъ кардани молу мулку ҷони хеш ҳеҷ дареғ намеварзиданд.

Пайравони мазҳабҳои мухталиф (Шиа, Ҳанифӣ, Шофеъӣ, Ҳанбалӣ) ҳар кадом ӯро аз худ медонанд.

Садҳо ҳазор афроде, ки хештанро пири тариқату силсилаи он Сайид мешуморанд ва ҳанӯз касе ҳам бақои имон дар сар то сари Ҳиндустон Афғонистон ва Эрону Мовароуннаҳр ҳастанд.

Бисёр аз масҷид ва хонақоҳҳо, хусусан дар манотиқи КашмирваҶомунваГулгитваБулутистонбаномиӯномгузорӣ шуд. Мусофирати ҳазрати Сайид аз синни 20–солагӣ, яъне аз соли 733 ҳиҷрӣ оғоз гардида, то соли 754, яъне 21 соли тамом идома дошт. Сайид се бор аз Машриқ то Мағриб сафар кард. Ҳадафҳои мусофирати Сайид тайи роҳи Сулук ва фиқар (фикр) аст ва ҳадафи ниҳонии ӯ вазъ ва таблиғу раҳнамоии халқи Худо будаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сайид дар тартиби анҷоми ин мусофиратҳо гуфтааст: «Дар дафъаи аввал шаҳр ба шаҳр ва дафъаи дуввум қаря ба қаря ва дафъаи саввум хона ба хона» буд.

Шайх Мир Ҳасан Абдол доири бузургии Шоҳи Ҳамадон, ҳарчанд ваъз мегуфт, то рафт садояш ҷозибадору таъсирнок мегардид, ки ин шаҳодати ҳашамату бузургии Сайид ва муҳаббату ихлоси бепоёни Шайху мардуми ин сарзаминро нисбат ба ӯ тасдиқ мекард. Дар давоми таҳсил бо лутфу карами Худованд ва раҳнамоии ин пири футуввват дар роҳи сулук мо бандагони гумроҳ роҳи ҳафт водии ишқу муҳаббати илоҳиро дарёфтем.

*Ҳаст водии талаб оғози кор,*
*Водии ишқ аст аз он пас беканор.*
*Бар сеюм водиест он аз маърифат,*
*Ҳаст чаҳорум водӣ истиғносифат*
*Ҳаст панҷум водии тавҳиди пок,*
*Пас шашум водии ҳайрати саъбнок.*
*Ҳафтуми водии фақр асту фано*
*Баъд аз он роҳу равиш бувад туро.*

Рӯзи чаҳоршанбе Шайх моро ба зиёрати мазори пири тариқаташ, Ҳазрати Шайх Зиёҳул Шаҳиди Валӣ фиристод. Бо дастури Шайх мазори он бузургворро зиёрат намуда, ба олами сирру асрори ишқу муҳаббати илоҳӣ бори дигар рӯ ба рӯ гадида, аз баҳри оламгири он сирру асрор қатрае нӯш кардем, ки дар аввал ҳайрону дар охир ба ваҷд омада, дергоҳ ба даргоҳи Худованд нолида, муноҷот намудем, ки сифати кашфи ин олами сирру асрори пинҳониро натавонем ошкорро зикр кард ва онро хуфия нигоҳ хоҳем дошт, зеро ки…

Бо чашмони гирёну хунфишон ва қалби аз ишқи ҳақ сӯзон ба ҳузури Шайхи бузургвор баргаштем.

Пири тариқат Шайх Мир Ҳасан Абдол бандаро ба назди худ хонду зону ба зону нишастем. Шайх сукут варзида, дергоҳ ба таваҷҷӯҳ нишаст, чун маллоҳ дар баҳри беканору оламгири Абдолӣ (авлиёгӣ) ғӯта хӯрда, ба олами рӯҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Малакут расид ва огоҳ гирдиду сар бардошта, ду дасти муборакихудро ба китфони росту чапи банда гузошт ва рост ба чашмонам нигарист, хаёл мекардам, ки сирру асрори ниҳонии бандаи оҷизро дар замири қалбу нури чашмонам мехонд.

Шайх оҳи сабуке кашида, бо як ҳиссиёти қаноатмандӣ аз забони муборакихеш сухан оғоз намуда гуфт:

– Акнун бо лутфи Офаридгори бузург хамири хоми шӯрида ба қиём пухта расид, аз лаби карсон мерезад…

– Шумо муридони содиқ ба қуллаи мурод расидаед ва онро низ фатҳ намуда, аз олами сирру асрори ишқи Илоҳӣ огаҳӣ ёфтед!

*Муборак бодо фатҳи қуллаи мурод!*
*Муборак бодо, хирқаи сулку иршод!*

Субҳи содиқи рӯзи чоршанбеи охирин моҳи соли 1888 мелодӣ пири футувват (тариқат) Шайх Мир Ҳасан Абдол ба номи амири Афғонистон, амир Абдураҳмонхон номае иншо намуд, ки мо аз мазмуни нома огоҳӣ надоштем ва он номаро ба банда супорид, то ки ҳамчун қосид онро ба амири Афғонистон расонам.

Дар вақти гусел Шайх ба мо хирқаю иҷозаи иршод бахшиду бо дуое гуселонид. Мо охирин маротиба дасти муборакиустодро бӯсида, ҷудо аз ин устоди меҳрубон, бо як сӯзу ғами ҳиҷрон ва бо ду дидаи хунфишон, ба қалби пур зи эмон ва бо раҳнамоии он Раҳмон ба сӯи Кобул шудем равон.

## ВАБО ДАР САРЗАМИНИ АФҒОН

Охирҳои соли 1888 мелодӣ аз самти Кашмир ба сӯи Кобул роҳро тай менамудем. Баъд аз ҳаракатҳои чандиншабонарӯзӣ сарзамини Ҳиндустонро паси сар намуда, ба хоки Афғонистон ворид гардидем. Ҳарчанд ба пеш ҳаракат мекардем, моро боз даҳшати навтарин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зер мекард. Ин даҳшат аз даҳшатҳои ҷангалзорҳои касногузари соҳилҳои дарёи Ганги Ҳиндустон бештар буд. Дар он ҷангалзорҳои анбӯҳи торику тор тарсу даҳшати мо-мусофирон аз мору аждар ва шеру филони ваҳшии девона буд, аммо дар ин сарзамини афғон бошад тарсу ҳароси мо аз маризи даҳшатовари вабо даҳчандон гардид. Мо бо зикри исми поки Аллоҳ ба самти Кобул ҳаракат мекардему мардуми афғон бошад, хурду калон бо чорвоёнашон ба тарафи Ҳиндустон аз касалии вабо фирор мекарданд.

Он мардуми фирорӣ моро девона гумон карда мегуфтанд:

– Ҳой девонаҳо, магар аз маризи вабо шумо наметарсед, ки ба пешвози он рафта истодаед. Мо, мусофирон аҳамият надода, бо дастури пири тариқат Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол ба пеш роҳ мепаймудем. Ба деҳаи сари роҳ наздик шудем, ки он деҳаро Сари Хор меномиданд. Ҷонзоде дида намешуд. Дар наздики деҳа зиёда аз 80–90 гӯри тоза буд. Пас маълум гардид, ки қисми зиёди сокинони деҳа аз таъсири вабо фавтидаанд ва қисми ками онҳо ҷони худро гирифта ҳамроҳи чорвоёнашон фирор кардаанд. Домулло Маҳаммадсалиму Домулло Абдукарим аз ин манзараҳои даҳшатовар боз ҳам дар даҳшат афтода, оятеро аз Каломи Рабонӣ хонда, дар баданашон куф карда, дир–дир меларзиданд. Пас ин деҳаро паси сар намуда ба деҳаи дигар, ки онро Сафедор меномиданд ворид гардидем. Дар ин деҳа ҳам аз як нафар зани лоғар, ки тифли бемори худро дар канор гирифта, ба даргоҳи Худованд зор–зор мегиристу илтиҷо мекард, дигар касе набуд. Пас аз пурсу пос бо он зани лоғар маълум гардид, ки касали даҳшатовари вабо дар ин деҳа аввалин маротиба ба хонаводаи онҳо барқвор ҳуҷум карда, риштаи ҷони 12 нафар аҳли хонаводаро кандааст. Аз 14 нафар аҳли хонавода ҳамин зани лоғару тифли бемораш аз ин дарди бедаво амон ёфта буданд. Аҳли деҳа даҳшати фоҷиавори ба сари ин хона омадаро дида, ҳама хурду калон ба самти Ҳиндустон фирор карда, ин зани лоғару тифли беморро бо худ набурдаанд ва ҳамроҳ ҳам накарданд, зеро аз ӯ метарсиданд, ки беморияш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба дигарон асар мекунад. Зан, ки дардманду лоғар буд, қуввати фирор кардан ҳам надошт. Ӯ моро дида зор–зор мегирист, зорию илтиҷо карда, имдод металабид. Домуллои Муҳаммадсалиму Домулло Адбукарим аз суханони ин зан боз ҳам даҳшаташон меафзуд. Банда назаре ба ҳоли зори ин зани оҷиз кардам, молари зори худам ба ёд омаду дилам ба аҳволи вазнини ӯ сӯхт. Аз рафиқонам илтиҷо кардам, ки ба ин бечора кӯмаку ёрие расонем. Онҳо аз даҳшати касали вабо тарсида, «Қуръон»-ҳоро бар тори сар ниҳода фирор карда, аз ин зану кӯдаки бемор дур шуданд. Банда ҳам хостам, ки аз дунболи рафиқонам равам, лекин ба чашми зори модар назар кардаму гуфтаҳои пири тариқатам Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол ба ёд омад, ки мегуфт:

– Ранҷ каш, баҳри роҳати дигарон, ин аст роҳи сулук ва футувват (ҷавонмардӣ дар роҳи ҳақ), то ки аз ту хушнуд шавад Холиқи арзу само! Дар халтачае дорувориҳои заруриро бо худ нигоҳ медоштам, ки аз шаҳри Бомбай бо худ оварда будам. 10 мисқол равғани ҳино, як даста райҳон, ним қадоқ писта, 5 мисқол тамоку ва дигар доруҳои даркориро ба ӯ додам ва тарзи истеъмолро низ фаҳмондам. Дуое, ки пири тариқат барои нест кардани ҳавои вабо ёд дода буд, сад маротиба хондаму таваккал бар Худои мушкилкушо карда, аз донболи рафиқон ба роҳ баромада Будам. Дар масофаи ним фарсах ба Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим рафта расидам.

Аз муносибату нигоҳи ин рафиқон дар қалбам огоҳ гардид, ки онҳо аз банда ҳам ҳарос доранд, аз он тарс доранд, ки касалии вабо аз он кӯдаки бемор ба ман асар кардасту ба онҳо низ мегузарад. Ба сӯи эшон нигоҳи маънидоронае карда гуфтам:

– Оё супоришҳои пири тариқатро фаромӯш кардед?!

Онҳо сар ба пеш афканда, сукут варзида дар ин ҳангом мо бо ҳамдигар на бо даҳону забон, балки ба қалб ҳарф мезадем. Баъди сукути 5 дақиқагӣ Домулло Абдукарим оҳиста гуфт:

–- Моро бахшед, ки ҳоло ҳам хом будем. Банда худро чунон вонамуд карда нишон додам, то ки онҳо хиҷил нашаванд ва гуфтам:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Шумо бандаро низ бахшед, ки ҳамроҳатон наомадам. Дар байни мо гӯё коре рӯй надода бошад, ба тарафи ҳамдигар табассуми ширине намуда, ба роҳ баромадем.

Шомгоҳи рӯзи якшанбе аввали моҳи ноябри соли 1888 вориди шаҳри Кобул гардидему дар назди дарвозаи дарбори амир қарор гирифтем. Мактуби ҳазрати Мир Ҳасан Абдол ро ба дарвозабон супоридем. Дарвозабон мактубро бо сардию дили нохоҳам ба дарбори амир бурд. Аз байн 10 дақиқа нагузашта буд, ки дарвозабон шитобон омада, бо як изату эҳтироми хос ба мо муроҷиат карда гуфт:

– Мавлавиёни бузург, марҳамат фармоед, Шуморо ҷалолал маъо, амиралмӯъминин Абдураҳмохон интизор аст. Мо пеш–пешу дарвозабон таъзимкунон аз дунболи мо меомад. Дарҳои пурҳашамати пур аз нақшу нигор кушода шуду дохили даргоҳи амир гардидем. Амир Абдураҳмонхон аз тахти тиллоии салтанат рост хеста, бо як эҳтироми самимӣ ба мо бандагони оҷиз вохӯрда ва баъди аҳволпурсӣ гуфт:

– Ман имшаб хобе дидам, ки се мард аспони сафед савор аз тарафи машриқ омада, говони зиёдеро аз дарвозаҳои Кобул берун мекарданд. Мумкин таъбири хоби ман шумо бошед, ки номае аз назди пири ман, устоди устодон ҷаноби Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол овардед. Имрӯзҳо ҳазор–ҳазор мардуми афғон аз дарди бедавои вабо фавтида истодааст. Шояд бо воситаи дуои Ҳазрати пирам ва қадами неки шумо, шогирдони устодам Худованди мушкилкушо тараҳуме намоед, ки ин дарди бедаво аз хоки Афғонистон нест шавад. Омин, -гӯён дастҳоро бар рӯй кашидем. Амир Абдураҳмонхон марди хушсурату тануманди паҳлавонсират, риши сиёҳи мушкини гирд, абрӯвони дур-дур, чашмони зебо, дар сар саллаи гирди сафеду дар тан либоси афсари низомӣ дошт ва сари синаашро ордену медалҳои тиллоӣ оро медод., нигоҳи ӯ ҷиддӣ буда, чеҳрааш сиёсӣ менамуд, умуман амири зебо ва зеби шоҳаншоҳӣ дошт. Дар чеҳраи зебои Амир Абдураҳмонхон осори ғаму андӯҳ намоён буд, фикраш парешон, гӯё дилашро гургҳо тала мекарданд, баъди лаҳзаи хомӯшӣ амир оҳи дардноке кашида бо ҳасрат гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Имрӯзҳо якчанд балои азиме ба сари халқи афғон омад, яке аз инҳо касали вабо бошад, дигараш зулму шиканҷаи кофирони англис, низоъҳои қабилаҳои афғон, хусусан, маҳалгароёни пуштун ва сеюмаш ин ки писари ман Ҳабибуллохон ниҳоят бемори вазнин аст. Табибони номдори афғону англис дар муолиҷаи дарди Ҳабибуллохон оҷиз мондаанд. Аз рӯи мактуби Ҳазрати пирам огаҳ шудам, ки шумо ба замми донистани илмҳои динию дунявӣ дар илми тибби ҳиндӣ ҳамто надоред. Аз шумо хоҳиш дорам, ки муддате дар мадрасаҳои олии шаҳри Кобул таълими илми тиб кунед. Амир ба банда ишора намуда гуфт:

– Шумо амирзода Ҳабибуллохонро аз назар гузаронида бинед. Баъди се рӯз шуморо қабул мекунам. Амир видоъ кард. Моро дар меҳмонхонаи дарбори амир ҷой доданд. Пас аз адои намози хуфтан бандаро ба назди амирзода Ҳабибуллохон бурданд. Амирзода дар ҳақиқат бемори вазнин буд, бемории ӯ ду сол идома дошт. Пас аз ташхиси сесоата маълум гардид, ки амирзода ба моризи «Ваҷаъи кабид» (дарди ҷигар) гирифтор аст. Ба ходимону хизматгарон фармудам, ҳар чӣ тезтар барги ҳулба, қиёми зирк, барги дарахти сарв, турб, сабзӣ, челон, писта, решаи чоқула, решаи савсани кӯҳӣ, гули бобуна, тухми сиканҷабин, асал, заҳраи хирс ва ғайраҳоро тайёр намоянд. Баъди соате ҳама асбобу анҷом ва дорую дармони фармуда тайёр шуду ба табобат пардохтам. Ба шарофати мадади рӯҳи поки пирони тариқат ва ризогии Аллоҳ таъоло дар рӯзи сеюми табобат амирзода рӯ ба беҳбудӣ ниҳода шифо ёфтан гирифт. Дар рӯзи 40-уми табобат ӯ шифо ёфт ва осори беморӣ дар ҷисму ҷони Ҳабибуллохон дида намешуд. Ҳамин бемории амирзода сабаб шуд, ки бандаи оҷиз баъди мусофирати 16-солаи таҳсил аз сари нав 11 соли дигар дур аз ватани азизу падару модари ғамхор дар сарзамини афғон мондам ва дар ин сарзамин оиладор низ шудам. Амир Абдураҳмонхон баъди шифо ёфтани фарзанди ягонааш нисбати бандаи оҷиз бисёр ғамхориҳои падарона мекард. бо лутфу марҳамати Худованд касали вабо аз сарзамини Афғонистон тамоман нест шуд. Дар мадрасаҳои олии Кобул 11 сол ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

толибилмон таълими илмҳои динию дунявӣ намуда, инояту тариқат менамудам. Сарбозони ҷасуру нотарси афғон бо роҳбарии амири бузург Абдураҳмонхон бар зидди лашкари 24 ҳазорнафараи англиси ишғолгар беамон меҷангиданд. Амир Ҳайдар бародари Амир Абдураҳмонхон, ки яке аз мардони низомию фозили бомаърифат буд, вазифаи ҳокими шаҳри Мазори Шарифро ба ӯҳда дошт ва бар зидди лашкари ишғолгари англис ӯ низ меҷангид. Рӯзе дар яке аз муҳорибаҳои нобаробар Амир Ҳайдар[1] ба шаҳодат расид, ки қаҳру ғазаби халқи афғон, хусусан Амир Абдураҳмонхон нисбати лашкари ишғолгари англис ду чанд гардид, дар натиҷа Афғонистон аввалин давлате дар ҷаҳон буд, ки ба решаи мустамликадорон табар зад ва Англияро шикаст дод. Баҳори соли 1900 дар дафтари кории мадрасаи амирӣ саргарми тиловати «Қуръон» будам, ногаҳон дари дафтари кориро касе кӯфт. Дарро кушодам.

– Дар рӯ ба рӯям писарбачаи зебои 13 -14 - солаеро дидам, ки дар як даст дастархону дар дасти дигар як табақи мурғбирён дошт, рост меистод. Баъд аз салому алайк писарча бо як иззату эҳтиром гуфт:

– Кокоҷон, оё Шумо ҳамон кас нестед, ки амирзодаи мариз Ҳабибуллохонро табобат кардед. Банда дар ҷавоб гуфд:

– Бале, ӯро табобат кардам, валекин Худованд ба ӯ шифоро ато кард, на бандаи оҷиз. Писарбача дар аввал ба суханони ман пурра сарфаҳм нарафта буд, ки каме фикр карда, сонӣ ба худ омада, дастархону табақи мурғбирёнро ба замин гузошта, бо як меҳру ихлоси самимӣ дастонамро дошта бӯсида, ба дидагонаш мемолид ва мегуфт:

– Ёфтам-ёфтам, он инсони накӯкор Шумоед, ки дар бораи Шумо модарам мегӯяд. Ман аз ин суханону рафтори навозишкоронаи писарбача дар аввал чизеро дарк накарда гуфтам:

– Писари азиз, шумо маро ба касе монанд кардед. Писарбача ҷавоб гардонида гуфт:

---

*1 Амир Ҳайдар - номи аслиаш Ғулом Ҳайдархон аст.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Не-не, кокоҷон, ин Шумоед, ки мани бемрррo 10-сол пеш дар деҳаи Сафедор аз маризи бедавои вабо табобат кардед. Наҷотдиҳандаи ман Шумоед, ман Шуморо ғоибона дӯст медоштам. Аз ин суханони ҳаяҷонбахши писарбача акнун дарк кардам, ки ин ҳамон кӯдаки бемори мадҳуши 10 сол пеш дар канори модар хастаю беёд ва дар дами марг хобида будааст.

Писарбача бо ихлоси самимию ҳаяҷони бузург дастонамро бӯсида ба дидагонаш мемолиду мегуфт:

– Модарам мегуфт, ки Шумо инсони мӯъҷизакоред, ману модарам Шуморо солҳо меҷустем, охир мо Шуморо чаро наҷӯем, Шумо наҷотдиҳандаи ману модарам ҳастед. Вақте ки ҳамдеҳагон ва хешу таборонамон аз ману модарам тарсида, ҳазар карда, фирор мекарданд, Шумо аз бемории вабо натарсидед ва ҳазар накардед. Моро давою дармон кардед ва кӯмаки моддӣ низ расондед, ҷони худро дар хатар монда, бо касали вабо даст ба гиребон шудед, бо мадади Худованди бузург ғолиб омадед. Аз ҳамин сабаб ман дар наздатон як умр қарздорам. Дар ҳамин вақт панду насиҳатҳои пири тариқат Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол дар гӯшам садо дод, ки мегуфт:

– Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон, ки ин аст роҳи сулук ва футувват! (давом дорад).

## БОЗ ӮРО ДАР ХОБ ДИДАМ.

*Дар ин зиндон ҳарифе чанд бо туст,*
*К-аз он ёрон ҷудоӣ бояд ҷуст.*
*Яке булху дигаре ҳирсу савум оз,*
*Чаҳорум макру панҷум шаҳвату ноз.*
*Шашум Кибру ҳасад- ҳар ҳафт ёрат,*
*К- аз ин ёрон халал пазируфт корат.*
*Аз инҳо бигзару ёре дигар ҷӯй,*
*Рафиқони бузурги номвор ҷӯй.*

Носири Хусрав



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъд аз нашри якум ва дуюми китоби «Офтоби паси абрҳо», ҳар як хонанда мувофиқи ақлу хирад ва фаҳмишу заковати хеш ба ин асар баҳо медод. Хушбахтиро дар он медидам, ки китоб хонандаю мухлиси зиёде пайдо карда, аз даст ба даст барои мутолиа мегашт ва одамони фарҳангӣ дар ҷустуҷӯи пайдо кардани ин китоб буданд. Дар баробари ин муваффақиятҳо мушкилие низ ба сарам омад.

Дар аввал мухолифони китоб пайдо шуданд, ки бо ҳар восита таҳдид мекарданд.

Мухолифон, онҳое буданд, ки наздикону ақрабои эшон, образҳои манфии ин асари таърихию бадеиро «зеб» медоданд.

Лекин ҳақиқати таърих мисоли хуршеди рахшанда аст, ки онро бо дасту домон пӯшонида намешавад.

Аз ҳамин лиҳоз, баъзе образҳои манфӣ дар нашри дуюми китоб пардапӯш карда шуд.

Дар марҳилаи дуюм дучори ҳамлаи ҳасуд «мунаққидон» гардидам, ки эшон бегонагон набуданд…

Дар навбати сеюм, барои нашри китобҳои «Панди авлиё» ва «Гулчин аз тиббӣ Мавлавӣ» аз ҷиҳати иқтисодӣ азобҳои рӯҳию маънавӣ кашидам.

Баъзе аз ашхоси сармоядор ваъдаҳои хушку холӣ мединанд ва ҳафтаҳою моҳҳо, интизорӣ мекашидам. Вале дар охир аз онҳо суде пайдо намешуд.

Баъд ба қадри заҳматҳои 30-сола кашидаи Ҳазрати Фирдавсӣ расидам, офаринҳо хонда «Шоҳнома»-и безаволӣ ӯро ситоиш мекардам ва ба сарвату салтанат ва ғурури Султон Маҳмудӣ Ғазнавӣ дар ҳайрат мондам, ки чаро заҳматҳои 30-солаи Ҳаким Фирдавсиро қадр накард.

Чорумин зарбаи ҳалокатовари рӯҳи маънавӣ ба ҷисму ҷони банда, ин буд, ки ба тарзи хеле бадсифат ва бо тариқи аксбардорӣ аз тарафи фарди баднафсе, китоби «Офтоб паси абрҳо» нашр гардид.

Он шахси сарватпараст ин китоби пурарзишро пинҳонӣ бо тариқи дуздӣ нашр намуда, аз фоидаи китоб сарват ҷамъ кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар китоби нашр кардаӣ ин фард расмҳои фарзандони Ҳазрати Мавлавӣ ва муаллиф ниҳоят бадсифат буда, ба ягон талаботи стандарти (қоллабӣ) давлатӣ ҷавоб дода наметавонист.

Ин шахс барои ба даст овардани сарват қонуни давлатро оид ба нашриёт вайрон намуд ва ҳуқуқи нашриёту муаллифро поймол карда, дар ҳаққи Ҳазрати Мавлавӣ ва авлодонаш беҳурматию носипосӣ содир кард…

Ҳаволааш ба Худои Ҷаббор! Ҷилаваш ба дасти кормандони ҳифзи ҳуқуқ вогузор карда шуд.

Аз таъсири ин ҳуҷумҳои чоргонаю панҷгона, Шабе хоб аз сарам парид. Шаби дароз то ба субҳ ба даргоҳи Маъбуди Барҳақ муноҷот намуда. Рӯҳи анбиёю авлиёро ёд карда имдод металабидам.

Пеш аз дамидани субҳи содиқ ногаҳон хобам бурд.

Дар хоб дидам. Ин хоброро 8-сол пеш низ дида будам. Дар сари камари деҳаи Сурхиён овезонам, бо дасти рост решаи сарви азимро медораму дасти чапам овезону беҷон алвоҷ мехӯрад. Аз зери поям дарёи сели сурхи хунхор, сангҳои калонро ғелонда мебарад. Сел чун аждар наъра кашида маро ҷониби худ мекашад. Қариб буд, ки дар доми ин аждари оташнафас фурӯ рафта ғарқ шавам.

Доду фарёд мекардам ва дар талвосаи ҷон ба чор тараф менигаристам, хайҳот, касе ба имдодам намеомад. Дар ин вақт ба ёдам омад, ки 8-сол пеш Маллоҳе бо «Киштии Нӯҳ» омада маро вазифадор карда гуфта буд:

– Эй Муҳаммадрасул, ашъори ба яғмо рафтаи бобоят Ҳазрати Мавлавиро ҷамъ намо ва китобат кун, ки ман туро аз доми ин балои азим, ки дунёи дуни шарро мисолу масал аст, наҷот хоҳам дод.

– Бобоят бо ҷумлаи валиюллоҳ зиндаю ҷовидон дар зикри Ҳақ Субҳона ва Таъолло то рӯзи «Растахез, дар ҳамин киштии Ҳазрати Нӯҳ (а) нишастаанд. Танҳо онҳо туро наҷот хоҳанд дод.

– Инро ба ёд оварда Маллоҳ! - наҷотам деҳ, ғарқ мешавам, гуфта дод задам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ногаҳон ҳамон Маллоҳи 8-сол пеш дар хоб дидаам бо «Киштии Нӯҳ» дар болои дарёи сели пурхашму пурхурӯш пайдо шуд ва сел орому сокит гардид.

Маллоҳ дасташро дароз карда, ба дасти чапи маҷрӯҳи беҷонам расондан замон дастам ҷон дароварду ба ҳаракат даромад ва бо ду даст решаи сарви азимро маҳкам доштам.

Маллоҳ табассуми ширине карда гуфт:

– Муҳаммадрасул, акнун дар ин дунёи шар ғарқ нахоҳи шуд.

Вазифаи дигаре, ки бобоят барои ту мефармояд, ин аст ки суннати аҷдодиро давом деҳу «Авроди фатҳия»-и Мир Сайид Алии Ҳамадониро аз бар намо, ки ба ғайр аз марг ба ҳамаи дарду бало даво хоҳад шуд.

Аз ҳосиду ҳасуд натарс, ки рӯҳи Валии бузург бо туст!

Маллоҳу «Кишти Нӯҳ» ғайб заданд.

– Маллоҳ, Маллоҳ гуфта дод мезадам…

– Дар ин ҳангом ҳис кардам, ки шахсе аз гиребонам гирифта такон дода, дод мезад.

Бедор шудан замон дидам, ки завҷаи меҳрубонам аз гиребонам дошта мегӯяд:

– Вақти намози бомдод шуд.

Чаро Маллоҳат, Маллоҳат гуфта дод мезанӣ?

Маллоҳат кист?!

Магар ягон маъшуқа ё зани пинҳони дорӣ, ки номашро гирифта чеғ мезанӣ!

Ҳарчанд ӯро мефаҳмондам, ки Маллоҳат, не Маллоҳро чеғ мезадам афсӯс, ки ӯ аз ғазаби рашк бовар намекард…

Баъд аз адои намози бомдод дар рӯи ҷойнамоз қаламу коғаз ба даст гирифта навиштам:

## БЕДОР ШАВ

*Эй, ки дар хоби ҳанӯз, ғофил машав, бедор шав,*
*Маргу дӯзахро ба ёд овар, Худоро зор шав.*
*Ту савори деви нафсӣ, бехабар умрат гузашт,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*То ки бинӣ нури Ҳақ, ҷӯяндаи асрор шав.*
*То тавонӣ хону хону донишу маънӣ бидон,*
*Чун шавад сабрат калид, доною омӯзгор шав.*
*Зуд бош, эй навҷавон, пирӣ расад чун ногаҳон,*
*Бо ҷаҳд омӯз ҳар амал, аз хоби худ бедор шав.*
*Ҷони ман Муҳаммадрасул, ин нуқтаро бинмо қабул,*
*«Кишти Нӯҳ» меравад, ғофил машин, ҳушёр шав.*

«Авроди фатҳия»-и шарифро каме аз бар кардаам…

## ШАРОФАТИ РӮҲИ ВАЛӢ

Аз соли 2000 то ин ҷониб, бо мадади Маъбуд (Худо)-и Барҳақ ва шарофати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ, дар асоси дастури дастхатҳои тиббии он Ҳазрат чандин нафар беморонро, ки ба амрози гуногун гирифтор буданду солҳо азият мекашиданд, табобат фармудам, ки ҳамагон шифои комил ёфтанд.

Дар ибтидо, барои таҷриба, дар асоси гуфтаҳои Ҳазрати Мавлавӣ барои бемориҳои пӯст аз давоҳои маъдани, набототӣ ва ҳайвонӣ дорую даво, бо тарзи маҳлул, хока, марҳам, қавом ва ғайраҳо тайёр намудам.

Он дорую давоҳоро нахустин маротиба дар бемориҳои “ нори форсӣ”, намла, намаш, озах, шукуфаи хӯранда, насур, қутур, доғи кунҷитак саҷида дидам, ки кулли беморони ин амроз бо мадади Худованд шифои комил ёфтанд. (Алфози дурӯғ, торикиии имон ва рӯсиёҳӣ дар назди Раҳмон аст). Баъд аз комёбии аввалин, ба табобатҳои мураккаби бемориҳои пӯст, ба монанди барас (пес) ва баҳақ таҷрибаҳо гузаронида истодаам. Бо дили пур гуфтаниям, ки иншооллоҳ ба комёбӣ ноил мегардам, зеро ки чандин нафар беморро аз ин мариз наҷот додам. Беморони гирифтори амрози безурётӣ, бешаҳватӣ, обилифаранҷ (сифлис), фолиҷ (карахтии ними бадан ва каҷшавии рӯй), бемориҳои рӯҳӣ, ба монанди васвос, молихулиё, даҳшат, бемории бавосир (гемаррой), саромос, ғалаёни хун (фишори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баландии хун)–ро низ табобат намудам. Ғалаёни хунро дар фаслҳои баҳору тобистон ба воситаи ҷилоб аз санои маккӣ ва кушодани раги қифол (хунгирӣ), ки хуни ифлоси савдоӣ дар ин раг ҷамъ мешавад, табобат кардам.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҷилоб бо санои маккию кушодани раги қифол, қоидаю тартиби ба худ хосеро дорад. Агар рафту қоидаю тартиби ҷилобу хунгириро кас надонад, ба ҷои фоида зарар меоварад. Дар асоси таҷрибаҳои исботшуда боварии комил ҳосил кардам, ки духтур ва ё табиб бе ташхиси пурра ба амрози беморон даво фармояд, ҳеҷ натиҷае нахоҳад дод.

Агар шахсе бо мадади Худованд ва шарофати рӯҳи Ҳазрати Мавлавӣ шифо ёбад, худро аз хушбахттарин бандаи даргохи Ҳақ Субҳона Таъоло меҳисобам. Чунки Аллоҳ Таъоло гуфтааст:

“Ҳар беҳтарини одамиён он аст, ки касе аз даст ва аз пой ва аз забони ӯ озор наёбад ва хубтарини одамиён он аст, ки аз вай манфиат гиранд” (Хайра ли- нос янфъа ли-нос).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (Домуллои Сурхиён), Дастхатҳо.
2. Алиасғари Ҳикмат. Нақши порсӣ бар эҳҷори Ҳинд. Чопи дуввум. Теҳрон. 1332 ш
3. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахабот. Ҷилдҳои 1,2 ва 3. Душанбе

Ирфон.

4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Девони ғазалиёт. Душанбе. Ирфон. 1964-73
5. АбулҳусайниЗарринкӯб.АрзишимеросиСӯфия.Теҳрон. 1344 ш.
6. Аслиддин Соҳибназаров. Душманони халқ Душанбе. 1999
7. Аҳмади Суруш. Куллиёти иқболи Лоҳурӣ. Чопи дуввум бо муқаддима.
8. Абдураҳими Давлат (шайх) «Кашф-ул-асрор». Гулчини ғазалиёт. Душанбе. Ҳумо, 2000
9. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Ҷилдҳои 1ва 2. Душанбе. Ирфон, 1999
10. Бобурнома ва воқеоти Бобурӣ (тарҷумаи форсӣ). 1308 ҳ Бомбай
11. Валишев Абдулло Неъмонович. Чекисткое были. Душанбе. Ирфон, 1988
12. Дурдонаҳои наср. Ҷилди саввум. Душанбе Адиб, 1991
13. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон.Чопи дуввум Теҳрон
14. История Афганистана. Москва. “Наука” 1967
15. Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ. Девони Кабири Ҳинд. 1924. М.
16. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Душанбе. Ирфон. 1995




*бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

17. Маликушшуаро Баҳор. Амири Кабир. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1335ш.
18. Назаров Ҳабибулло. Сатрҳои оташин. Душанбе. 1990
19. Нальский Я. И. В горах Восточной Бухары. Душанбе. Ирфон, 1977, книга третья.
20. Носири Хисрав. Сафарнома. Душанбе. Ирфон 1973
21. Сарҳанг Ҳоҷа Абдурашид. Тазкираи шуарои Панҷоб. Қарочӣ, 1967 М.
22. Саъдии Шерозӣ. Девони ғазалиёт. Душанбе. Ирфон. 1984
23. Саид Нафисӣ. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. Лоҳур. 1961.М.
24. Саид Нафисӣ. Таърихи назму насри форсӣ дар Эрон ва дар забони форсӣ Ҷилди 2, Теҳрон. 1344
25. Саид Нафисӣ. Девони Фаридиддуни Аттори Нишопурӣ. Теҳрон, 1339 ш.
26. Теку Г.Л. Порсисароёни Кашмир. Теҳрон. 1342 ш.
27. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 ва 2. Советская энциклопедия\. Москва. 1969.
28. Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ. Девони ғазалиёт. Душанбе. Ирфон, 1977
29. Хотираҳои Амир Олимхон. Душанбе. Адиб, 1982
30. Хоҷа Муҳаммад. Воқеоти Кашмир ё таърихи Аъзам. Лоҳур, 1303 қ
31. Ҳаким Саноӣ. Девони ғазалиёт. Душанбе. Ирфон. 1978.
32. Шайх Аттор. Тазкират-ул-авлиё. Теҳрон. 1336 ҳ
33. Энциклопидияи Советии тоҷик. Ҷилди 1. то 8. Душанбе, 1978..
34. Ҷалолиддини Румӣ. Девони ғазалиёт. Душанбе. Ирфон.
35. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. Душанбе. Маориф, 1988



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУНДАРИЧА


1. Муаллиф  ва гирдоваранда ................................3
2. Ҳаёт ва фаъолияти Мавлавӣ ............................5
3. Нур-ул-Қулуб-ул-Орифон ................................. 41
4. Маълумоти мухтасар дар бораи фарзандону наберагони Мавлавӣ ва шарҳе аз зиндагии эшон ...................................................45
5. Харитаи сафарҳои Мавлавӣ ба Ҳаҷ ................52
6. Харитаи сиёсии ҷаҳон аз нигоҳи Мавлавӣ ....53
7. Дастхатҳо аз ашъори ирфонии Мавлавӣ .......54
8. Наберагони Мавлавӣ .........................................55
9. Намуна ва порчаҳо аз дастхатҳои тиббии Мавлавӣ ...........................................................59
10. Ёддоштҳои Мавлавӣ
11. Вақте ки аз дарёи Панҷ мегузаштем .............65
12. Хоҷа Сулаймонбойи афғон- марди саховатманд ...................................................67
13. Ҷанги мору наҳанг ..........................................71
14. Шогирдону ҳамсафони Мавлавӣ ...................73
15. Ёддоштҳо дар бораи Мавлавӣ .......................76
16. Мавлавӣ ва ятимон ..........................................77
17. Баҳс дар бораи баста бурдани Мавлавӣ .......80
18. Қисмати талхи Мулло Азим ........................... 82
19. Бибисалимаи ноком .........................................86
20. Шаҳидони бегуноҳ ва қотилони бераҳм ......95
21. Челаки  табарукӣ ...........................................106
22. Қиссаи Гулизори паривара .............................110
23. Ғоратгарони соҳили дарёи Панҷ ...................116
24. Мулло Хол-табиб ва ҷарроҳ ...........................117
25. Қиссаи бемори чакахӯр ..................................120
26. Давои дарди ишқ ............................................122




*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

27. Дар ҷустуҷӯи бутхонаи ҳиндҳо ......................130
28. Савганди Меликбой..........................................142
29. Пешгӯи Мавлавӣ дар бораи
Ҷанги Бузурги Ватанӣ ......................................145
30. Иҷобати дуо ...................................................147
31. Қосиди охирини сафари Мавлавӣ .................149
32. Имтиҳони пиру мурид.......................................152
33. Огоҳӣ аз қалби мурид .......................................157
34. Як тиру ду шаҳид..............................................161
35. Дӯстмуроди Ҳаким, назаркардаи Мавлавӣ ..170
36. Хосияти рӯҳи Мавлавӣ дар хоб .....................173
37. Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ- пири устоди
Мавлавӣ Муҳамадҷони Хуққандӣ..................175
38. Мухлиси 99-солаи Ҳазрати Мавлавӣ ............177
39. Бобои Назар-муриду дӯсти беназир .............182
40. Инсони комил ................................................... 186
41. Ҷӯяндаи дастхатҳои Мавлавӣ ........................189
42. Кароматн авлиё..... .........................................193
43. Маҳбуси бегуноҳ ..............................................196
44. Усто Нур ва роҳзан .........................................198
45. Сели бало .........................................................202
46. Ихлосманд ........................................................205
47. Бозубанд ........................................................... 208
48. Ёде аз таърихи Сурхиёни куҳанбунёд .........210
49. Маҳфили дӯстон ...............................................213
**Ёддоштҳои Мавлавӣ (давомаш)..................**
50. Пешгӯиҳо дар бораи баъзе ҳодисоти
ояндаи Афғонистон ........................................215
51. Фоҷиаи рӯзи тӯй ...............................................217
52. Роҳ ба сӯи Лондон ...........................................224
53. Фатҳи Ислом дар Калкатта .............................229



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

54. Сайёдони бухорой ва мори ошиқ ..................234
55. Шоҳи Ҳамадон дар Кашмир ...........................240
56. Вабо дар сарзамини афғон ..............................246
57. Боз дар хоб дидам ............................................251
58. Адабиётҳои истифодашуда ............................. 252
59. Мундарича ........................................................ 253



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муҳаммадрасули Раҷаби Иброҳимзода

# ОФТОБИ ПАСИ АБРҲО
# Ё
# МАВЛАВӢ ДОМУЛЛОИ СУХИЁН

(Нашри сеюм бо тағироту иловаҳо)


Муҳаррири масъул:

Муҳарир:

Тарроҳ ва ороишгар Шепелев А.

Ҳуруфчини компютерӣ

Ба чопаш 00.00.2005 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 0,0. Адади нашр 000 нусха. Супориши №2. Нархаш шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17. тел. 33-95-63, тел/факс: 33-93-97.




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед